ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ
ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД

# ПСИХОЛОГИЯИ УМУМӢ

**Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишкадаҳои олӣ ба сифати таълими дастурӣ тавсия карда шуд**

**Тарҷума аз нашри ӯзбекӣ**

**Самарқанд - 2021**

УДК 956.31
ББК 494
П 18

**Г. Атоева. Психологияи умумӣ.** – Самарқанд: нашри СамДУ, 2021 с. – 340 саҳифа.

Психология илмест, ки тавассути шуур, ақл ва тафаккурро ҳаллу фасл намудани масъалаҳои иҷтимоии ҳаёти ҷомеаро меомӯзад. Омӯхтани илми психология имрӯзҳо ба тамоми соҳаҳои ҷамъият ҳамчун дастуруламал муҳим аст. Хусусан, дар соҳаи таълим илми психология омили асосӣ ба шумор меравад. Яъне, ҳар як педагоги имрӯза пеш аз ҳама бояд психологи моҳир бошад. Бо мақсади аз фанни психология боз ҳам пурратар шиносо намудани хонандагон, китоби “Психологияи умумӣ” ба нашр тайёр гардид.

Дар китоби мазкур тамоми масъалаҳои баҳсталаби муҳими илми психология мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. “Психологияи умумӣ” нахустин китобест, ки ба забони тоҷикӣ дар Ӯзбикистон нашр мешавад.

Китоб барои донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ, муаллимони мактабҳои таълими умумӣ, психологҳо ва ҳаводорони психология пешбинӣ шудааст.

*Ҳайати таҳрир:*

| | |
|---|---|
| **Муҳаррири масъул:** | **Ш.И. Жӯраев** – доктори фанҳои фалсафа оиди фанҳои филология доцент. |
| **Тақризчиён:** | **И.Рахимова** – доктори фанҳои фалсафа оиди фанҳои психология, доцент. |
| | **М. Салоҳидинова** – номзоди фанҳои психология, доцент. |

***Дар маҷлиси илмии ДДС муҳокима гардида ба нашр тавсия шудааст.(9 феврали соли 2021 қарори маҷлиси, 7-ум)***

**ISBN 978-9943-6647-8-4**

© *Донишгоҳи давлатии Самарқанд, 2021.*

## Пешгуфтор

Психология – илмест, ки рӯҳияти инсонро меомӯзад ва барои рушди психика хизмат мекунад. Психика маҷмӯи ҷараёнҳои рӯҳият буда, асаб, шуур, ҳастӣ ва инъикоси он аст. Тарбияи шахси баркамол яке аз мақсадҳои асосии фанни психология мебошад. Барои ба ин гуна мақсад расидан мо бояд аввало аз имкониятҳо ва ресурсҳо оқилона истифода барем.

Дар ин китоб масъалаҳои асосии илми "Психология" робитаи илм бо илмҳои дигар, вазифа ва принсипҳо, методҳои омӯзиш, муоширот, робита ва хусусиятҳои психологӣ, ҷиҳатҳои роҳбариву психологии касбӣ ва масалаҳои гуманитарӣ акси худро ёфтааст. Ин дастуруламали методӣ дар таълими иҷтимоиву иқтисодӣ ва гуманитарӣ *(фалсафа, сотсиология, тарих, назарияи иқтисод),* фанҳои табиӣ ва математика *(асосҳои математикаи олӣ, информатика ва технологияи ахборот, психологияи синну сол, физиологияи одам, психологияи иҷтимоӣ)* умумкасбӣ (психологияи бачагона, психологияи тиббӣ, сотсиология, тарих, назарияи педагогика, методикаи корҳои тарбиявӣ) ҳамчун адабиёти ёрирасон хизмат мекунад. Баробари он масъалаҳои иҷтимоии ҳаёт ба воситаи технологияҳои нави педагогӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ҳуҷуми ақлӣ, кластер, намоишҳои мултимедиявӣ) маҳоратона нишон дода шудааст.

Дастуруламали мазкур барои пешрафти илми "Психология" хизмат мекунад ва дар он хусусияти хоси инсонӣ, омилҳои шахсият ва муносибатҳои объективию субъективӣ эътироф карда шудааст. Хусусан, муваффақияти шахс, одоби фикрронӣ, мустақилияти фикр, мафкураи солим, мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ, фаъолияти меҳнатӣ, маънавияти солим, идеология, муносибатҳои оилавӣ ва дигар ҳодисаҳои иҷтимоӣ бо психологияи шахс алоқаманд аст, гирд оварда шудааст. Ҳаминро бояд гуфт, ки китоби мазкур дар соҳаи худ тадқиқоти ягона ва арзишманде буда, ба донишҷӯёни мактабҳои олӣ маводи  нодир ба забони тоҷикӣ аст.

# МУҚАДДИМА

Дар нормативҳои “Қомус дар бораи таълим” ва “Барномаи миллии тайёрнамоии кадрҳои баландихтисос”-и Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, моҳияти асосии таълиму тарбияи шахси баркамол ва ҷараёнҳои он кушоду равшан дода шудааст.

Тарбияи шахси баркамол яке аз мақсадҳои асосии фанни психология мебошад. Барои ба ин гуна мақсад расидан мо бояд аввало аз имкониятҳо ва ресурсҳо оқилона истифода барем.

Дар дастуруламали мазкур пеш аз ҳама фонемаи шахсият дар мавзӯъ ва диққати асосии илми психология қарор гирифтааст. “Инсон ва ҷомеа” ҳамчун муносибатҳои объективӣ ва субъективӣ эътироф карда мешаванд.

Омилҳои рушд ва муваффақияти шахс, аз ҷумла ҷараёнҳои фикрронӣ, мустақилияти фикр, саломатӣ, мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ, фаъолияти меҳнатӣ, маънавият, идеология, муносибатҳои оилавӣ ва дигар ҳодисаҳо мантиқан бо психологияи шахс алоқаманд аст.

Мақсади асосии фанни “ПСИХОЛОГИЯ” боз ҳам мустаҳкам намудани донишу малакаи мутахассисони оянда, дар шуури ҷавонон ҷо намудани ғояи истиқлоли миллӣ ва мафкураи миллӣ, инчунин, дар ин ҷараён ташаккули тафаккури нав, ҷаҳонбинӣ ва шаклгирии тамоюлҳои психологӣ мебошад. Дар ин фаъолият тарбия ҳам ҷои хоси худро дорад.

Дар ҳама самтҳои дараҷаи бакалаврӣ ташкили фаъолияти меҳнатии шахсони алоҳида, идоракунии омилҳои психологӣ, механизми шароит ва ангезаҳои ошноӣ дар фаъолияти гуногун мукаммал омӯхта мешаванд. Талабот ба дониш ва малакаи донишҷӯён мувофиқи фанни “Психологияи умумӣ” инкишофи он, ташхиси психологӣ ва ташаккули қонуниятҳо гузошта мешавад:

- Масъалаҳои амалие, ки ба ташкил намудани психодиагностика алоқадор аст;
- Дар психологияи амалӣ мафҳуми “самара” ва чен намудани мезонҳои он, инчунин фарқияти “Мезонҳои самара” дар психологияи назарӣ;
- Усул ва аспектҳои асосии психологияи амалӣ;
- Дар психология ташхис (диагноз) ва мафҳумии он;
- Методҳои шаклгирифтаи психологияи амалӣ;
- Дар ҷараёнҳои ташкилотчигӣ ва идоранамоӣ ба тасаввуроте соҳиб гаштан лозим аст.
- Масъалаҳои асосии илмӣ ва амалии психодиагностика;

- Ҳолати мавҷудаи психологии шахс ва дар борои хусусияти он қарор қабул намудан;
- Талабҳои иҷтимоӣ ва ахлоқие, ки ба диагностика ва психодиагностика гузошта мешавад;
- Талабҳои асосие, ки ба психодиагностика гузошта мешавад;
- Тестҳое, ки интелектро чен мекунад ва намудҳои онҳо;
- Моҳияти асосии категорияҳое, ки ба фан вобаста аст;
- Хусусиятҳои рафтори зиддиятнок ва муносибатҳои вобаста ба синну сол дар ҷинс;
- Донистан ва дар амал татбиқ намудани моҳияти тестҳои гурӯҳӣ;
- Истифодаи усулҳои ташхисӣ барои гурӯҳбандии рафтори инсон;
- Мувофиқи фаъолият ва эҳтиёҷҳое, ки дар мотивҳо ҷой дорад;
- Соҳиб будан ба назардоштҳои зарурӣ;
- Воситаҳои диагностики ва намудҳои муаммоҳо.

**Аз ҷиҳати услубӣ вобастагии пайдар-пайӣ бо фанҳои дигар.** Фанни мазкур дар нақшаи худ бо предметҳои дигар вобаста ва ба маънои маълум пурро менамояд. Ғайр аз он бо “Педагогика”, “Психология” ва монанди онҳо бо фанҳои гуманитар асос ёфтааст ба пуррагии онҳо гуманитар асос ёфтааст ба пуррагии онҳо кӯмак мерасонад.

“Психологияи умумӣ” бо “Таълими касби (иқтисодиёт) роҳҳои таълим ДТС мувофиқи нақшаи намунавӣ мувофиқ шудааст”. Фанҳои гуманитариву иқтисодӣ”, “Фанҳои иқтисодӣ-педагогӣ” ва “Фанҳои ихтисосӣ” бо предметҳои дигар онҳоро пурра месозад. Ғайр аз ин “Идоракунии ресурсҳои инсон”, “Менеҷмент”, “Маркетинг” низ ба он вобаста аст, ки дар навбати худ маълумотҳои ягдигарро бой мегардонад.

Фанни психологияи умумӣ дар ояндаи иқтисодчиён ва педагогон барои пухта аз худ намудани соҳа ва ҳалли муаммоҳо таълими назарӣ ва амалӣ медиҳад. Инчунин, дар давоми таълимгирӣ ҳангоми амалиёт ва таълими олӣ барои тайёринамоии мутахассисон кӯмак медиҳад. Дар ҷараёни амалиёт донишомӯзонро аз ҷиҳати ахлоқӣ, ақлӣ, ғояи истиқлоли миллӣ, экологӣ, иқтисодӣ, ҷисмонӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ ҳам таълиму тарбия медиҳад. Бинобарин, ҳам фанни мазкур умумикасбӣ ҳисобида мешавад.

Дар раванди азхудкунии фанни “Психология”

Масъалаҳои дараҷаи бакалавр инҳоянд:

Донистани мазмуни фанни психологияи умумӣ, моҳият, тараққиёти шуур ва психика, ҷараёнҳои дониш, ҳолатҳои психикӣ, соҳаҳои *ҳиссиву иродавии* шахс, хусусиятҳои психологии индивидуалӣ зарур аст.

Донишҷӯ  аз рӯи хусусиятҳои индивидуалии  шахс, мулоқот, фаолият, фаҳмиш, ба тасаввурот соҳиб гардида, онро  ба амалиёти фаолият тадбиқ намуда  ба малака соҳиб  мешавад.

Барои ба нақша даровардаи нақшаи таълими иҷтимоиву иқтисодӣ ва гуманитарӣ (фалсафа, сотсиология, тарих, назарияи иқтисод ва ҳ.к) фанҳои табиӣ ва математика (асосҳои математикаи олӣ, информатика ва технологияи ахборот, психологияи синну сол, физиологияи одам, психологияи иҷтимоӣ) умумкасбӣ (психологияи бачагона, психологияи тиббӣ, сотсиология, тарих, назарияи педагогика, методикаи корҳои тарбиявӣ ва ҳ.к) аз ин фанҳо бо малака ва маълумотҳои пурра соҳиб будан талаб карда мешавад.

Дар давраи сохтмони ҷамъият дар назди педагогҳои мо масъалаи тарбияи одами наве меистад, ки  шавқмандӣ ба ӯ зиёд шуда истодааст. Омӯхтани ҷараёнҳои мулоқот муносибати байни одамон, ҳолатҳои психологӣ хусусиятҳои психологии индивидуалӣ, шахс ва ҷамият, гурӯҳи калон, гурӯҳи хурд  имкон медиҳад, ки психологияи роҳбарӣ, лидерӣ, мулоқот муносибати байни шахсон дар ҷомеа. Таҳсили ҳамаи ҷабҳаҳоро дар ҷараёни таълим тадбиқ кардан ҳаматарафа ташаккули шахс, ба идоракунии хату-ҳаракат, хулқу-атвор ёри медиҳад.

Инчунин, фанни мазкур ба ҷавонон имконият медиҳад, ки дар соҳаи иқтисодиёти бозор назари солим дошта бошанд ва соҳиби фикри мустақил буда, ба ғояҳои миллӣ эътиқод намоянд ва ҳамчун намояндаи қавии Ватан хизмат кунанд.

Хуллас, дар роҳи озодии Ватан, ободии манзил, тараққиёту равнақи Ватан  ҳизмат намуданро мефаҳмонад.

# МАВЗӮЪИ 1. ПРЕДМЕТ, МАҚСАДИ ФАННИ ПСИХОЛОГИЯ

То он даме, ки инсон вуҷуд дорад, вай метавонад бар асоси таҷрибаи зиндагӣ худро дорои хусусиятҳое ба мисли дарк кардани олам, ҷудо кардани ашё ва рӯйдодҳо медонад.

Ҳар рӯз мо садои паррандагон, сурудхонии асбобҳои мусиқӣ, суханронии инсон, садои ҳавопаймоҳоро мешунавем, ҳама чизро дар атрофи худ, дарахтон, ҳайвонот, мошинҳоро мебинем. Мо метавонем ранг ва андозаи онҳоро фарқ кунем. Ин равандҳо бо табиати инъикоси одамон зич алоқамандананд.

Вобаста ба синфҳо ҷудо кардани фанҳои ҷаҳон дар асоси қонуниятҳои муайян ва дар ин система фанни психология барои ишғол намудани ҷои бонуфуз дорои ҳама шарт – шароитҳои объективӣ аст.

То он даме, ки инсон вуҷуд дорад, вай худро дар асоси таҷрибаи зиндагии худ меҳисобад ва дар ин ё он роҳ қобилияти дарк кардан, дарк кардани олам, фарқ кардани ашё ва рӯйдодҳоро дорад.

Психология дар байни фанҳое, ки одамият, инсоният кашф намудааст, аз ҳама мураккаб буда, аз таълимоти биосферикӣ баромада омадааст ва психика ба сифати категорияи акскунандаи хусусияти материя, ки ба дараҷаи баланд ташкил ёфтааст омӯхта шуда, омадааст. Лекин имрӯз назар ба таълимоти неосферирикӣ муносибатҳои фазовӣ, алоқаҳои байни сайёраҳо, таъсири байниҳамдигарӣ, моддаҳо, заррачаҳо, ҳарорати нурҳо, ивазшавӣ, якҷояшавӣ ва мулоҳизаҳо оиди инҳо, дар асоси фаразӣ бошад ҳам, бурда шуда истодааст. Алалхусус, ба ҳам як шудани моддаҳое, ки ба биосфера дохил мешаванд, ҳосил кардани майдони муайяни фазоӣ, ба аъзоҳои танаи инсон таъсири иҷобӣ расонидани ҷамъшавӣ, дар натиҷа содир шудани ҳолатҳои фавқулодда, рӯй додани кашфиётҳо ва пурзӯршавии ҳолатҳои руҳӣ дар шакли индуктив (лотини – interi – кунҷковӣ, бо диққат назар кардан ё ҳиссиёти дохилӣ) намоён шуданаш мумкин.

Ба қатори инҳо сабабҳои ҳолатҳои гузашти ҷараёнҳои психологии чун самараҳои телепатикӣ (юнонӣ tele – дурро, pathes – ҳис мекунам), ниҳоят ҳассос, экстрасензитивӣ (лотинӣ extra – ниҳоят, sensus – ҳассосӣ, ҳискунӣ), экстрасенсӣ (лотинӣ extra – ниҳоят, sensus – ҳис мекунам)-ро дохил кардан мумкин аст. Ҳамчунин, бадбахтӣ (ноомадӣ), нӯшандагӣ, интизор будани бемор (бемор ба касе ё чизе) насиб нагардидан, саргузаштҳои ишқӣ, дар хоб аён гаштан ва ин гуна ҳодисаю ҳолатҳои рӯҳӣ то ҳол тавассути далелҳои эътимоднок (боваринок) фаҳмонда дода нашудааст.

Бояд таъкид намуд, ки дар якҷояшавии объект ва субъекти фаҳмиш психология ба имкониятҳои васеъ соҳиб аст.

Кӯдак тавассути хусусиятҳо, ҳолатҳо, ҳодисаҳо, хоссаҳо, сифатҳо, фазилатҳо ва қонуниятҳои муайян дунёи моддиро дарк карда меравад ва ҳангоми он дар мазмуни фаъолияти худ ба амал даровардани тамоми объектҳо оғоз мегардад. Аз зинаҳои мураккаби дохилии дунёи бачагӣ оҳиста-оҳиста дарки ҳисси “худогоҳӣ”, “ман”-и шахсӣ, эҳсос, ҳис намудан ва монанди ин гуна ҷараёнҳо ташаккул меёбад, инчунин, хусусият ин ё он гуна монеагиҳоро бартараф намуда ба амал меояд. Зинаи тараққиёти мазкур дар психология давраи “ман” ёки давраи “худшиносӣ” гӯён ном бурда мешавад. Дар он кӯдак аз пайдоиши нутқ сар карда, якчанд ҷараёнҳои ривоҷёбиро ба дохили худ мегирад. Намоён шудани нишонаҳо ва шаклҳои дарк шудаи давраи “ман” ба давраи “балоғат” рост меояд. Дар давраи балоғат дар рӯҳияи писарону духтарон вобаста ба худшиносӣ силсилаи саволҳои муаммоӣ ва хоҳишҳо, орзуҳо ва эҳсоси онҳоро дар зиндагӣ ҳазм намудан ба миён меояд ва аксар ин чизҳо ба “кӣ будан”, “чӣ хел будан”, “барои кӣ, барои чӣ лозим будан”-и шахси алоҳида равона карда мешавад. Функсияҳо ва хусусиятҳои психикии кӯдак барои воситаҳои табиати беҷон ва ҷондор, ки ӯро иҳота кардааст, хизмат мекунад.

Аллакай, дар давраҳои таърихи тараққиёти инсоният дар одамон имкониятҳои рӯҳии ботинӣ рух додааст, майли модарзодӣ ва аломатҳои лаёқат оҳиста-оҳиста ба истеъдод ва қобилият тадбил гаштааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки ба ҷои як ҷараён дигараш ба таври механикӣ (юнонӣ, mechanike – ба тарзи содда) ба вуҷуд омадааст, балки баръакс мураттаб шуда истодани дигаргуниҳои сифатии мураккаб, такмилёбии органҳо, донишу малакаҳои татбиқие, ки дар таҷрибаҳо ҷамъ шудаанд, ифода мекунад.

Дар натиҷаи ривоҷёбии ҷисмонӣ (биологӣ), рӯҳӣ (психикӣ), иҷтимоӣ (мотсиалӣ)-и инсон дар курраи замин дунёи моддӣ, маънавият, хат, санъат, адабиёт, илм-фан, шуур, ақлу заковат, иродаи пурзӯр, эҷодиёт, таҳайюлоти инсон меистад. Дар зинаҳои муайяни тараққиёти инсоният имконияте ба вуҷуд меояд, ки одам ба он саволҳое, ки онро ба ҳаяҷон овардааст, дар тааҷҷуб мондаасту ҷавоб меҷӯяд. Дар натиҷа, барои ҳалли суолҳои ба монанди “Инсон чӣ гуна фикр меронад?”, “Одам чӣ тавр навоварӣ карданаш мумкин?”, “Илҳом чӣ тавр пайдо мешавад ва кас чӣ тарз эҷод мекунад?”, “Дунёи моддиро чӣ тариқа ҳукмронӣ кардан мумкин аст?”, “Худи ақлу заковат чист?”, “Ба инсон олами рӯҳии ӯ дар асоси кадом қонунҳо итоат мекунад?”, “Оё инсон худ ба худ таъсир гузаронида метавонад?”, “Ба дигарон чӣ?” кӯшиш мекунад. Ана ҳамаи ин нуқтаи тавлиди донишҳои

психологиро ба вуҷуд меорад ва аз ҳамон дақиқа сар карда, инсон худро худ дарк мекунад. Бинобарин, намоён шудани донишҳои психологӣ ба омили худро худ дарк намудан табдил меёбад. Онҳо торафт ривоҷ меёбанд. Дастоварди бузурги инсоният, бузургии инсоният, ки ба аҳамияти бебаҳо соҳиб аст – ин пеш аз ҳама ба кашф шудани тафаккур оварда расонд.

Ҷиҳати фарқкунандаи фанни психология аз дигар соҳаҳои фан дар он аст, ки он дорои ҷиҳатҳои амалию татбиқӣ буда, дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагии иҷтимоӣ бевосита иштирок мекунад, ба дараҷаи муайян таъсир мерасонад. Фанни психология аз фанҳои дигар бо маълумотҳои татбиқӣ, натиҷаҳои серпаҳлӯ ва ҳаматарафаи худ тафриқа дорад ва умуман ба нишондоди сифатии дигар соҳиб аст. Хусусан, дар ин бора, "худидоракунӣ" аҳамияти алоҳида касб мекунад, барои ҳамин ҳам аз илми табиатшиносӣ фарқ намуда, дар идораи ҷараёнҳои психикӣ, функсияҳо, ҳолатҳо, ҳиссиётҳо, ирода, характери худ ва монанди инҳо акси худро меёбад. Инсон дар давоми дарки худ ба имконияти дигаргун кардани ҳислатҳои инсонӣ, хусусият, сифат ва хулқи худ соҳиб мешавад.

Имрӯз фанни психологияи ҷаҳон оиди худидоракунӣ ва такмилдиҳӣ, яъне худро худ ба даст гирифтан, худ ба худ фармон додан ва худро худ тарбия намудан барин материалҳоро ҷамъ овардааст. Ин бошад, дар навбати худ дар бораи муносибат, мақсад, ҳолат, дигаргунии зиндагӣ ва аз нав пайдо шудани онҳо маълумотҳои илмӣ медиҳад. Психология рангорангии зиндагиро таъмин карда меистад. Психология ба воситаи имконияти муайян кардани психикаи инсон, ташаккул, такмил додан, ба шароити нав кӯчонидан, таъмини динамикаи ривоҷёбӣ, ба зинаи нав гузаштан ба фанни амалӣ ва татбиқӣ табдил ёфтааст. Соҳаҳои он барои амалиёт аҳамияти муҳим касб мекунад. Психологияи амалӣ, аз ҷиҳати татбиқӣ ба предмети худ психологияи инжинерӣ, психотерапияи оилавӣ, психологияи тиббиёт, психологияи мактаб ва монанди инҳоро ба дохили худ мегирад.

Аз фикрҳои болоӣ хулоса намуда, ҳаминро бояд алоҳида таъкид кард, ки фанни психология ба таърихи кӯҳна соҳиб буданаш нигоҳ накарда, фанни нав (навҷирон) аст. Чунки психологияи илмӣ аз лабораторияи аввалини эксперименталӣ, ки дар университети Лейпциг (Германия) аз тарафи психологи немис В.Вундт ки соли 1879 асос гузошта шудааст, сар мешавад.

Калимаи психология аз забони юнонӣ гирифта шуда, аз ду қисм "psyhe" ва "logoc" иборат аст. "Psyhe" – рӯҳ, ҷон буда, "logoc" маънои илм, фан, таълимотро медиҳад, яъне, фан дар бораи рӯҳ ва ҷонро мефаҳмонад.

Бояд таъкид кард, ки психология низ чун фанҳои философия, физиология, геометрия, география, тарҷума карда намешавад. Зеро психология-фанни дар бораи рӯҳ ва ҷон баҳскунанда нест. Аз ин рӯ шахс худашро ба баъзе одамон

наздик мегирад ва аз баъзеашон дури мечӯяд. Инсон ба воқеаву ҳодисаҳо, факту рақамҳои гуногун, предметҳо дар муносибати якхела намешавад. Аксари онҳо шахсро ба фикрронӣ водор месозад ба ҳаяҷон меорад, завқ мекунонад, нисбат ба баъзеашон бошад, бепарво мекунад.

Аксар таассурот ба шахс ҳузуру ҳаловат мебахшад, рӯҳашро болида созад баъзеашон таъсири нохуш мерасонад, ба вай саргузаштҳои рӯҳии гуногунро ва вуҷуд меорад. Рафтори ноҷӯяи баъзе шахсҳо ба дигарон ҳисси баръакси (антипатики)-ро ба вуҷуд оварда, асабӣ месозад.

Фазилатҳои инсониву ахлоқии баланди аъзоёни ҷамъиятамон аз меҳнатдӯстӣ, инсонпарварӣ, байналмилалӣ, фидокорони роҳи бахт-саодат, ҳалолӣ, ростгӯӣ, хоксорӣ, барин сифатҳоро муайян карда метавонад. Инсон дар муҳити худ зиндагӣ карда барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷ мекӯшад. Аз муҳити атроф ахбори гуногун қабул мекунад ва кӯшиш мекунад, ки худро ба он мувофиқ созад. Образҳои дунёи воқеиро дар майнаи сар шакл мегиронад, аз рӯи он дар ҳамин муҳит чӣ тавр ҳаракат карданашро, ба ин ё он воқеъа чӣ тавр муносибат карданро ба нақша мегирад.

Мақсадҳои дар наздаш гузоштаро бо натиҷаҳои ҳаракаташ тақозо мекунад, ҳолати эмотсионалии ҳисси калонро аз сар мегузаронад. Роҳҳои дуруст кардани хато ва камбудиҳои фаъолияти ҳаёташро мечӯяд. Дар бораи он фикр мекунад, ба ҳаяҷон меояд. Баъзан худдори накарда ба рӯҳафтодагӣ дучор мешавад. Ниҳоят худашро дошта мегирад ва барои ба мақсад расидан ҳамаи қувваашро сарф мекунад. Ҳамаи ин ҳолатҳо фаъолияти психикии шахс ҳисоб меёбад. Фане, ки қонунҳои фаъолияти психикиро меомӯзонад, фанни психология мебошад.

Муаммоҳои фанни психология гуногун буда, ӯ аввало муайян кардани қонуни асосии фаъолияти психикӣ, роҳҳои ривоҷёбии онҳо, дар асоси ҷараёни психикӣ чи тавр будани механизм, масъалаҳои дигаргуншавии ҷараёнҳоро меомӯзад. Психология натанҳо фаъолияти психикиро меомӯзад, инчунин идора карданро ҳам дар асоси илмӣ меомӯзад. Барои ҳамин ҳам психологияи илмӣ дар байни дигар предметҳои илмӣ фанни асосӣ ба ҳисоб рафта дар ривоҷи ҷамъият нақши муҳим дорад ва боз ҳам такмил меёбад.

Ҳолатҳои ҳиссӣ ва таасуротҳои гуногун мазмуни ҳаётамон буда, ҳамаи онҳоро фанни психология, аз ҷумла психологияи умумӣ меомӯзад. Ҷамъи ҳолатҳои рӯҳии одам, ки ба воситаи таассуроти муҳити беруна пайдо мешавад, психика номида мешавад.

Психика аз забони юнони гирифта шуда, маънояш псухикос – (рӯҳ, оид ба ҷон) мебошад, вай дар материяи зинда ба дараҷаи баланд ташкил шуда, олами объективии майнаи сар дар формаи ҳиссиёт, идрок, тасаввур, хотира, ҳаракати иродавӣ акси худро меёбад.

Дар таърихи психология оиди пайдоиши муаммоҳои психика як қатор фикрҳо мавҷуд аст. Яке аз онҳо назарияи “антропопсихизм” буда дар таърихи философия ба номи Декарт вобаста аст. Моҳияти ин назария дар он, ки вай пайдоиши психикаро бо пайдоиши одам вобаста мекунад ва ғояи фақат дар одам мавҷуд будани психикаро пеш мебарад. Ин ба муаммои пайдошавии психика яктарафа назар кардан аст.

Ҳоло дар бораи ба вуҷуд омадан, ташаккул, ривоҷёбии фанни психология маълумот додан шарт нест, зеро дар ин бора соҳаи “таърихи психология” мавҷуд аст. Бо вуҷуди он, дар бораи пайдоиши фанни психология фикр рондан оиди баъзе *материалҳои* илмӣ ва маълумотҳо мулоҳиза рондан мувофиқи мақсад аст.

Дар давоми тараққиёти иҷтимоиву таърихии инсоният одамони қадим аз рӯи эҳтиёҷоти табиӣ ва иҷтимоӣ ба муайян кардани хусусиятҳои психологии аъзоёни ҷамъияти ибтидоӣ, яъне муносибати байни инсонҳо, хат – ҳаракатҳо, фаъолияти шахсӣ, муомилаи якдигар кӯшиш намуда, зиндагӣ кардаанд. Дар асоси таҷрибаҳои якчанд ҳазорсолаи ҳаёти иҷтимоии одамон хусусиятҳои индивидуалии инсон омӯхта шудааст. Назар ба тасаввури одамони қадим, дар танаи инсон ҷон ҷойгир буда, ӯ шояд ба имконияти ба вуҷуд омадани хислат ва хусусиятҳои инсонро дошта бошад. Тасаввури аҷдодони мо оиди мафҳуми “ҷон” фикрҳои ба ҳамин вобастаро ба вуҷуд овардааст ва дар асоси он таълимоти ***ананизм*** кашф шудааст.

БА ВУҶУД ОМАДАНИ ФАННИ ПСИХОЛОГИЯ



Дар тасаввуроти халкҳои ибтидоӣ рӯҳ дар асоси вобастагии узвӣ дар танаи одам ҳукм меронад. Одамони қадим, ки ба шаклҳои соддаи тафаккур соҳибанд, аз сабаби соҳиб набудан ба имконияти далелнок набудани ҳолатҳои рангорангии атрофу муҳит, моҳияти ҳодисаҳо аз ҷиҳати илмӣ, чизе, ки дарк нашудааст, онро ба тарзи моҳияти ҳақиқии он инъикос кардаанд. Дар тасаввуроти онҳо талқинҳои зерин ҷой гирифтааст:

1) фавт (ҳолати мурда, (ӯлим)) – як навъи хоб, лекин рӯҳ бо баъзе сабабҳо ба тана бар намегардад.
2) Хоб дидан – таассуроти рӯҳии ҳаракаткунандае, ки танаи дар хоб мондаро тарк кардааст.
3) Рӯҳ – айнан худи инсон.
4) Эҳтиёҷот, шароитҳои рӯзгори рӯҳ аз они одами зинда фарқ намекунад.
5) Рӯҳҳои марҳумон гӯё ҷамъиятеро месохта бошанд, ки ба системаи машғулотҳои муайян, қонун – қоидаҳои иҷтимоӣ риоя мекарда бошанд.
6) Рӯҳи одамони зинда ва марҳумон ба якдигар вобаста буда, аз ҷиҳати моддӣ байни ҳам алоқадор мебошанд.

Дар давоми тараққиёти иҷтимоӣ – таърихии инсоният ба туфайли ба меҳнат муносибатҳои истеҳсолот ва таснифи онҳо, ривоҷёбии тафаккури одамон ба ғайр аз хусусият моддияти ҷон оиди намоёншавии он низ ғояҳо ба вуҷуд меояд.

1. Рӯҳ шакли ба инсоният ва ҳайвонот ҷонбахши ашёҳо (об, оташ, ҳаво)-е, ки ибтидои оламро ташкил мекунанд. (Фалес, асрҳои VI–V пеш аз мелод).
2. Дар натиҷаи тадқиқотҳои илмии файласуфони юнони қадим, ки пеш аз мелод эҷод кардаанд, ҷоннок будани материя, яъне оиди гилозоизм (юнони маънои hule – “модда”, zol – ҳаёт) ғоя ба вуҷуд омад.
3. Намояндагони атомизм (Демокрит асрҳои V–IV-и пеш аз мелод Эпикур асрҳои IV-III, ликритский асри I), ки ғояи дар бораи “ҷоннок будани материя”-ро пеш бурда, якчанд фикрҳоро гуфтаанд. Азҷумла:

А) рӯҳ ҷисми моддие, ки ба тана ҷон мебахшад;
Б) ақл ба сифати асоси моддӣ;
В) вазифаи аъзои “идроки идоракунандаи ҳаёт”-ро иҷро мекунад;
Г) рӯҳ ва ақл аъзоҳои тана, бинобарин худи онҳо ҳам тана ҳисоб мешаванд.

Таҳлили фикрҳои аптимистҳо ҳаминро нишон медиҳад, ки дар он аз инъикоси тана (ҷисми ҷондор) сар карда то эътироф шудан ба ҷоннок будани психика ва ба материя хос будани ин хусусият барои ҳамон давр воқеияти илмии бузург буд.

Дар таърихи психология оиди психика боз фикрҳои гуногун мавҷуд аст. Дар давоми асрҳои дурудароз дар бораи психика (ҳаёти рӯҳи) ва пайдоиши он, ба масъалаҳои тараққиёти он аз нуқтаи назари гуногун наздик шудаанд. Якчанд миллиард сол пеш дар асоси материяи неорганӣ (беҷон) материяи (ҷондор) органикӣ ба вуҷуд омад. Дар ҷараёни давраи таърихи дур организми зинда ривоҷ ёфта, аз ҳуҷайраи оддӣ то марҳилаи олии тараққиёт инсонро аз сар гузаронидааст.

Тараққиёти психика ҳаракат ва дигаргуншавӣ мебошад. Философҳои қадима ривоҷёбии ҳодисаҳои рӯҳиро ба таври гуногун талқин карда омадаанд, вайро ба қувваи илоҳӣ вобаста мекарданд. Масалан: философи юнон грек Фалес (солҳои 624-547 пеш аз мелод) ҳаёти рӯҳии одамро ба шакли буғ тасаввур мекунад ва дар асоси он об истодааст, мегӯяд. Анаксимен бошад, (588-525 пеш аз мелод) манбаи ҳаёти рӯҳиро ҳаво мешуморад. Гераклит (544-488 пеш аз мелод) манбаи ҳаёти рӯҳиро оташ гӯён тарғиб мекунад.

Намояндагони машҳури философияи қадим Суқрот (469-399) ва Платон (427-347) ҳам дар бораи психикаи инсон, ҳаёти рӯҳӣ тамоман назарияи дигарро пеш меронад. Ба фикри онҳо тана ва ҷон қисмҳои дигар-дигаранд. Ҷон дар танаи инсон аз дунёи “идеал” медарояду пас аз вақти муайян боз ба дунёи дигар бармегардад.

Философи машҳур Демокрит бошад (460-370) организми одам аз атомҳо ташкил ёфта, рӯҳи вай аз атомҳои майда иборат мегӯяд. Дар бораи таърихи психика ва тараққиёти он ба ғайр аз фикрҳои болои боз бисёр фикрҳо мавҷуд аст.

Дар талқини ҳодисаҳои психикӣ аз нуқтаи назари материалисти хизмати философи грек Аристотел (384-322) калон аст.

Аристотел аз философҳои қадима аввалин шуда ба психология чун фанни алоҳида назар карда, ба ҳодисаи психикӣ аз нуқтаи назари материалисти нигоҳ кард. Дар асарҳои ӯ “Этика”, “Риторика”, “Метафизика”, “Таърихи ҳайвонҳо” дар бораи ҳодисаҳои психикӣ фикрҳои гуногун мавҷуд аст. Асари ӯ “Дар бораи ҷон” дар таърихи психология аввалин асари пурра психологӣ мебошад.

Аристотел дар фикрҳои оиди психика гуфтааш, аз ҷумла устодаш Платонро таҳлил кардааст.

Дар таълимоти психологии Аристотел муаммоҳои муносабати байни рӯҳ ва тана мавқеи муҳим дорад. Ӯ мегӯяд, ки “рӯҳ” мувофиқи табиати худ ҳукмрони асосӣ буда, тана тобеи он аст. Формат нисбат ба материя чӣ хел бошад, рӯҳ ҳам нисбат ба тана ҳамон тавр аст. Рӯҳ ба ҳаёт маъно ва равия

медиҳад, таъсир мерасонад ва ба ҳаракат медарорад.  Рӯҳ манбаъ ва сабаби танаи зинда мебошад.

Ғояи  асосии таълимоти оиди муносибати  рӯҳ ва тана аз он иборат, ки аз нуқтаи назари илмӣ ба  рӯҳ ва тана дар алоҳидаги назар кардан нодуруст буда, рӯҳро аввалин, манбаи тана гуфтан ба ҳақиқат рост намеояд. Ин гуна камбудиҳои ҷузъӣ таъсири муҳит ва шароити давраи зиндагии Аристотел мебошад.

Фикрҳои дар бораи ҳодисаҳои психикии гуногун пеш бурдаи Аристотел ба фани ҳозираи психология ҳам аҳамияти назарӣ дорад. Фикрҳои ӯ дар бораи ҳиссиёт, ҳаракатҳои irодавӣ, тафаккур, тасаввур ва дигар ҳодисаҳои психикӣ далели ин фикрҳост.

Баъди  Аристотел ҳам фикрҳои гуногуни философҳо дар бораи психология баён карда шудааст.

Ба фикри онҳо ҷисми нозуке, ки ба тамоми организм паҳн шудааст, онро ғайриҷисми гуфтан нодуруст аст.

Дар асрҳои миёна дар Шарқ ва Ғарб таълимоти Аристотел дар бораи психология ҳукмрон шуд. Ин таълимот баъдтар метафизик ё психологияи ратсионалӣ номида шуд. Сабаби метафизик номида шудан дар он, ки дар ин таълимот рӯҳ асосан чизи ғайриҷисмӣ шуморида мешавад. Методи тафтиши он аз мулоҳизаи хушку холи иборат буда, барои аз таҷриба ҷудо буданаш бо номи ратсионалистикӣ ҳам истифода шуд. Дар бораи моҳият, қувва ба муносибати бо тана, масъалаи тақдири вафоти тана мутафаккирони асрҳои миёна мулоҳизаҳои гуногун баён кардаанд, аммо ба Фикрҳои Платон ва Аристотел ягон хел навигарӣ дароварда натавонистанд.

Дар бунёди илми психология дар асоси илмӣ, олими англис Гоббс (1588-1679) рӯҳро комилан рад кард, ҳаракати механикиро ҳамчун як воқеияти ягона эътироф намуда, таъкид мекунад, ки қонунҳои он ҳам қонунҳои психология мебошанд. Дар асоси он – эпифеномализм “eri” юнонӣ – шадид, rhainominon – падидаи фавқулодда  яъне психология таълимоти падидаҳои равонӣ шуд, ки ҳамчун сояи равандҳо дар бадан ба амал меоянд.

Олими Ҳолланд Спиноза (1632-1677) шуурро воқеияте тавсиф кардааст, ки аз материяи калонҳаҷм ҷудо нест  яъне чизи аён аст, шарх дод ӯ. Ин принсипи детерминизм аст (лотинӣ demmerminara – ман муайян мекунам) яъне падидаҳои табиӣ, иҷтимоӣ, аз ҷумла пропагандисти таълимот, ки ходисахои рухй бо сабабхои объективӣ муайян карда мешаванд.

Дар назариёти психологии асрҳои миёна фикрҳои соҳаи психологии мутафаккирони машҳури Осиёи Миёна Форобӣ, Берунӣ ва Ибн Сино аҳамияти муҳим соҳиб аст.

Халқҳои Осиёи Миёна дар қатори дигар фанҳои дунёви дар соҳаи психология низ ба мероси бой соҳиб мебошанд. Намояндагони баркамоли халқамон, мутафаккирони номдори ба рӯи ҷаҳон шиноҳта шуда, олим ва шоирон дар талқини ҷараёни рӯҳии инсон барои замонаи худ фикрҳои пеш қадам додаанд. Аз ин мутафаккирон фикрҳои соҳаи психологии Фароби, Ибн Сино ва Берунихо дар таърихи милли, психологи ва давраи ҳозираи мустақили аҳамияти калон доранд.

Ҳаёти мутафаккирони мо, ки дар асрҳои 9-11 эҷод кардаанд ба давраи дар Осиёи Миёна, умуман Шарқи Миёна ва дур ҳангоми пурзӯр шудани зиддиятҳои иқтисодиву сиёсӣ, муборизаи байни табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, зиддияти равияҳои гуногуни ғояҳо дуруст омадааст.

Дар ин даврҳо чун дар соҳаҳои дигари ҳаёт дар талқини рӯҳии инсон (психика) байни ҷамоа ва гурӯҳҳои гуногун муборизаи шадид мерафт. Эҷоди илмии мутафаккирони Осиёи Миёна барои ривоҷ ва боз ҳам мустаҳкам кардани равияи материалистӣ аҳамияти алоҳида дорад.

Назариёт ва фикрҳои фалсафии Абу Наср Фаробӣ (874-950) дар соҳаи психология аҳамияти муҳим дорад.

Форобӣ дар бораи материя фикр мекард ва кӯшиш мекард, ки онро барои исботи мустақилияти эволютсия, ки асоси ашё ва рӯйдодҳоро ташкил медиҳад, истифода барад. Ба ақидаи ӯ, материя пайдоиши моддии ашёи воқеӣ мебошад.

Ин ибтидо аз чор элемент иборат:

1. Замин, хок
2. об
3. ҳаво
4. оташ

Инҳо субстансияи содда буда, хусуиятҳои онҳоро нишон медиҳад.

оташ – гармӣ

ҳаво – аз як ҷой ба ҷойи дигар тез паридан

об – хунукӣ

хок – сахтӣ

Форобӣ ба хулосае омад, ки моддаҳои оддӣ ҳосил мешаванд. Ба ақидаи ӯ, моддаҳои мураккаб худ ба худ ба вуҷуд намеоянд, аммо дар инкишофи онҳо қонун вуҷуд надорад. Ба фикри Фаробӣ дар якшавии субстансияи содда аввало минералҳо – ҷисмҳои ғайриорганикӣ ба вуҷуд меоянд, пас аз он ҳайвонот ва ниҳоят марҳилаи олии ривоҷёбии ҷисмҳои одам-инсон ба вуҷуд меоянд.

Олим хусуиятҳои хоси растанӣ, ҳайвон ва инсонро қувват меномад ва онро ба се тақсим мекунад:

**1.** қуввати сабзидан
**2.** қуввати ҳайвонӣ
**3.** қуввати инсонӣ

Фикрҳои Фаробиро дар бораи қувватҳо бо терминологияи замона гӯем:

**1.** Қуввати сабзиш – ин ҷараёни биологӣ буда, ба ҳамаи организмҳои зинда тааллуқ дорад.

**2.** Қуввати ҳайвонӣ – ҷараёни психикӣ-физиологӣ буда, ба ҳайвонҳо ва инсонҳо хос аст.

**3**. Қуввати инсонӣ – ин ҷараёни ақлӣ, интеллектуалӣ буда, фақат хоси инсон аст.

Фаробӣ материяро нисбат ба шакл якумин мешуморад, чунки материя асоси чизи моддӣ ва мазмуни он аст, шакл бошад, сохти модда мебошад. Аз ана ҳамин фикри умумфалсафӣ бармеояд, ки олам масъалаи муносибатҳои байни қувваҳои рӯҳӣ ва барои равшансозии организми инсон ҳаракат мекунад. Организми одам ва қувваи рӯҳӣ дар муносибатҳои мобайни чун материя ва шакл дар алоҳидагӣ зиндагӣ карда наметавонад, ин ба организм вобаста аст.

Фаробӣ дар асараш "Фикрҳои аҳолии шаҳри идеалӣ" таълимоти оиди ҷараёнҳои рӯҳиро асоснок кунонида мегӯяд:

Ба инсон баробари таваллуд шудан қувваи аввалини озуқадиҳанда пайдо шуда, бо ёрии вай инсон хӯрок мехӯрад, дуюм – қувваи фаҳмиш пайдо шуда, бо он қувва инсон хунукиву гармиро ҳис мекунад. Сеюмин қувваи хаёл буда, тимсолҳои ҳиссан қабулшударо тартибан функсияи камбинатсияро иҷро мекунад. Чорум – қувваи ақлӣ ба вуҷуд омада бо ёрии он инсон бошуурона ва абстракт фикр меронад, доир ба санъат ва фан ба илм соҳиб мешавад, бо машғулотҳои дӯстдоштааш машғул мешавад, қобилияти фарқкунӣ, яъне зеборо аз безеб ҷудо карданро пайдо мекунад.

Фаробӣ қувваҳои рӯҳии инсонро ба ду тақсим мекунад: қувваҳои беруна ва дохилӣ. Намудҳои онҳоро нишон медиҳад ва онҳоро чунин тавсиф медиҳад:

Қувваҳои беруна:

**1.** ҳисси пӯст
**2.** ҳисси таъм
**3.** ҳисси бӯй
**4.** ҳисси шунавоӣ
**5.** ҳисси биноӣ

Таъкид карда мешавад, ки ин 5 намуд дар натиҷаи таъсири берунаву ба воситаи органҳои ҳискунӣ ба вуҷуд меояд. Инҳо ба инсон ва ҳам ба ҳайвонҳо хос мебошад.

Қувваҳои дохилӣ:

1. Хотира – қувваи тасаввурӣ
2. Қувваи хаёл
3. Эҳсос – қуввати эмотсия
4. Қувваи нуқт
5. Қувваи фикрронии мантиқӣ

Фаробӣ қувваи ақлӣ – хаёл кардан, гап задан, фикр ронданро танҳо ба инсон хос аст мегӯяд. Инсон бо ҳамин қувва ва қобилиятҳояш аз олами ҳайвонот тамоман фарқ мекунад.

Аз ин рӯ, ӯ психикаи одам ва ҳайвонро аз як тараф умумӣ ҳисобида, аз тарафи дигар фарқ карданашро дуруст фаҳмидааст.

Ба вуҷуд омадани психика ба дунёи беруна вобаста буда, организми инсон ба тамоми ҳодиса ва чизҳо мувофиқ омаданашро фаҳмид ва таъкид кард, ки ҳар як ҷараёни психикӣ асоси моддӣ доштааст. Фаробӣ дар ин масъала дар позитсияи илмӣ меистад. Хусусан, дар бораи органҳои ҳиссии инсон ва вазифаҳои ҳар яки он, таассуротҳои аз муҳити беруна гирифтаашро ба марказ расонида, умумӣ гардонидааст, дар натиҷа, фикрҳояш мукаммал гардидаанд. Бо вуҷуди он, ӯ механизми анатоми-физиологии ҳисро фаҳмида натавонист.

Назар ба фикри Фаробӣ маркази организми одам дил мебошад. Чунки дил тамоми тана ва аъзоҳои онро бо хун таъмин мекунад, хун ба воситаи дил ба тамоми организм паҳн мешавад. Маркази дуюм майнаи сар аст. Майна ҳам бо худ зинда буда, аз ин сабаб ба дил итоат мекунад, яъне аз дил хун мегирад. Лекин баробари ин ӯ ба ҳамаи организм ва аъзоҳои тана роҳбари мекунад, онҳоро ба мӯътадилии маълум нигоҳ дошта меистад.

Ин таъминот ба фикри Аристотел, ки дил маркази ягонаи идоракунандаи аъзоҳои организми одам гуфта буд, зид буда, ба ин масъала аз нуқтаи назари илмӣ наздик шудан аст.

Олими забардасти даври худ Ибни Сино (980-1057) дар мероси илмии худ ба масъалаҳои психология эътибори калон додааст. Ӯ олимони пешина аз ҷумла, Фаробӣ, ал-қонун, ар-Розӣ ва дигаронро хуб омӯхта таълимоти соҳаи психологияи онҳоро мукаммал аз худ кард ва ҳатто ки асарҳои махсус ҳам навишт. Аз ҷумла, “Дар бораи ҷон”, “Китоби таъбири хоб”, “Қонунҳои тиб”, “Китоби шифодиҳанда”, “Донишнома” барин асарҳояш барои ҳалли муаммоҳои соҳаи психология аҳамиятнок аст.

Барои бо масъалаи психология машғул шудани Сино якум омӯхтани асарҳои олимони мамлакатҳои шарқ, фикрҳои ҷолиби онҳо оиди ин соҳа, дуюм таъсири олим ва файласуфҳои дунёи қадим нақши муҳим бозидааст. Хусусан, Аристотел дар фалсафаи Сино “Муаллими аввалин” буд. Ӯ бо

асари Аристотел “Дар барои ҷон” хуб шинос буд, сеюм дар кори соҳаи медитсинаи олим барои омӯхтани системаи асаб, физиология ва анатомияи одам ва дар ҳамин асос даво кардани бемориҳои гуногун пеш аз ҳама донистани хусусиятҳои психикаи онҳо зарур буд. Чорум ӯ фаҳмид, ки барои таълиму тарбияи насли наврас ва ҳалли муаммоҳои онҳо низ ба психология муроҷиат кардану аз он истифода бурдан муҳим аст.

Таълимоти соҳаи психологияи Ибн Сино асосан ба характери илмӣ соҳиб буда, ин дар фаҳмонидани процессҳои биологии ҳаёти организми зинда равшан намоён шуд.

Олими бузург дар рисолаҳои соҳаи психология доир ба кадом масъалае, ки кори илмиву тадқиқот набарад, аввало таъкид мекард, ки объекти санҷидашуда  мавҷуд ё не аниқ кардан лозим аст.

Олим нишон медиҳад, ки агар ҳар гуна чиз ва ҳодиса бо сабаби беруна ёки дохила ба ҳаракат ояд, аз ин бармеояд, ки барои зиндагӣ ва ҳаракати инсон ҳам ягон сабаб буданаш лозим, яке аз ин сабабҳо “қувваҳои рӯҳӣ” мебошад.

Ибн Сино чун Аристотел ва Фаробӣ танаи одам ва “қувваҳои рӯҳӣ” чун материя ва шакл аз якдигар ҷудонашаванда буданашро таъкид мекунад.

Ибн Сино таъкид кардааст, ки психика чизи хоси ҳайвонҳо ва инсонҳо буда, психикаи ҳайвонҳо ба характери инстинктив соҳиб буда, инсон бошад зоти соҳибфикр, бошуур мебошад.

“Инстинкт” – мегӯяд олим, кувваест, ки дар шуури ҳайвон бемантиқ ба вуҷуд меояд. Вай фаҳмид, ки майна маркази асосии фикркунии бошуур ва мантиқӣ буда, он суратҳои ҳисшударо идрок мекунад ёки нигоҳ медорад, суратҳои дар хаёл нигоҳ дошташударо якҷоя карда ёки ҷудо карда, мувофиқи он суратҳои гуногунро ба вуҷуд меорад.

Ин ҷараён мувофиқи фикри Сино ба воситаи асаб содир мешавад, ва ӯ барои исботи фикраш ба нишон додани сохти системаи асаби кас ҳаракат кардааст. Назар ба фикри олим, ҷойи пайвастшавии асаб майнаи сар буда, ба ҳамаи тарафҳои организм пахн мешавад ва ба туфайли ин одам ба қобилияти ба таъсуротҳои беруна ҷавоб додан соҳиб мешавад.

Ибн Сино таълимоти Фаробиро дар бораи ҳисҳо ривоҷ дода, ба инсон мавҷуд будани 5 ҳисро: дидан, шунидан, бӯйро фаҳмидан, таъмфаҳмӣ ва ҳисси пӯстро гуфтааст.  Ба воситаи ҳамин ҳисҳо ба таъсири чиз ва ҳодисаҳои гирду атроф ҷавоб додан, хусусиятҳои онҳо, аҳамияти онҳо истода гузашта, бо бовари баён кард, ки дар майнаи сар маркази идоракунандаи онҳо  мавҷуд аст. Саршавии ҳисҳо майна буда, барои ҳар як ҳис органҳои таъсиркунанда мешавад. Масалан: маркази дидан дар қисми майнаи сар ҷойгир буда, асабҳои тарафи рости майна ба тарафи чапи гавҳараки чашм, асабҳои тарафи чап бошад ба тарафи рост тақсим шудааст. Ӯ таъкид мекунад, ки

якдигарашро бурида гузаштани асабҳо барои баробар дидани ҳар ду чашм зарур мебошад. Ибн Сино ба қобилияти фикркунии инсон, хотираи хаёл ва сифатҳои ирода баҳои баланд медиҳад ва таъкид мекунад, ки ин ҷараёнҳои психикӣ бо якдигар мустаҳкам вобастаанд.

Хусусан, фикрҳои Ибн Сино дар бораи миҷозҳо (темперамент) аз ҷиҳати таббиву илмӣ ҷолиби диққат аст. Таълимоти ин соҳа дар асоси назарияи олими Гретсияи қадим Гиппократ (асри 5-и пеш аз мелод) мустаҳкам мегардад.

Ибн Сино ҳам чун Гиппократ дар танаи одам 4 хел модда сафро, хун, зардаи сиёҳ, балғам буданашро ва кадоме аз ин моддаҳо дар организм бошад, ин типи (темперамент) миҷози одамро аниқ мегӯяд. Мувофиқи таърифи олим миҷоз ин кайфиятест, ки дар натиҷаи таъсири кайфиятҳои ба ҳам зидди қисмҳои хурди элементҳо пайдо шудааст.

Ибн Сино ба хусусиятҳои индивидуалии психикаи шахс низ эътибор медиҳад. Ба фикри ӯ, фарқи индивидуалии одамон ба мӯътадил ё номӯътадил будани миҷозашон вобаста аст. Масалан: ҳамаи ҳаракатҳои миҷозашон мӯътадил ба якдигараш монанд, ба охир расида, баркамол мешавад. Таъкид мекунад, ки одамҳои дорои ин тип боахлоқ буда, тафаккур, хаёл, яъне тафаккурашонривоҷ ёфтааст. Умуман Сино аз рӯи масъалаи психология бисёр фикрҳои оригинал, прогрессив аз худ гузоштааст, ки барои тараққиёти ояндаи фанни психология, ҳиссаи калон гузошт.

Берунӣ дар соҳаи психология асарҳои олимони пешина – Фаробӣ, Хоразмӣ, Синоҳоро омӯхта, дар асоси таҷрибаи ҳаётӣ фикрҳои ҷолиби худро баён намудааст.

Берунӣ эзоҳ медиҳад, ки инсон бо соҳиби тафаккур буданаш аз дигар мавҷудотҳо баланд меистад. Исбот карда мешавад, ки дар инсон идрок, тасаввур, хаёл, хотира барин просессҳои психикӣ мавҷуд будааст.

Олим ба масъалаҳои мустаҳкамшавии хотираи инсон эътибори алоҳида медиҳад. Барои ҳамин ҳам ӯ кӯшиш намудааст, ки дар фаъолияти инсон аҳамият ва нақши хотираро нишон диҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки инсон чизҳоеро мехонад, мушоҳида мекунад дар хотирааш хуб нигоҳ ва онҳоеро, ки лозим аст азхуд карда метавонад.

Олим фикрашро оиди хотираи инсон аз нуқтаи назари илмӣ ва динӣ низ баён мекунад. Ӯ дар як ҷой хотираи инсон "инъоми Оллоҳ таоло" ва он хосил карда намешавад гуфта бошад, дар ҷойи дигар ин фикрашро рад карда "Ба дараҷаи баланд бардошта шудани хотира натиҷаи мунтазам кор кардан аст" гуфтааст. Дар охирҳои асри XIX дар психология соҳаи психологияи таърихӣ, психологияи муосир ва зоопсихология пайдо шуд.

Психологияи таърихӣ масъалаҳои психикаи одам ва пайдошавии шуур ва марҳилаҳои тараққиётро меомӯзад.

Дар аввалҳои асри XX омада монанди ҳамаи фанҳо барои тараққиёти фани психология ҳам роҳи калон кушода шуд.

Аз рӯи нуқтаи назари тараққиёт психологияи асри XX-ро чунин ба давраҳо тақсим кардан мумкин аст:

**1.** Психологияи асри XX – ин давра солҳои мунозираи баҳснок, муборизаи байни ҷараёнҳои гуногуни таърихии психологиявӣ мебошад.

Назди психологияи солҳои 20-ум вазифаи муборизаи зидди бихевиоризм ва рефлексология меистод. Чунки дар ин давра ин гуна ҷараёнҳо васеъ паҳн шуда, рефлексология ҳатто дар мактабҳои олӣ ба сифати фан дохил карда шуд.

Дар психологияи солҳои 20-ум муборизаи зидди фикрҳои гуногун оиди фанни психонервология аҳамияти съездҳои якум (1923 сол) ва дуюм (1924)-и Россия аҳамияти калон дошт. Дар ин съезд ва калони психологияи эмпирикӣ ва рефлексология ба танқиди сахт дучор шуданд ва соли 1930 ин ҷараён тамом шуд.

**2.** Психологияи солҳои 30-юм – психологияи ин давр бо номи психологҳои машҳури рус Л.С.Виготский, П.П.Блонский ва И.И.Павлов вобаста аст.

Дар ин давра дар соҳаи психологияи умумӣ, психологияи бачагон, психологияи педагогӣ тадқиқотҳои муҳим ба вуҷуд омад.

А.С. Висотский (1896-1934) дар соҳаи психологияи умумӣ, бачагона ва педагогӣ як қатор тадқиқотҳо бурд. Вай соли 1917 факултети таърих ва философияи Униврститети Москваро ҳатм карда, фаъолияти пелагоги-илмиро дар Гомел сар мекунад. А.С.Висотский соли 1924 ба универститети давлатии Москва ба кор даъват шуд, пас аз ин дар институти психология дар Академияи тарбияи ба номи Н.К.Крупская кор кард. Дар ҳамин давр фаъолияти ӯ дар соҳаи тадқиқотҳои психологӣ сар мешавад.

Дар психологияи солҳои 30-юм фикрҳои ӯ дар бораи пайдо шудани функсияҳои психикии нерви олии одам, усулҳои омӯхтани просесҳои психикӣ, моҳияти иҷтимоӣ-таърихӣ шуури одам, хотираи логикӣ, диққати ихтиёрӣ, фаҳмиш ва тафаккур аҳамияти муҳим дорад.

Л.С.Виготский бо асарҳои худаш “Тадқиқотҳои психологии интихобшуда” (1966) “Тараққиёти функсияҳои психикии баланд” (1960), ҳиссаи муносиб ҳамроҳ кард.

Иван Петрович Павлов (1849-1936) олими машҳури рус дар соҳаи физиология, психолог мебошад. И.П. Павлов аввалин шуда таълимоти худро дар бораи фаъолияти оддии нервҳо офарид.

И.П.Павлов соли 1864 омӯзишгоҳи динии Рязанро ҳатм карда, хонишашро дар семинария давом додааст, лекин таълими семинария И.П. Павловро қонеъ намекунад.

Пас аз ин И.П. Павлов дар институти Петербург дохил мешавад. Ӯ дар университет бо баҳои аъло хонда, кори илмӣ мебарад. И.П. Павлов соли 1874 университетро бо медали тилло тамом карда, таҳсилро дар академияи хирургия давом додааст. Ҳангоми таҳсил дар академия зиёда аз 10 адад асари илмӣ офаридааст. Барои ин асарҳояш ҳам бо медали тилло мукофотида шудааст.

- И.П. Павлов 1879 донишгоҳро бо баҳои аъло тамом карда, дар лабараторияи профессор С.П. Боткин кор мекунад ва соли 1883 диссертатсияро дар бораи дараҷаи илмии доктори фанҳои медитсина ҳимоя мекунад. Соли 1890 ба лавозими профессори академия муяссар мегардад ва аз соли 1891 сар карда ба шӯъбаи физиологияи Донишкадаи тиббиву эксперименталӣ (таҷрибавӣ)-ро роҳбарӣ мекунад.

И.П. Павлов соли 1904 барои тадқиқоти соҳаи органҳои ҳазмкунии хӯрок мукофоти Нобельро мегирад. Пас аз ин И.П. Павлов шӯҳрати калон пайдо мекунад, соли 1913 бо ташаббуси ӯ дар бораи омӯхтани фаъолияти – нерви олӣ назди институти медитсина бинои махсус барпо мегардад ва дар ин ҷо дар камераи махсус рефлексҳои шартнокро омӯхтан мегирад.

И.П. Павлов соли 1921 дар қишлоқи Колтуши (Павловои ҳозира) Ленинградстансияи биологӣ месозонад. Бадътар ин стансия ба маркази илмӣ-тадқиқотии психологӣ табдил дода мешавад.

Академик И.П. Павлов то охири умри худ дар лабаралорияи медитсинаи таҷрибавӣ ва стансияи биологии қишлоқи Колтушии роҳбарӣ мекунад.

Ҳамин тавр, тадқиқотҳои психологии солҳои 30-юми академик И.П. Павлов ва шогирдҳои ӯ дар тараққиёти психология ҷои муҳимро соҳиб шуд ва дар ин давр фани психология ба зинаи нави тараққиёт бардошта шуд.

**3.** Психологияи солҳои чанг. Давраи ҷанг чун ҳамаи фанҳо назди фани психология вазифаҳои масъулиятнокро гузошт. Вазифаҳои асосии психологияи ин давр ба меҳнаткашон, ҷанговарон таркиб додани сифатҳои ҳарбӣ-иродавӣ, сабр, тоқат, қатъият, ҷасорат, мардӣ, қаҳрамонӣ, ҳуҷумкорӣ, маҳорати парвоз кардан, бародарӣ, меҳрубонӣ буд, фанни психология ин вазифаҳоро бо муваффақият иҷро карда, ҳиссаи муносиб ҳамроҳ кард.

**4.** Психологияи давраи пас аз ҷангӣ. Дар ин давра фанни психология низ монанди фанҳои дигар ба зинаи тараққиёти худ қадам гузошт. Дониши психологӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёт даромад. Дар натиҷаи ин, дар қатори фанҳои психология соҳаи нав ба вуҷуд омад. Лекин дар ин давраи ҳукмронии

сохти иҷтимоии советӣ омӯхтани хусусиятҳои психологияи илмӣ ба роҳ монда нашуд.

Ҳаминро таъкид кардан лозим, ки дар Ӯзбекистон фанни психология дар донишгоҳҳои олӣ ба роҳ монда шуда бошад ҳам, барои омӯзиши ин фан аз дастур ва китобҳои Психологҳои Россия истифода мешуд. Дар он манбаҳо мос будани психологияи халқи ӯзбек ва умуман психологияи халқҳои Ҷумҳуриятамон акс нагардид.

## АҲАМИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ ФАННИ ПСИХОЛОГИЯ

Омӯхтани фанни психология барои ҳар як шахс аҳамияти калон дорад. Зеро донистани психология ба кас имконияти калон медиҳад.

Таълиму тарбияи насли наврас яке аз масъалаҳои муҳими ҳаётӣ буда, дар ин ҷода, донистани психология аҳамияти муҳим касб мекунад.

Омӯхтани фанни психология ба ҳамаи соҳибони касб зарур аст. Ин ҳол дар ҳаёти шахсӣ ва фаъолияти иҷтимоии ҳар як шахс аҳамияти амалӣ касб мекунад. Донистани психология аҳамияти ду тарафа дорад. Якум, шахси психологияро хуб аз худ карда ҳолатҳои психикӣ, ҳиссиётҳои гуногун, ҳаракатҳои ихтиёрӣ, иродавии худро бошуурона идора карда метавонад. Дуюм, онҳое, ки психологияро хуб медонанд дунёи дохилии шахси дигар, ҳиссиётҳои ӯро тез ва дуруст дарк мекунанд. Мукаммал донистани психология ақлу идроки одамро ривоҷ ва нутқашро равон мекунад барои чуқур аз худ кардани илм ёрӣ мерасонад. Дониши психологӣ аслиҳаи ғоявии пурқуввате зидди ғояҳои нодуруст мебошад.

Гарчанд дар солҳои охир соҳаҳои психология ба сифати фанни мустақил шакл ёфта, ба соҳаҳои гуногуни ҳаётамон хизмат карда бошад ҳам, ҳоло дараҷаи азхудкунии донишҳои психологиро дар соҳаи мактабу маориф дуруст гуфта намешавад. Аз ин ҷиҳат, асосан дар муносибатҳои педагогии байни хонанда ва муаллим, таъсири ҷараён азхудкунии дониш ба хулқу атвор, ақлу идрок, камолоти маънавӣ, сиёсӣ ва ахлоқии хонанда аҳамияти ҳаётӣ дорад. Дар шароити ҳозира назди мактабҳои олӣ вазифаи бузурги ба воя расондани шахси мукаммал меистод, ки бе дониши чуқури психологии муаллим ин вазифаро иҷро карда намешавад. Чӣ тавре, ки психологи машҳури рус К.Д.Ушинский таъкид кардааст, дар ҷараёни педагогӣ дониши психологӣ аҳамияти калон дорад, агар педагогика одамро аз ҳар ҷиҳат тарбия кардани бошад, ӯ аввало ҳамон одамро аз ҳар ҷиҳат донистанаш зарур аст. Табиист, ки одамро донистан – ин психологияи ӯро омӯхтан аст.

Яке аз вазифаҳои муҳими фанни психология омӯхтани қонуниятҳои фаъолияти психикии одам аст. Қонуниятҳои психология акси воқеаҳои олами

объективиро дар майнаи одам ташаккул дода, фаъолияти донистани ҳодисаву воқеаҳои дунёро пурзӯр мекунад.

Психология вобастагии ҳодисаҳои психикӣ ва шароити объективиро ҳам меомӯзад. Барои ҳалли муаммоҳои тарбияи умуминсонӣ масъулияти психология алоҳида мебошад. Дар ин соҳа аҳамият ба накши психология муҳим аст, ки бинобарин, дар мамлакатамон барои тараққиёти фанни психология эътибори алоҳида нигаронида мешавад.

Президенти Аввалини Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.А. Каримов дар нутқе, ки дар ҷамъомади ҷашни Академияи фанҳо карда буд, боз ҳам пурзӯр кардани тадқиқи қонуниятҳои ҷамъият ва табиат, васеъ кардани базаи моддиву техникии ҷамъият тезонидани тараққиёти фан ва техника, зиёд кардани самарадории истеҳсолот, баланд бардоштани маданияти меҳнаткашон, шаклгирии ҷаҳонбинии онҳо, ҳалли муаммоҳои рӯзмарра пеш аз ҳама вазифаи фанни психология муҳим ва назаррас аст, – гӯён таъкид карда буд.

Дар шароити ҳозираи Ӯзбекистон фанни психология ба давраи нави тараққиёт баромад. Агар дар гузашта фанни психология чун фанни назария ҳисоб ёфта бошад, акнун он ба фанни ҳақиқии амалӣ табдил ёфтааст, доираи фоидабарии он рӯз то рӯз васеъ мешавад. Акнун психология дар саноат, идоракунии давлат соҳаҳои маорифи ҳалқ, тиббиёт маданият, спорт ва дигар соҳаҳо васеъ истифода мешавад.

Ҳоло мо дар ҷамъияте зиндагӣ дорем, ки рӯз то рӯз ривоҷ меёбад ва фаъолии иҷтимоии одамон торафт зиёд мешавад. Бо ин муносибат психологияи иҷтимоӣ, психологияи бачаҳо, психологияи педагокӣ, психологияи юридикӣ, психологияи тиббӣ ва дигар соҳаҳо босуръат ривоҷ меёбад. Дар асоси ташкили илмии кори идоракунии психология, дар соҳаи тарбияи ғоявии инсон ба муваффакиятҳои калон соҳиб мешавад. Бинобарин, дар солҳои охир функсияи мафкуравии психология зиёд шуда истодааст. Барои ҳамин дар тартиби рӯз вазифаҳои фаъолии иҷтимоии оммаро авҷ гирондан, ривоҷ додани муносибатҳои иҷтимоӣ, такмил додани таълиму тарбия, ташаккули ҷаҳонбинии демократӣ ва зиёд кардани самарадории фаъолияти мафкуравии авлоди ҷавон истодааст.

Солҳои охир дар Ӯзбекистон фанни психология ба роҳи тараққиёт гузашт. Дар сектори психологии институти илмиву тадқиқотии фанҳои педагогикаи Ӯзбекистон, Донишгоҳи педагогии давлати Тошканд, дар кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд корҳои тадқиқотии психологӣ бурда истодаанд.

Психологҳои Ӯзбекистон акнун танҳо ба тарҷума машғул нашуда, ба забони ӯзбекӣ барнома ва китоби дарси тайёр карда истодаанд. Аз тарафи

дотсент М.Воҳидов “Психологияи тарбияи то мактабӣ” (1970), муаллифон “Психологияи педагогикӣ (1973), П.И. Левентуев, А.А. Аскархӯҷаев, В.Э. Иудновский, М.Воҳидов “Очеркҳои психологияи бачаҳо” (1982), М.Воҳидов “Психологияи бачагон” (1982), ки дар соҳаи психология навишта шудаанд, далели фикрамон аст.

Имрӯзҳо психологҳои Ӯзбекистон аз рӯи талаби давр мувофиқи мафкураи Истиқлоли миллӣ тадқиқотҳои психологӣ бурда истодаанд. Аз нуқтаи назари талаби имрӯза назди фанни психология вазифаҳои муҳим истодааст. Фанни психология барои ба роҳ мондани муносибати дӯстонаи байни миллатҳо, омӯхтани муносибатҳои онҳо ёрӣ медиҳад.

Психологияи умумӣ сифатҳои индивидуалӣ, эҳтиёҷ, ташаккули шуури инсон, ҳис кардан, идрок, тафаккур, нутқ, намоёншавии ҳолатҳои эматсионалии инсонро дар асоси талаби ҳозира меомӯзад. Боз як вазифаи муҳиме, ки дар назди психологияи умумӣ истодааст, тадқиқи илмии асосҳои илмӣ, ҷараёнҳои рӯҳии одам – фаҳмиш, диққат, хотира, хаёл, ҳиссиёт, тафаккур ва ирода мебошад. Ҳаминро бояд гуфт, ки психологияи умумӣ дар давоми солҳо дар омӯхтани асосҳои физиологии ҳодисаҳои психикӣ муваффақиятҳои илмиро ба даст даровард.

Ба ғайр аз вазифаҳои назарӣ, ҳоло назди психологияи умумӣ як қатор вазифаҳои амалӣ истодааст.

## СОҲАҲОИ АСОСИИ ПСИХОЛОГИЯ

Дар мамлакатамон демократикунонии ба суръати баланд ба амал омада истодааст. Муваффақияти ин ҷараён ба дигаргунии куллии маънавияти одамон вобаста аст. Одамон (воқеаву ҳодисаҳои ҳаррӯзаро чӣ қадар тез ва дуруст идрок кунанд, муҳити маънавии ҷамъият ҳамон қадар тез ривоҷ ёфта баланд мегардад. Аз ин асос фанни психология ба соҳаҳои гуногун ҷудо шуд. Дар натиҷа, аввало психологияи умумӣ ба соҳаҳои психологияи бачагона, психологияи тиббӣ психологияи санъат ҷудо шуд.

Сонитар дар ҳолати асоси зарурияти объективии ҷудошавӣ боз ҳам сурат гирифт. Бо тоқозои ҳаёт ва зиндагӣ назди фанни психология вазифаҳои нав ба нав гузошта шуд. Ин вазифаҳо аввало ба воситаи шароити иҷтимоӣ, муҳити мустақилӣ бошад, дуюм ба воситаи дар шуури ҳалқҳо дигаргуншавии сифат, мафкураи истиқлол содир шуд. Ин дуҳолат дар таърихи нисоният муносибатҳои навро ва формаҳои фаъолияти навро ба вуҷуд овард.

Бо шарофати Истиқлол дар мамлакатамон, ҷамъият дигаргуниҳои кулли ба амал омада, соҳаи нави замонавии фанни психология ба вуҷуд омад. Ба ин соҳаи нав психологияи идоракунӣ, психологияи авиатсионӣ, космикӣ,

психологияи фермерӣ, психологияи мулкдорӣ, психологияи тиҷоратӣ дохил мешавад. Бояд гуфт, ки байни ин соҳаҳо соҳаҳое мавҷуд, ки барои кушодани муаммоҳои зарурӣ аҳамияти назарӣ ва амалӣ доранд. Психологияи фермерӣ, психологияи мулкдорӣ, психологияи роҳбарӣ аз ҷумлаи онҳоянд. Ба намудҳои гуногун ҷудо шудани психологияи муосир ба таъсирасонии фанҳои дигар ба фанни психология ҳам вобаста аст. Масалан: дар давоми ривоҷи фанҳои фалсафа, назарияи иқтисод, физика, математика, биология, адабиёт мувофиқи моҳияти худ муаммоҳои психологӣ пайдо мешавад. Ин муаммоҳо дар асоси услубҳои ҳамин фан омӯхта мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо барои ҳалли ин муаммоҳо ба услубҳои психологӣ мурочиат карда мешавад. Бинобар ин дар психологияи муосир торафт соҳа ва ҷараёнҳои нав ба нав вуҷуд омада истодааст.

Дар психологияи замони ҳозира ба вуҷуд омадани соҳаҳои гуногун ба дигаргуниҳои мураккаби ҷамъият низ вобаста аст. Чунки объекти фани психология инсон аст. Зарурати омӯхтани одам дар он, ки он элементи асосии истеҳсолкунӣ, субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар муносибати одам ва муҳити беруна фазилатҳои гуногуни одам пайдо мешавад.

Мундариҷаи **психологияи умумӣ** мавзӯъҳои муқаддимаи фанни психология, тараққиёти шуур ва психика, усул, сохт, аҳволи психологияи муосир, шахс ва фаъолият, муносибатҳои тарафайн, ҳолатҳои рӯҳӣ, хусусиятҳои индивидуалии шахсро дарбар мегирад.

Дуюм соҳаи муҳим – ин **психологияи бачагона** мебошад. Ин соҳа аз ҷиҳати психикӣ ривоҷёбии бачаро аз таваллуд то синни мактабӣ меомӯзад. Ҳоло омӯхтани психологияи бачагона аҳамияти калон дорад. Чунки тараққиёти психикии бачагона ба қонуниятҳои бахуд хос асос карда мешавад. Бачаҳо асосан дар ҷараёни фаъолияти бозӣ ривоҷ меёбанд. Ҳамин чиз ҳам ба эътибор лоиқ аст, хусусиятҳои шахсӣ ва фазилатҳои инсонии бача инкишоф наёфта аст. Дар натиҷаи ин онҳо мазмуни чизҳои идрок кардаашонро ба таври худ таҳлил карда, дуруст фаҳмида наметавонанд.
Яке аз соҳаҳое, ки ҳаҷман калон буда, мустақил мебошад ин психологияи педагогӣ аст.

**Психологияи педагогӣ.** Он масъалаҳои психологии ҷараёни таълиму тарбияро дида мебарояд, психологияи хонанда ва муаллимро омӯхта истода, усулҳои самарабахши пешниҳоди дарсва роҳҳои беҳтарини азхуднамоии онро тавсия медиҳад. Психологияи педагогӣдар навбати худ, аз зерсоҳаҳои психолонгияи таълим, психологияи тарбия, психологияи муаллим, психологияи корҳои таълиму тарбиявӣ бо кӯдакони аномалӣ таркиб ёфтааст.

Яке аз соҳаҳои муҳими фанни психология ин **психологияи меҳнат** мебошад. Хусусиятҳои педагогиинамудҳои мухталифи фаъолият, масъалаҳои интихлби тахассус ҷо ба ҷогузории кадрҳо, муҳити психологии корхона, кор бо дастгоҳҳои гуногун, шароити кор ва ғайраро дида мебароядд. Он бо соҳаҳои дигари психологияба монанди психологияи ташхиси меҳнат, психологияи маълумоти касбиву техникӣ, психологияи ташкили илмии меҳнат алоқаи зич дорад.

Дар қатори фанҳои психология соҳаи **психологияи инҷинерӣ** низ соҳаи наздики психологияи меҳнат мебошад. Психологияи инҷенерӣ дар ҷараёни истеҳсоли муносибати байни одам ва машинаро меомӯзад. Дар замони ҳозираи автоматкунонии иншоотҳои техникӣ имкониятҳои баланди фаъолияти психикии инсонро мукаммал донистан зарур. Дар ин фаҳмиш, идрок, диққат, тафаккур, ҳиссиёт, хаёл ва ирода ва дигар сифатҳои психикии инсон роли калон мебозад.

**Психологияи иҷтимоӣ** зуҳуроти психикиеро меомӯзад, ки дар ҷараёни ҳамкории одамон дар гурӯҳҳои мухталифи мутташаккилу номуташаккили иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд.Ба сохтори психологияи иҷтимоӣ дар айни замон се гурӯҳи масъалаҳо шомиланд: зуҳуроти иҷтимоӣ – психологӣ дар гурӯҳи калон (макромуҳит), зуҳуроти иҷтимоӣ – психологӣ дар гурӯҳи хурд (микромуҳит) ва зуҳуроти иҷтимоӣ – психологии шахсияти одам (психологияи иҷтимоии шахсият).

**Психологияи тиббӣ.** Ин соҳа масъалаҳои муносибати байни бемору табиб, муҳити психологии шифохона, психологияи кормандони тиб ва беморони гуногунро омӯхта, зерсоҳаҳои зеринро дар бар мегирад: нейропсихология, ёки психофизиология, психоформакология, психотерапия, психопрофилактика ва психогигиена.

**Психологияи ҳуқуқ** масъалаҳои педагогии вобаста ба амалигардии системаи ҳуқуқро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Он аз зерсоҳаҳои психологияи судӣ, психологияи криминалӣ ва психологияи потенсиалӣ ё психологияи ислоҳоти меҳнатӣ иборат аст.

**Психологияи ҳарбӣ** рафтори одамро дар шароити амалиёти ҷангӣ, масъалаҳои психологии хизимати ҳарбӣ, муносибати байни аскарону афсарон, усулҳои психологии ташвиқу тарғиб, аксулташвиқот, масъалаҳои психологии идораи техникаи ҳарбӣ ва ғайраҳоро меомӯзад.

**Психологияи варзиш** иборат аз омӯхтани шахсияти варзишгарон, хусусиятҳои психологии фаъолияти онҳо, шарту шароитҳои тайёрии ҳаматарафаи психологӣ, тарзи тайёрии варзишгарон, ҷараёни тайёрии онҳо, ташкил кардани мусобиқаҳои варзиш ва гузаронидани он. Асосҳои

психологин таълими варзиш ва қонуниятҳои аз худ кардани малакаи варзиш дар ҷавонон мебошад.

Дар байни соҳаи психология аҳамияти **психологияи санъат** алоҳида аст. Ин соҳа роҳҳои муносибати шахс ба санъат, қонуниятҳои асарҳои санъатиро дуруст идрок кардан, сабабҳои аз асарҳои санъати завқ бурдан, манбаҳои гуногуни саргузаштҳои ҳархеларо меомӯзад.

Дар мамлакати мо дар солҳои охир ба корҳои савдо роҳи калон кушода шудааст. Дар ин ҷода, нақши **психологияи савдо муҳим** аст. Ин соҳа шароитҳои психологии таъсири реклама, хусусиятҳои инфродӣ ва синнусолии эҳтиёҷот, омилҳои психологии хизматрасонӣ ба мизоҷон, масъалаҳои психологии мӯд ва монанди инҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Соҳаи муҳими психологияи иҷтимоӣ **психологияи шахс** мебошад. Ин соҳа хусусиятҳои индивидуалии шахсияти инсон характер, темперамент, қобилият, омилҳои калони хулқ-атвор, моиллӣ ба касб-ҳунар, маҳорат ва одатҳои ӯро меомӯзад. Психологияи шахс ба қисмҳои зерин – характерология, типологияи ҷудогонаи психологикии индивидуалӣ, профессиография (соҳае, ки ба ин ё он касб қобилиятнокиро муайян мекунад) ҷудо мешавад.

Яке аз соҳаҳои нави психологияи ҳозира психологияи космикӣ мебошад.

Психологияи космикӣ мавзӯҳои зеринро меомӯзад: аз ҷиҳати рӯҳӣ тайёр кардани космонавтҳо, ҳолатҳои рӯҳии онҳо дар вақти старт, паридан ва нишастанро меомӯзад. Қисми махсуси психология – зоопсихология буда, хусуиятҳои гуногуни хоси ҳайвонҳо, ҳолатҳои психикии онҳо, сохти ҳаракати онҳоро меомӯзад. Этология чун сифати соҳаи психология механизмҳои модарзодӣ ҳаракатҳои ҳайвонҳоро кашф мекунад ва бо он шуғл меварзад.

## СОХТОР ВА УСУЛҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ ФАННИ ПСИХОЛОГИЯИ МУОСИР

Дар фанни психология низ чун фанҳои дигар роҳҳои истифодабарандаи омӯзиши хусусиятҳои хоси ҳар як шахс мавҷуд аст.

Дар фанни психология методҳои тадқиқотие мавҷуданд, ки ба принсипҳои асосии назарӣ ва вазифаҳои конкретии психология вобаста аст.

Фанни психология баробари яке аз фанҳои қадимтарин буданаш, ҳоло психологияи муосир муаммоҳои зиёд дораду ҳаллу фасли он зарур аст, инчунин, дар ин бора фикру пешниҳод ва тахмину фаразҳои олимон низ мавҷуд аст.

Баъзе консепсияҳое мавҷуданд, ки ягдигарро пурра менамоянд ва гоҳе ягдигарро инкор мекунанд. Ин гунна муаммо ва назардоштҳо бисёранд, ки дар психологияи замони ҳозира барои дуруст фаҳмидани принсипҳои асоси детерменизм, ягҷоягии шуур ва фаъолияти психика, инчунин такия бар принсипҳои ривоҷи шуур дар фаъолият бо воситаи гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ҳал карда мешавад.

Дар психологияи муосир, назарияҳое, ки дар асри XIX пайдо шудаасту лекин решаи асосии таърихии онҳо ба маданияти юнон вобастагии кавӣ доранд омӯхта мешавад. Аз ҷумла: назарияи биогенетикӣ (В.Штрен), назарияи сотсиогенетикӣ (К.Левин), назарияи биҳевиористикӣ (Э.Торндайк) назарияи психоанализ (З.Фрейд) ва ғайраҳо мебошад.

Муаммоҳои психологӣ ба соҳаҳои гуногун алоқаманд буда, аз он ҷумла ба вазифаҳои муҳими замони имрӯза вобаста аст.

Дар қатори инҳо муаммоҳои экологӣ, зоопсихология, муаммоҳои одамшуносӣ, муаммоҳои демографикӣ ва муносибатҳои байналмиллалӣ, муаммоҳои инсонпарварӣ муаммоҳои психологиро нишон додан мумкин аст. Ба ғайр аз инҳо зиёдкунии микдори коркардабарории моддӣ, самарадории фаъолияти меҳнат, инсон -инсон, инсон-техника, замин-инсон, муносибатҳои инсон бо муҳиту атроф, муносибатҳои оила, ба ҷони худ касдкунӣ, ҷиноятҳои гуногун, ки ба воситаи тадқиқотҳои психологӣ муайян карда мешавад ва барои пешгириву бартарафи онҳо кӯшиш карда мешавад.

Таснифотҳои гуногуни психологӣ мавҷуданд, ки барои тадқиқи психикаи инсон ва методҳои он равона карда мешавад.

Ҳар як тадқиқоти психологӣ аз рӯи худ, худро мушоҳида мекунад, дигаргунӣ ва ривоҷёбиро низ назорат мекунад, барои ҳамин ҳам онро методҳои тадқиқотии субъективӣ ва объективӣ низ меноманд.

Ҳаммаи инҳо ба ҷараёнҳои психикӣ ва пайдошавии он, инчунин барои ривоҷёбии тадқиқотҳо ҳизмат мекунад, ки онро методи генетикӣ меноманд.

Психологияи илмии ҳақиқӣ дар асоси омӯзиши объективии психика ба ба миён меояд. Яке аз талабҳои муҳиме, ки психологияи илмии замони ҳозира ба шумор меравад омӯзиши фактҳои психикӣ аз ҷиҳати генетики (таърихи) ва принсипҳои он мебошад.

Моҳияти принсипҳои генетикӣ аз он иборат аст, ки ҳодисаҳои психикии омӯхташударо ҷараён меномад ва тадқиқотбаранда ҳамаи ривоҷи ҳолатҳои диалектикиро барпо менамояд, инчунин барои фаҳмиши ивазшавии онҳо ҳаракат мекунанд ва дар худ оиди факти психикии омӯхташуда аз ҷиҳати конкрети ва таърихӣ тасаввурот хосил мекунад.

Дар психология зарурати истифодабарӣ аз принсипҳои генетикиро П.П.Блонский (1884-1941), Л.С.Выготский (1896-1934), С.Л.Рубенштейн

(1889-1960), А.Н.Леонтев (1903-1979) дар асарҳои ҳуд таъкид кардаанд. Дар солҳои охир барои амалӣ гардонидани тадқиқотҳо ва принсипҳои генетикӣ, махсусан дар психологияи бачагон, барои муайян намудани шахсияти бача (продолний разрез) яке аз методҳои махсус васеъ паҳн гаштааст, ки онро методи **лонгитюд** меноманд. Лонгитюд аз забони англисӣ (longityude – долгота) яъне як ҳолатро дар муддати дурру дароз ва мунтазам омӯхтан аст.

Методҳои асосии психология:

Б.Г.Ананев методҳое, ки психикаро меомӯзад, ба 4 гурӯҳ: ба методҳои ташкилӣ, эмперик (амалӣ), аз нав коркарди натиҷаҳо, яъне статистикаи шарҳдиҳии натиҷаҳо ёки интерперетатсия тақсим мекунад.

Якум: Гурӯҳи ташкилӣ дар дохили худ муқоисакунӣ, лонгитюд (пайдарпай), комплекс (бисёрсоҳа)-ро дарбар мегирад. Муқоисакунӣ, монандкунӣ дар психологияи умумӣ, психологияи сотсиалӣ, медитсина, спорт ва дар психологияи юридикӣ васеъ истифода мешавад.

Бо воситаи методи лонгитюд як ҳолатро дар муддати дурру дароз назорат намуда, як бора якчанд субъект (шахс)-ро санҷидан мумкин аст.

Олими немис В.Штерн, олими француз Р.Зоззо, олими рус Н.А.Менчинская, А.Н.Гвоздев, Н.С.Лейтис, В.С.Муҳина ва дигарон аз ин усулро мушоҳида намуда, онро «Рӯзномаи модар» низ гуфтаанд. Барои афзоиши тадқиқотҳои илмии психология боз ба ҳамкории фанҳои дигар такя карда мешавад (психология, физиология, генетика, фалсафа, сотсиология, кибернетика, логика ва аз кабили онҳо).

Бисёр комёбӣ ва кашфиётҳо бо ёри усули психологияи муҳандисӣ, психологияи физиологӣ, психологияи космос ва психологияи тиббиёт ба даст оварда мешавад.

Гурӯҳи дуюм: дар методҳои эмперик, мушоҳида вазифаҳои (худмушоҳидакунӣ) экспиремент (табиӣ ва лаборатория), тест, анкета, пурсишнома, сотсиометрия, сӯҳбат, интервю, ҷараёни фаъолият ва маҳсули он, тадқиқот, тарҷимаи ҳол, (таҳлили гувоҳнома ва ҳуҷҷатҳои шахсӣ, вокеаҳои ҳаётӣ ҳарруза) ва амсоли инҳо дохил мешавад. Онҳоро мушоҳида ва диагностика иҷро мекунад.

Гурӯҳи сеюм: Методҳо барои азнавкоркарди натиҷаҳо равона карда шудааст, онҳо ба таҳлили статистикӣ (миқдор) ва психологӣ (сифат) ҷудо мешавад.

Барои аз нав коркарди маълумотҳои ҷамъкардашуда аз формулаҳои зерин истифода бурдан мумкин аст.

1) Барои ёфтани қиймати миёнаи арифметикӣ:

   M-сумма

   V-миқдори вариатсионӣ

h- микдори субъект (шахс) асоси таҷриба

2) Барои ёфтани ҳисоби 01 ӯ дар қатори рақам зиёдшавии квадратии адад:

01- зиёдшавии квадрат

C- дисперсия

h- микдор

3) Барои ёфтани микдори адаҳое, ки дар катор васеъ дида мешавад:

C a (V-M) микдори адаҳои пайдарпай: дар қатор.

V- баъзан “S”дисперсия номида мешавад.

Гурӯҳи чорум: Аз методҳои генетикӣ ва ҷудогона иборат аст. Мувофики методҳои генетикӣ дигаргуншавӣ ва ривоҷи психикӣ бевосита омӯхта мешавад ва аз гурӯҳҳои дигар фарқ мекунад. Барои ба хатогиҳо роҳ надодан ба материалҳои ҷамъшуда шарҳҳо дода мешавад.

Дар зинаи якуми тадқиқот яъне тайёркунӣ оиди қонуниятҳои кашфшуда тахмин ва фаразҳо таҳлил карда мешавад.

Дар зинаи дуюми тадқиқот бошад таҷриба гузаронида мешавад, шарту-шароитҳо, принсипҳо дар бораи омилҳои объективӣ ва субъективӣ мулоҳизаҳо бурда мешавад.

Дар зинаи сеюм бошад, натиҷаҳои гирифташуда аз сари нав дида мешавад ва ин низ дар навбати худ ба 4 гурӯҳ тақсим мешавад:

а) таҳлили якҷоягии материалҳо (шарҳдиҳӣ)

б) бо материали таҳлилшуда тадқиқоти гипотезӣ бурда мешавад.

в) таҳлили дуюм (барқарор, устувор, далелҳо ҷудо мешавад).

г) синтези дуюм (қонуниятҳои психикӣ, далели ёфташуда, омил ва тадқиқотро якҷоя намуда, хулосаи асосӣ баровард мешавад.

Натиҷаҳои онро дар зинаи чорум шарҳ медиҳанд, факт, далел, аломат, нишондод, хосса, ҷиҳатҳои мантиқӣ таҳлил мегардад.

Моҳияти ин усулҳо аз баҳси мавзӯъҳои фан асос меёбад. Баҳси мавзӯъҳои психология ба воситаи хусусиятҳои алоҳидаи материяи дар ҳаракат буда, усулҳои дорои мазмуни ба худ хосро ба миён меорад.

Усули аввалине, ки дар таърихи фанни психология барои омӯхтани ҳодисаҳои психологи истифода мешавад, методи мушоҳида мебошад. Методи мушоҳида ду хел: объектив ва субъектив мешавад.

Барои мушоҳида намудани дигаргуниҳои психикаи инсон зеринҳоро ба амал баровардан зарур аст:

1. мақсад ва вазифаи мушоҳида муайян карда мешавад;
2. Объекти мушоҳида интихоб мешавад;
3. Синну сол ва ҷинси шахсеро, ки мо ба мушоҳида гирифтем аниқ карда мешавад.

4. Вақти тадқиқот ба нақша гирифта мешавад.
5. Чӣ қадар давом кардани мушоҳида аниқ мегардад.
6. Гузаронидани мушоҳида айнан дар кадом фаъолияти шахси мушоҳидашаванда (ҳангоми хондан, бозӣ, меҳнат, варзиш) муайян карда мешавад.
7. Шакли мушоҳида (Якка, гурӯҳ, ҷамоавӣ) муайян мегардад.
8. Воситаҳое, ки мушоҳидаро кайд менамояд (рӯзнома, варақаи мушоҳида, магнитафон, ва дигарҳо).

Ҳангоми мушоҳида хусусиятҳои гуногуни одамон, диққат, ҳиссиёт, ифодаи берунии системаи асаб темперамент, хусусият, имову ишора, ҳискунӣ, дарк, идрок, хулқу атвор, фаъолияти нутқ ва дигарҳо омӯхта мешавад.

Дар натиҷаи мушоҳидаи коргар, ки дар назди дастгоҳ фаъолияти корӣ мебарад, диққатҷамъкунии ӯ муайян карда мешавад.

Дар натиҷаи мушоҳидаи ҷараёни мулоқот характер, нутқ, ҳиссиёт ва хусусиятҳои шахс, шавқмандии ӯ муайян карда мешавад.

Дар катори он, фикрҳои ба объект равонакардашуда ба таассурот ғарқшавӣ, бандшавии шахс, мушкилотҳо ва душвориҳое, ки дар чеҳраи ӯ намоён мегардад, диққат ва монанди инҳоро мушоҳида мегардад.

Аз ҷумла, ларзиши дасту пой, вайроншавии асаби шахс, дигаргуниҳои салбии нутқ, тағйиротҳои ҳиссиётҳову барқарориро низ мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, худро мушоҳида кардан лозим ё не? Албатта даркор. Чунки дар тадқиқотҳои психологӣ худмушоҳидакунӣ ҳолатҳои бисёр дорад. Дар усули субъективӣ шахси дилҳоҳ интихоб шуда, сифатҳои психологиаш омӯхта намешавад. Бояд гуфт, ки дар тиббиёт бидуни ин усул беморро даво кардан мумкин нест. Бинобарин, усули мушоҳида кардан барои фанни психология ниҳоят зарур аст. Дар вақти бо ин усул тадқиқот бурдан ҳар як шахс аз рӯи манфиати худ субъективона Хулоса бароварда, сифатҳои салбии худро ба дигарон низ мавҷуд мепиндорад, дар натиҷа мумкин аст дар бораи дигарон хулосаи нодуруст барорад.

Усули самаранокии мушоҳидаронӣ объективӣ ё субъективӣ мебошад. Мушоҳидаи объективӣ доимо ба мақсади аниқ равона буда, бо ёрии он ҷараёнҳои гуногуни рӯҳии шахс: ҳиссиёт, хотира, идрок, ҳаёт ва хусусиятҳои шахси: ҳавасмандӣ, қобилият, темперамент, характер омӯхта мешавад. Мушоҳидаи субъективӣ (омӯхтани як шахс шахси дигарро) доимо ба мақсади маълум нигаронда шуда, мушоҳидаи муайяни нақшавиро тақозо мекунад. Бо ёрии ин усул ҳодисаи психикӣ ҳамаҷониба омӯхта мешавад.

Афзалияти мушоҳидаи субъективӣ дар он, ки ҳодисаи психикӣ, дар шароити табиӣ чӣ хеле ки рӯӣ диҳад, ҳамон хел санҷида мешавад. Бовуҷуди он дар муайян кардани қонуниятҳои намоёншавии ҳолатҳои рӯҳӣ фақат аз усули мушоҳидаи беруна истифода бурдан хеле кам ба назар мерасад. Барои ҳамин ин усул дар ҳамкории усулҳои дигар истифода мешавад.

Маълумотҳое, ки бо ёрии усули мушоҳидаи объективӣ (беруна) ҷамъ шудааст, дар манбаҳои махсус қайд карда мешавад, пас аз вақти маълум таҳлил карда шуда, хулосаҳои лозима баён мегардад.

Боз як усуле, ки дар тадқиқи ҳодисаҳои психикӣ истифода мешавад, ин усули сӯҳбат, ёки савол-ҷавоб аст. Афзалияти методи мазкур дар он аст, ки дар ин усул тадқиқгар ва омӯзанда бо якдигар бевосита дар алоқа ва мулоқот мешаванд. Дар ҷараёни сӯҳбат сифатҳои психологии шахс, ки дар воқеъаҳои зиндагӣ, дар муносибатҳо ва ҳатту ҳаракатояш намоён мешавад, омӯхта мешавад. Пеш аз омӯзиши психологияи инсон мақсад ва вазифаҳои сӯҳбат муйаян гардида, объект ва субъект интихоб карда мешавад, инчунин, мавзӯ, вақт, ҷой ва ҳам шахси алоҳида, гурух, ҷамоа ва мувофиқи онҳо савол ҷавобҳои махсус тайёр карда мешавад.

Масъулиятнокии тадқиқотчӣ дар он аст, ки бояд ӯ дар навбати аввал доираи фаҳмиш, таҷрибаи зиндагӣ ва сифатҳои индивидуалии шахси омӯхтаашро муайян намояд. Ғайр аз ин тадқиқотчӣ барои муваффақиятнок будани усули сӯҳбат ба тамоилҳои зерин амал карданаш мувофиқи мақсад аст:

**а)** мулоқоти байни тадқиқотчӣ ва тадқиқшаванда пеш аз ҳама дар асоси боварии якдигар ва самимият;

**б)** дар шароити табиӣ, ҷоннок ва бамайлихотир гузаштани ҷараёни сӯҳбат;

**в)** тадқиқотчӣ худаш вазъияти барои тадқиқот заруриро ба вуҷуд оварда, як қатор имкониятҳоро соҳиб мешавад. Аввалан, вақт сарфа намуда, баъдан, омӯзиш ва идораи таъсири шароит имконпазир мегардад. Сониян вобаста ба имконият.

Дар тадқиқоти психологи усули асоси ва бомаҳсул усули эксперимент ба шумор меравад. Сабаби васеъ истифода шудани ин усул дар он аст ки дар он ҳодисаи психологии омӯхташаванда дар шароити лабаратория дар вақти дилхоҳ ба вуҷуд оварда мешавад ва он бо ёрии асбобҳои замонави мукаммал омӯхта мешавад. Ин метод барои чуқуртару васеъ омухтани ҳолатҳои рӯҳи барои тадқиқ намудани психикаи шахс имкон медиҳад. Метод мазкур барои ҳаллу фасли шаклгиронидан ва шаклгирии фикру қобилияти онҳо васеъ истифода мешавад. Методи табиӣ бошад, муносибатҳои психикии ҳар як соҳаро меомӯзад**.** Методи лабораторӣ (клиника) дар бисёр ҷойҳо индивидуал (гоҳо гурӯҳӣ) таҷриба мебарад, дар рафти кор асбобу ускунаҳои

лаборатории психологӣ, тавсияҳо, роҳу равиш, нишондод ва иловаҳо низ истифода мешавад ва ҳама чиз пинҳона не балки ошкора бурда мешавад. Дигаргуниҳои психикиро бо воситаи делекторҳо, ченкунии электронӣ ва радио секундамер, рефлексометр, аномалоскоп, тахистаскоп, аудометр, эстеҳиометр, электродиограмма ва аз электроэнсефалограмма низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Ба ғайр аз он хусусият ва характерҳои гуногун дар шароити махсуси лабораторӣ омӯхта шуда, ҳатту ҳаракатҳои объективии дар таҷрибабуда, махсус бо методҳои психологӣ омӯхта мешавад. Он хоссаҳои диққат, идрок, хотира ва хусусиятҳои ба худ хосро тадқиқ менамояд.

Бисёр вақт дар лаборатория хусусиятҳои тасодуфии (ронанда, оператор, кайҳоннавард, муҳандис ) намудор мешавад.

Таҷриба ба қисми таркибӣ ва қисмҳои санҷишӣ ҷудо мешавад. Дар қисми якум хусусиятҳои ҳолати психикии шахс ёки ҷараёни бозӣ ва меҳнат тадқиқ карда мешавад.

Дар қисми таркибӣ бошад ягон фазилат, роҳу равиши ягон мақсади амиқ, моҳият, ба нақша гирифта мешавад. Дар зинаи охир бошад усули шаклгирифтаи восита роҳу равиш малакаҳои шахс, дараҷаҳои барқарорӣ ва барои пурраву саҳеҳ фаҳмидан корҳои мустақилона дода мешавад. Самараи кор бо усули санҷиш муайян мегардад.

Маълумотҳои ҷамъшуда бо тарзи статистикӣ кор кардашуда, ба ҳаёт тадбиқ карда мешавад. Психологони муҳандис машинаҳои электронӣ ва роботҳо сохта истодаанд.

Яке аз усулҳои истифодашавандаи омӯхтани ҳодисаҳои психологӣ ин усули **анкета** мебошад. Ин усул дар ҳамаи соҳаҳои фанни психология васеъ истифода мешавад. Тарафи афзалияти ба худ хоси усули анкета дар он, ки дар як вақт якчанд одамон, гурӯҳ ёки ҷамоаро омӯхтан мумкин аст. Анкета дар асл се намуд дорад:

1) Аз саволҳое, ташкил меёбад, ки барои аниқ намудани мотиви шахс хизмат мекунад.
2) Саволҳое дода мешавад, ки ҷавобҳои тайёри гунонун дорад.
3) Ба таҷриба мувофиқи интихоб баҳо дода мешавад. (намунаҳои анкетаро дидан мумкин аст. Э. Ғозиев. Тошканд с.1994).

Дар варақаи анкета барои шахси омӯзанда саволҳои тайёр навишта мешавад. Онҳо дар муддати муайян ба саволҳои додашуда ҷавоби хаттӣ мегардонанд.

Тадқиқотчӣ ҷавобҳоро таҳлил карда, ба ҳар *як* шахс, гурӯҳ, ё ҷамоа дараҷаи ҳодисаи психологии мавҷударо муайян мекунад.

Боз як усуле, ки барои омӯхтани сифати психологии одам истифода мешавад, ин таҳлили ҷараёни фаъолият мебошад.

Маълумки шахс доимо бо як намуди фаъолият машғул аст.

Ҳар як фаъолият ба маҳсули худ соҳиб аст. Ҳангоми фаъолият сифатҳои психологии шахс акси худро меёбад. Барои ҳамин маҳсули фаъолияти одам (ӯ дар кадом соҳае, ки фаъолият нишон диҳад) сифатҳои психологии ба ҳамон одам хосро акс мекунад. Масалан: мазмуни шеъри талабаи навқалам қобилияти эҷодии ӯ меҳнатдӯсти, тафаккур, сифатҳои иродавиро баён карда, мустақили ва эҷодкории ӯро нишон медиҳад. Барои ҳамин дар фанни психология барои омӯхтани фаъолияти одам аз усули таҳлил кардан, чун усули ёридиҳанда истифода мебаранд, ки ин усули биография мебошад. Аз ин усул дар омӯхтани сифатҳои психологии ба баъзе шахсҳо хос истифода мебаранд. Маьлум аст, ки ҳар як одам ба маълумоти биографии ба худ хос соҳиб аст. Ин маълумотҳо синну сол, муҳити оилавӣ, шароити географӣ, ба камол расидан, факторҳои ба камолот таъсиркунандаи шахсро дар бар мегирад. Ғайр аз ин дар маълумотҳои биографӣ ривояи ғоявӣ, ҷаҳонбинӣ, боварӣ, эътиқод, олами ахлоқӣ, садоқат, ӯҳдадории иҷтимоӣ, мақсад ва мароми шахс ҳам акс мегардад, ки ҳамаи ин ба донистани дунёи психологии ӯ асос мешавад.

Барои тадқиқ кардани ҷиҳатҳои гуногуни сифатҳои психологии хоси шахс дар фанни психология аз усули тест истифода мебаранд. **Test** – калимаи англисӣ буда, маънояш санҷидан, тафтиш кардан аст. Усули тест дар психология танҳо дар тадқиқоти илмӣ не, балки барои санҷидан, муайян кардани ин ё он дараҷаи сифатҳои психологӣ низ истифода мешавад. Бо усули тест дар муддати кӯтоҳ функсияҳои психологии баъзе шахсҳо, қобилият, малака ва донишҳои шахс ба кадом дараҷа ташаккулёбии он муайян карда мешавад, ба баъзе сифатҳои одам тавсифи аниқ дода, лаёқати ӯ ба касбаш, соҳааш санҷида мешавад.

Бо ёрии тест ҳодисаҳои психологии бевоситаи техникӣ дар муддати кӯтоҳ дар ҳолати стандартшуда санҷида мешавад ва хулосаҳои муаяйнгардида бо роҳи математики ҳисоб карда мешавад.

Баъзе тестҳо ба характери диагностикӣ соҳиб мебошад. Арзиши тестҳои диагностикӣ ба сохти мазмуни тест вобаста аст. Масалан: тестҳо барои диагноз мондан ба қобилияти талаба нисбат ба фанни физика, математика, адабиёт, ҳоло дар бурдани тадқиқотҳои илмӣ васеъ истифода мешавад. Дар солҳои охир дар натиҷаи равнақи соҳаҳои фан – махсусан техника усули нав – усули моделкунонӣ ба вуҷуд омад. Модел – андозаи сохтани ҳодисаи психологии омӯхташаванда мебошад. Хусусият хоси усули моделкунонии он, ки бо ёрии ин усул баъзе ҷараёнҳои психологӣ бевосита омӯхта мешавад.

Лекин барои ба вуҷуд овардани модели ҷараёни психикӣ (дидан, шунидан, бӯйро фаҳмидан) ҳамин ҷараёни психикиро мукаммал донистан шарт аст. Бинобарин барои мукаммал шудани ҳамин модел ба дараҷаи дониши доир ба ҳодисаи психики вобаста аст. Аммо модел ҷараёни психики шуда наметавонад. Дар модел ҳодисаи психики содда карда мешавад. Ин бошад ба ҳатогии модел, нодуруст омӯхтани ҳодисаи психологи оварда мерасонад. Умуман ба воситаи усули моделкунони сифатҳои психологӣ ва монанди (ҳис идрок, хотира)-ро омӯхтан мумкин. Ҳамин тавр, барои бо усулҳои болоӣ тадқиқот бурдан аввало тайёрӣ дидан, пас ба марҳилаи эксперименти гузаштан лозим, пас маълумотҳои дар ҷараёни тадқиқот гирифташуда таҳлили илмӣ карда мешавад ва ниҳоят хулосаҳои пас аз таҳлили дар асоси назарияи психологи эзоҳ дода мешавад ва тахмини тадқиқотӣ дуруст ё нодуруст буданаш аниқ мешавад.

Дар соли 1905 олими француз психолог А.Бене ва шогирди ӯ А.Симон, ривоҷи ақлии инсон ва дараҷаҳои истеъдоди онро бо воситаи хелҳои гуногуни тест муайян кардааст.

Психологони ҳориҷа бо воситаи тадқиқотҳои ҳархела, ривоҷ ва дигаргуншавии намудҳои объект, қобилият тафаккурдониш ва малакаро низ ҳамроҳи инҳо ҳамҷоя омӯхтаанд.

Дар вақти санҷиш ҳолатҳои эмотсионалии психикиӣ ва муаммоҳои руҳиву саломатиро низ ба назар гирифтааст. Псиҳологон К.М.Гуревич, В.А Крутецкиӣ, Э.И.Рогов ва дигарон тестҳои аз яг дигар аз ҷиҳати принсип фарқкунанда тайёр намудаанд. Онҳо барои нишондоди тафаккур (индикатор) алалхусус барои муайян намудани дастовардҳои рӯҳи яъне муваффақиятҳо ҳаракат кардаанд. Дар замони ҳозира ба қатори тестҳои намунавии псиҳологӣ тестҳо Рошарҳ, Розентсвейг, Кеттел, Вартегг, Ваклер, Мейли, Айзенг, Агастоди, Равен ва дигаронро мисол овардан мумкин аст.

Ба қатори тестҳое, ки бо муваффақият соҳиб гаштааст ва бисёр паҳн шудааст: тестҳои интеллект (психоанализ), лоиҳаи шахс (проективи) ва ғайраҳо дохил мешавад. Мисол: «Калимаи нодурустро гиред» ва ёки ёбед.

А) Энисей, Днепр, Сирдарё, Амур. (*Ҷавоб Днепр*).

Б) Петрозаводск, Ижевск, Сивтивкар, Абакан.(*ҷавоб Абакан*).

В) Футбол, Валебол, баскетбол, хоккей, полои об, (*ҷавоб баскетбол*). албатта барои мисол.

Дар тестҳо барои пурқувват намудани хотира ва мустаҳкамии он фикрҳои зеринро дидан мумкин: ҷавоби дурустро ёбед, ҷавоби нодурустро ёбед, дурустҳоро ёбед ва ғайраҳо. Қисми асосии тестҳо барои санҷиши

дониши хонандагон истифода шуда, барои дуруст муайян намудани маводҳои хонишӣ хизмат мекунад.

Ба ҳама саволҳо 3-4 то ҷавоб мешавад, танҳо якто дуруст қатори он ёфта мешавад. Ба ҷавобҳои муайяншуда баҳо гузоштан ва ё нагузоштан ҳам мумкин аст.

Бо ёрии тест, қобилияти корӣ, лаёқатнокӣ, касб ва соҳаҳои онро фаҳмидан мумкин аст. Ҷиҳатҳои ба худ хоси тест аз он иборат аст, ки дараҷаҳои эксперементали, фактҳои психологиву ҳуқуқӣ муайян мешавад, тест аввало аз эксперемент гузаронида шуда, то чӣ андоза тартиб дода шудан, фактҳои тахминӣ ва тасодифии он низ аниқ мегардад.

Методи биографӣ (тарҷумаи ҳол). Барои дигаргуниҳои баъзе ҳолатҳои психикӣ истифода бурда мешавад. Ёддоштҳо, рӯзномаҳо, суратҳои асари бадеӣ, баҳоҳо, навиштаҳо магнитафон,лавҳаҳоирасмдор, кинофилмҳои ҳуҷҷатдор, тақризҳо барои омӯхтани тасаввури шахс хизмат мекунад.

Методи сотсиометрия: ин метод бевосита барои муайяни муносибатҳои эмотсионалии аъзоёни гурӯҳ ҳизмат мекунад. Ба он сотсиологи амрикоӣ Дҷон Морено асос гузоштааст. Бо воситаи методи мазкур шахси маълум аъзоҳои ягон гурӯҳ, фаолияти он ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ низ баён карда мешавад. Одатан ба саволҳои зерин ҷавоб додан талаб карда мешавад. «Ту ба саёҳат ҳамроҳи кӣ рафтан меҳоҳӣ», «Ба имтиҳон ҳамроҳи кӣ тайёри мебинӣ», «Бо кӣ ҳамсоя мешавӣ», «Дар парта ҳамроҳи кӣ нишастан меҳоҳӣ» ва ғайраҳо. Маълумотҳо албатта график, схема, матритса ва бо дигар шаклҳо оварда мешавад. Ҳар як савол вазифаи мезон (ченак)ро дар бар гирифта аз ҷараёни ҳаётӣ гирифта мешавад. Санҷанда як ҷавоби «маъқул» дидаи худро интихоб мекунад. Барои нишон додани табақаҳои гурӯҳи сотсиограмма ба чаҳор «Майдон» ҷудо карда мешавад.

Миқдори доира ва секунҷаҳо ба миқдори фамилияҳо мувофиқ меояд. Муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни гурӯҳ бо доирача ва секунҷа водор шуда дар охир инҳоро бо хатчаҳо пайванд менамоянд ва он ифодаи худро мeёбад. Санҷидашуда ки дорои бисёр муносибатҳо гаштааст вай дар маркази доира ҷо мегирад. Вай дар он ҷо зебандатарин ва хушбахт яъне «Ситораи» гурӯҳ ҳисобида мешавад. Мотивҳои ҳархела, эҳтиёҷ, шавқмандӣ, ҳаракат, кӯшиш ва ғайраҳо муайян карда мешавад.

Мувофиқи қоида он аломатҳо якҷоя карда мешавад. Ҳамин тавр, шахсони гурӯҳ, хусусиятҳои иҷтимоии онҳо, рӯҳӣ психологӣ, зиддият, мондашавӣ ҳисси, ҳамҷиҳатии, гурӯҳӣ, нуқтаи назарии аниқ, гурӯҳбозӣ, мулоқоти байни ҷинсҳои гуногун ва дигарҳо бо воситаи ҳамин роҳ кушода

мешавад. Дар айни ҳол усули сотсиометрия дар ҳаёти иҷтимоӣ, барои фаҳмидани фикри ҷомеа васеъ истифода шуда истодааст.

## МАВЗӮЪИ 2. ТАВСИФИ ПСИХОЛОГИИ ШУУР

Организми одам ҳам монанди дигар организмҳои зинда бо муҳити атроф ҳамеша дар алоқа мебошад. Муносибати организми одам ва олами беруна бо ёрии системаи асаб ба амал меояд. Майна, ки қисми асосии организм аст, ҳамаи ҳаракатҳои одамро назорат мекунад.

Омӯзиши сохти майна ва функсияҳои он ба таърихи куҳан соҳиб аст. Дар натиҷаи омӯзишҳои сохти системаи асаб ва тадқиқи вазифаҳои он муваффақиятҳои маълум ба даст оварда шуд.

Дар санади инъикосӣ И.М.Сеченов буғумро ба се қисм ҷудо мекунад:
1. Таъсири "тӯб", ки дар буғуми аввал эҳсос мешавад, ба такони асаб мубаддал мешавад.
2. Дар асоси равандҳои ҳаяҷон ва истодан, коркарди ахбор ва қабули қарорҳо сурат мегирад.
3. Интиқоли фармон ба узвҳо (мушакҳо ва ғадудҳо ва ғ.).

И.П.Павлов (1849-1936) идеяи И.Сеченовро дар бораи омӯзиши фаъолияти рефлектории мағзи сар инкишоф дод, ба мафҳуми рефлекс маънои нав ворид кард ва барои ташаккули рефлексҳои шартӣ замина фароҳам овард. Ду намуди рефлексҳо мавҷуданд: рефлексҳои шартӣ ва бешартӣ.

Ҳоло аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани сохт, вазифа, тамоилҳои коркунии системаи асаб, инчунин ба тафсил равшан кардани асосҳои физилогии фаъолияти психикии одам ҳам аҳамияти муҳим дорад.

Дар кор карда баромадани асосҳои физиологии дар асоси хусусиятҳои психологии шахс хобида дар фанни психология психологҳои машҳури Россия М.М.Сеченов, И.П.Павлов, В.М.Бехтерев, П.К.Анохинҳо хизмати калон кардаанд. Инҳо таълимоти ба қонуниятҳои асосии фаъолияти асаби олӣ дахлдорро кашф кардаанд. Мувофиқи ин таълимот дар майнаи одам ба як маром чиз ва ҳодисаҳои муҳими беруна таъсир карда меистад. Дар натиҷа, ҷараёнҳои асосии фаъолияти асаби олӣ – бедоршавӣ (барангехтан) ва бозистодан ба вуҷуд меояд. Маънои он ин аст, ки барангехтан марказҳои асаби майнаро ба кор меандозад, онҳоро фаъол ба ҳаракат медарорад. Пас аз гузаштани фурсати маълум ҷойи ин ҷараён бо бозистодан иваз ва фаъолияти марказҳои асаб суст мешавад, як муддати маълум кор намекунад ва дар натиҷа, энергияи сарфшуда азнав барқарор мегардад.

Дар одам роҳи тараққиёти хоси системаи асаб мавҷуд аст. Системаи асаб ҳамаи функсияҳои организми одамро ба тартиб меандозад.

Он ивазшавии моддоҳоро таъмин, дил, мушакҳо ва рангҳои хунро идора ва барои ба шароитҳои гуногун мосшавии организм ҳизмат мекунад.

Умуман, системаи асаби одам фаъолияти мувофиқи ҳамаи аъзоҳои организмро барои ба амал баровардан нақши муҳим мебозад. Аз ин сабаб системаи асаб, ки асоси моддии ҳаёти психикии одам мебошад ва қисми асосии он – сохти майнаи сар ва тамоилҳои коркунии онро мукаммал надониста, моҳияти ҳақиқии ҳодисаҳои психологии онро фаҳмида намешавад. Моҳияти ҳолатҳои психологии одамро бе назорати системаи асаб тасаввур кардан мумкин нест. Барои ҳамин нақши системаи асабро дар фаъолияти функсияҳои психикӣ таҳлил мекунем. Онро аз ҷиҳати анатомӣ ва физиологӣ тадқиқ карданро муаллифи ин тадқиқот ба зиммаи худ намегирад. Чунки мақсади мо аз ҷиҳати психологӣ кушода додани системаи асаб ва майнаи сари одам иборат аст.

Асоси ҳаёти психикии одам майнаи сар буда, ҷои якшавии системаи асаби майнаи сар марказ мебошад. Системаи асаб таъсири байни муҳити беруна ва организм, фаъолияти бофтаҳоро ба тартиб меандозад.

Системаи асаб аз ҳуҷайраҳо иборат аст. Ин ҳуҷайраҳо ба воситаи сабзаҳои дароз ва калон ба ҳамаи қисмҳои организм паҳн мешавад. ҳуҷайраҳои системаи асаб ва пардаҳои сафед якҷоя нейрон номида мешавад.

Нейрон аз рӯи хусусияти физиологӣ ва сохти анатомӣ системаи асаб ҳисоб мешавад.

Сабзида (ӯсимта)-и то нӯги асаб рафтаро нейрит меноманд. Наххои асаб – элементи система мебошад.

Дар байни нейронҳое, ки системаи асабро ташкил мекунад, аз ҷиҳати анатомӣ вобастагие надорад. Якшавии онҳо иборат аз расидани нейрити як нейрон ба ҳуҷайраи нейронҳои дигар аст:

Дар майнаи одами нормал 16 миллиард нейронҳо ҳаст. Ин нейронҳо аз рӯи фаъолият ба ду қисм ҷудо мешавад:

**1.** Ресепторҳо

**2.** Эффекторҳо

Ресепторҳо таассуроти берунаро қабул карда ба майна мерасонад. Барои ҳамин ресепторҳоро маркази асаби ҳиссӣ ҳам меноманд. Эффекторҳо бошад ба натиҷаи таъсири беруна ба органҳои дарунӣ фармон медиҳад ва онҳоро ба ҳаракат меорад. Барои ҳамин онҳоро маркази ҳаракатҳои асаб меноманд.

Дар асри XVII ба илм ворид кардани мафҳуми рефлекс аз ҷониби Р.Декарт ҳамчун яке аз назарияҳои муҳим дар бораи кашфи асосҳои таъсири организм ва муҳити атроф нақш мебозад.

Рефлекс ин реаксияи ҷавобе мебошад, ки тавассути системаи марказии асаб организм ба таъсири беруна ва дохилӣ тавассути системаи марказии асаб мебошад. Таҳияи ин консепсия, ки онро И.М.Сеченов амалӣ кардааст (1829-1905) ва он, ки ин механизм ба ҳама равандҳои рӯҳӣ татбиқ мешавад, боиси он мегардад, ки принсипи детерминизм дар психологияи илмӣ собит аст.

Ресепторҳо ва эффекторҳо дар якҷояги системаи сигнали якум мебошад.

Системаи сигнали якум дар одам акси аз дунёи беруна гирифтаи аъзоҳои ҳис буда, одам воқеиятро аввало ба воситаи системаи сигнал идрок мекунад.

Ҳодисаҳои муҳити беруна ба аъзоҳои ҳис таъсир карда, дар шуур акс ёфтанаш сигнали якуми система мебошад. Системаи сигнали якум ба ҳис, идрок ва тасаввури одам вобаста аст. Таъсири ҳодиса ва воқеаҳои беруна ба воситаҳои сухан ба шуур системаи сигнали дуюмро ташкил мекунад. Ин сифат ба одам хос буда, ба дигар ҷонзодҳо нест. Одам таассуротҳои берунаро ба воситаи калимаҳо акс мекунад ва дониста мегирад, аз худ мекунад.

Бо ёрии сигнали дуюм одам фикр мекунад, ба хотир меорад, хаёл мекунад ва аз ҳама муҳимаш гап мезанад. Гап – сигнали сигналҳо аст. (И.П.Павлов) системаи сигнали дуюм фақат ба одамон мавҷуд аст.

**Системаи асаби одам аз 3 қисм иборат:**

1. Системаи асаби марказӣ
2. Системаи асаби перифирия
3. Системаи асаби вегетативӣ.

Системаи асаби марказӣ аз майнаи сар ва майнаи пушт иборат аст. Майнаи пушт дар зинаи сутунмӯҳра ҷойгир буда, аз бофтаи асаб иборат аст. Он тахминан 45 см дарозӣ дорад. Майнаи пушт аз мушакҳо иборат буда, 31 то аст. Аз ҳар як қисм ба қисми худаш хоси тешукҳои сутунмӯҳра решаҳои асаби майна мебарояд.

Майнаи пушт, даст, пой, чашм ва танаро идора мекунад, ҳаракатҳои раг ва ҳолатҳои арақрезиро идора мекунад.

Дарозии майнаи пушт дар лаҳзаҳои аввали эмбрион ба дарозии зинаи ҳароммағз баробар мебошад. Оҳиста-оҳиста майнаи пушт дар сабзиш аз сутунмӯҳра оқиб мемонад. Аз ин сабаб, решаи асабҳои миён, думғоза ва дум дар канали зинаи сутунмӯҳра то масофаи муайян дароз мешавад.

Аз ҷиҳати психологӣ дар шароити ҳозира барои дароз кардани умри одам шартҳои зерин мавҷуд аст:

- машғул шудан бо меҳнати ҷисмонӣ, фоиданок ва иҷтимоӣ;
- меҳнати ақлӣ ва ҷисмониро якҷоя бурдан;
- истироҳати фаъол;
- оқилона хӯрок хӯрдан;
- начокидан, нанӯшидан;
- гузаронидани ҳаёти ширини оилавӣ;
- фарзандҳоро бо меҳр тарбия кардан;.
- дар ҳаёт доимо хушчақчақ будан;
- ҳолатҳои нохушро босабр паси сар кардан;
- дар ҳаяҷон нашудан.
- ҳолатҳои нохуши саргузаштиро чун ҳолати табиӣ қабул кардан:

Агар кас ба ин шартҳо амал намуда, ҳаёташро оқилона гузаронад, ба ҷараёни вазнгирии пас аз 60 солагӣ роҳ надиҳад ҷараёни пиршавиро суст мегардонад.

Барои фаъолии майна, зиёд кардани қобилияти коркунии он аҳамияти истироҳати саривақтӣ муҳим аст. Одам танаи худро доимо тоза дорад, ҳар вақт масҳ (массаш) гирад, фарзандонаш, наберагонашро навозиш кунад, бози доронад, ба тамошоҳои кино, театр, музей рафта истод, дар ҳар замон бо дӯстони дерина вохӯриҳо ташкил намояд, инчунин хондани китоб, журнал ва рӯзномаро фаромӯш насозад, оҳанги форам ва суруд гӯш намояд, доимо дар ҳавои тоза истироҳат намояд, мунтазам бо тарбияи ҷисмонӣ шуғл варзад, касбашро дӯст дорад, роҳат борад, худашро дар давраи дӯстон ҳушчақчақ дорад, табассум ҳамроҳаш бошад. Майнааш дам мегирад, имкони мондашави пайдо намешавад.

Майнаи сар аз якчанд қисм иборат буда, ҳар як қисми он функсияи ба худ хосро иҷро мекунад.

Масалан:

- майнаи миёна;
- майнаи мобайн;
- майнаи пеш;
- майнаи пушт;
- майнаи хурд;
- майнаи калон ва нимшари он.

Ҳар як қисм вазифаи худро дорад. Нафас гирифтан, коркунии дил, даврзании хун, хондан, фурӯ бурдан, чудо кардан, ҳаракатҳои гуногуни организмро майна идора мекунад. Фаъолияти таҳлили мураккаб набуда (навиштан, кашидан)ро майнаи хурд идора мекунад. Ҷавоби организм нисбат

ба равшанӣ, овоз, вазниниро майнаи миёна, ҳисси умумии организмро майнаи мобайн идора мекунад.

Майнаи дароз аз кӯприк варолӣ ва майнача иборат аст. Майнаи дароз ва кӯприки варолии давоми майнаи пушт ҳисоб мешавад. Майнаи дароз ба ҷараёнии физиологии мураккаб ба монанди макидан, хоидан, фурӯ бурдан, луҳоб ҷудо кардан, қайд кардан иштирок мекунад. Марказҳои нафас гирифтан, кори дилро идора кардан, нигоҳ доштани тонуси рагҳои хун ҳам вазифаи майнаи дароз мебошад.

Майнача ба ҳамаи қисмҳои пасти системаи асаби маркази маҳкам вобаста аст. Майнача дар таъмини яклухти ҳаракати организм нақши муҳим мебозад.

Ҳискунии умумии гавдаро майнаи мобайн таъмин мекунад. Майнаи миёна кори маркази вегетативиро мувофиқ мекунад, вазифаашро иҷро мекунад. Барои ҳамин майнаи мобайнӣ, майнаи миёна, **кӯприки варолӣ** ва майнаи дарозак якҷоя номи **стволи майнар**о дорад.

Қисми асосиро (қариб 80%) майнаи калон ва нимшарҳои он ташкил мекунад. Шарҳои чап ва рости майнаи калон ба воситаи моддаи дарбеҳ ба якдигар пайваст шудааст.

Ҳар яки нимшарҳои майнаи сар ба чор палла – қисми пешона, қисми тепа, қисми ҷоғ ва чакка ҷудо мешавад.

Ғафсии майнаи сар аз як миллиметр то 5 миллиметр буда, рӯяш ба ҳисоби миёна ба 2000 квадрат сантиметр баробар аст. Дар пӯсти майнаи сар 52 то майдон буда, ин майдонҳо ба 11 соҳа ҷудо мешавад.

Таълимотро дар бораи қисмҳои майнаи сар ва функсияҳои он академик И.П.Павлов офаридааст. И.П.Павлов таҷриба кард, ки дар соҳаи функсияи қисмҳои майнаи сари одам ва ҳайвонҳо фарқи калон мавҷуд аст. Дар баъзе ҳайвонҳо майнаи пешро гирифта партоянд ҳам ҳаёт давом мекунад. Масалан: Майнаи пеши сагро гирифта партофтанд, аммо ӯ ҳаёти худро давом додааст. Ӯ чун одати худ менишаст, ҳаракатҳои хоси худро иҷро мекард.

Кабӯтаре, ки майнаи пешашро гирифтанд, хӯрок мехӯрд, такон диҳанд, мегашт, ва қисман парида метавонист. Баъди ҳамин таҷрибаро бо маймунҳо гузарондан хулосаҳои тамоман дигар аниқ карда шуд. Дар маймуни майнаи пешаш гирифташуда функсияҳои психикӣ ва ҳаракатҳо тамоман вайрон шудааст.

Ҳамин таҷриба ба одамон гузаронда шуд. Духтарчае, ки майнаи пешаш гирифта шудааст, фақат хоб рафтааст, ба хости худ ҳаракат накарда, чизҳои оддиро ҳам ёд нагирифтааст, пас аз се солу нӯҳ моҳ вафот мекунад.

Хулосаи таҷрибаҳои бисёр ҳаминро тасдиқ мекунад, ки агар қисмҳои майнаи сар пурра набошад, дар ин вақт ҳолати нормали тана, ҳаракат вайрон

мешавад, функсияҳои психикӣ дигаргун мегардад ва ниҳоят ҳаёт давом намекунад.

Ҳаминро таъкид кардан лозим аст, ки мувофиқи муваффақиятҳои ба даст овардаи фанни психология нимкураҳои чап ва рости майнаи одам вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Нимкураҳои чап ва рости инсон аз ҳамдигар чунон фарқ мекунад, ки ҳатто дараҷаи ҳис гуногун мешавад.

Дар натиҷаи тафтиш ва омӯхтан аниқ гардид, ки нимкураи чап-асоси, рост тобеъ, дуюм дараҷа мебошад.

Таҷриба ҳаминро нишон медиҳад, ки ба фаъолияти нимкураи рост барҳам дода шавад, ҳисси тарафи чап зиёд мешавад, кайфият дигар мешавад, ҳолатҳои ҳушчақчақи, дилкаши, сухандонӣ, ба оянда бо умед нигоҳ кардан ба вуҷуд меояд. Фаъолияти нимкураи чап нигоҳ дошта шавад, ҳисси нимкураи рост зиёд мешавад. Аммо кайфият бад мешавад, ноумедӣ, ҳолатҳои ҳазар кардан пайдо мешавад.

Ҳамин тавр, агар нимкураи чап барои хурсандӣ, шодмонӣ хизмат намояд, нимкураи рост дар одам кайфиятҳои нохушро ба вуҷуд меорад. Функсияҳои гуногуни нимкураи чап ва рост дар бобати ҳолатҳои ҳиссӣ ҳам гуногун аст. Аз таҷриба маълум, ки нимкураи чап дар ҳолати бо тафаккури мавҳум вобаста ҳиссиётҳои иҷобиро, нимкураи рост вобаста бо тафаккури образнок барои ба вуҷуд овардани ҳиссиётҳои салбӣ хизмат мекунад.

Хизмати системаи асаби перифария барои организм аз он иборат, ки асабҳои он қисмҳои организмро бо майнаи қафо ва майнаи сар пайваст мекунад, организмро бо майнаи пушт ва ҷисмҳои дарунии майнаи сар пайваст мекунад. Аз майнаи пушт 31 ҷуфт, майнаи сар 12 ҷуфт нахи асаб мебарояд ва ба тамоми организм паҳн мешавад.

Наххои асаби перифирия аз ҷиҳати хизматрасонӣ ба ду қисм ҷудо мешавад:

**1.** Асабҳои ҳискунанда – ин асабҳо ба фаъолияти дидан, шунидан ва бӯйро донистани организм хизмат мекунад.

**2.** Асабҳои ҳаракаткунанда – ин асабҳо мускулҳои организмро ба ҳаракат медарорад.

Системаи асаби вегетативи мускулҳои силлиқ, безҳо, дил ва рагҳоро бо нахҳои асаб таъмин мекунад, кори нормали ба тартиби фаъолияти рагҳо ва органҳои дохилиро, суюқи ҷудо кардани безҳо ва кори дилро идора мекунад.

Ҳамин тавр, системаи асаб дар организм равияи асосии идоракунандаи ҷараёнҳои ҳаётӣ шуда хизмат мекунад. Дар айни вақт системаи асаб равияи яклухт буда, қисми ҷудошавандаи организм ҳисоб мешавад.

Дар ҷараёни физиологии организм роли безҳои секресия калон аст. Безҳои секресия ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо мешавад. Барои аз организм

баромадани суюқии коркардаи безҳои беруна дар тана роҳҳои махсус мавҷуд аст. Дар натиҷаи фаъолияти безҳо аз даҳон-туф, аз чашм-ашк, аз бадан-арақ мебарояд.

Моддаи суюқӣ кор кардани безҳои дохилӣ гармонҳо номида шуда, онҳо аз организм ба берун баромада намераванд, балки ба хун омехта шуда, барои таъмини саломатии умумии организм хизмат мекунад.

Безҳои дохилӣ аз инҳо иборат:

**1. Бези гипофизӣ.** Гипофизм одам аз паллаи пушт ва пеш иборат буда, дар ин паллаҳо қисми мобайни ҳаст. Гипофиз якчанд намуд гармоя ҷудо мекунад. Бези гипифизи хокистарранг буда, вазнаш 0,5 грамм аст.

Гармонҳои ин без ба сабзиш ва фарбеҳшавии организм хизмат мекунад. Бези гипофизи дар қисми пасти майнаи сар ҷойгир шудааст. Гармонҳои бези гипофизи ба гардиши хун таъсири иҷобӣ дорад. Агар ин без нодуруст кор кунад, организм аз сабзидан мемонад ва онро равған зер мекунад, моддаи фосфоре, ки барои устухон зарур аст, норасида мемонад, (дар лилипутҳо фаъолияти бези гипофизм вайрон аст). Умуман, функсияҳои бези гипофизи гуногун буда, аҳамияти он дар бораи фаъолияти организм калон аст.

**2. Бези эпифия.** Ин без дар майнаи миёна ҷой гирифтааст. Моеъҳои кор карда баромадаи ӯ ба фаъолияти безҳои ҷинсӣ хизмат мекунад. Фаъолияти бези эпифия вайрон шавад, организм бевақт ба балоғат мерасад.

**3. Безҳои гули (ғурри).** Ин без барои тараққиёти умумии организм хизмат мекунад. Ин без нодуруст кор кунад, ҳаракат суст мешавад, аломатҳои ҳаяҷон кардан ба вуҷуд меояд, одам ба ҳолати бедорхоби дучор ва қобилияти меҳнат кардан кам ва аз ҳама муҳимаш организм аз қобилияти падарӣ ва модарӣ маҳрум мешавад.

**4. Безҳои ҷинсӣ**. Ин безҳо барои хоси ҳар ҷинс гармонҳои ҷинсии махсус кор карда мебарорад. Дар мардҳо ривоҷёбии пурзӯри мускулҳо, фарқи тембри овозҳои хоси зан ва мардро натиҷаи фаъолияти безҳои ҷинсӣ мебошад. Гармонҳои ҷинсӣ ба моилии ҷинси дигар сабаб мешавад, ҳам дар организми одам барои ивазшавии моддаҳои умумӣ таъсири пурзӯр мерасонад.

Умуман, безҳои ҷинсӣ ва организм ранги форам, зебо медиҳад ва барои зиёд шудани насл хизмат мекунад.

Дар байни ташаккул ёфтани психикаи инсон ва ҳайвон воқеияти иҷтимоии бузурги фарққунанда ҳукм меронад. Ҳайвон бо аъзоҳои тӯдаи худ бараъло вобаста буда, бевосита оиди ба вазъияту ҳодисаҳои фавқулодии маҳдудӣ бо “забони худ” хабар расониданаш ҳодисаи оддӣ аст. Инсон аз он тафриқан ба воситаи қобилияти нутқ оиди гузашта (хотирот), ҳозира, оянда маълумот

(ахбор) медиҳад, бо вуҷуди ин соҳиби имконияти гузаронидани рӯзгори иҷтимоӣ аст.

Тараққиёти иҷтимоиву таърихии инсониятро ба туфайли забон инъикос намудан аз нав сохта шуд. Дар натиҷа, дар майнаи инсон тимсолҳои муҳиту атроф аниқу равшантар акси худро ёфтанро сар кард. Дар натиҷа, таҷрибаи аз дунёи одамият баҳрамандгардии шахси якка афзуд, ҳамин тавр ҳодисаҳое, ки дар ҳастӣ буд барои вай номаълум ҳисоб мешуд ва ӯ ин номаълумие, ки дар олами ҳастӣ рух медод аз қабили ҳодисаҳо, ҳолатҳо, воқеаҳо ба қонунияти инҳо соҳиб шуда мерафт. Инчунин, ҳис – меҳр, гузориши дохилӣ, таассуротҳо, завқ бурдан аз рӯи тимсолҳои ба ҳаяҷон оваранда ва имкониятҳои баҳрагирӣ ба вуҷуд омад, ин ҳама худ аз худ муаммоҳои баҳодиҳии таъсири салбиву иҷобиро оварда баровард.

Ҳайвонҳо ба воситаи се намуди зерини фаъолияти инъикоскунӣ ба муҳити иҳотакарда мутобиқ мешаванд: инстинктҳо, ки дар асоси рефлексҳои ғайришартӣ шакл мегиранд; малакаҳои дар давоми ҳаёт ҳосилкарда; шаклҳои оддитарини рафтори ақлона (ақлӣ – содда-мутарҷим).

Фарқи байни воситаи ахбор гузаронидани ҳайвон ва инсон дар тафаккур ҳам акси худро меёбад. Чунки ҳар гуна функсияҳои психикӣ аз дигар намуд, шакл дар сатҳи функсияҳои мазмунӣ намоён мешавад ва шарту шароитҳои муайяне ба вуҷуд меояду ривоҷ меёбад.

Дар баъзе ҳайвонҳо тафаккури амалӣ (содда) мавҷуд буда, барои ба нишон гирифтан равона карда шудааст. Лекин ягоне аз онҳо тафаккурро ба тарзи мафҳум дар амал татбиқ карда наметавонистааст. Пас ҳамин тавр бошад, доираи идрок намудани ҳайвонҳо имконияти намоён шуданро надорад. Бинобар ин, ӯ аз маълумӣ ба мафҳуми гузашта наметавонад. Ҳатто имкони акснамудани ин гуна вазъият ҳам нест.

Инстинктҳои ҳайвонот. Инстинктҳо амалҳои мураккаби модарзодии ҳайвонҳо мебошанд, ки бо ёрии онҳо ҳайвон талаботи худро қаноат мекунонад.

Калимаи “инстинкт” лотинӣ буда, маънояш “майл” (“бедоршавӣ”, “хоҳиш”) аст.

Шакли инстинктивии рафтор модарзодӣ буда, ба ҳайвон ҳанӯз ҳангоми зоида шуданаш ба намуди тайёр “дода шудааст”. Инстинктҳо дар рафти интихоби табиӣ таркиб меёбанд ва хосиятҳое мебошанд, ки онҳоро намуди ҳайвонҳо дар давоми ҳаёти якчанд насл дар зери таъсири шароитҳои берунӣ ҷамъ ва мустаҳкам кардаанд. Ба шароити муқаррарии ҳаёти намуди ҳайвонҳо ба хубӣ ҷавоб додани амалҳои инстинктивӣ маҳз бо ҳамин фаҳмонида мешавад.

Ҳайвон муайянӣ, ғуломи идроки бевосита бошад, инсон баръакс гултоҷи фикрронии мафҳум аст. Тафовути байни инсону ҳайвон дар зеринҳо муҷассам мешавад:

А) Хулқу атвори шахс метавонад аз фаъолияти муайянӣ ба мафҳумӣ гузарад.

Б) Лаёқати эҳтимолии пешҳискунӣ ба туфайли ба вуҷуд омадани вазъияти фавқулодӣ мавҷуд.

В) Душвориҳо рух диҳад, барои забти он воситаҳои ёрирасонро пеш гирифтан, бо ворид намудани тағйирот ҷудо шуда меистад.

Барои ҳамин ҳам автомобил аз кор бароящ инсон ӯро таъмир менамояд, борон борад худро ба панаҳӣ мегирад, кори айб кунад роҳу равиши ҳимоякуниро меҷӯяд, ҳалли муамморо меҷӯяд ва ғайра. Шахс табдил намеёбад ба ғулом вазъияти фавқулодӣ баръакс ӯ қодир аст, ба дидану донистани оянда, ақлу фаросот дошта бошад, имконияти башораткуниро месозад. Маҳсули фаъолиятро пешакӣ пай бурда, оқибат ба пешрафти феъл-атвор мерасанд ва ба хониши дарккунӣ соҳиб шуда, бо он инсон устуворӣ мекунад.

Фарқи дуввумини инсон аз ҳайвон сохтани ускунаҳои меҳнатӣ ва лаёқати маҳфуз дории он мебошад, ки ӯ нақшаи пешакӣ тартиб дода, онро барои итиҳодаи мақсади муайян равона мекунад. Инчунин, аз он одамон бо ҳамкорӣ истифода мебаранд, дар фаъолияти ҳамкорӣ аслиҳаву силоҳҳо месозанд, байни худ таҷриба иваз мекунанд, ба туфайли он савияи умумии ворисият воло мешавад.

Фарқияти психологии инсон аз ҳайвон дар он аст, ки он таҷирабаи иҷтимоиро ба дигарон ба таври пайдарпай акс менамояд. Ҳодисаи азбаркунӣ ба таври ҳатту ҳаракати таҷрибаҳои инстинктивӣ ба инсон ва ҳам ба ҳайвон одати хос аст. Лекин назар ба таҷрибаи шахсӣ таҷрибаи иҷтимоӣ устувор аст, ки он манбаи асосӣ ҳисоб мешавад.

Дар натиҷаи муносибати иҷтимоии шахс, шаклгирии таҷрибаи иҷтимоӣ, маданӣ ва маънавӣ функсияи инсонии воло (хотираи ихтиёрӣ, диққати ихтиёрӣ, тафаккури мафҳум) ба вуҷуд ва ривоҷ мёебад. Аз ҷиҳати субъекти дунёи шахсӣ дохил намудани баъзе дигаргуниҳо ба камолоти он аз ҷиҳати сифат зинаи баландро ба рӯ меорад. Функсияҳои воло такамули фаъолияти нутқӣ ба эҳтиёҷи ҳаётӣ мубаддал гаштани меҳнат, пайдоиши мулоҳизаҳо доир ба ҳаёти оянда, ба ривоҷи шуури инсон имконияти муҳимро меорад. Аз ин боис тавассути байни инсон ва ҳайвон бо касб намудани ворисияти таҷриба ба интиҳо мерасад. Бо сабаби ба зарурати рӯзмарравӣ гардидани фаъолияти ҷисмониву ақлӣ шуур бавосита назорати функсиявиро оғоз

менамояд, ҳамин тавр, ҷамъият, ҷомеа ва табиатро ба доираи тасаввур фаҳмидан, дарк кардан ба миён меояд.

Идроку меҳри инсонӣ ба сифати инъикоскунонӣ дар воқеияти ҳастӣ ривоҷ меёбад. Байни инсон ва олами ҳайвонот боз як тафовут – идроку меҳр мавҷуд аст, ки ба воситаи онҳо намоён мешавад. Лекин, нисбат ба дигаргуншавии атрофу муҳит дар ҳарду бофарқӣ ҳукм намеронад, вале таъсирҳои беруна ҷунбиши ҷинсии салбӣ ёки иҷобиро ба вуҷуд меорад. Ҳолати эмотсионалӣ дар ҳайвонҳо роли муҳимро мебозад. Муносибати худро ба онҳо изҳор мекунад. Вақте, тафриқан аз ҳайвонҳо одам бо идроку меҳри худ (ахлоқ, ақл, нафосат, лаззатгирӣ) ба ҷамъияту табиат нисбатан муносибати худро изҳор мекунад, аз ҷумла – завқ, ғам-ғусса, меҳр, муҳаббат, ҳамдардӣ, фахркунӣ, ифтихор, ба тақсимгари хулқу атвор мубаддал мегардад.

Виҷдон, шарм, масъулият бошад, ба тариқи қадрият ҳизмат мекунад. Идора намудани идроку меҳр, назорат намудани бошууронаро тақозо мекунад, ба расидани мақсади назардошт ёрӣ мерасонад.

Агар тараққиёти психикӣ бо таъсири қонунҳои эволютсионӣ – биологӣ рух дода бошад, ривоҷёбии шуури инсон ба туфайли тараққиёти иҷтимоӣ - таърихӣ амалӣ мегардад. Боз як тафовути шароити онҳо ва муҳиту муносибат ба воситаи таъсир, акс меёбад. Дар шахсҳо ба муносибат надаромада истода, идроку меҳри воло ташаккул намеёбад, функсияҳои волои психикӣ ривоҷ намеёбад, шахсяти инсон камол намеёбад. Одам фазилатҳои инсониро фақат дар муҳити иҷтимоӣ ҳангоми муносибат соҳиб шуда, бо ёрии забон, ақл, шуур, камол меёбаду халос. Ба ин нигоҳ накарда, оиди пайдоиши шарту шароити биологии он мулоҳиза рондан мумкин аст. Чунки дар гурӯҳи ҷамъияти ибтидоӣ муносибати иҷтимоӣ аз шарту шароити биологии он иборат буд. Ғайр аз ҷиҳати шартшудаи биологии шахс омилҳои иҷтимоии он ҳам мавҷуд буда, он ба маънии муайян маҳсули муносибатҳои иҷтимоӣ аст. Ба ин қиёфаи фарзандони инсон, ки дар «муҳити берунаи (беша) иҷтимоӣ ташаккул» меёбад, мисол шуда метавонад.

Ба туфайли дигаргуншавии муҳит инсон барои эҳтиёҷоти моддии худ фаъолияти меҳнатро кашф намуд ва он ба ривоҷёбии муносибатҳои иҷтимоӣ хубнамоии шароити зист, ба такмилёбии шуур, фикривазкунӣ ба пайдо намудани ахбор оварда расонид. Шуури одам дар фаъолияти меҳнатӣ акс намудани хусусият объективии фаъолият ба мақсад мувофиқ кардани он ба туфайли дигаргунии муҳиту атроф, қудрати таъсиррасони ба он қобилияту лаёқат ба вуҷуд омаданро оғоз намуд. Ӯ аз баҳри муваққатан кор фармудани ускуна баромада, ба авлод баргузаштан, мазмуни шахсӣ ба манбаи

қонеъгардонии эҳтиёҷи ҷомеа мубаддал гашт. Мақсади дигаргунсозии он функсияи худро дигар намуд.

Такмили фаъолияти меҳнат дар ҷамъияти шахс шакли нави муносибатҳои байни шахсҳоро ба вуҷуд овард, шуур, ки омили амалӣ гардонидани тамоми мақсадҳои муовофиқи онҳо аст, ба суръати баланд ривоҷ ёфт. Фаъолият фақат тақсимкунандаи шуур, хулқ-атвор, муомила, идроку меҳр набуда балки нақши манбаи асосии омалкунандаи хусусияти психологиву иҷтимоии шахсро бараъло иҷро мекунад.

Ҳамин тавр, шуури инсон баробари маҳсули тараққиёти иҷтимоиву таърихӣ буданаш он дар фаъолияти меҳнат, азбаркунии таҷрибаи иҷтимоӣ, ҳамкорӣ бо табиат, муносибат бо ҷамъият ба вуҷуд омад. Маҳсули он ба сифати шакли индивидуалӣ, гурӯҳи, этник (миллӣ) намоён шудааст, шуури иҷтимоӣ ва тамоми онҳо ба туфайли тараққиёти нави худ ба зинаи боло баромад ва ҳам дар минбаъда заминаи пухтаи офариниши илму техникаро ҳозир намуд.

**Хосияти якуми шуур –** фаҳмиш мебошад. Шуури инсон маҷмӯи донишҳоест дар бораи муҳити атроф. Фаҳмиш – фаҳмиши чизҳои беруна мебошад, ки ҷараёнҳои муҳими маърифатиродар бар мегирад.

**Аз рӯи хосияти дуввуми шуур,** дар шуурфарқияти байни ашё ва мавзӯъ мушоҳида мешавад, яъне шахс мафҳуми “ман”-ро аз мафҳуми “ман нестам” фарқ мекунад. Инсон ягона мавҷудотест, ки қобилияти шинохтани худро, яъне худро дар фаъолияти зеҳнӣ тафтиш мекунад.

**Мувофиқи хосияти сеюми шуур** бо ёрии шуур фаъолияти мақсадноки инсон таъмин карда мешавад. Эҷоди ҳадафҳои фаъолият вазифаи шуур аст. Сабабҳои чунин фаъолият ба миён меоянд ва ҳисоб карда мешаванд, қарорҳои ихтиёрӣ қабул карда мешаванд ва роҳҳои амалиёт ба назар гирифта мешавад.

**Аз рӯи хосияти чоруми шуур** эҳсосоти мухталиф аз равобити мухталиф тавлид мешаванд. Шуур маҷмӯи муносибатҳои инсонӣ мебошад.

Шарти асосии пайдоиши шуур забон мебошад. Сатҳи пастӣ равонӣ беҳушӣ аст.

## 2. МОҲИЯТИ ШУУР

Зинаи волои психика фақат ба инсон хос буда, дараҷаи волотарини он, ки шуур ҳисоб мешавад, акси худро меёбад. Шуур ифодакунандаи тарзи пурраи шакли волоӣ буда, фаъолияти ҳамкорӣ ва ягонаи инсон ба воситаи (мулоқот, нутқ, забон) ба сифати махсуси тараққиёти таърихиву иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст.

Олими Нидерландия **Spinoza** (1632-1677) шарҳ дод, ки шуур воқеиятест, ки аз материяи калонҳаҷм ҷудонопазир аст. вай ҷонибдори принсипи

детерминизм (лотинӣ demmerminara – муайян мекунам), яъне таълимот дар бораи муайян кардани падидаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла падидаҳои рӯҳӣ бо сабабҳои объективӣ мебошад.

Шуур минбаъд ба таркиби ҳиссаҳои муайян медарояд. Ҷараёни хотира образи ҳодисаи чизҳои таърихӣ буда, шуур ҳодисаи онро ба ёд меорад, агар ба акскунии чойгиркунии пайдоиши муайян мия соҳиб бошад, ҷараёни хаёл модели образҳое, ки тасодуфан чун объекти «эҳтиёҷ» ба вуҷуд меоянд нишон медиҳад. Ҷараёни тафаккур, ки ҷараёни баланди донистан аст, умуминсониро, соҳиби хусусияти иҷтимоӣ ифода меёбанд ва бар ҳамин донишҳо асоснок шуда таълим менамояд. Ҷараёнҳое, ки донистан «дар боло зикр шудан аз имконияти акскунондан ё худ вайрон намудан» ёки ба тамом қисман аз роҳ баромада шуурро ба роҳи нестӣ роҳсипор месозад.

Боз яке аз тавсифҳои технологии шуур ин дар он аст, ки тафовути баёни объект ва субъект ба таври аниқ ифода меёбанд, яъне шахс алоқадории «ман»-и худӣ ва «ман нестам»-и худро дарк мекунад. Аввалан дар олами мавҷудоти зинда шахс ки ба имконияти дигаргуншавӣ асос ёфтааст, худро бар олами реал, ки ӯро иҳота карда, макони дараҷаи баланд аз ҷиҳати сифат олами ҳайвонотро абадан тарк мекунад. Ва аз ҳамин сабаб зиддият ва тафовути шуури вай бо ҳайвонот нигоҳ дошта шудааст, то кунун омада расидааст.

Инсон, ки қисми таркибии табиат мебошад, дар олами ширхӯраҳо худро назорат карда, худро медорад ва бар имконияти идора намудани худ соҳиб мебошад. Бинобар ин вай мавҷудест, ки фаъолияти психикии худро ташкил мекунад, назди худ мақсад мегузорад ва худ худро тадқиқ мекунад. Шахс ба хулқу атвор, фаъолият, сифатҳои иродавии худро бошуурона ва оқилона баҳо дода тавониста, худро идора карда метавонад.

Ҳар як инсон барои «ман»-и худро аз «ман нестам» ҷудо намудан ҳаракат намудан аз зинаи нахустини тараққиёти ҳаёти отногенетикӣ, аз дақиқаҳои аввалини бачагӣ то ба зинаи камолоти ӯ давом ёфта, барои худро нишон дода ифода намудан, ки будани худро кашф кардан, такомул додан, ба худ фармон додан ва дар ҷараёнҳои ба худ таъсир гузарондану ба вуҷуд омадани худшиносӣ ба охир мерасад. Аммо муаммои «ман»-и худӣ то ба кашфи самтҳои дигар хусусиятҳо механизмҳо, омилҳои таъсиркунанда ва сифатҳои навини он «дар зинаҳои худшиносӣ» такомул ёфта, намоён мешаванд, ки ин ҷараён то ба дараҷаи инсони комил (бар камоли маънавӣ ва ҷисмонӣ) расидан давом мекунад. Аммо ба дараҷаи камолоти баланд соҳиб шудан бар истеъдод, салоҳият, корчаллонӣ, қобилият самаранокии фаъолияти эҷодӣ ва ақлии шахс вобаста буда, маънои онро надорад, ки тамоми инсонҳо ба куллаи тараққиёт мерасанд. Чунки аз рӯи талаботи умумбашарии ҳастӣ,

иҷтимоӣ, бо тақозои шарту шароитҳои субъективӣ ва объективӣ шахсони ягонаи таърихӣ ки бар дигаргунсозии маданият ва фанни ҷаҳон қодиранд ба вуҷуд меоянд.

Аз нуқтаи назари мо таркибҳои ғоявиву, ақлӣ, ахлоқии, ноилият ба инсони комил шудан як қатор асосҳоро чун муҳаббати илоҳӣ дӯст доштан ва садоқат ба касб, ҳаракатҳои идеалии интихоб қабул карда шудааст. Аз таъсирҳои олами беруна гузаштан озодфикр будан, аъзоҳои баданро тоза намудан шахсро ба дараҷаи олӣ яъне ба комилӣ мерасонад, аммо ин зина хусусияти нисбиро соҳиб аст.

Тавсифи сеюми психологии шуур фаъолияти назари шахс чун мақсадро ифода карда таъмин менамояд. Дар ҷараёни мазкур мотив ва хусусият гуногунии фаъолияти шахс ба вуҷуд меоянд, ки онҳо аз ҷониби инсон аз назар гузаронида шуда, дар натиҷа муборизаи байни мотивҳо намоён мешавад, ки ин пешоҳангии соҳибият ба устувориро таъмин мекунад ва дар натиҷаи маҷбурсозии иродавӣ қонуни муайян қабул карда мешавад. Моликиятҳо ва ғояҳое, ки барои амалӣ намудани мақсад халал мерасонанд бартараф карда шуда дигаргуниҳо дохил карда мешаванд, ки ин самаранокиро афзун мекунад.

Дар ҷараёни ба амал овардани мақсад ба баъзе нуқсонҳои объектвӣ ва субъективӣ роҳ додан, заифгардии функсияи шуурро нишон медиҳад. Тавсифи охирини шуур муносибатҳои эмотсионалӣ (ҳиссӣ) хоссаро, ки мансуби сохтори муайянро фаро мегирад ва акс менамояд. Бар шуури шахс ба таври муқаррари ҳиссу эҳсосотҳои гуногун (мусбӣ, манфӣ, барқарорӣ, штатикӣ, динамикӣ), ки саргузаштҳо ҳолатҳои аффект атрест ва маълумот дар бораи инҳо чун ба ахборотҳо ворид шуданро сар мекунад. Муносибати шахс бо «ашхосони дигар бо табиат, ҷамъият ва ашёҳо» бо мезонҳои муайян асоснок шудан ба қоидаҳои муайян бевосита амал карда ба ҳар чиз оқилона, одилона ва оликорона моил шуданд, аз ҳукмронии назорати шуур далолат медиҳад.

Дар асри XVIII омада дар омӯзиши системаи асаб дастовардҳои бузург ноил гаштанд (**Galler, Proxazka**). Дар натиҷа, таълимоте пайдо шуд, ки психика вазифаи мағзи сар аст. Тадқиқгарони инглиз **Charlz Bell** ва франсуз **Fransua Majandi** фарқи байни асабҳои паҳнкунӣ ва ҳаракатро кашф карданд. Он ба консепсияи нави комонаки рефлексӣ дар психология асос ёфтааст. Дар натиҷа, намудҳои инъикоскунандаи ихтиёрӣ (бошуурона) ва ғайриихтиёрӣ (бешуурона) кашф карда шудаанд.

Оромии шахс солимии рӯҳии идоракунии шуурро нишон дода дар баъзе ҳолатҳо ба ҳиссиёт дода шуда, аз функсияи худ берун рафтани онро нишон медиҳад. Муносибатҳои гуногун, ки соҳиби хусусиятҳои гуногун дар зери

назорати шуур ба амал оянд, дар хулқу рафтор, фаъолият ва муомила ҳеҷ гуна нуқсон рух намедиҳад. Ҳаминро бояд ёдрас намуд, ки таҳлили ҳолатҳои каталогӣ барои дуруст дарк намудани генизиси моҳияти шуур ҳизмат мекунад. Аз ин рӯ оҷизии шуур муносибат ва эҳсосотҳои шахсро дигаргун месозад: ҳолатҳои ҷойивазкунӣ гимпатия бо антипатия, шодӣ бо ғам, антилизм бо псимизм дида мешавад.

Шарти муқарраршавии шуур тамоми функсияҳои шуур ки дар боло зикр шудан забон ва нутқ мебошанд. Шахс тавассути кӯмаки фаъолияти нутқ донишҳои худро дигаргун месозад, маҷмӯаи таҷрибаҳо ки дар давоми тараққиёти таърихи иҷтимоӣ аз ҷониби аҷдоднамон ба вуҷуд оварда шудаанд мустаҳкам мегардад ва тавассути тафаккур фаъолият ва ҳаёти худро бой мегардонад. Забон ба сифати сохтори объективи алоҳида намоён шуда, дар он тамоми анъанаву маросимҳо, қадрияту маҷмӯаи ғояҳо ки дар ҷараёни таърихи иҷтимоӣ ба вуҷуд омадаанд дар шуури иҷтимоӣ акс меёбанд. Аз рӯи талқини психологӣ боигариҳои забон аз ҷониби шахс ба таври алоҳида, дар мувофиқиятнокии фаъолият ва ҳаёти шахсӣ нақшии муҳим мебозад. Забон ва нутқ чун аслиҳаи алоҳида барои фаҳмиши ҳастӣ хизмат намуда, шахсро аз мавҷудотҳои дигар, фарқ мекунонад ва дар он ҳамоҳангии забон ва тафаккур, барои шуур вазифаи асосии моддиро ба ҷо меорад, ба кадом маъно нақши механизмро мебозад.

Ҳамин тавр, пайдоиши шуур дар атногенез барои коркарди тавсифи муаммоҳои психологӣ ва корҳои тадқиқотиву тараққиёти он, қисми таркибии роли шарту шароитҳои муҳитҳои иҷтимоӣ дар он таъсири шартҳои иҷтимоӣ, биологӣ устувории тарбия асоси муҳимро созмон дод.

## ХАТ ҲАРАКАТҲОИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛӢ

Ҳайвонот аксар вақт ҳамчун як имконияти пинҳонбоқӣ мемонад. Масалан, дар таҷрибаҳои психологи рус Н. Н. Ладигина- Котс (1889-1963), вақте ки Париж ном шимпанзе баробари гирифтани найчаи пур аз хӯриш, кӯшиш намуд, ки силоҳеро гирад, ки онро ба дохили найча даровардан мумкин аст. Париж бо ин кор маълум кард, ки шаклҳои мухталиф – дарозӣ, паҳнӣ ва ғафсии шаклҳоро фарқ мекунад. Агар чизи мувофиқро дарёфт накунад, ӯ аз шохи дарахт навдаеро ёки аз тахтаи паҳлӯяш парахаеро ва ё сими шикастаро рост мекард. Зеро, маймунҳо бо сохтани силоҳ месохт.

Аммо, аҳамияти фаъолияти сохтани силоҳро аз маймунҳои хеле ривоҷёфта набояд аз ҳад зиёд нишон дод. Таҷрибаҳои Э. Г.Васуро, Н.Н. Ладигина-Котс нишон медиҳад, ки шимпанзеҳо маҳз дар ҳамон ҳолат худро аз даст медиҳанд, яъне ҳангоми ба ҳадаф расидан ду чӯбро ба якдигар баробар

месозанд. Инро чунин шарҳ додан мумикин аст: аммо дар асл маймунҳо ду чӯбро баробар намуда кор намекунанд.

## ШУУР БА СИФАТИ КАТЕГОРИЯИ ПСИХОЛОГИЯ

Дар дохили категорияҳои фанни психология (шахс, мотеватсия, фаъолият ва ҳоказо) шуур ҷои алоҳидаро соҳиб аст ва барои ба қуллаҳои баланди зиндагӣ расидан заминаи муҳим мебошад. Шуур яке аз омилҳоест, ки инсониятро аз олами ҳайвонот фарқ мекунад аз ин сабаб он чун омили зарурии мазмуни камолот ва тараққиёт ба шумор меравад. Шуур аз ҷиҳати психологӣ таълимӣ, ичтимоӣ (филогенетик) индивидуалӣ (антогенетик) маҳсули тараққиёти хоси инсон буда, акскунандаи психикӣ ва худидоракунии дараҷаи воло ҳисоб мешавад. Категорияи шуурро аз ҷиҳати амалӣ чунин тавсиф менамоянд:

А) он ҳам ҳиссӣ, ҳам ба сифати маҷмӯаи дигаргуншавии фосилаи образкунии ақлӣ.

Б) бевосита дар назди субъект ба тариқи «тачрибаи дохилӣ».

В) ба тарзи ҳодисаи психологии ҳискунанда ба маҳсули хориҷкунии фаъолияти амалӣ ҳукм менамояд.

Муаммои шуур мавриди баррасии як қатор фанҳо қарор гирифтааст, аз ҷумла фалсафа (масъалаи асосии он – ин аз муносибати шуур ба зиндагӣ иборат аст) мантиқ, лингвистика, этнография, анторопология, сотсиология, педагогика ва монанди инҳо.

Ба вуҷуд омадани шуур дар индивиди психология сохт, ривоҷёбӣ ва ҳукмрониро тадқиқ мекунад. Предмети шуур ба фаъолият, сафарбарӣ ва хусусиятҳои интексиасӣ соҳиб аст:

А) Шуур ба сифати фаҳмиши доимии чизе аст;

Б) қобилиятноки нисбат ба рефлексия;

В) мушоҳидакунии худро худ, яъне худдарккунӣ;

Г) Мотиватсионӣ – дараҷаи гуногуни равшанӣ ёки хусусияти дақиқии қадрӣ ё ки зинадорӣ буданаш.

Назар ба маълумотҳои психологӣ ҳар як шуури индивид ноёб, бетакрор, аммо он ихтиёрӣ не, чунки дар навбати аввал ба самти махсус он ба системаи ҳукмрон вобаста буда, ҳеҷ гуна омилҳои алоқамандие надорад. Бинобар ин, ду мушкилии муҳими тадқиқотии шуур мавҷуд аст.

А) тамоми ҳолатҳои пешаки дар назари индивид намоён мегардад, ки дар ин аввалло чӣ хел будани фаҳмиш; дуввумин дараҷаи идрок ва натиҷаи машқи дониш аз ҷониби инсон дарк карда мешавад, дар сеюмин бевосита функсияи омехтагии шуур ба вуҷуд меояд.

Дар консепсияҳои фанни психология ҷараёни ин ҳодиса аксаран ба ҳолатҳои «нури шуур», «майдони шуур» ҳатто «ҳокими умумии функсияҳои диққати иловагӣ, бо тафаккур» кушода дода шудааст. Бо ин муносибат дар бораи аввал омӯзиши пурра ва таҳлили шуур гап шуданаш мумкин нест. Дар вазъияти дуввум бошад ба функсияи муносиби ин масъала ивазкарда мешавад. Ҳамаи ин талқинҳо фикрҳоро ба вуҷуд меоранд, ки гӯё шуур барои фанни психологияи илмӣ ҳамчун қайд, яъне фиктсия асту халос. (У.Ҷемс). Дар тадқиқи шуур мураккабии дуюм низ бевосита аз якумаш бармеояд:

А) Шуур ба монанди як қатор, функсияҳои психикӣ дар фазои беруна локамизатмия намешавад.

Б) шуур тафриқан аз функсияҳои психикӣ вақтро ба қисмҳои муайян «ҷудо карда наметавонад». Тадқиқотчиён барои омӯхтани шуур ба туфайли методҳои оммавӣ ва психологии соддаро истифода бурданашон тавсифи маъмули онро ёфта натавонистанд. Аз ҷумла, тавассути воҳидҳои муайяни вақт онро чен кардан, дар вақти муайян муқоиса кардан мебошад.

Мувофиқи нишондоди таҳлили адабиётҳо ҷабҳаи муҳими ба тарзи конструктивӣ талқин намудани шуур, мавҷудияти барқарори сохти ин вариант ва схемаи он ки аз тарафи К.И. Кант бардошта шудааст, оиди равияи сенсории ҷойивазкунандаи бефосила, анборотҳо ва ташкилотчигии он ба дараҷаи муайян ғояи баланд ҳисоб мешавад. Дар ҳалли муаммои шуур таълимоти матералистӣ ва диалектикӣ ба аҳамияти илмӣ соҳиб шуд, дар ин бора эътироз ба ғояи Гегел аҳамиятнок аст. Мувофиқи таълимоти музкур сохти шуур хусусияти маданиву иҷтимоӣ касб карда, дар давоми тараққиёти инсоният ба тарзи филогенетикӣ дар ҷараёни ҳамкории устувори индивидуалии иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст. Аз таълимоти диалектикаи илмӣ бармеояд, ки дар психологияи давраи шӯравӣ дар бораи ташаккули шуур дар антогенез назарияи илмӣ умумӣ гашта, аз навъ кор карда шудааст. Тибқи назарияи умумигашта сохти шуури индивид дар давраи аввали антогенез дар натиҷаи омӯзиши фаъолияти бача ҳангоми бо калонсолон мулоқот кардан ташаккул меёбад.

Имконияти ин гуна азхудкунии қатъиятноки филогенетики дар асоси тараққиёти таърихӣ низ мавҷуд аст.

Муаммо, ки предмети фаъолияти атрибути аст, таркиби сохти акскунадаи он ба хусусиятҳову хоссаҳои асосии зер соҳиб аст:

1) Омадагии иҷтимоӣ ва сохтор.
2) Регламентатсияи иҷтимоии он.
3) Ифодашавӣ тавассути аломатҳо ва бо силоҳҳои рӯҳӣ.
4) Ягонагии байни ду субъект ва нотакрории ҳастӣ.
5) Монандии ба объект равонакардашуда.

Фаъолияти муносибати ҳамкории шахсҳо сохти структураи шуурро ба вуҷуд оварда, хусусиятҳои аниқнашудани он ба зеринҳо хизмат мекунад:

А) Нишонаҳое, ки тавассути вергул ва символ ифода гашта, хусусиятҳои иҷтимоиро дар бар гирифтааст.

Б) Ба рефлексия, яъне қобилияти нисбии худдарккунӣ.

В) Мулоқоти дохилӣ, яъне ҳар гуна ҳолатҳои муайяни психологӣ ва тасвирҳову аломатҳои дақиқ.

Акнун аз рӯи тавсифи психологии шуур оиди ҳолатҳои шакли он мулоҳизаҳои кӯтоҳ мегузаронем. Назар ба талқини психологӣ бешуурӣ аввалан ҷараёни рӯҳии шартшуда бо ҳодисаҳои воқеиятӣ, маҷмӯаи ҳолатҳо ва актҳо: дуввумин, нисбатан ба таъсирҳои берунаву дарунаи субъект ба худ ҳеҷ гунна ҳисобот надодан; сеюмин, шакли акскунии психологии муносибати он нисбат ба субъекташ ба сифати предмети махсуси рафлексӣ ба вуҷуд наомаданаш; чаҳорумин, соҳиб будан ба таркиби қисми ҷудо нашавандаи яклухтӣ ва ғайра.

Бешуурӣ маҷмӯи равандҳо ва ҳодисаҳои рӯҳие мебошад, ки дар он шахс ба амали худ ҷавоб дода наметавонад ва намефаҳмад. Ба ин хоб дидан, баъзе ҳодисаҳои потологӣ, чарх задани сар, галлютсинаҳо дохил мешавад.

Фарқи бошуури аз бешуури ҳамин ки саргузашти субъект бо воқеият акс кунонида шуда, бо муносибати ҳаётии он омеҳта шуда, меравад.

1. Ҳолатҳои азхудравӣ.
2. Ҷунбишҳои даркнашудаи фаъолият.

Мотивҳои даркнашуда ва ҷобаҷогузориҳои (уставновка) маънои дарк намудан, онҳо одатан оид ба шахс маъно касб мекунанд, ҳоҳиш ба оянда, ба воситаи ҳоҳиш шартонида шудааст. Чӣ гуна ҳолатҳо дар омӯзиши ҳатту ҳаракатҳои субъектӣ аз ҳолати гипнос баромада, ба даст даровarда шудааст, дар ин ҷараён ба ӯ бо воситаи дастури аниқи пурқувват таъсир расонида шудааст (масалан, ба бозор рафтан ва ҳарид карда омадани чизҳои гуфташуда). Дар ҷараёни иҷрои вазифаиҳои дастури додашуда, инсон сабабҳои хулқу атвори худро шарҳ дода, ба имконияти фаҳмонидан додан соҳиб мешавад. Зигмунд Фрейд табиати ҳодисаҳои психологии мазкурро дар пазитсияи психоанализ истифода бурда, барои фаҳмонидани он ҳаракат намуд ва термини «зичшавии динамики бешуурӣ»-ро ба фан дохил кард.

Самарадории бешуурона дар хулқу атвори шахс дар ҳодисаҳои барорандаи ҳамкорӣ бо одамони дигар (масалан, дар вақти ҷараёни сеанс) ё ки дар психотирапияи гурӯҳӣ бо гузориши дигарон содир шавад, индивидро қонеъ мегардонад.

III. Регулятор (стереотипҳои афтаматонидаи хулқу атвор ва ҷобаҷогузории установкаҳои оператсионӣ) омезиши усулҳо иҷрокунии

фаъолияти барқарории гузориш ва хусусиятҳои равонашудаи онро таъмин мекунад. Дар ҳолате, ки дар роҳи хулқу атвори – автоматизатсияшуда монеаҳои ногаҳонӣ пайдо мешавад, онҳо аз ҷониби субъект дарк карда шуданаш мумкин. Дар бораи механизмҳои ба амал баронанда ва функсияҳои он регулятсияи хулқу атвори шарт – шароити зарури барпокардани манзараи субъективии яклухти ҳаёти шахс ҳисоб шуд. Лекин ин муаммо то ҳол пурра ба маълумотҳои илмӣ соҳиб нест, аз ҳамин сабаб дар бораи асосҳои психофизиологӣ, қувваҳои ба ҳаракат овардани механизмҳо имконияти мулоҳизаҳои гуногунро намедиҳад.

4. Сохти шуур

1. *Таркиби шуур:*

А) имконияти эҳсоси симо (образ);

Б) қимати ашёҳои ҳастӣ;

В) маъно касб кардани объектҳои муҳиту атроф.

2. *Функсияҳои шуур:*

А) инъикоскундагӣ

Б) ба вуҷуд овардани эҷодкорӣ.

В) баҳодиҳӣ.

Г) идоракунӣ

Д) Рефлексивӣ

Е) маънавиятнокӣ

3. *Омилҳои худро худ дарк кардан:*

А) таъсири муҳити оилавӣ.

Б) воситаҳои муҳити миллӣ

В) иҳотаи маърифӣ, маънавӣ ва маданӣ.

Г) вазъиятҳои махсуси ҳаётӣ ва ҳодисаҳои фақулоддӣ

4. *Хосиятҳои шуур:*

А) барқарор кардани муносибат ба субъектҳои ҷамъият ва объектҳои ҳастӣ.

Б) дарк кардани (фаҳмиш)-и ҳодисаҳои биосфера ва неосфера

В)ба ҳолатҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва ҳодисаҳо ҳамдард шудан.

5. *Хусусиятҳои шуур:*

А) рективият

Б) ҳассосӣ (тез ҳискунанда)

В) рефлексивият

Г) беихтиёрии тараққиёт

Д) полифоникӣ

Е) рағбати майл ва диологизм

6. *Навъҳои шуур:*

А) индивидуалӣ

Б) гурӯҳӣ
В)ҷамоавӣ
Г) этникӣ
Д) миллӣ
Е) иҷтимоӣ

## МАВЗӮЪИ 3. ФАЪОЛИЯТ ВА ФАЪОЛӢ

Элементи психологии фаъолияти одам иҷрои кор буда, одам ба туфайли ҷараёни иҷрои кор ба муҳиташ таъсир мекунад ва ба мақсади дар наздаш гузошташуда мерасад. Ҳар гуна кор фақат ба воситаи ҳаракат ба амал меояд, ҳаракат – фаъолияти кориро ба реалӣ мубаддал мекунонад.

Ҳамаи ҷараёнҳои психикии шахс ва хусуиятҳои психологии он дар давоми фаъолияти гуногун намоён мешавад.

Одам ҳангоми фаъолият олами ҳастӣ ва қонуниятҳои онро дониста мегирад, ҳодисаҳои гуногунро дарк мекунад. Хӯрокворӣ ва ҷизҳои моддӣ – либос, хӯрок, истиқоматгоҳ, ки одам бе онҳо зиндагӣ карда наметавонад, дар рафти фаъолият ба вуҷуд оварда ва сохта мешаванд. Комёбиҳои маънавӣ – мусиқӣ, расм, шеър, илм ҳам дар рафти фаъолият ба вуҷуд оварда мешаванд.




Фаъолияти одам аз рафтори ҳайвонҳо бо вуҷуди он ки рафтори ҳайвонҳо хеле мураккаб аст, фарқ мекунад. Фаъолияти одам бошуурона ва бомақсад аст, яъне одам бо мақсад ва роҳҳои ба он ноил гаштанро мефаҳмад, баъзе лаҳзаҳои фаъолияташро ба нақша медарорад, душвориҳо ва монеаҳои бавуҷудояндаро ба инобат мегирад, дар мавридҳои зарурӣ сохти фаъолиятро тағйир медиҳад ва пешравиро мақсад мекунад.

Дар китоби дарсии “Психологияи умумӣ”, ки А. В. Петровский таҳрир кардааст, гуфта мешавад: “Фаъолият фаъолияти дохилӣ (рӯҳӣ) ва беруна (ҷисмонӣ)-и инсон аст, ки мақсади даркшударо ба он равона мекунад”. Дар луғати кӯтоҳи эзоҳшудаи “Психология”, ки аз ҷониби М. Г. Давлетшин ба табъ расидааст: “Фаъолият хусусияти умумии материяи зинда аст, ки дар ҳамкорӣ бо муҳити зист инъикос карда мешавад. Фаъолии психологӣ таъсири байнӣ ва дар асоси нишон додани фаъолӣ тавсиф мешавад”.

Аз ҳама сифати муҳими одам – бошуури дар ҷараёни фаъолият намоён мешавад ва дар ҳамин ҷараён ривоҷ ёфта, такмил меёбад. Дар фаъолияти меҳнат шуур пайдо мешавад. Ҳамин тариқ, фаъолият ба ривоҷи шуури одам, шуури одам бошад ба равнақи фаъолият таъсир мерасонад. Барои ҳамин шуури инсон бо фаъолияти ӯ доимо дар алоқаи узвӣ мебошад. Алоқаи доимии шуур ва фаъолияти инсон ба ягонагии фаъолият ва шуур асос мешавад.

Мувофиқи тамоилҳои ягонагии фаъолият ва шуур, шуур ва фаъолият як бутуниро ташкил мекунад. Шуур нақшаи дохилии фаъолият буда, вазифаи барномаро иҷро мекунад. Психика нафақат дар фаъолият зоҳир мешавад, балки дар рафти фаъолият ташаккул ҳам меёбад.

Дар шуури одам модели динамикии алоқа бо муҳити беруна сохта мешавад. Ана ҳамин моделҳо асоси фаъолияти инсон буда, бо ёрии онҳо одам ба муҳити иҷтимоии мансуби худ ба муносибат медарояд.

Мувофиқи қонуниятҳои психологӣ фаъолияти ҳар гуна инсон дар асоси мотиви (талаби дохилӣ, хостан, ҳаракат) маълум ба вуҷуд меояд. Фаъолияти инсон бо тақозои мақсади даркшуда, вазифаи иҷтимоӣ, талабҳои иҷтимоӣ ҳам ба вуҷуд меояд. Ҳаминро ҳам гуфтан лозим аст, ки одам ҳамеша барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти шахсии худ ягон фаъолиятро сар намекунад, балки ӯ бештар бо мақсади иҷрои талаби ҷамъият, вазифаи иҷтимоӣ фаъолият меронад ва фаъолӣ нишон медиҳад. Бо ин шахс меҳнатдӯстӣ ва моҳияти иҷтимоии фаъолияти худро намоён мекунад. Инсон ба воситаи фаъолияти фаъол ба олами беруна муносибат мебандад, ба чизҳои муҳити беруна ва шахсони дигар таъсир мерасонад, хусусиятҳои ба худ хоси субъективӣ, моҳияти шахсии худро рӯё месозад. Таъсири одам ба олами берунаву дигаргун кардани он ҳам натиҷаи фаъолияти ӯ мебошад.

Фаъолияти одам аз давраи ҷавони сар шуда, бо таҷрибаи тамоми инсоният муайян карда мешавад. Одам бо ёрии фаъолияти худ муҳити мансуби худро тобеъ мегардонад. Онро мувофиқи эҳтиёҷи худ дигаргун месозад. Ҳамин тавр, фаъолияти одам ба дониш ва ирода асос меёбад.

М.Воҳидов барои тараққиёти фанни психология ҳиссаи бузург гузоштааст. Ӯ ҳаракатҳои ба фаъолияти одам нигаронда шударо ба се элементи содда ҷудо мекунад:

**1.** “Гирифтан”.

**2.** “Ҷояшро иваз кардан”.

**3.** “Сар додан”,

Ин се элемент дар ҳаракатҳои гуногун бо равия, давомот, қувва, тезӣ, темп, диқиқӣ, дуруст будан, чаққонӣ ва мос будан характернок аст. Ҳамаи ин ҳаракатҳо бо тана, дастон, пойҳо ва сар бо ёрии ҳаракатҳои ёрирасон, ба амал меоянд.

Мувофиқи қонуниятҳои физиологии ҷараёни фаъолияти шахс, ҳаркатҳои вобаста ба амалӣ гардонидани фаъолият ба организм таъсири гуногун мерасонад. Кори мушакҳои организми одам фақат вазифаҳои бевосита набуда, ин ҳаракатҳо бо шароити ба амал омада ҳам идора карда мешавад. Мушакҳо ба миқдори вазнини бардошташуда, ба зиддияти чизи теладода, ба қувваи гардондани пайҳо дар натиҷаи ин равиши муайяни ҳаракат ва тезии онро таъмин мекунад.

Тарафи муҳими фаъолияти инсон дар он аст, ки одам ба воситаи фаъолияти худ табиат ва воқеаву ҳодисаҳои ҷамъиятро дониста мегирад, ҳангоми дар мулоқот худро ба сифати шахс намоён мекунад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам аз ҷиҳати сохти фаъолияти одам бисёр мураккаб будани он ба чашм мерасад. Фаъолияти шахс аз якчанд амал ва ҳаракатҳо иборат мешавад. Амал ба ҳаракатҳое, ки таркиби фаъолиятро ташкил мекунад аз тарафи шахс ҳам фаҳмидан ва нафаҳмиданаш ҳам мумкин аст. Ин ҳол ба масъулият ва синни одам вобаста аст. Масалан: одами калонсол пеш аз оғози фаъолият натиҷа ва мақсади онро мефаҳмад. Чунин хусусият дар ҷавонон хеле кам мушоҳида мешавад.

Ҳаминро ҳам ба назар гирифтан лозим аст, ки усулҳои ба амал овардани фаъолият бо иштироки минималии шуури шахс иҷро мешавад, чунки ҷараёни фаъолият дар шахс ба туфайли бисёр такрор кардан ба малакаи автоматӣ табдил меёбад. Аммо мақсади фаъолият якто буда, объект ва таркиби ҳаракаташ гуногун мешавад.

Маълум аст, ки ҳар як шахс олами хоси дохилии худро дорад. Ин дунёи ботинӣ (маънавият) лабрези тасаввур, фаҳмиш, рамзҳои гуногун буда, бепоён ва бесарҳад аст. Мазмуни олами маънавии одам аз рӯзи ба дунё омадани ӯ сар шуда, дар таъсири ҳодиса ва чизҳои гуногун, ба туфайли муносибатҳои байни одамон ривоҷ меёбад.

Аз ин чост, ки одам ҳама чизро аввал фикр карда, пас ба амал мебарорад, ба воситаи муносибат бо шахсон дигар ба нутқ соҳиб мешавад.

Фаъолият аз як тараф, ба шароити рушд ва зуҳуроти хислатҳои шахс вобаста бошад, аз тарафи дигар ба сатҳи рушди шахсе, ки мавзӯи ин фаъолият аст. Ҳама намудҳои фаъолиятро ба се ҷузъ ҷудо кардани мумкин аст: ҳадаф – мотив – амал.

Муаммои интериоризатсияро дар соҳаҳои гуногун олимони рус Л.С. Виготский, А. Н. Леонтев, П. Я. Галперин ва шогирдони онҳо омӯхтаанд.

Ҳадаф инъикоси натиҷаи ниҳоии фаъолияти инсон ва қонеъгардонии эҳтиёҷоти онҳо мебошад.

Мотив – касро ба амал бармеангезад ва ба он маъно медиҳад.

Амал таркиби фаъолияти нисбатан мукаммал мебошад, ки ба иҷрои як вазифаи оддии оянда нигаронида шудааст. Мақсади фаъолият метавонад каме дуртар бошад. Аз ин рӯ, ба ин мақсад расидан пайваста эҷод кардани як қатор мақсадҳои хурд мебошад, ки дар назди инсон ҳангоми кӯшиши он ҳадаф пайдо мешаванд. Дар зер қисмҳои муҳими таркибии ҳаракат нишон дода шудааст.




Ҳамин тавр, сохти фаъолияти одам бисёр гуногун ва мураккаб буда, фақат аз воқеияти субъективӣ иборат нест. Фаъолияти одам манфаати ҷамъияти худаш зиста истодаашро ифода ва ба талабҳои он итоат мекунад. Фикрҳои болоиро умуми кунонида ба фаъолият таърифи зерини психологиро додан мумкин аст: "фаъолии рӯҳӣ (ботинӣ) ва ҷисмонии ба мақсади аниқ равона шуда фаъолият номида мешавад".

Аз таъриф маълум, ки фаъолияти одам доимо аз муносибатҳои ӯ бо шахсони дигар иборат мешавад. Яъне, намоёншавии фаъолияти ин ё он шахс

ба атрофиён низ вобаста буда, дар ин ҷараён аз онҳо ҳам фаъолӣ талаб карда мешавад.

Ба туфайли моҳияти иҷтимоии фаъолият нутқи инсон пайдо ва ривоҷ меёбад, шуур баланд мегардад.

Фаъолияти инсон дар ҳолати бо синну сол вобаста будан, ба 3 намуд ҷудо мешавад:

**1.** Фаъолияти бозӣ.

**2.** Фаъолияти хондан (таълим гирифтан)

**3.** Фаъолияти меҳнат

Фаъолияти бозӣ хоси давраи бачагӣ мебошад. Ин намуди фаъолият дар одамони солашон калон ҳам ҳаст. Лекин дар одамони калон моҳияти фаъолияти бозӣ дигархелтар аст. Фаъолияти бозии хоси бачагон шахси бачаро аз ҷиҳати ақлӣ ва ҷисмонӣ барои ба камол расидан воситаи муҳим аст. Ҳангоми бозӣ кардан дар олами рӯҳии бача дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯй медиҳад. Зеро бозӣ ҳамин қадар серпаҳлӯ ва фаъолияти қудратнокест, ки дар ривоҷи тафаккури бача ҷои онро ҳеч чиз гирифта наметавонад.

Психологони машҳури рус Л.С.Виготский, А.Н.Леонтев, Д.Б.Элконин ва психологи ӯзбек М.Воҳидов оиди фаъолияти бозии хоси бачагон тадқиқотҳои пурқиммат бурдаанд. Аз ин ҷиҳат асарҳои М.Воҳидов, ки шодоби ғояҳои миллист, сазовори диққат аст, олим таъкид мекунад, ки сол то сол бача калон шуда, имконияти ҳаракати мустақилонааш зиёд шавад, дунёи ҳодиса ва чизҳои дар атрофаш буда ҳам васеъ шудан мегирад. Бачагони синни боғча аз ҳад зиёд кунҷков буда, барои донистани чизҳои гирду атроф кӯшиш мекунанд.

Ба гуфти психологони рус Н.К.Крупская бозӣ барои бачагон эҳтиёҷи табиӣ мебошад. Фаъолияти бозӣ бачаро бо олами беруна вобаста мекунад. Ҳаминро ҳам фаромӯш накардан лозим аст, ки ҳаракатҳои гуногуне, ки дар ҷараёни бозӣ иҷро мешаванд, аз таклифи ҳаракатҳои дар ҷараёни меҳнат иҷро мекардаи калонсолон иборат аст. Ба ин нигоҳ накарда ҳамаи бозии бачагонро ҳам фоиданок гуфта намешавад. Барои ҳамин ҳам бозиҳои бачагона ҳамеша дар асоси раҳнамоии калонсолон интихоб шуда, доимо зери назорат буданаш мувофиқи мақсад аст. Мувофиқи тадқиқотҳои психологии фаъолияти бозии бачагон барои ақлан ва ҷисмонан обу тоб ёфтани насли наврас яке аз воситаҳои муҳим мебошад. Дарҳақиқат, барои одамони калон фаъолияти меҳнат чӣ қадар зарур бошад, барои бачаҳо ҳам фаъолияти бозӣ ҳамон қадар зарур аст.

Моҳияти психологии давомдор ва доимии фаъолияти бозии хоси бачагон дар он, ки онҳо дар ҷараёни бозиҳои гуногун ба худашон маҳорати меҳнатро

ҳосил мекунанд. Дуюм, дар давоми фаъолияти бозӣ дар кӯдакон сифатҳои ахлоқии баланди умуминсонӣ шакл мегирад.

Дар ҷараёни бозӣ ба бачагон дараҷаи имкониятҳои психологӣ намоён мешавад ва ин дараҷа ташаккул меёбад. Ин маънои онро дорад, ки бачагон ба воситаи фаъолият олами атрофашонро идрок мекунанд, роҳҳои дигаргун кардани онҳоро меомӯзанд. Чунки бозӣ фаъолиятест, ки ҳаракати ақлии серсоҳаро талаб мекунад.

Ҳангоми фаъолияти бозӣ дар кӯдак ҷараёнҳои рӯҳӣ аз қабили меҳнат, санъат, хаёл, тафаккур, ирода, маҳорат, одат ва хусуиятҳои индивидуалӣ пурра муҷассам мегардад. Бозӣ барои бача ба ғайр аз донистани олами беруна, воситаи қудратноки тарбия ҳам мебошад. Психологи машҳури Швецария Ҷан Пиаҷе таъкид мекунад, ки бачагон ба ғайр аз дунёи воқеӣ дар дунёи хаёлот, афсонаҳо ҳам зиндагӣ мекунанд. Лекин ҳаракат ва чизҳои гуногуни дар онҳо буда, рамзи чизҳои реалии дар зиндагӣ  мавҷуд буда мебошад. Бачагони ҳушёр аз ҷиҳати ахлоқ ва ақл баркамол ба бозиҳои худ рамзҳои хаёлиро офариданашон мумкин. Ин ҳолат ба мазмуннокии ҳаёти бача, васеъгии доираи зисти ӯ ва ба сифати тарбияи ӯ вобаста аст.

Табиист, ки шахс таҷрибаи иҷтимоии аҷдодашро якбора аз худ карда наметавонад. Аз худ кардани расму одати авлоди гузашта, анъана ва таҷрибаашонро омӯхтан аз ҳар як шахс малака, маҳорат ва дар дараҷаи маълум соҳиби нутқ буданро талаб мекунад.

Барои ин ҷараёнҳо воситаи асосӣ фаъолияти бозии давраи бачагӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки бача дар асоси фаъолияти бозӣ худашро ба фаъолияти таълим тайёр мекунад.

Шахс ба воситаи фаъолияти таълим дониш, ҳаракат ва амалҳоро меомӯзад, ҳодисаву воқеаҳои зиндагиро таҳлил ва умуми гардонида идрок мекунад.

Ҷиҳатҳои психологии таълим дар он, ки шахс ба туфайли ин фаъолият донишҳои ба ҷамъият ва табиат тааллуқдорро меомӯзад, шарту шароиташро дониста мегирад, малака ва дониш хосил мекунад. Фаъолияти таълим ба инсон хос буда, ба сифати ҷараёни мураккаб ва серпаҳлӯ ҷамъи донишҳо, фаҳмишҳо, малакаҳо, одатҳо ва усулҳоро дар бар мегирад. Дониш маҳсули донистан буда, дар давоми тараққиёти таърихӣ дигаргун мешавад, бо донишҳои нав пур гардонда мешавад, торафт чуқур, аниқ ва равшан шуда меравад.

Дониши шахс воқеаву ҳодисаҳо, моҳияти пайдошавии онҳо, дигаргуншавӣ ва ривоҷёбии онҳоро нишон медиҳад, вобастагии ботинии воқеаҳоро кушода медиҳад.

Дар вақти ҳозира донишҳои илмӣ ва динӣ бо суръати тез ривоч ёфта истодааст. Ба ҷои тасаввурҳои кӯҳна дар бораи табиат ва ҷамъият тасаввур ва фаҳмишҳои нав пайдо шуда истодааст. Ҳамаи ин дар фаъолияти донистани шахс акс меёбад. Фаъолияти таълими шахс аз тарафи шахсони маълум дар асоси мақсади аниқ ташкил, идора ва таҳти назорат мешавад.

Мақсади асосии фаъолияти таълим шахсро бо дониш, малака ва маҳорати барои соҳаҳои гуногуни фаъолият меҳнати фоиданок равона кардан аст. Ин фаъолият дар равиши моси соҳаҳои гуногуни меҳнат одамро барои идораи кӯшишу ҳаракат ва рӯҳият тайёр мекунад. Табиист ки инсон пас аз мӯҳлати маълуми ҳаёти худро бидуни фаъолияти меҳнати тасаввур карда наметавонад. Аз ин сабаб фаъолияти меҳнат нисбат ба фаъолияти бозӣ ва таълим ба сифати фактори психологии муҳим ба аҳамияти калон молик аст. Чунки ба туфайли фаъолияти меҳнат кас ба бойгарии моддӣ ва маънавӣ соҳиб мешавад. Ба ривоҷи моддиву маънавии ҷамъият ҳиссаи худро ҳамроҳ мекунад, эҳтиёҷи шахси ва иҷтимоии худро қонеъ мегардонад.

Дар боло таъкид кардем, ки шахс доимо дар фаъолият аст ва дар ин ҷараёни фаъолияти гуногун фаъолии ӯ намоён мешавад. Одам ба воситаи ҳаракатҳои фаъоли худ ба гирду атроф таъсир расонида, онро ба худ тобеъ мегардонад, тағйир медиҳад ва барои қонеъ гардондани эҳтиёҷҳои моддиву маънавии худ хизмат мекунад.

Ба ғайр аз ин фаъолии шахс дар хусусиятҳои психологӣ – индивидуалии ӯ – қобилият, равияи шавқмандӣ, ҷаҳонбинӣ, боварӣ – эътиқод ва эҳтиёҷҳояш намоён мешавад.

Ба фикри психологи австралиягӣ З.Фрейд (1856-1939) фаъолии шахс ба туфайли намоён шудани майлҳои инстинктивии аз аҷдодонаш бо роҳи насли гузаштааш мебошад. Мувофиқи ин таъминот майлҳои инстинктивӣ дар шакли инстиктҳои ҷинсӣ мешавад. Бо ин Фрейд ғояи фаъолии шахс аз манбаи майлҳои ҷинсиро пеш меронад. Аммо ин ғоя ба ҳақиқат рост намеояд. Чунки талаботи ҷамъият, ҳаёти ҷамоавӣ, майлҳои инстинктивиро ба тартиб меандозад, одамро барои нигоҳ доштани майлҳои ҷинсӣ маҷбур месозад.

Мувофиқи қонуниятҳои психологӣ майлҳои манъшуда ба қисми бешуури майнаи сар мегузарад ва бо "комплекс"-ҳои гуногуни ин қисм як мешавад. Намоён мешавад, ки ин фикри Фрейд ҳам ба ҳақиқати илмии манбаҳои таъминкунандаи фаъолии инсон дуруст намеояд.

Мувофиқи таълимоти психологии илмӣ, эҳтиёҷ манбаи асосии фаъолии инсон буда, ин эҳтиёҷҳо одамро барои бо сифати маълум ҳаракат кардан, фаъоли нишон додан даъват мекунад. Қонеъ гардондани эҳтиёҷҳои моддии шахс – хӯрдан, хобидан, аз гармию хунуки нигоҳ доштан, сару либос, хонаву

ҷой фақат ба ҳаракатҳои худаш вобаста мешавад ва ин эҳтиёҷҳо қонеъ нашавад, одам ҳаёти худро давом дода наметавонад.

Боз як сабаби шахсро ба фаъоли даъваткунанда эҳтиёҷи маънавии ӯ – мулоқот бо одамон, дониш гирифтан, китоб хондан, суруд, мусиқа гӯш кардан, спектакл дидан барин ҳаракатҳои ба қонеъ гардондан нигаронда шуда мебошад. Агар ин эҳтиёҷҳо дар ҷояш қонеъ нашавад, шахс худашро чун инсони комил намоён карда наметавонад, аз тараққиёт оқиб мемонад.

Эҳтиёҷҳои "моддӣ ва маънавии" хоси ҳар як шахси дар Ӯзбекистони мустақил зиндагӣ дошта ба қоидаҳои умумахлоқии аз тарафи ҷамъиятамон қабул шуда асоснок карда мешавад. Дар Ҷумҳурияти мо бо меҳнат ҳалол шуғл варзидан, баҳри некӯҳолии ҳалқ, диёр зиндагӣ кардан вазифаи муқаддаси ҳар як инсон ҳисоб меёбад.

Дар моддаи 37-уми Конститусияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон чунин гуфта мешавад: "ҳар як шахс ҳуқуқи меҳнат кардан, интихоби озодонаи касб, кор дар шароитҳои боадолат фаъолият бурдан ва дар тартиби дар қонун нишон дода шуда аз бекори ҳимоя шуданро дорад".

Мувофиқи қоидаҳои психологияи умумӣ фаъолии шахс ба сабаб (мотив)-ҳои маълум асос карда мешавад. Дар шахс сабабҳои пурмазмуни вобаста бо намудҳои гуногуни эҳтиёҷҳои моддиву маънавӣ ҳаст, ки онҳо ӯро доимо ба ҳаракат кардан водор месозад.

Дар ҷараёни ин ҳаракатҳо шахс нафақат эҳтиёҷҳои худро қонеъ мегардонад, балки барои мукаммал гардондани ҳаматарафаи сифатҳои психологии худ соҳиб ва ба камолоти ақливу ҷисмонӣ бардошта мешавад.

Одам барои чун шахс шинохта шудан ба дараҷаи муайяни камолоти психикӣ расиданаш лозим аст.

Дар таркиб ёфтани шахс ва ғайр аз таълиму тарбия, муҳити иҷтимоӣ, фаъолияти фаъол, шарт-шароитҳои табиӣ ҳам аҳамияти калон дорад. Дарҳақиқат, одам доимо барои табиатро донистан мекӯшад, қонуниятҳои нав ба нави онро кашф мекунад ва ҳодисаҳои табииро маҷбур месозад, ки ба ӯ хизмат намояд.

Тараққиёти ҷамъият ҷараёни такмилдиҳӣ ва тараққи додани фаъолияти меҳнати одам мебошад. Ин ҷараён дар навбати худ сифатҳои шахсии одамро такмил медиҳад, дар вай малака ва маҳорати дорои мазмуни навро хосил мекунад, шавқмандиву эҳтиёҷҳоро ба вуҷуд меорад.

Мувофиқи таълимоти психологии миллӣ одам як қисми табиат буда, ба сифати мавҷудоти зинда соҳиби қувваи ҳаётӣ ва табии махсус мебошад. Ин қувваҳо дар таркиб ёфтани шахс нақши муҳим мебозад. Ҳаминро ҳам ба ҳисоб гирифтан лозим аст, ки мӯғҷаҳои ирсӣ дар шароити иҷтимоии номусоид дар таъсири тарбияи нодуруст асло камол намеёбад.

## МАВЗӮЪИ 4.
## МУЛОҚОТ ДАР СИФАТИ ВОҚЕИИ ИҶТИМОИ ПСИХОЛОГӢ

Мулоқот чунин намуди муносибатҳои байниҳамдигарии шахсон аст, ки бо ёрии он одамон бо ҳамдигар аз ҷиҳати руҳи алоқа мекунанд, байни ҳам аҳборотҳоро иваз мекунанд, бо ҳамдигар таъсир мерасонанд, ягдигарро ҳис мекунанд ва ҳамдигарро мефаҳманд.

Аз ҳамин сабаб ҳам мулоқот ба сифати ҳодисаи иҷтимоӣ психологӣ дар ҳама соҳаи ҳаёт ва рӯзгори иҷтимоӣ иштирок мекунанд ва ба сифати фаъолияти ҳамкории моҷҷиву маънавӣ маданӣ, эмоционал, мотивацион ва ба намуди эҳтиёҷ ба вуҷуд меояд.

Эҳтиёҷҳои гуногуне, ки ба инсон ба вуҷуд меояд, мувофиқи мақсад қонеъ гардонидан ба мулоқот вобаста аст, муносибатҳои айниҳамдигарии шахсон авлоди баркамол ва ғояҳои инсони комилро мефаҳмонад. Решаи мувафақиятҳои мулоқоти инсон бо дунёи руҳи, мотивацияи эҳтиёҷҳо, ҳисҳои характер хусуиятҳои типологии индивидуали бо қобилият ва ба дигар хусуиятҳо фазилаиҳои инсони эътиқод намоён мешаад ва ривоҷ меёбад.

Дар ҷараёни мулоқот, тасаввур шавқмандӣ ҳиссиёт, пешфаҳмии натиҷаи воқеъгӣ, ҳис кардан, паӣ бурдан ва услубҳои таъсиррасонии мулоқот кунандагон таркиб ёфтанаш мумкин аст.

Дар китоби дарсии “Психологияи умуӣ”, ки муалифи он М.Г.Давлетшин мебошад, “Муошират ин ҳамкории ду ё зиёда одамоне мебошад, ки хусусияти баҳодиҳанда доарандва иборат аз мубодилаи иттилоот дар бораи маърифат мебошанд”.

Ҳар як фаъолият талаб менамояд, ки одамон ба ҳамдигар забон ёфт, ба якдигарашон маълумотҳои гуногун расонанд. Мубодилаи афкорро ба амал буроранд. Бинобарин мавқеи ҳар як шахс дар ҷамъият муваффақкияти калон ва обрӯи ӯ ба қобилият ба мулоқот дохил шуданаш вобаста аст.

Ҷараёни мулоқоти байни шахсӣ хеле мураккаб аст, ки дар он дар як вақт чунин ҷараёнҳо дохил мешаванд:

- **a)** Ҷараёни таъсири байниҳамдигарии индивидҳо
- **b)** Ҷараёни аҳборотноккунони байни ҳамдигарона
- **c)** Ҷараёни муносибати як шахс ба шахси дигар
- **d)** Ҷараёни таъсиррасонии як кас ба каси дигар
- **e)** Имконият изҳори ҳамдардӣ ба ҳамдигар
- **f)** Ҷараёни ҳамдигарфаҳми одамон

Шахс ва зинаҳои гуногуни мулоқот мавҷуд буда зинаи аввалини худмулоқот намои одам аст. Т Шибутан дар китоби дарсиаш “Психологияи

иҷтимоӣ” навиштааст, ки “агар одам каме бошад ҳам, худро дарк намояд” вай ба худаш нишондодҳо дода метавонад. Аслан худмулоқоткунии инсон характер ва ҳаҷми мулоқоти ӯро бо дигарҳо муайян мекунад. Агар одам ба худмулқоткуни одат намояду аз ҷамъият дур гардад, вай минбаъд да муносибат бо дигарон ба мушкилиҳо дучор мешавад. Аз ин мебарояд, ки мулоқот бо дагарон зинаи дуюми мулоқот мебошад.

Зинаи сеюми мулоқоти байни ҳамдигарии авлодҳо ҳисоб меёбад. Ба туфайли ин мулоқот маданият ва қадриятҳои ҷамъият ба насли оянда расонида мешавад. Ин ҷараён ба туфайли таълиму тарбия ба амал мебарояд.

Функсияҳои муошират низ дар раванди муошират нақши муҳим доранд. Функсияҳои муошират функсияҳое мебошанд, ки муошират дар ҳаёти инсон иҷро мекунад.

Мувофиқи таълимоти психологи ба сифати шахс ривоҷёби ва тараққи кардани одам ҷараёни дарозмуддат ва мураккаб ҳисоб меёбад. Барои ба сифати шахс камол ёфтани одам насл (омли биологи) муҳити иҷтимои (шароити одам зиндаги карда истода), тарбияи ба максади аниқ равонашуда, мулоқот бо дигар шахсон ҳам аҳамияти калон дорад.

Табиист, ки шахс дар иҳотаи нормаҳои ҷамъияти зиндаги кардааш, одоб-ахлоқ ҳаёт мегузаронад. Барои ҳамин мазмуни олами маънавии и бо моҳияти мулоқотҳои иҷтимои эзоҳдода мешавад. Мулоқоти иҷтимоии шахс чи қадар бой ва бомазмун бошад, олами маънавии ӯ ҳамон қадар баланд мебошад.

Бо шарофати истиқлол дар Ҷумҳуриятамон муҳити иҷтимои мазмуни нав пайдо кард. Дар натиҷа талаботи назди инсонгузашта ҳам дигаргун шуд, мазмун ва доираи мулоқотҳои ӯ ҳам тағйир ёфт.

Инсон бо гузоштани синну сол доираи мулоқоти ӯ васеъ мешавад. ӯ ҳамаи орзу ва ҳоҳишҳои худашро ба воситаи алоқа баён месозад. Ҳаминро ҳам ба ҳисоб гирифтан лозим, ки мазмуни мулоқотҳои шахс бо калон шудани солаш дигаргун мешавад. Агар вобаста ба синну сол нигоҳ кунем, давраи пурмазмун ва мураккаби мулоқоти шахс-ин давраи бо меҳнат вобаста аст. Дар мулоқотҳои ин давр ҳисси баланди шахс ба монанди инсорпарвари, ҷамоатчиги, меҳнатдӯсти, байналмиллали, ватанпарвари намоён мешавад. Мазмуни ба ҳисҳои ахлоқи ифода карда ба мулоқотҳои шахс сайқал медиҳад, таъсири эмотсионалии онро пурзӯр мекунад, ҷараёни мулоқотро мазмундор мекунад, аз он тарафҳо ба мақсади худ мерасанд.

Боз як тарафи муҳимаш он, ки фақат бо ёрии мулоқот шахс фаъолияти истеҳсолии худро амали мегардонад, барои таъмини маҳсулдории фаъолияти

муҳими дигарон саҳм мегузорад. Монанди ҳамаи ҷамоаҳо дар соҳаи таълим ҳам намудҳои мураккаби мулоқоти мобайни шахсҳо мавҷуд аст. Ин мулоқотҳоро аз рӯи нуқтаи талабҳои ахлоқи умуминсони ва равияи сифатҳои ахлоқи мос ва аз ҷиҳати мазмун ба вай зид буда ҷудо кардан мумкин. Агар мулоқотҳо ба бовари, одили, дӯсти, ғамҳори, ҳурмати якдигар асос карда шавад, ба сифати манбаи ҳиссиётҳои мусби ҳизмат мекунад. Агар ба сифати беодоби, қаллоби, ғараз, беҳурмати ва нобовари бошад, ба мазмуни манбаи ҳиссиётҳои салби соҳиб мешавад. Мазмуни мулоқотҳо моҳияти муносибатҳои байни шахсҳоро ифода мекунад.

Мулоқотҳои байни шахсҳо мулоқоти талабаҳои гурӯҳҳо муаллимон, роҳбарони факултет ё шӯъба, дӯстон, аъзоҳои оила, ҳешовандонро дар худ мегирад. Дар ҷараёни ин мулоқотҳо қобилиятҳои шахс, шавқманди, диққат хотира, хаёл ва тафаккур акси худро меёбад.

Дар қатори мулоқотҳо роли мулоқоти талаба ва муаллим калон мебошад. Ин тавр мулоқотҳо ба воситаи нутқи ҷондори онҳо ба амал меояд. Ин ҷараён вазифаи функсияи ба амал овардани таъмини таълим додани яке (муаллим). Идроки ин донишҳо (талаба)-ро иҷро мекунад. Барои ҳамин дар мулоқотҳои байни талаба ва муаллимон фикрҳо бояд муратаб, бомантиқ, боасос ва боваринок шавад.

Чӣ тавре, ки қайд намудем, мулоқот ҷараёни мураккаб аст. Сохти он чунон аст.

1. Ҷиҳати комуникациявӣ мулоқот ҷараёни маълумоти ивазкуни одамон.
2. Ҷиҳати интерактивӣ мулоқот таъсир расонидан ба хулқу атвори одамон
3. Ҷиҳати персептивии мулоқот ҷараёни ки бо идрок ва фаҳмидан одамони мулоқоткунанда вобаста аст.

Ҳар як мулоқот расми ё норасмӣ мешавад. Мулоқоти расмӣ аз вазифаҳои расмии ҷамъияти ва хулқу атвори онҳо омада мебарод, ки ба ин мулоқоти роҳбар бо ҳодимон омӯзгор бо хонандагон мисол шуда метавананд.

Мулоқоти норасмӣ ба муносибатҳои шаҳшии одамон такя мекунад ва мазмуни онро фикру ақидаҳои эмоционалии онҳо муайян мекунад. Ба инҳо сӯҳбати дуруст, суҳбати ҳамсафарон хонандагон дар танаффус ва ғайраҳо мисол шуда метавонад. Мулоқоти норасмӣ дар ҳаёти одамон бевосита вақтро мегирад. Албатта, дар чунин мулоқот қобилиятҳои забон ёфтан бо дигарҳо фаҳмида тавонистани дигарҳо барин сифатҳо ба самараи ҳаррӯзаи мулоқот бевосита таъсир мерасонад. Аз ин сабаб ҳам ҳама ҳам роҳбар шуда наметавонад ва ҳар кас ҳам ба касби педагогӣ даст намезанад, зеро дар ин соҳаҳо ки бояд аз асрори мулоқот бояд ҳабардор бошад.

Мулоқот аз рӯи мазмун ва равиши худ ба чунин хелҳо ҷудо мешавад.

1. Равияи иҷтимоӣ (ба ҷамоатчигӣ ва манфиатҳои ҷамъият вобаста)
2. Равияи воситаҳои гурӯҳ (мулоқот дар ҷараёни меҳнат таълим, иҷрои ягон супориш)
3. Мулоқоти шахсӣ (муносибатҳои як шахс бо шахси дигар).

Ҳар як намуди мулоқот қоидаҳо усулҳои худро дорост. Донистани онҳо вазифае ҳар шахсест, ки бо дигарон мулоқот мекунад.

Қисмҳои таркибии мулоқот:

**1.** Ҷиҳати коммуникативии мулоқот – ивазкунии аҳборотҳо, донишҳо, ғамҳо, фикрҳо. Воситаи асосии ин ҷараён забон (хаттӣ – даҳонӣ, нутқи - монологӣ). Мазмуни нутқи диалог бо нуқтаи назар шавқу ҳавас, муносибатҳои байни ҳамдигарии одамон вобаста мебошад. Сӯҳбати муаллим талаба роҳбари сиёсӣ, дугонаҳо, ҷӯраҳо аз ҳамдигар фарқ мекунад. Нутқи монологи-мурочиати як шахс ба шахси дигар мебошад. Одамон дар ҷараёни мулоқот ба ғайр аз нутқ боз ҳаракатҳо, ҳазл, мутоиба, ханда, оҳангҳо истифода мебаранд. Л. Толстой дар одамон 97-хел ханда, 85-хел нигоҳро мушоҳида кардааст. Назар ба фикри Андрейев қариб 200 намуди ифодаҳои рӯй ва нигоҳ мавҷуд аст.

Хусусиятҳои миллӣ ва худудие, мулоқоти тарбиявӣ мавҷуданд. Масалан: ҷараёни мулоқоти халқҳои тоҷик ва ӯзбек хеле бой буда, онҳо аз сарҷунбонӣ, таъзимкунӣ, қошу қавоқ истифода мебаранд.

**Ҳамчун як амали комуникасиони муошират чизҳои зеринро тасаввур кардан мумкин аст**

| | |
|---|---|
| Суроғаи комуникатор | Омил ҳамчун субъекти муошират зоҳир мешавад |
| Ресеприент суроғагиранда | Ин маълумот ба кӣ интиқол дода мешавад |
| Маълумот | Чӣ интиқол додамешавад |
| Код | Дар асоси кадом воситаҳо |
| Мақсад | Чаро он интиқол дода мешавад |
| Канали алоқа | Алоқа тавассути овоз, мактуб,пахш |
| Натиҷа | Чӣ ба даст оварда шудааст |

**2.** Дар мулоқоти персептивӣ – ҷойгирии фазоии ҳамсӯҳбатон ҳам аҳамият дорад. Раванди фаҳмиши як дигар як ҷузъи ҷудонашавандаи муошират мебошад, ки тарафи дарккунии алоқа мебошад.Масалан: азбаски

занҳо ба ҳиссиёт дода шудаанд бо ҳамдигар хеле наздик шуда гап мезананд, дар байни мардон масофа мешаванд.

Агар хонандагонро ба шакли давра шинонда шаванд, ҳисси масъулиятнокиашон зиёд мешуданд.

Дар ҷараёни ташкили таъкид тарбияи хонандагон аз тамоили воситаҳои мулоқот истифода бурдан лозим аст. Бачагонро аз синни хурдсолӣ ба дуруст кардан омӯзонидан, маданияти нутқро баланд бардоштан лозим аст. Пеш аз ҳама худи педагог соҳиби маданияти нутқ буданаш зарур аст.

Дарки инсонро "Дарки иҷтимоӣ" меноманд. Аввалин маротиба ин истилоҳро Ҷ.Брунер соли 1947 истифода кардааст ва дарк мекунад. Маънои таъини иҷтимоии равандаҳоро дошт. Бадътар, истилоҳ маънои дигарро гирифт бо ишора ба ашёи иҷтимоӣ, яъне одамони иҷтимоӣ гурӯҳҳо ба намояндагӣ кардани раванди дарки сохторҳои бузурги иҷтимоӣ шурӯъкарданд.

**3.** Ҷиҳати интерактивии мулоқот ба ҳамдигар таъсири амалӣрасонидани одамон дар давоми фаъолият. Ин ҷиҳатҳо дар ҷараёни ҳамкорона меҳнат кардан ба ҳамдигар омӯхтан барин қобилиятҳо намоён мешавад. Дар шароитҳои гуногун худнигоҳдорона одамон ахлоқу одоби онҳоро нишон медиҳанд ва ба қонуниятҳои психологӣ вобаста мебошанд. Боиси ин аз тарафи ҷамъият қонуну қоидаҳо ва нормаҳои ахлоқӣ мебошанд. Дар ҷараёни мулоқот ва ба ҳамдигар таъсир расонидан – хотир ҳаракати худро бо дигарон муқоиса мекунад.

Дар раванди комуникативӣ якчанд системаи аломатҳо истифода мешавад.

Онҳо муоширати шифоҳӣ (тавасути гуфтор) ва муоширати ғайризабонӣ (тавасути нишондодҳои ғайризабонӣ) мебошад.

**Муоширати шифоиӣ (вербалӣ)** – сухани инсон ҳамчун системаи аломатҳо истифода мешавад. Сухан маҷмӯи сигналҳои садоӣ ё аломатҳои хаттӣ мебошад, ки одамон истифода мебаранд, ки тавассути он маълумоти аз муошират гирифта шуда коркард ва ҳифз карда мешавад ва интиқол дода мешавад.забон систеиаи аломатҳои калима мебошад ӯ ҳамчун маҳсули фаъолият и равонӣ дар раванди муошират руҳ медиҳад.

**Муоширати ғайризабонӣ (новербал) –** маънои ифодаҳо, чеҳраҳо,оҳанг, таваққуф, поза (ҳолат), ашк, ханда ва ғайра. Ин воситаҳо шифоҳӣ мебошанд, муошират – калимаро такмил медиҳад, тақвият медиҳад ва баъзан ҷойгузин мекунад. Далели сарчунбондани булғорҳо ишораи норизогист, баръакси русҳост. Синни гуногун гурӯҳҳо воситаҳои гуногуни муоширати ғайризабонӣ доранд. Масалан, кӯдакон аксар вақт зери таъсири калонсолон

қарор мегиранд, ки ба онҳо кина ва рӯҳияи тағирёбии худро медиҳанд ҳамчун гиряро ба восита истифода мебаранд. Вобастагии воситаҳои ғайришварии муошират ба мундарича ва ҳадафи муошрати шифоҳӣ як шакли фарҳанги муошират мебошад.

**Рефлексия** – дар чараёни мулоқот кардан худро дар мавқеи ҳамсӯҳбатон тасаввур мекунед, ба худаш бо назари дигарон нигоҳ мекунад. Масалан: ба ҳамкурсаш ин курта ба ту намезибад мегӯяд, дуюм, ки чунин фикр мекунад, ки агар ин тавр гӯям, вай ҳасад карда истодааст мегӯяд.

**Стратегизация-** дар шуури одамон дар даоми мулоқот ба образҳои ки дар намуди шаблон истифода бурданаст. Маслан, шим пӯшидани духтарон ва веловопедсаворшавии онҳо. Бисёриҳо ин гуна гуна одатҳоро беодобӣ меноманд. Ин нодуруст, албатта.

Баъзеии характери одамро аз қиёфаи зохирии ӯ муайян мекунанд. Масалан, чунн тачрибаҳо гузаронида шудааст: ба донишҷӯён сурати одамони дар қиёфаҳои гуногун нишона дода шудааст. Донишҷӯён қайд кардаанд, ки одамони устуҳонашон калон шахсони иродавӣ, пешонаашон васеъ – доно, одамони мӯяшон сахт – якрав, одамҳои қадпаст – моил ба ҳокимият мешаванд.

Одами зебо ба худаш бино монда ёки нодон шуданашро қайд карданаш. Ин гап албатта , дуруст не. Лекин тасаввурҳое, ки аз авлод ба авлод гузашта омадаанд, ин гуна образҳоро ташаккул додаанд.

Дар ташаккули мафҳумҳо дар бораи одамон , маълумот дар бораи одамон роли асосӣ мебозад. Масалан, бодалиев ба ду гурӯҳи донишҷӯён суратҳоро нишон додаасту гуфтааст. Ба гурӯҳи якум портретро ҷиноятчӣ, ба гурӯҳи дуюм сурати олимро нишон додааст.

Гурӯҳи якӯм чашмони он касро бешафқат, таҷовузкор, гурӯҳи дуввум чашми олимро меҳрнок, доно, мулоим гуфтаанд.

Қиёфаи берунаи одамон либоспӯшӣ, худдорӣ, овоз, ҳатту ҳаракатҳо ба ҳамсӯҳбаташ маълумотҳои васеъ медиҳад.

Дарк намудани ҳамдигар бо идрок алоқаманд, ҳамдигарфаҳмии онҳо ба соҳаи тафаккур алоқаманд аст. Шахсе, ки одами дигарро мефаҳмад ба ҳолати ҳиссии ӯ дохил гардида ҳисоб меёбад. Яъне дар чунин шахс эмитация фаҳмонидани ҳолати ҳисси дигарон ривоҷ меёбад. Шахси шуураш баланд, маданиятнок, ҷаҳондида дигарҳоро фаҳмида дар мавқеии ӯ истода метавонад.

Психологҳо ба вазъиятҳои гуногуни мулоқот дучор мешаванд ва дар ҳар вазъият аз онҳо хулқу одоб, донистани рӯҳияти ҳар як кас талаб карда мешавад. Психологи оянда бояд қоидаҳои зеринро донад:

**1.** Дар бораи одами наҳустин бор дида фақат тасаввурҳои аввалин пайдо мешаванд

**2.** Дар асоси маълумотие, ки дар бораи ин ё он одам дода шудааст фикри муайян хосил мешавад. Аммо онро дигаргун кардан душвор аст.

**3.** Интилект (доноӣ) баланд ва паст бошад ҳам фаҳмидани одами дигар душвор аст.

**4.** Дар ин бобат тайёрии махсус лозим аст.

**5.** Дар таҷриба бо Психологҳои курсӣ ва рассомон баҳои ба одамони додашуда

**I.** Вақте, ки ба як касе дардманд баҳоро ба дигар одам мефармояд ӯро ҷаҳли меҳнатбар, худи ҳамон одамро дар вақти саломат буданаш нишон доданд, сифатҳои хубашро таъкид мекунад аз ин чунин мебарояд, ки дар вақти баҳодиҳӣ ба одамон ҳолати эмоционалӣ бояд ба ҳисоб гирифта шуавад.

**II.** Дар байни баҳои додаи одами чеҳракушод ва тундмиҷоз аз ҷиҳати сифат фарқ мавҷуд аст.

Хулоса аз Психологҳои оянда дониш ва моҳияти психологӣ талаб дода мешавад, ки онҳо ба воситаи трененгҳои иҷтимоӣ-психологӣ ба амал бароварда мешаванд.

Мулоқот карда тавониста барои мувофиқшавӣ ба шароитҳои истеҳсолот ба муомила бо одамон ёрӣ менамояд. Барои ин психологҳо таклиф мекунад, ки гурӯҳҳои махсуси тайёри ёки трененгҳо ташкил карда шавад. Дар мамлакатҳои Ғарб бо ҳамин мақсад гурӯҳҳои Т ташкил карда шуда одамон дар мулоқот душворорирo ҳискунанда таклиф карда мешавад. Усулҳои асосии трененгҳои ийтимоӣ психологӣ мунозираҳои гурӯҳӣ, бозиҳои ролдор ва ғайраҳо мебошад. Трененг бо гурӯҳҳое, ки аъзоҳояшон 7-15 нафар мебошанд машғулотҳо аз як моҳ то якчанд моҳ давом мекунад. Дар машғулиятҳо одамон худро ба ҷои дигарон мемонанд қобилиятҳои фаҳмидани дунёи ботинии одамон ва ғайри тарбия карда мешавад.

Нисбати трененгҳои иҷтимоӣ психологӣ чунин талабҳо гузошта шудааст:

1. Ҳар як иштирокчӣ дар ҷараёни мунозира ва ё бозӣ вазъият ва ролро фаъол аз худ карда аз ҳар хелаи Хулоса бароварданаш зарур аст.
2. Тренере, ки машғулот мегузаронад бояд аз тайёрии махсус гузошта, ҳушмуомила либоси тоза пӯшида бо сабру тоқат, маданиятнок бошад.

Дар вақти ҳозира роҳбарони гурӯҳро ба мулоқот тайёр карда дар курсҳои махсус ба амал бароварда мешавад.

Психологияи амалӣ ҳоҳ дар мактаб, ҳоҳ дар корҳонаи саноати шароитҳои маҳаллиро аниқ омӯхта, бо роҳбарияти маслиҳат карда кор бурданаш лозим аст.

Талаботи "Фан дар амалиёт" дар вақти ҳозира масъалаи муҳим шудааст. Зеро барои тайёр кардани ҷавонон ба ҳаёти маънавии фаъолияти мустақилашон иҷрои як қатор вазъиятҳои ташкилиро тақозо мекунанд.

Даври ҳозираи тараққиёти илму фан бо он характернок аст, ки олимон аз тадқиқотчиён бештар ба ҳалли масъалаҳои назарӣ шарҳ додани қонуниятҳои умумии ҷамъият ва ба аҳолӣ фаҳмононида диҳанд. Ин қоидаҳо ба фанҳои педагогика ва психология ҳам тааллуқ дорад.

Мулоқот дар натиҷаи таъсирҳои беруна ва намунаҳо худро худ ба тартиб даровара аз навтарбия кунӣ ва барои рӯ овардани имкониятҳои шахсӣ замина тайёр мекунад, бо комили водор месозад.

Рафти муомилаи инсони комил, усули мулоҳаза ва баҳскунӣ, ба муносибат дохилшавии он ҳам аз тарафи шахсони дигар тақлид карда мешавад ва дар давоми натиҷаи ҳаётиаш ба он риоя намуда зиндагӣ мекунад. Дар ҷараёни муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ба ҳолаи ва ё ҳодисаи иҷтимоии ғайритабии бошуурона такя намудан худро худ фаҳмидан, ба худ баҳо додан, ва худ ба худ амр додан, зинаҳои муҳими камолотест, ки ки дар дунёи руҳии шахс вуҷуд дорад.

Барои ҳамин ҳам тақлидҳои дохила ва берунаро фаҳмидан, онҳоро зина ба зина аз худ намудан – тайёрии касбии мутаҳасисони оянда ва сифатҳои шахси баркамол аст.

Сабаби асосии ба мулоқот ҳамроҳ шуда наиавонистани шахс аз он иборат аст, ки худро худ зиёд ё паст баҳо доданаш аст, ки одамоне, ки онро иҳота кардаанд нисбати онҳо муносибати нодуруст дорад.

Имкониятҳои пешгирии ин ҳолат мавҷуд аст, ки асосан ба зеринҳо эътибор дода шавад самара ва натиҷаи иҷобии худро медиҳад:

1) Дар фаолияти ҳамкорӣ бо воситаи мулоқот ва ҷараёни он дар байни аъзоён муносибатҳои инсонпарвариро ташкил додан, имконияти таққос намудани муҳити иҷтимоиро ба вуҷуд овардан;

2) Тадбирҳоеро дар ҷараёни мулоқот ба амал овардан лозим аст, ки дар муносибати дохилаи ҳамаи аъзоён позицияи қулайро таъмин мекунад;

3) Ташкили машғулотҳои махсус, ки ба хусуиятҳои мулоқоти инсон маромҳо, усулҳо ва шаклҳое, ки барои аз худ намудани аҳборотҳо нигаронида шудааст;

4) Муносибатҳои байни ҳамдигарии шахсон ба бозиҳое, ки ба усулҳои мулоқот ва кордони нигаронида шудааст, психодрамма ва тартиб додани усулқои трейнииниг .

Мувофиқи, нишондоди адқиқотҳои Л.С.Виготский, А.Н.Леонтев, А.Р.Лурия, Д.Б.Эльконин, А.В.Запорожец, М.И.Лисина яке аз эҳтиёҷҳои иҷтимоии кӯдакон ин эҳтиёҷ нисбати мулоқот аст.

Чӣ тавре, ки А.В.Запороҷец ва М.И.Лисинаҳо дар тадқиқотҳои худ таъкид намудаанд эҳтиёэи мулоқот кунии кӯдакон бо калонсолон то сини 7 солагӣ бо тарзи як чанд зинаҳо ривоҷ ёфта меравад.

1) Пайдоиш эҳтиёҷи эътибор ва ҳайриҳоҳи.
2) Ба вуҷуд омадани эҳтиёҷи бо калонсолон ҳамкорӣ.
3) Ҳамаи эҳтиёҷҳои аввала эҳтиёҷи аз тарафи калонсолон ҳурмат ба вуҷуд меояд.
4) Кӯдаконе, ки то синни томактабаӣ ҳастанд дар онҳо эҳтиёҷе пайдо мешавад, ки фаҳмидани байниҳамдигарии атрофиён аст.

Инсон дар давоми мулоқотҳои байниҳамдигарӣ бо вазъиятҳои гуногун дучор мешавад, идора карда тавонистани худ ва фазилатҳои нек ва баъзе қоидаҳое, ки ба он риоя кардан лозим аст ва албатта ин ҳамкории ба сӯи мувафақиятҳо водор месозад.

1) Ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои берунии иҷтимоӣ бо будани ҳолати руҳии дохила аз он ҷумла бо акс намудани мазмун ба вуҷуд меояд, балки ҷараёни мазкуре, ки алоқаи дуҷонибаро ба вуҷуд меорад.

2) Диққати фаолии ихтиёрии беруна, ки ба объектҳои равона шудааст ва ба ҷамъшавии он омилҳои таъсирбахше, ки дараҷаи самарадориро суст мекунад, ҳолати асабӣ ва коркуниро кам намуда ба рафти мулоқот зиён мерасонад.

3) Инсон худашро эркин, озод ва барои бемалол ҳис намудани инҳо дигаргуниҳо ҷисмонӣ бо воситаи ҳолати асабӣ ва мондашавӣ ақли инсон ба мақсади худ расидани мумкин аст. (Э.Ғозиев «Психологияи муомила» Т, с. 2001 23)

Ҳамаи талабагон ба қоидаҳои болои риоя намуда, дуруст доштани қомат дар вазъиятҳои муаммовӣ ба мақсади мулоқот ба рафти он ҳодисаҳои хосу мос ҳолатҳо, шароитҳо, муҳити муайан ҳаракатҳои мазмундор имову ишораҳо мимика, пантомимика ва дар болои дигар вазъиятҳо бо иштиёқ кор баран два машқҳои табассуми ҳушрӯ, нозук ва гарм бо миқдораш ханда кардан, зебо қадам гузоштанро иҷро намоянд бо ёри нутқи новербали муносибатҳои байниҳамдигарии шахсонро дуруст ба роҳ гуҳошта метавонанд.

Калонсолон доим бо кӯдакон дар муносибати эмоционали иҷобӣ буданаш лозим аст. Кӯдаке, ки дар сини 4-5 сола аст муносибатҳои он характери ба худ хос дорад. Вай аъзоёни оилаи худро аз дигарон фарқ карда метавонад. Калонсолон доим дар атрофии кӯдак парвона шаванд, ӯ бо бозичаҳо бози намекунад, балки кӯдак аз модар ҷудо шавад ғаш ҳашм ва инҷиқ шуда мемонад. Кӯдаке, ки дар сини 7-9 аст ҳатту ҳаракатҳои калонсолонро бо диққат назар мекунад. Пас аз он боз вай суханҳои калонсолонро бо диккат назар мекунад ва барои такрор намудан, ҳаракат мекунад.

Дар ин давр ҳаракатҳои калонсолонро онҳо ба воситаи тақлидкорӣ аз худ мекунанд. Масалан: рӯи мизро тоза карда пок кардан ва барои бардоштани косаву лаъли зарфҳо ҳаракат мекунанд. Калонсолон ба ғайр аз қонеънамудани эҳтиёҷҳои хурдсолон ба предметҳо ҳам ҳаракат кунониданро низ меоӯмзанд яъне ҳатту ҳаракатҳои онҳоро идора мекунанд.То сини яксолагӣ кӯдакон мулоқоти калонсолон ро гӯш мекунанд. Ҳар гунна бозичаҳо барои кӯдакон фақат предметҳои дилкушо набуда, воситаи ривоҷёбии руҳияти онҳо аст.

Кӯдаки дар сини 2-3 сола буда бо бозичаҳо бозӣ карданро сар мекунад. Рангонарги ва овознокии бозичаҳо бо бачагон эмоцияи иҷобиро пайдо мекунад. Модар ба кӯдакаш бозикунии бозичаҳоро меомӯзонад. Овози бозичаҳо кайфияти кӯдакро боз ҳам мебардорад. Идроки онро ривоҷ медиҳад. Фаъолияти асосии кӯдакон то даври мактаб ин фаъолияти бозӣ аст.

Калонсолон бозабони бозичаҳо бо кӯдакон мулоқот намоянд мувофиқи мақсад аст. Вақти бозӣ кардани бозичаҳои гуногун, кӯдак ба ҷунбиши он, овозбврории он ва дидақа қисми дохилаи он ҳаракат мекунад. Кӯдаке, ки дар сини 9 аст ба ғайр аз бозичаҳо ба онҳо қоғаз ва қаламҳо ҳам додан зарур аст. Дар натиҷаи ин нутқи хаттии онҳоро аз тарафи расмҳои кашидаашон дидан мумкин аст.

Бо воситаи бозӣ дар бачагон ҳис, идрок, хотира, фикркунӣ, фантазия ҷараёниҳои руҳӣ, инчунин, хислатҳои характкри, намудҳои қобилият ва намудҳои типии темперамент (мизоҷ) ривоҷ меёбад.

Барои ривоҷи нутқу мулоқти кӯдакон калонсолон роли муҳим мебозанд. Чунки ба кӯдакон калонсолон намунанд, аз ин ҷумла кӯдакон мустақил ҳаракат карда наметавонанд, шуури онҳо дуруст ривоҷ наёфтааст. Барои ривоҷ додани шуури кӯдакон бозичаҳо ва миқдори зиёди бозиҳои гуногун натиҷаи фоиданоке мкдиҳад. Дар давраи якум кӯдаки ҳам низ аҳамияти бозӣ хеле калон аст. Бо воситаи бозӣ хусуиятҳои руҳии кӯдакон ривоҷ меёбад. Дар ин давр кӯдакон бозичаҳои предметиро

бисьёр мебозанд. Асосан бозичаҳои дидактики дар ҳаёти кӯдак ҷои муҳимро ишғол мекунад. дар ин давр мулоқот нисбати калонсолон ба бозҳо зиёдтар мешавад.

Кӯдаконе, ки то сини мактаб ҳасианд ҳангоме фаъолияти бозӣ ҳатту ҳаракатҳои калонсолонро бо тақлидкори ифода мекунанд. Ин бошад дар навбати худ мулоқоти онҳоро ривоҷ медиҳад. Хонандагони хурдсоли мактаб фаъолияти бозӣ ба худ хосро доранд. Онҳо бисёртар ҳаракатҳои спортӣ ва бозиҳои серҳаракатро иҷро мекунанд. Ва бо воситаи бозӣ ва ҷараёни бози хонандагон бо ҳамдигар дар мулоқот мешавад.

Хонандагони дар синфи 5-6 меҳонанд ва инчунин онҳо наврас ҳастанд, эҳтиёҷи бозӣ низ ба онҳо вуҷуд дорад. Дар вақти танаффус, дар вақтҳои берун аз дарс онҳо бо фаъолияти бозӣ низ машғул мешаванд. Дар онҳо бо ҷараёни бозӣ мулоқот низ шакл мегирад. Умуман фаъолияти бозӣ дар ҳаёти кӯдкон роли муҳим мебозад.

## МУЛОҚОТ ДАР ДАВРАИ ЯКУМИ КӮДАКӢ

Дар даври якуми кӯдакӣ, кӯдакон бо калонсолон тобеъ ҳастанд чунки онҳо ҳаракати мустаъқил карда наметавонанд.

Ҳатту ҳаракат, одобҳои хулқро кӯдакон аз калонсолон меомӯзанд. Дар ин давр мотиви хулқи он нофаҳмида аст. Шакл гирифтани дунёи дохилаи кӯдакон бо калонсолон вобаста аст. Чунки бачагон мулоқоти интизоршудаи калонсолонро дарҳол дода наметавонанд. Кӯдак шавқмандии бо предмет будаашро аввало бо калонсолон баён мекунанд. Ёрии заруриро бо истифодабарии нутқ мегирад. Дар инҷо талабҳои гузоштаистодаи калонсолон ҷои муҳимро дорад. Калонсолон агар бо онҳо бисёр мулоқот накунанд он аз афзоиши нутқ пас мемонад. Эҳтиёҷи ба нутқ будаи кӯдакон худ аз худ ривоҷ намеёбад балки бо фаъолияти предметҳо ва мулоқоти калонсолон меафзояд. Дар давраи якуми кӯдаки ривоҷёбии нутқ бо дуроҳ ба амал баровარда мешавад: фаҳмидани нутқи калонсолон. Ва нутқи шахсии кӯдак, ки ривоҷ мeёбад. Мулоқоти модар бо кӯдак фақат бо сухан, не балки бо имову ишора, мимика пантомимика, оҳанг ва ба воситаи вазъиятҳо шуданаш зарур аст. Инҳо барои ҳаракат чун сигнал ҳизмат мекунад. Кӯдаке, ки дар сини 2 сола аст, бозичаро “ба ман деҳ” гӯён ба он ишора намояд дар ҳол мефаҳмад, ва иҷро мекунанд. Сухани «мумкин нест» ҳаракатҳои кӯдакро боз меистонад. Масалан ба резетка даст расонида истода бошад, ба дазмоли таспидаистода даст бурда истода бошад, гуфтани он сухан ҳаракатҳои кӯдакро боз меистонад ва пешгир менамояд. Кӯдаке, ки ба сини 3сола расид вай бемалол бо калонсолон бо воситаи нутқ мулоқот карда метавонад. Онҳо барои ҳама

пӯшокҳояшонро пӯшидан ҳаракат мекунанд. Эҳтиёҷҳояшонро бо воситаи нутқ бевосита баён мекунанд. Чунки нутқро пурра аз худ намудаанд. Кӯдак бо воситаи нишондоди калонсолон ҳатту ҳаракатҳояшонро дуруст равона мекунанд. ӯ мулоқоти байни ҳамдигарии калонсолонро бо ҷон ҷаҳдаш мешунавад, ба фаҳмидан ҳаракат мекунад. дар ин давр кӯдакон ба шунидани шеър, ҳикоя, афсона хеле шавқманди доранд. Ин бошад барои фаҳмидани дунёи беруна роли муҳим мебозад. Кӯдаке, ки ба сини 1,5 расидааст 30-40 калима то 100 то суханро медонад, ҳалос. Кӯдакон аз сини 2сола боло калонсолон саволҳои зиёде медиҳанд. Ин чист? Чаро ин тавр? Барои чӣ? Ва ба монанди инҳо муроҷиат мекунанд. То охири сини 2 сола кӯдакон то 300 калима гапро аз худ мекунанд. То охири сини 3 сола бошад 500 -1500 суханро медонанд. Лекин дар ин давр нутқи онҳо автоматики мешавад, онҳо нонро «нона, оброумма » ва дигарҳо меноманд. Оҳиста оҳиста калонсолон ба онҳо мулоқоти дуруст намоянд нутқи онҳо дуруст мешавад, яъне бача ҳама чизҳоро бо номи худаш номбар мекунад.

Яке сухане гуфтаи кӯдакон, чӣ гуфтании онҳоро ифода мекунад. Масалан: модар гӯяд модараш ба он нон ё об медиҳад бо ҳамин эҳтиёҷҳои онҳо қонеъ мешавад. Ба кӯдакон мулоқотро омӯзонидан ҷараёни руҳии онҳоро низ ривоҷ медиҳад. Дар ин давр кӯдакон чиро ҳоҳанд ҳамонро дарҳол аз худ намоён мекунанд. Лекин инҳоро бо тарбия оҳиста- оҳиста бартараф намудан лозим аст, яъне сабркуниро аз хурди омӯзонидан лозим аст.

Бо даври 3 солагӣ дар онҳо давраи якуми «инқироз» сар мешавад. дар ин давр фаҳмишҳои «ҳама корро худам мекунам», «манн худам» шакл мегирад. Онҳо яграв ва ӯҷар шуда мемонанд. Дар ин давр ба кӯдакон падару модарон тарбияи дуруст доданашон зарур аст. Пас аз 3 солагӣ давраи кризис оҳиста-оҳиста барҳам меёбад. Мулоқоти онҳо бо калонсолон нормалӣ мешаванд. Дар ин давр кӯдак дар маркази диққати падару модар намешавад, чунки додару ҳоҳари он шуданаш мумкин аст. То ин давр кӯдак фикр мекунад, ки он аз диққати падару модар дурр шуда ва падару модараш байни ҳам мулоқот мекунанд. Дар бораи мавзӯъҳое, ки дар он нофаҳмо аст гап мезананд. Ин бошад ба он маъқул нест ва инҷиқ шуда мемонанд. Дар асл бошад модар аз он дил пур буда ба он камтар эътибор медиҳад, ин бошад ба кӯдак маъқул нест. Аз ҳамин сабаб ҳам падару модарон ба онҳо эътибор доданаш зарур аст.

Ҳамин хел вазъиятҳо мешавад, ки кӯдак дар оила бо модар ва ё падар танҳо мемонад. Ин намуди оиларо оилаи нопурра меноманд. Кӯдаке, ки дар ин гуна муҳит ба воя расида истодааст аввало набудани падарро ҳис мекунад ва бо ҳиссиётҳо худро дода, дигаргунишаванда мешавад. Дар ин

давр модар аз ҳешу таборонаш илтимос карда ба ҷои падараш бо он мулоқот карданашро пурсиш намуданаш лозим аст. Чунки кӯдак дар муносибати падару модар айбдор нест. Агар кӯдак солим ба воя рассад онро ба яслиҳо медиҳанд. Дар он ҷо кӯдак бо одамони нав, бо ҳам солони нав, муносибатҳои навро ба амал мебарорад, мулоқот мекунад. бозии онҳо низ ба худ хос мешавад. Дар рафти бозиҳо онҳо ролҳои гуногунро мебозанд. Ба қоидаҳои бозӣ риоякуниро оғоз мекунанд. Шаклҳои мулоқот бошад, аввало дар вақти бо гурӯҳ бозикунӣ не балки ба худ бозӣ карданаш сар мешавад. дар ин давар ӯ бисёртар бо ҳатту ҳаракатҳои худ эътибор медиҳад. Бо муносибатҳои байни ҳамдигарии кӯдак бо дигарон бо мулоқот ҳамроҳ шуда метавонанд. кӯдакони 4 сола бошад бисёртар бо дигар бачагон ба мулоқот буданро меҳоҳанд. Дар ин зина бошад, бозичаҳоро байни ҳам иваз мекунанд ва бо ҳамдигар ёри медиҳанд. Аз инрӯ кӯдак худ танҳо бозӣ накардо бо дигарон бозӣ куниро афзал медонад. Дар вақти бозӣкуни бошан онҳо бисёрӣ роҳбар, сардор шуданро меҳоҳанд. Ки бозиро ташкил намояд вай доимо сардор шуданро меҳоҳанд. Дар ин ҷараён низоҳо (конфликт) ба вуҷуд меояд. Бачае, ки аз бозӣ дилпурӣ хосил накард «ман дигар бози намекунам, бо ту» гӯён аз бозӣ мебарояд.

Вазъияти бозӣ нутқи кӯдконро шакл медиҳад. Дар кӯдакони то сини мактаб буда бошад дар ҷараёни бозӣ боигарии нутқи онҳо меафзояд. Бо воситаи машғулотҳо нутҳқи онӣо низ ривоҷ меёбад. Чунки дар машғулотҳо кӯдакон шеър аз худ мекунанд, афсонаҳо гӯш мекунанд. Муносибатҳои байни бачагон ва духҳтарбаяагон дар даври яслӣ ба худ хос мешавад. Ясли бошад фақат ҷои фаҳмиши дунёи беруна ва ҳиссиётҳои гуногун набуда балки ба онҳо имконияти бо ҳамсолон мулоқот карданро медиҳад. Асосан муносибатҳои писарбачагон бо духҳтарбаяагон ба худ хос мешавад. Дар ясли ҷамоаи бачагон шакл мегирад. Дар давраи якуми кӯдаки онҳо писарбачагю бо духтарбачагонро фарқ карда наметавонанд. Бачагони дар сини миёнаи мактаб буда бошад фарқ карданро сар мекунанд. Калонсолон бо онҳо писарбача чӣ тавр шуданаш лозим, духҳтарбача чӣ тавр шуданаш лозим фаҳмонида медиҳанд. Масалан писарбача гиря кунад « гиря макун, писарбача ҷасур шуданаш лозим: духтарбача-ми ту?», ба духтарбачагон бошад «Бо дарахт рост машав, ту духтарбача ҳастӣ» ба монанди инҳоро фаҳмонидан зарур аст. Ба ғайр аз ин калонсолон яъне ба хулқу одоби онҳо нигоҳ карда бачагон худдориро низ меомӯзанд. Дар фаъолияти бозӣ хислатҳои ба худ хоси одамон мардон ва занонро намоён мекунад. Ривоҷ додани мулоқоти онҳо бошад ба тарбиячиён яъне дуруст ташкил намудани машғулотҳо вобаста аст. Сини калонтари мактаббачагон мустақил ҳаракат

карда метавонанд, худашон шусту-шӯ мекунанд, худашон пӯшок пмепӯшанд. Лекин онҳо доим ба диққати маркази падару модар ва дӯстдории онҳо буданро меҳоҳанд. Падару модарон дар тарбияи фарзандон аз усулҳои зерин истифода бурданашон мумкин аст:

1. Усули авторитар – идоракунӣ бо сахтдасти бурда мешавад. табассуми кӯдак аз тарафи падару модар тақиқ карда мешавад. Ҳар як ҳатту ҳаракат албатта бо ҷазо додан тамом мешавад. Кӯдаке, ки дар таҳти ин усул тарбия гирифт, тарсон, беҷуръат шуда мемонад., имкониятҳояшро ба рӯ оварда наметавонад. Чунки падару модар ба он шароит фароҳам намеорад.
2. Усули либералӣ – падару модар нисбати фарзанд бефарқ мешавад, ӯ ба чӣ шавқмандӣ дорад, чӣ гунна лаёқат дорад эътибор намедиҳанд. Бача чӣ баду чӣ некро дониста наметаваонад. Дар натиҷа кӯдакон, мустақил ва фаъол ҳаракат карда наметавонанд.
3. Усули демократӣ – усули маҳсулдори тарбия буда, дар он падару модар ба фарзанд ҳамаи меҳри худро дода, ба шавқмандияшон ҳам имкониятҳои он ҳам ҳавасмандӣ мекунанд, ҳисоб мекунанд. Мустаъқил фикркуниӣ кӯдакро мехоҳанд. Ин усул бошад роҳи дурусти тарбияи кӯдакро медиҳад.

Дар базеъ оилаҳо фарзанд аз сабаби танҳо буданаш, падару модар ба он ҳамаи меҳри худро диҳанд, онро дӯстдорӣ мекунанд ва ӯ дар оянда худбин мешавад. Ёки кӯдак додаронаш ба дунё ояд тавлид шавад, худро бадъ ҳис мекунад. Чунки падару модар акнун ба фарзанди худашон эътибор медиҳанд. Дар инҳо калонсолон ба ӯ мустаъқил буданашро ҳар корро карда тавонистанашро фаҳмонанд ӯ нисбати додараш бо меҳр мешавад.

Тарбиягар ҳангоми бачаи наве, ки дар ҳона тарбия ёфтааст ва бори аввал ба боғча омад, аз дигарон талаб намуданаш лозим аст, ки ба он ҳушмуомала шаванд. Бо он бисёр ҷътибор низ зарур аст, лар натиҷа вай бо муҳити нав тезтар мос мешавад. Агар тарбиячиён дар вақти машғулотҳо бо он дар муносибати дуруст набошад, ҳамаи бачагон аз он намуна мегиранд. Тарбиятгар бо бачагон дар муносибати гарм ва ҳушмуомала бошад ин гурӯҳ ҷамоаи ҳамҷиҳат, ва муносибатҳои байниҳамдинарии онҳо низ дуруст мешавад. бачагоне, ки дар сини калони мактаб ҳастанд дар онҳо Хусусан дар фаъолияти бози сифатҳои иродавӣ шакл мегирад. Фаъолияти бозӣ мулоқоти байниҳамдигарии баяагонро таъмин мекунад. Хусусан баробари онҳо ғамҳори нисбати дигарон, ба муносибати дуруст

будан ва фаҳмидани дигарон низ шакл мегирад, эҳтиёҷҳояшон ҳам ба амал гуногун мешавад.

Дар фаъолияти бозӣ кӯдакон бо қоидаҳои бозӣ риоя мекунанд, “Модараш он тавр намекунад”, “Шифокор ин тавр укол намекунад” ва монанди ин фикрҳо ба вуҷуд меоянд, ва ҳатту ҳаракатҳои онҳоро ифода мекунад. Эҳтиёҷе, ки бо мулоқот аст, дар фаъолияти бозӣ қонеъ мегардад. Вақте, ки қоидаҳои бозиро вайрон кард кӯдак бо самимият “дигар ин тавр намекунам” мегӯяд.

Имрӯз барои мо корҳои ташкилӣ ва ҷустуҷӯиҳои илмӣ заруранд, ки тараққиёти иҷтимоӣ ва тафаккури инсонро тезонанд. Мувофиқи талаби давр ахлоқи одамонро тарбия намоянд. Ислоҳотҳои бузурги ки дар мамлакатамон рӯй медиҳанд, ана ҳаминро талаб мекунанд.

Яке аз муаммоҳои муҳим дар ҷавонон ташаккул додани ҷаҳобинии нав ба муносибатҳои нави демократи аз ҷиҳати психологӣ тайёр кардан ҳисоб меёбад.

Дар соҳаи маданият дар ҷавонон парвариш намудани муносибатҳои олӣ нисбат ба маданият таъкид ва имрӯзи ватанамон қадриятҳои миллии халқамонро вазифаи асосӣ ҳисоб меёбад.

Дар акси ҳол шахси ки синну асрори оламро хуб медонад, агар донишҳои худро ба манфиати халқи худ равона накунад, ба инсони аз ҷиҳати мадани қашшоқ худбин табдил меёбад.

Эҳтиёҷе, ки бо мулоқот аст, дар фаъолияти бозӣ қонеъ мегардад. Вақте, ки қоидаҳои бозиро вайрон карда кӯдак бо самимият “Дигар ин тавр намекунам” мегӯяд. Демак бозӣ кӯдакро бо самимият мулоқоти дуруст, нағзи ва барои тарбияи ҳиссиётҳои он сафарбар мекунад. Аз сабаби итоат накардан ба қоидаҳои бозии кӯдакон танҳо мемонанд, чунки дигарон ба он ҳамроҳ намешаванд. Бо он бозӣ намекунанд, ҳатто бо он мулоқот ҳам намекунанд. Вақте, ки бозиҳоро ба тарзи мусобиқа ташкил намуд тарбиятгар эҳтиёткор шуданаш лозим, чунки байни ғолибон ва мағлубон адоват ба вуҷуд омаданаш мумкин аст. Пас аз бозӣ онҳо низоҳоро низ ба амал баровarданашон мумкин. Кӯдаконе, ки дар синни калони томактабӣ ҳастанд нутқи онҳо нағз ривоҷ наёфта аст. Онҳо бо воситаи якҷӯя намудани 3 шахс нутқи шифохиро баён мекунанд: “ӯ гиря карда истодааст”, “ӯ афтид” ва ғайраҳо. Ин ҳолат вақти расидан ба синни мактабӣ аз байн меравад. Аз сабаби тарбиянок набудани нутқи кӯдакон онҳо сухани тарбиятгарро то ба охир гӯш намекунанд, онҳо қоидаи бозиро нафаҳмида, тезтар ба он шурӯъ мекунанд. Дар бачагон нутқи эгоцентрик (ба худ нигаронида) ба худ хос мешавад. Кӯдак дар он давр ҳам барои эҳтиёҷҳои ба бозӣ будаи худ барои қонеъи онҳо ҳаракат мекунад. Вай нисбати бозичаи нав, бозичаи “кӯҳна”- и

доимии худ бисёртар бозӣ мекунад. Зочаҳо ва бозичаҳо асоси шаклдиҳии рефлекс ва садоқат мебошад. Вақте, ки ба он мулоқот мекунад он аз мулоқоти калонсолон тақлидҳоро истифода мебарад.

Духтарбачагон бисёртар бо зочаҳо бо мулоқот бошанд, писарбачагон бисёртар бо мошинчаҳо, (самолёт, тиру камончаҳо, велосопедҳо) ба мулоқот мешаванд. Духтарбачагон дар вақте, ки писарбачагон зоча бозӣ кунанд аз болои онҳо ханда мекунанд, танбеҳ медиҳанд. Демак кӯдакон бо ҷинс нигоҳ карда бозичаҳоро интихоб мекунанд. Вақте, ки ба синни мактаб расиданд онҳо низ аз бозичаҳои дӯстдоштаашон даст намекашанд.

## МУЛОҚОТ БО КӮДАКОНИ ХУРДӢ МАКТАБӢ ВА ТО МАКТАБӢ

Дар ин давр муносибатҳои байни ҳамдигарии кӯдакон мазмуни хосро касб мекунанд. Кӯдак аввал бо падару модар, ҳешовандон, аъзоёни оила, бо тарбиячиён ва дар гурӯҳ будагонаш мулоқот карда бошад, акнун бо ҳамсинфон ва роҳбари синф дар муносибат мешавад. Дар ин давр, дар онҳо ҳисси масъулият ривоҷ меёбад барои афзоиши нутқи кӯдакон дар мактаб таҳсил гирифтани онҳо хеле муҳим аст. Кӯдак то синни мактабӣ фикр накарда гап мезанад, аз ин рӯ он бо дониш ва тарбия сухан меронад. Дар натиҷаи омӯзиши гираматика ҷиҳатҳои фонетикии нутқи кӯдак ривоҷ ёфта дуруст мешавад, шакли синтаксисии нутқ ривоҷ меёбад. Дар ҷараёни азхудкунии ҳамаи фанҳое дар мактаб омӯзонидашуда, нутқи луғавии онҳо бой мегардад. Мазмуни гапҳоро, калимаҳоро барои чуқуртару васеътар фаҳмидан ҳизмат мекунад. Зинаи асоситарини ривоҷи нутқии бачагон ин баён намудани нутқи ҳаттӣ мебошад. Кӯдак фикри худро бо нутқи ҳаттӣ баён мекунад. Хонанда мувофиқи супориши муаллим ба нутқи худ ва ба кори кардаи худ чизи навиштае, худ чӣ гуна баҳо доданро фаҳмида меравад. Хонанда дар вақти супоридани вазифа худ ба худ гап мезанад, машқ мекунад, ин бошад барои ривоҷи нутқи хонанда таъсир мерасонад. Барои шаклгирии нутқи хонандагон, маданияти нутқи калонсолон, асосан муаллим роли муҳим мебозад. Чунки нутқи муаллим барои хонандагон нутқи намунавӣ ҳисобида мешавад. Барои ҳамин ҳам муаллим дар болои такомиллии нутқи худ низ кор бурданаш зарур аст. Дар мактаб миқдори гапҳое, ки фаъол кор фармуда мешавад, зиёд мешавад. Ҳондани нутқи хатти ва навиштани он малакаи ҳаётии хонандагон ба ҳисоб меравад. Хонандагони хурдсоли мактаб баробари якҷоя намуда бо воситаи калимаҳо фикре соҳтан, баъзан мазмуни матнро нодуруст мефаҳманд. Дар он кам будани боигарии нутқи онҳо ва фарқ карда натавонистани фикри асосӣ сабаб мешавад. Бо ҳамин муносибат муаллим дар бораи чизҳои ҳонадаи онҳо, нақшаи мустақилона соҳтанро

омӯзониданаш лозим аст. Хусусан ин корро аввалтар пештар ба роҳ монданаш зарур аст. Дар ҷараёни дарсӣ ҳусни ҳат, хонанда барои навиштани ҳарфҳо бо душвориҳои калоне дучор мешавад. Аввал хонанда ҳамаи эътиборашро бо навиштани дуруст ва нишастан, менигарад. Аввало нутқи хаттии хонандагон бо ёрии нутқи шифоҳии онҳо муайян карда мешавад, яъне он калимаро чӣ тавр талаффуз кунад, ҳамонтавр менависад. Дар ин давр бо хонанда талаффуз намудани машқҳо ва калимаҳо барои дуруст азхуд намудани имло ва қоидаҳои он роли муҳим мебозад. Дар нутқи ҳаттӣ имову ишораҳо кор фармуда намешавад, нутқи хаттии хонандагони хурдсол хеле суст мешавад. Нутқи бачагон дар зери таъсири нутқи калон солон ривоҷ меёбад. Аз ҳамин сабаб ҳам педагогон баробари афзонидани нутқи хаттиву шифоҳии хонандагон, маданияти нутқи онҳоро низ ривоҷ доданашон зарур аст.

## МУЛОҚОТИ БАЙНИ ҲАМДИГАРИИ НАВРАСОН БО КАЛОНСОЛОН

Давомдихандаи насли мо нафақат ҷисмонан пурқувват, балки маънавӣ боӣ, ба талаби даври замон ҷавобдиханда, дар ҷараёни мулоқот мустақил фикркунанда шуданашон, яке аз муаммоҳои долзарди замони имрӯза ба ҳисоб меравад.

Дар "Қонун дар бораи таълим" ва "Барномаи миллии тайёр намудани кадрҳо", озодии шахс, барои шакл гиронидани қобилияти мустақилфикрӣ, маданияти муомила, эътибори алоҳида дода шудааст. Барои ҳамин ҳам ривоҷ додани мустақил фикри ва малакаи ҷараёни фикркунии озодии наврасон яке аз муаммоҳои долзарби дар бораи психологҳо ва педагогҳо мебошад. Зеро барои ҳар як иксоне, ки дар асри XXI зиндагӣ мекунад, фикри танқидии он бо воситаи мулоқот ривоҷ ёфтанаш зарур аст. Барои ба мулоқот омӯзонидани насли наврас онҳоро бо ҳондани китоб ва адабиётҳои бадеӣ сафарбар намудани психологҳо, педагогҳо низ лозим аст, дар ҷараёни мулоқот фаъолияти ҷавононро назорат кардан, фикркуниашонро аниқ намудан ва дар ин ҷараён аз бозиҳои психологӣ, машқҳо ва аз тренингҳо ва аз истифода бурда мешавад. Дар синфҳои болоии мактаб мазмуни нутқӣ ҳаттӣ, таъсирнок, аз ҷиҳати грамматики дуруст, мукаммал соҳта мешавад ва дар ин натиҷа ин намуди нутқ барои шаклгири ва ривоҷи нутқии иҷобии шифоҳи роли муҳим мебозад. Бо воситаи таъсири нутқи калонсолон нутқи хурдсолон ривоҷ меёбад, меафзояд. Барои ҳамин ҳам намуна будани нутқи калонсолон зарурат дорад. Тафаккури хонандагонро ривоҷ надода, нутқи онҳоро ривоҷ дода намешавад. Дар вақти шифоҳӣ гап задан ва навиштани иншо ба реҷаи тартиб додаи онҳо аҳамият додан зарур аст, барои ривоҷи нутқ дар бораи

китобҳо мунтазам кор кардан зарур аст, матнҳои ҳондаро таҳлил намуда, тартиб додани тезиси онҳо бо компелекси онҳо, тайёр намудани маърӯза, реферат, шомҳои адабӣ, бо нависандагон воҳӯри аҳамияти муҳимро соҳибаст. Нутқ дар асоси пайдошавии қонуниятҳои рефлекси шартӣ ривоҷ меёбанд. Агар шахс ба нодуруст талаффус намудани овози одат карда бошад дуруст намудани он мушкил мешавад.

Аз ҳамин сабаб ҳам аз хурди ба онҳо барои тарбияи нутқи иҷобӣ аҳамият додан зарур аст.

Мулоқоти наврасида истодагон аз мулоқоти наврасидагон фарқ мекунад. Чунки мулоқоти онҳо ба маданият ва сиру асрори муомиларо дар худ ҷо карда шудааст.

Яке аз маънавиятҳои болои мо ин эҳтиёҷи бо нутқ будаи мо ба ҳисоб меравад. Эҳтиёҷи ба нутқ будаи мо қонеъ карда шавад шуури мо низ ривоҷ меёбад. Баъзан дар натиҷаи мулоқот мо қонеъгириро ҳис мекунем, дар баъзе ҳол бошад ҳисси қонеъгириро намефаҳмем. Шахсоне, ки дар синну соли калон ҳастанд онҳо бо муносибатҳои расми ва норасми дохил мешаванд. Муносибатҳои расми дар асоси ҳизмат ва кор мешавад. Мулоқоти норасми бошад дар оила, маҳалла, кӯча ва умуман берун аз кор мешавад. Дар мулоқоти калонсолон маданият ба назар мерасад, яъне ҳурмати байни ҳамдигари, боварӣ, аз дигар фаҳмӣ ва дигарон. Аммо дар баъзе ҳолатҳо вайроншавӣ мулоқот низ дида мешавад, чунки дар баъзе ҳолатҳо калонсолон (гапҳои, суханҳои) ноҷӯя ба дили ҳамдигар мерасида гуфтанашон мумкин аст, ки дар натиҷа низоҳои байни ҳамдигари ба вуҷуд меояд. Агар маданияти мулоқот дуруст шакл гирифта бошад якдигарфаҳми осон мешавад. Маданияти мулоқот аз хурди дар оила дар натиҷаи таъсири иҷтимоӣ, худ фаҳми ривоҷ меёбад. Калонсолон бо хурдсолон ибрат шуданаш лозим аст. “**Суханҳои тиллоӣ**” азизам гардам бо ту хеле аҷоиб ҳастед), имрӯз дигар хел ҳастед ҳушрӯӣ шудаед. (Либосҳоятон зеби даст ва аз инҳо дар ҳаёти ҳар рӯза бисёр истифода бурдан зарур аст. Бо воситаи тақлидкори дар онҳо маданияти нутқ ривоҷ меёбад, санъати муомила шакл мегирад. Асосан дар оила ба инҳо этибор доданамон зарур аст, чунки “гунҷишк дар лонааш дидаро мекунад” мегӯянд. Калонсолон ҳам бо якдигар таъсирҳои вербалӣ, новербалӣ ва паралингвистӣ мерасонанд. Дар айни ҳол бо имою ишора (мимика), паузаҳо низ бо ҳам таъсир расониданамон мумкин аст. Аз ин сабаб ҳам муносибати калонсолон самимӣ буданаш лозим аст.

# МАВЗӮЪИ 5. ПСИХОЛОГИЯИ ШАХС

Фаҳмиши шахс дар психология объекти омӯзиши фани психология аст. Одам аз тарафи фанни инсоншиносӣ ҳама тарафа омӯхта шуда истодааст. Дар психология одам чун маҳсули эволютсияи биологӣ, ба сифати қувваи ҳаракаткунандаи асосии истеъсолоти ҷамъият, дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва дигар истеҳсолот ба сифати субъект омӯхта мешавад. Азбаски муносибатҳои одам ба дигарон, бо олами беруна гуногун аст, сифатҳои хоси психологӣ, фазилатҳо ҳам гуногун мебошад.

Инсон пештар ҳам қувваи асосии коркардабарорӣ ва объекти ҷараёнҳои иҷтимоӣ буд. Дар давраи ҳозира эҳтиёҷ барои намоён кардани сифати психологии инсон дар ҷамъият калон шуда истодааст. Дар натиҷаи мустақилии ҷамъият иттифоқҳо, гурӯҳҳо ба вуҷуд омад. Ҳаракати кордонӣ авҷ гирифта истодааст. Ҳамаи ин талаб  мекунад, ки сифатҳои психологии хоси ҳар як шахс мукаммал дониста шавад. Дарҳақиқат, ба воситаи мустақилли дар олами маънавӣ, шуури халқамон дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад. Барои ҳамин дар тадқиқи сифатҳои психологии шахс ҳамин дигаркуниҳоро ба ҳисоб гирифта наздик шудан зарур аст. Дар вақти хусусият, сифатҳои психологии инсон, хусусиятҳои ба худ хоси шахс, одами конкрет фаҳмида мешавад. Маълум аст, ки ҳар як одам дорои эҳтиёҷи худ, ҳавасманди, боввариву эътиқод, таҷриба ва одатҳо, қобилият, истеъдод, типи темперамент, хислатҳои   характер мебошад. Фанни психологияи умуми қонуниятҳои намоёншавӣ, ба вуҷуд омадани хусусиятҳои хоси инсониро меомӯзад. Ҳамаи ҷараёнҳои психикӣ ва хусусиятҳои шахс худ аз худ пайдо намешавад. Ҷараёнҳои психикӣ – эҳсос, идрок, хотира, хаёл, хусусиятҳои психологии шахс – эҳтиёҷ, ҳавасмандӣ, таҷриба ва одатҳо, қобилият, истеъдод дар ҷараёни фаъолияти одам пайдо мешавад.

Барои ҳамин психологияи умумӣ шахсро дар давоми фаъолияти гуногунаш меомӯзад. Фаъолияти гуногуни одамон бошад дар ҷараёни муносибатҳои якдигар ба амал мебарояд.

Одам дар ҷараёни фаъолияти худ фақат бо дигар шахсон не, балки бо чизҳои дар атрофаш буда, бо худаш ба муносибат медарояд, дар натиҷаи ин дар шуури худ шахсони дигар ва чизҳоро акс мекунонад. Барои ҳамин дар психология ҷараёнҳои психикӣ ва хусусиятҳои психологии онро омӯхтан муаммои аввалин аст. Дар асоси муваффақиятҳои дар солҳои охир соҳибшудаи фанни психологияи умумӣ ба шахс таърифи зерини психологиро додан мумкин: “Оне, ки соҳиби шуур буда, аъзои ҷамъият ба шумор меравад. Ба муносибатҳои иҷтимои дахл дошта, дар тараққиёти ҷамъият фаъол иштирок мекунад, шахс номида мешавад”. Одам ба сифати индивидуалӣ ба дунё меояд, ва баъдтар ба шахс табдил меёбад. Ҳар як индивид дар айёми

ҷавониаш ба сохти муносибатҳои иҷтимоии ҳолати тайёр дучор мешавад ва дар ҷараёни ин муносабатҳо ба сифати шахс шакл меёбад. Барои ҳамин ҳам шахс аз маҷмӯаи муносибатҳои иҷтимоӣ иборат аст.

Дар психология баробари мафҳумҳои “одам” ва “шахс” аз мафҳуми “индивидуалӣ” низ истифода мебаранд. Роҳ шароити ҳаёт ва фаъолияти ҳар як одам ба ӯ хос ва такрорнашаванда мебошад, бинобар ин ду шахси мутлақо якхела нест ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад.

Индивидуалнокӣ гуфта, гуногунии конкретии ба ҳам пайвастшуда ва такрорнашавандаи хусусиятҳои психологии шахсро меноманд.

Мувофиқи таълимоти психологӣ як шахси конкрет маҳсули шароити сиёсӣ ва муҳити иҷтимоии мансуби худ мебошад. Дар натиҷаи тадқиқотҳои психологӣ давраи аввали ҳаёти одам мавҷудоти зинда буда, ин мавҷудоти зинда пас аз ба дунё омадан дар ҷараёни тараққиёти иҷтимоӣ ба сифати шахс ташаккул меёбад. Кӯдак аз рӯзи аввали ба дунё омаданаш бевосита зери таъсири доимии муҳити иҷтимоӣ мешавад. Агар мавҷудоти зинда ба дунё омада, аз муҳити иҷтимоӣ дар канор монад, дар вай нишонаҳои шахсият пайдо намешавад, ривоҷ ҳам намеёбад.

Дар таърихи психология мисолҳо ба монанди хирс, гӯсфанд ва палангро макида ба воя расидани кӯдакон мавҷуд, ки ин бачагони одам монанди одамон ба роҳ намегарданд, гап намезананд, фикр карда наметавонанд. Дар онҳо нишонаҳои асосии инсонӣ шакл ва ривоҷ намеёбад. Аз ин мебарояд, ки агар фарзанди одам ба сифати мавҷудоти зинда ба дунё ояду ба муҳити иҷтимоӣ як тараф монад, ӯ ба нишонаҳои шахсона соҳиб намешавад.

Мувофиқи исботи тадқиқоти психологӣ, фақат дар муҳити иҷтимоӣ, ба муносибати дигарон будан, одам худашро ба сифати шахс дарк мекунад, тараққӣ меёбад. Дарҳақиқат, одам монанди худашро дар оина андохтан, ба одамон рамз меандозад ва дар натиҷаи ин худашро одам мешуморад. Ҳамин тавр, моҳияти шахсро мавҷудоти иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ташкил мекунад.

Мо дар ин ҷой ба муаммоҳои моҳияти шахс аз ҷиҳати психологияи умуми наздик шуда истодаем. Чунки дар вақти ҳозира як қатор фанҳо мавҷуд, ки моҳияти шахсро аз ҳар тараф меомӯзанд, ҳар яки он фан моҳияти шахсро аз нуқтаи назари предмети худ меомӯзанд. Масалан: ҷои шахс дар таркиби ҷамъият ва синфҳоро материализми таърихӣ, шахсро ба сифати истеҳсолкунандаи бойгарии иҷтимоӣ, ба сифати истеъмолчӣ назарияи иқтисод, моҳият, тамоил, усул ва воситаҳои тарбияи шахсро фанни педагогика меомӯзад.

Дар қатори фанҳои шахсшиносӣ соҳаи аз ҳама бо масъулият фанни психология мебошад. Ҳамаи соҳаҳои психологии фанни психология ғайр аз омӯхтани тарафҳои гуногуни шахс, вобаста ба дигар соҳаҳо олами рӯҳии шахсро, роҳҳои муносибати олам ва дунёи беруна, фарқи ҳар як шахс аз дигарон, индивидуалӣ, хусусиятҳои таъминкунандаи шахсияти хоси худро меомӯзад. Бошуурӣ, ба ҷамъият аъзо будан, вақти ба тараққиёти ҷамъият фаъол иштирок кардани шахс намоён мешавад. Худшиносии одам дар хулқу атвор, муносибат бо дигарон, дар ҳаракатҳои идоравӣ, қобилият ва шавқи ӯ ифода ёфта, мавқеи иҷтимоии ӯ муайян карда мешавад.

Одам шахс шуда ба дунё намеояд, балки дар ҷараёни тараққиёти иҷтимоӣ ба нишонаҳои шахс соҳиб шуда меравад. Чӣ тавре, ки дар ҳадиси шариф гуфта шудааст, ҳар як кӯдак дар табиати ислом таваллуд мешавад, баъд падар - модараш ӯро ё яҳудӣ, ё насронӣ, ё маҷузӣ мекунад. Аз ин мебарояд, ки хусусиятҳои шахсии одамро аз шароити таърихиву иҷтимоии ӯ мансуб буда, аз мавқеи дар ин шароит доштааш ҷудо карда нигаристан мумкин нест.

Хусусиятҳои психологии шахс дар зери таъсири таҷрибаи иҷтимоии одам, шароити ҳаёт ва фаъолият, таълим ва тарбияи ӯ шакл мегирад. Тарбия ҳамчун прoссеси таъсиррасонии бошуурона ва мақсадноки насли калонсол ба насли хурдсол  роли махсус мебозад. Мақсади тарбия аз он иборат аст, ки дар шахс сифатҳои муайяни ба талаботи ҷамъият мувофиқбуда ташаккул дода шаванд.

Ташаккулёбии шахс дар ҷамъияте, ки одам дар он зиндагӣ мекунад, инчунин бо таълиму тарбияе, ки ӯ дар шароити муайяни ҷамъиятӣ мегирад, муайян карда мешавад.

Дар таъсири муҳити иҷтимоӣ ва шароити таърихӣ нишонаҳои психологии ифодакунандаи моҳияти шахсии одам ба вуҷуд меояд. Ин хусусиятҳои иҷтимоӣ, шуур, худшиносӣ, эҳтиёҷ, ҳаракат сӯи мақсади муайян, эътиқод, идеал ва ҷаҳонбинӣ мебошад.

Дар ҷараёни фаъолияти амали ҷамъи муносибатҳои бо дигарон будаи шахс муҳити иҷтимоӣ мебошад. Дар одам ҳангоми бо дигарон дар муносибат будан шуур пайдо мешавад ва ҳаёти психикии ӯ мазмуни муайянро касб мекунад. Нишонаи баланди шуури одам худшиносӣ мебошад. Ин сифат дар равиши субъективӣ дар "Ман"-и худро ҳис кардани одам намоён мешавад. Одам дар ҳолати аз атроф ҷудо будан "Ман"-и худро фаҳмида наметавонад. Чунки мазмуни шуури одам, худфаҳмӣ, мазмуни "Ман"-и ӯ инъикоси воқеяти реалии маҳдудшуда мебошад.

Шахс доимо мақсади муайянро дар назар дошта кӯшиш мекунад. Дар ин намуди ҳаракатҳо мазмуни худшиносӣ ифода меёбад. Ҳаёти одамро бе ин тасаввур карда намешавад.

Мақсади маълум сӯи мақсадҳои нек қадам мондани одам бо эҳтиёҷҳояш асос карда мешавад. Табиист, ки одам беэҳтиёҷ зиста наметавонад. Барои зиндагии одам эҳтиёҷи моддӣ ва маънавӣ баробар аст. Чунки барои зисти одам як қатор чизҳо ба монанди хӯрдан, нӯшидан, ҷои зист, сару либос зарур аст, ки ҳамаи ин эҳтиёҷҳои гуногуни шахс мебошад.

Эҳтиёҷҳои одам дар таъсири фаъолияти муҳити иҷтимоӣ, таълиму тарбия шакл меёбад. Эҳтиёҷи моддӣ ва эҳтиёҷи маънавӣ ҳам касро ба ғайрату шуҷоат даъват мекунад, ба ӯ кайфияти болида мебахшад, ба пеш, ба ҳаракатҳои нав сафарбар мекунад. Байни эҳтиёҷҳои одам эҳтиёҷи меҳнат кардан аҳамияти алоҳида, касб мекунад. Меҳнат шарти ягонаи қонеъгардонии эҳтиёҷи моддиву маънавии шахс мебошад.

Садоқат ва содиқии шахс нисбат ба қадриятҳои маънавӣ ва ғояҳои пешқадами даври худ – ин эътиқоди худ буда, ин қадриятҳо ва ғояҳои пешқадамро дар асоси талаботи шароити давр асоснок менамояд.

Эътиқод ва идеали ҳар як шахс дар вобастагии эҳтиёҷ ва шавқи ӯ намоён мешавад. Ғояҳои барои ривоҷи эҳтиёҷи моддиву маънавӣ равона кардашуда ба умри инсон мазмун мебахшад ва шахсро водор месозад, ки барои ривоҷи ҷамъияти  мавҷуда ҳаракат намояд.

Яке аз сифатҳои пурарзиши шахс – ин мустақилӣ, озодии дарунӣ, дохилан ба худ хос будан мебошад. Мустақилӣ бе роҳбаландии касе ба қарори муҳим омадан ва барои рӯё шудани қобилиятнокӣ, масъулиятшиносӣ, реалии феълу атвор, ҷиҳати иҷтимои ва маънавии дуруст будани эътиқодро дар бар мегирад.

Ин сифатҳои мустақилии шахсро ифодакунанда ба якдигар мустаҳкам вобаста буда, набудани яке аз инҳо ба сифати мустақилии шахс таъсири манфӣ мерасонад. Дар психология ифодакунандаи маданияти мустақилӣ ва ҷараёнҳои рӯҳии ба он вобаста ва як қатор хусусиятҳо мавҷуд аст.

Мувофиқи тадқиқоти психологи машҳур Шерон Каган, мустақилӣ, дар вазъиятҳои баробар аз шароит гурехтан, ё ки ба оила зиёдтар тобеъги барин хусусиятҳои дар кӯдаки шаклёфта дар давраи ҷавонӣ ҳам ба дараҷаи маълум нигоҳ дошта мешавад.

Ҳаминро таъкид кардан лозим аст, ки одами ақлаш пурра ҳангоми ҷараёни таҷриба, вазъияти мавҷударо ба ҳисоб гирифта ҳаракат мекунад. Дигар хел карда гӯем, монанди сифатҳои шахсӣ, мустақилӣ низ ба шароитҳои иҷтимоӣ ва мазмуни фаъолияти ҳаёти шахсӣ вобастагии қавӣ

дорад. Ҷараёни рӯҳии шахс ба дараҷа ва мазмуни мустақилии фаъолияти меҳнатии ӯ вобаста аст.

Дар шахс сифатҳои дар ҷараёни меҳнат шакл гирифта дар зиндагиаш ҳам давом мекунад. Шахсони бо меҳнати эҷоди машғул буда, бо ақлу идроки худ аз дигарон тафовут доранд. Боз як тарафаш, фаъолии ақлии шахс дараҷаи талаби ӯро ба мазмун ва шароити кор зиёд мекунад.

Асосҳои психологии шахсии мустақили дигаргуншаванда, доимӣ нест. Дар ривоҷи мустақилии шахс аҳамияти чӣ хел гузаштани давраи кӯдакӣ калон аст. Зеро имконият ва асосҳои ривоҷёбии оянда маҳз дар кӯдакӣ ташаккул меёбад.

Дар вақти мустақилии шахс гуфтан имкониятҳои озоди ва имкониятҳои фаъолияти назорат кардан дар назар дошта мешавад. Ин ду тараф дорад. Якум, назорат ба берун – мувофиқи мақсад ва эҳтиёҷи шахс, атроф муҳитро дигаргун кардан, дуюм дохилӣ – мувофиқи талаби муҳит ва шароитҳои беобъективии сифатҳои шахсӣ ва эҳтиёҷҳоро дигаркун кардан нигаронда мешавад.

Дар психологияи умумӣ се характеристикаи муҳимтарини психологии шахс мавҷуд аст;

Якум – *ин устувории* хусусиятҳои шахс. Дар зуҳуротии психикии шахс ба вуҷуди тағйирёбӣ, характери нисбатан доимӣ доштани сохти психикии ӯ барало намоён мешавад ва ин, аз ҷумла имконият медиҳад, киояндаи рафтори шахси мазкур дар ин ё он ҳолат пешбинӣ карда шавад.

Дуюм – *ин ягонагии* шахс, ки дар алоқаи зич ва вобастагии байниҳамдигарии проссесҳои психикӣ, ҳолатҳои психикӣ ва хусусиятҳои психикии ӯ ифода меёбад.

Шахс ягонаю том буда, ҳар як хислати ӯ бо хислатҳои дигараш ба таври ҷудонашаванда алоқаманд аст: аз ин сабаб ҳар як хислати шахс мазмуни ба худ хос дорад, ки ин мазмун ба муносабати ба дигар хислатҳо доштаи ин ё он хислат вобаста аст. Ин хислатҳо аксаран гуногун шуда метавонанд.

Сеюм – *ин фаъолии* шахс мебошад. Фаъолӣ дар фаъолияти гуногуни шахс, ки ба тағйир додани табиат ва сохти психикии худ (худтарбиякунӣ) равона карда шудааст, ифода меёбад.

Психология ҳамон ҷиҳати шахсро меомӯзад, ки он дар симои рӯҳӣ ва рафтори одам ифода меёбад ва бо ин аз илмҳои дигар (философия, этика, ҳуқуқшиносӣ ва ғайра) фарқ мекунад. Психология пеш аз ҳама сабабҳои рафтор, ҳиссиёт, талабот ва шавқу ҳаваси ӯро меомӯзад.

Одам ҳам мавҷудияти биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад, бинобарин табиист, ки ба зухроти хусусиятҳои шахс ҳам омилҳои биологӣ ва ҳам омилҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонад.

Пас суоле ба миён меояд, роли омилҳои биологӣ ва ҷамъиятӣ дар ташаккули шахс аз чӣ иборат аст? Бо ибораи дигар аз як таносуб, вобастагии байниҳамдигарӣ ва алоқамандии омилҳои табиӣ, биологӣ, модарзодӣ ва аз тарафи дигар омилҳои иҷтимоии дар давоми ҳаёт пайдокарда чӣ гунаанд; таносуб ва роли омилҳои дарунӣ (ирсий) ва берунӣ (муҳит) дар тараққиёти психика чӣ хел мебошад? Вақте ки дар бораи табиати шахс пайдоиши тафовути индивидуалии психологӣ – хусусиятҳои мизоҷ, характер, қобилият, шавқу ҳавас сухан меравад, худ аз худ суоле пайдо мешавад, ки оё ин хусусиятҳо моҳиятан табиӣ, модарзодӣ мебошанд, ё ки онҳо дар зери таъсири шаролитҳои берунии ҳаёт ва фаъолияти одам, дар зери таъсири таълиму тарбия пайдо шуда, ташаккул меёбанд?

Шахси тадбиркор мувофиқи нуқтаи назари пешинааш ва барои азнавсозии нақшаҳояш, ба талаби ҳаёт нигоҳ карда барои баёни ҳиссиётҳояш қодир мешавад. Барои ҳамин шахс ба сифати мустақилӣ ва воситаи таълиму тарбияи ба мақсади аниқ равонашуда, меҳнат мекунад.

## ШАХС ВА ҶОМЕА

Одам танҳо не, балки дар ҷамоа амал ва зиндагӣ мекунад ва дар зери таъсири ҷамоа ҳамчун шахс ташаккул меёбад. Хусуиятҳои психики ва иродаи одам дар ҷамоа ва дар зери таъсири ҷамоави шакл мегиранд, фаъолият ва рафтори у ташкил карда мешавад, барои тараққиёти қобилиятҳои у шароит фароҳам оварда мешавад.

Моҳияти иҷтимоии шахс дар муносабатҳо аъзоёни ҷамоаи мансубаш намоён мешавад. Чунки ҳар як одам ба сифати шахси конкрет дар иҳотаи одамон зиндаги мекунад. Дар оила, боғча, мактаб, донишгоҳи оли, ёки дар ҷои кор, кучое набошад, шахс бо гурӯҳи одамон, бо ҷамоа ба муносибат медарояд. Таъкид кардан ҷоиз, ки ҷамоа ва гурӯхе, ки шахс ба муносибат медарояд, доимо дигаргун шуда меистад.

Ҷомеа қувваи бузурги таъсиркунандагӣ дорад, қобилияти тарбия кардан ва барои ҷамиъият манфаатнок гардонидани одамони ба назар ислоҳшавандаро соҳиб мебошад.

Ҷомеаи аҳл манфиатҳои ҷамъият ва баъзе шахсҳоро дар худ мегирад. Аз як тараф ҷомеаи аҳл ва дӯст ҳизмат барои баҳту саодати иҷтимоии шахс карда, мезони дурусти хулқу атвори ӯро, месозад, дуюм ба шахс сифатҳои ахлоқии баландро тарбия мекунад.

Шахс ва гурӯҳ. Муносибатҳои байниҳамдигарии шахсон асосан бо гурӯҳҳо, дар давраҳои муайяни, дар ҷомеа ва дигар муносибатҳои рӯйдода.

Барои ҳамин ҳам мутахассисон, муносибатҳое, ки дар байни шахсон гурӯҳҳо мешавад донистанаш зарур аст. Барои ба ҳама муносибатҳои меҳнати ба инобат гирифтан зарур аст.

Ҳар як феъл-атвори шахс ҳатту ҳаракат ба мансубии миллат, ҳалқ худуд, тоифаи профессионалӣ, ҷамоаи меҳнат карда истодаи он, гурӯҳҳое, ки дар атрофу муҳити наздик ҷо гирифтаанд. Шарт ва шароитҳое, ки таърихи аст, давр, равияи давлат ва сиёсати дар ҷамият буда, таъсирҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва таърихи ва дигарҳоро гуфтан мумкин аст.

Ин таъсир, таъсире, ки дар зинаи таъсири макро истифодаанд. Таъсири муҳити атроф таъсири муҳити атрофи модди номида мешавад.

Ҳар ду таъсир ҳам аз ҷиҳати нуқтаю назари иҷтимои психологӣ ба аҳамият соҳиб аст.

Ҳамин тавр бо шахс дар як вақт ба худ хос таъсири байни ҳамдигари шуда меистад. Дуруст, дар баъзе ҳолатҳо муносибатҳои гурӯҳи якум нисбати гурӯҳҳои дувум ба аҳамият молик ва пурмазмун мешавад.

Масалан, ҷамоаи гурӯҳи талабагони мактаб таъсири байни ҳамдигарии онҳо нисбати дӯстони дар маҳалла буда онҳо фарқият дорад, барои арӯси нав таъсири муҳити оилаи нав, ки аз давраи талабагиаш фарқият дорад.

Лекин дар ҳар як дақиқа мо бо таъсири ягон гурӯҳ мешавем. Ҳамин тавр савол пайдо мешавад, гурӯҳ чист? Гурӯҳ – ин ба мақсади фаолияте ҷамъ шуда, эҳтиёҷҳое, ки мулоқатро қонеъ мегардонад, гуфта мешавад.

Барои гурӯҳ дуто мезони асосӣ мавҷуд аст. Будани ягон фаолият (меҳнат, ҳониш, бозӣ, мулоқот манфаатҳои маиши) ва ҳам дар онҳо муносибати байни ҳамдигарии одамон ва барои мулоқот имконият мавҷуд.

Аз ҷиҳати психологи ҷамоа аз гурӯҳҳо иборат мешавад. Гурӯҳҳо бо эътибор ва моҳияти худ ба чор намуд ҷудо мешавад.

Намудҳои гурӯҳ:

1. Гурӯҳи шартӣ. (миллат, ҷинс, тарзи либос пуши, ҳаракат, забон ва ғайраҳо.)
2. Гурӯҳи реал. (гурӯҳи донишҷӯён, гурӯҳи соҳтмончиён, гурӯҳи мактаббачаҳо, гурӯҳи заводу-фабрика. )
3. Гурӯҳи референт. (ин гурӯҳу асосан дар сини соли навраси, ба чашм мерасад.)
4. Гурӯҳи воҳимачиён. (воқеаю – ҳодисаҳоро образнок нақл кардан)

Ба баъзе нишонҳо (синну сол, ҷинс, миллат, касб) асос карда дар муддати кӯтоҳ якҷояшавии одамон – гурӯҳи шарти ҳисоб меёбад. Аъзои гурӯҳи шарти барои чи ба ин гурӯҳ дохил шуданашро асло намедонад. Дар гурӯҳи шарти тартибу интизоми дохили, қоидаҳои умуми, вазифаи аниқи назди ҷамоа ҳам

намешавад. Байни аъзоҳои гурӯҳи шарти ёрии ҳамдигари, аҳили, муносабатҳои симпатикӣ намешавад. Чунки онҳо бо ҳамдигар шинос нестанд, мақсад ба манфиати умумиашон ҳам нест. Барои ҳамин агар шарти гурӯҳро якҷоя карда ба амал набароянд, гурӯҳ ҳам тамом мешавад, пароканда мешавад.

Бо мақсади муайян, дар муддати аниқ якҷоя шуда, бо муносибатҳои реали сохта шудани гурӯҳи одамон **гурӯҳи реал ном дорад**. Оила, хонандагони як синф-гурӯҳи реал мебошад. Байни аъзоёни гурӯҳи реал ҳамкории ҳақиқӣ, ҳурмати самимонаи байни ҳамдигарӣ, муносабати гарм мешавад. Аъзоёни гурӯҳи реал ба ҳуқуқи умумӣ соҳибанд. Гурӯҳи реал ҷисми хурди ҷамъият ҳисоб меёбад, дар доираи одобу ахлоқи ҷамъият фаъолият нишон медиҳанд. Гурӯҳи реал ба мақсади иҷтимоӣ соҳиб аст.

Гурӯҳи реалро қатъи назар аз калон ё хурдиаш сардор (лидер) идора мекунад. Ин сардор аз даруни ҳамин гурӯҳ интихоб карда мешавад. Дар баъзе ҳолатҳои расмӣ аз берун таъин шуданаш ҳам мумкин аст. Ба зиммаи лидер ба гурӯҳ сардори кардан, онро ба манфиати умуми равона кардан, ҷорӣ кардани интизоми дохилӣ, таъмини ҳуқуқҳои баробарӣ, қонеъ гардондани эҳтиёҷҳои моддиву маънавии ҳар як шахс барин вазифаҳо гузошта мешавад.

Лидер вазифаи ҳар як аъзои гурӯҳро аниқ мекунад, ҷавобгарии иҷрои корро таъмин мекунад, имкониятҳои индивидуалии онҳоро ба ҳисоб гирифта фаъолии иҷтимоиро пурзӯр мегардонад.

Муваффақияти гурӯҳи реал фақат ба фаъолияти лидер вобаста нест. Ҷиҳати психологии муҳими таъминкунандаи муваффақияти гурӯҳ ба масъалаи муносабати байни ҳамдигарии онҳо вобаста аст. Лидер дар навбати аввал ба ҳисоб гирифтанаш лозим аст, ки ҳар як аъзои гурӯҳ ба дигарон мос меояд ё не. Чунки ин масъала ҳам ба фаъолияти лидер, ҳам ба ҳаёти гурӯҳ аҳамияти калон дорад. Барои муваффақияти гурӯҳ аъзоҳои он бо типи хислатҳои характер ва дигар хусусиятҳои психологӣ бо ҳам пайваст шуданашон шарт аст. Агар аъзоҳои гурӯҳ бо ҳам дӯст шаванд, хулқу атвори онҳо ба дигарон таъсири мусбӣ расонида натонад, ҳамҷиҳат набошанд, таъсири салбӣ ба вуҷуд меояд.

Дар таркиби гурӯҳи реал рефернт ёки гурӯҳи эталон  мавҷуд мешавад. Референт ёки гурӯҳи эталон аз ҷамъомади одамоне иборат мешавад, ки фикру мулоҳазаҳо, ғояҳо, боварӣ-эътиқод, ҷаҳонбинӣ ва фазилатҳои ахлоқӣ якҷоя мешавад. Маҳз ана ҳамин якҷоягӣ онҳоро муттаҳид мекунад ва ба ҳаракати умумӣ мефиристонад. Тарафи муҳимаш дар он аст, ки аъзоёни гурӯҳи эталон ё референт бо хоҳиши худ як мешаванд, барои ташкили ин гурӯҳҳо нақши шахсони дигар намешавад.

Сотсиологҳои амрикоӣ якчанд намуди ин гурӯҳҳоро таъкид кардаанд.

1) **Гурӯҳи норматив** – ин гурӯҳи чунин шахсон аст, ки нормаҳои якдигарро маъқул мекунанд ва барои амал намудан ҳамеша тайёр мебошанд. Ба қатори ин гурӯҳ дар навбати аввал оила, ҷамоаи диниву миллӣ ва гурӯҳи профессионалиро дохил кардан мумкин аст. Масалан, барои халқи ӯзбек баробари атрофи дастурхон нишастан даст ба дуо кушодан, "Хуш омадед" гуфтани мезбонон ба меҳмон норма ҳисобида мешавад ва ҳама оила ба ҳамин ҳаракатҳо амал мекунаду торафт шакл мегирад. Дар ин ҷо барои кӯдак нақши референтиро падару, модар, муйсафедони маҳалла мебозанд.

2) **Гурӯҳи қиёсонидан –** ин чунин гурӯҳ аст, ки шахс барои ба он гурӯҳ ҳамроҳ шудан ҳеч гуна мӯҳтоҷӣ надорад, лекин барои ҳаракатҳои худро ба роҳ гузоштан ба он асос мекунад баробари ин коррексия мекунад. Масалан, дар дохили гурӯҳи талабагон чунин ҷавонҳо шуданашон мумкин аст, ки шахс ба онҳо умуман дар мулоқот намешавад, фикру назардоштҳои онҳоро пеш намебинад, лекин ин гурӯҳ айнан ба онҳо монанд набудан ва барои дар болои худ бисёр кор бурдан барои сафарбар намудани худ зарур аст. Ёки талабагон нисбати вақтҳои охири сессия (имтиҳон) стипендияи диференсиал мегиранд. Барои талабаи хубхон "Ҳама талабагон" ки стипендия мегиранд миқдори онро ба назар дошта, худро идора мекунанд яъне худдорӣ менамоянд. Аълохонҳо бошанд азони худро оддӣ меҳисобанд, балки онро ба стипендияҳои давлати низ таққос мекунанд.
Натиҷаҳо, ки чӣ андоза баланд бошад, даъвогарӣ ҳам ҳамон қадар баланд мешаванд, гурӯҳи қиёсонидани шахсон ҳам зиёдтар мешаванд.

3) **Гурӯҳҳои негатив** – чунин гурӯҳе ҳаст, ки шахс дидаву дониста аз ҳатту ҳаракатҳои онҳо рӯ мегардонад, чунки онҳо аз назардоштҳои шахси мутлақ фарқ мекунанд. Масалан, муносибатҳои ду ҳамсоя байни ҳам дуруст наояд, ҳатто дар вақти рангу бори деворҳо ҳам ранги як хеларо интихоб намекунанд. Яке "Сафед" гӯяд, дувумаш акси онро "Сиёҳ " мегӯяд.

Гурӯҳҳое ҳастанд, ки рӯзона дар мулоқот мешаванд, вақтро якҷоя мегузаронанд, аммо ин гурӯҳи шахсон низ гуногун мешаванд.

Дар ҳаёти рӯзмарра шахс дар мулоқот мешавад, дар як вақт гузориши инсон гурӯҳи ҳар хела мешавад. Мисол: Агар инсон дар вақте, ки ҳодисаи тасодифиро дида монад, онҳоро ба забони психология агрегация (мардум) мегӯянд.

Психологи амрикоӣ Ч.Кули ҳамкор шудани гурӯҳҳоро аз ҷиҳати дараҷаи мезон ба ду гурӯҳ тақсим намуда, омӯхтани онҳоро пешниҳод кардааст. Дар гурӯҳи якум: таъсири байнии шахсон «рӯ ба рӯ бевосита» рӯй медиҳад. Масалан: дар давраи оила, синфҳо, гурӯҳи ходимони ҳисобчиро ба гурӯҳи якум дохил кардан мумкин аст.

**Гурӯҳи дуюм**: ҳама вақт ҳам одамон имконияти қобилияти дар мулоқот буданро надоранд. Дар байни онҳо муносибат ва таъсири байни ҳамдигарӣ мешавад. Масалан: мулоқоти байни як ташкилоти калон - «ҷамоаи демократики миллӣ фидокор» ба гурӯҳи дуюм мисол мешавад.

Онҳо ҳам умумӣ мешаванд, масалан, ҳамон партияеро дар назар дорем, ки онҳо ҳоҳ дар Қашқадарё бошанд, ҳоҳ дар Фарғона, дар атрофи як ғоя муттаҳид шудаанд. Агар онҳо дар интихобот бошанд ҳам якдигарро дастгирӣ мекунанд.

Бисёр вақт гурӯҳҳо ба гурӯҳҳои расмӣ ва норасмӣ ҷудо мешавад.

Дар гурӯҳи расмӣ муносибатҳои меъёри расмӣ ва ҳуқуқӣ ифода карда мешавад. Мисол: дар ин гурӯҳ мулоқот ва муносибати байни роҳбар ва ходимон идрок карда мешавад.

Гурӯҳи норасмӣ даруна, бевосита муносибатҳои психологиро таъмин мекунад. Мисол: гурӯҳи дӯстон, ҳангоми танаффус мулоқот кардани талабагони гурӯҳҳои дигар

Дар ҳаёти инсон гурӯҳҳо якчанд функсияро иҷро мекунад:

А) функсияи иҷтимоишаванда;

Б) Асбобҳо, яъне функсияи меҳнатӣ дар амал иҷро шуда имконият медиҳад, ки муҳитро омӯзад;

В) Экспрессив – дигаронро тан гирифтан, ба ҳурмати онҳо сазовор шудан, таъмин намудани боварии якдигар;

Г) функсияи дастгирӣ намудан, яъне дар вақти вазъияти душвор дастгирӣ намудани якдигар;

Ба омилҳои психологӣ:

Ба намуди гуруҳ нигоҳ карда ба як мақсад ва тассавурҳои иҷтимои шахсро ба таркиби гуруҳ буда ва ба таъсири он баҳра гирифтан водор месозад. Якҷоя шавии гурӯҳ ҳам аз намоиши динамикӣ буда аз ҳамин нуқтаю назар ва барои ҳама дорои манфаат буданаш мумкин. Масалан, коре, ки одамон якҷоя бо ҳамкорӣ иҷро мекунанд шавқовар ва барои ҳама фоидаовар буданаш, нормаҳои гурӯҳро аз ҷониби аъзоёнба таври умуми қабул карда шуданаш ва барои тасаввуру фикрҳо мос шуданаш мумукин аст ва он мезони ҳамоҳанги ба шумор меравад.

Равияи гурӯҳ ба калон ё хурдии он вобаста аст. Масалан, аз 5-10 кас иборат буданаш мумкин қадар ин ҳол муносибатҳои аъзоёни гурӯҳ нағзтар, баландтар ва фаъолият бо самар мешавад. Чунки дар ин гуна гурӯҳҳо барои мулоқоти норасмӣ шароити маъқул мавҷуд мешавад. Ба ин намуди гурӯҳҳо "Гуноҳкорӣ" ва дигар иллатҳо ҳам намешавад. Ҳаҷми гурӯҳ, ки зиёд шуда меравад дар онҳо муносибат мешавад ва ин дар муносибатҳои байниҳамдигарии ансонҳо акси худро меёбад.

Дар ҷамоа мосшавии байниҳамдигарии психологӣ.

Ҳаёти гурӯҳ ва аъзоёни гурӯҳ, ки худро нағз ҳис мекунанд аз бисёр ҷиҳат бо ҳамкорӣ кор кардани онҳо ва бо ҳамдигар бо муносибати иҷтимоӣ шуданаш вобаста аст. Барои фаҳмонидани ин ҳодиса дар психология мосшавии психологӣ мавҷуд аст. **Мосшавии психологӣ** гуфта сифати аъзоёни гурӯҳ ва муайянии назардошт не балки онҳо дар сифат мос меояд боқимондаҳо шарт бошад, тафовут карданаш мумкин аст. Ба сифати мосии мезонҳо.

Н.Обозов зеринҳоро ҷудо мекунанд:

А) натиҷаҳои фаъолият.

Б) энергияву қуввате, ки аъзоён сарф намудаанд.

В) аз фаъолият қонеъ гаштан.

Ду намуди мосшавии байниҳамдигарӣ фарқ карда мешавад: психофизиологӣ ва иҷтимоии психологӣ. Дар ҳолати якум дар ҷараёни фаъолият як хели одамон ва таври мосшавии ҳаракат карда тавонистанашон, мосшавии реакцияҳо, кори рими ва вологӣ дар темпи он ба назар дошта шавад, дуюмин ба нисбати хулқи иҷтимоӣ – якҷоягии эҳтиёҷ ва шавқмандӣ, ва ба назардоштҳо монандӣ, дида мешавад.

Ҳолати якуми мосшавӣ бисёртар конвейер, саноати коркардашуда ва корҳонаҳо самарадор бошад, ин ба муаллимони донишгоҳ, ба соҳибони касб имконе надорад ва шуданаш мумкин нест, дар онҳо бисёртар мосшавии иҷтимоиву психологӣ ба аҳамият молик аст.

Тадқиқотҳои бисёри гузаронидашуда, ки бо мосшавии психологӣ мисол мешавад бисёр намуд доштани онро исбот мекунанд. Асосан ҳаминро дар хотир дошт, ки кадом як фаолият ва мақсади он одамонро якҷоя карда бошад, ҳамон мақсадро идрок намудан ва дарк кардани он мувофиқи ҳоҳиши шахс дараҷаи баландеро ки бо аҳамияти тарбиявӣ соҳиб аст нишон медиҳад.

**Дар вақти қабул кардани қатори ҷамоавӣ масъалаи таъсири байниҳамдигарӣ.**

Дар гурӯҳ якдигарфаҳмии аъзоён муносибатҳои дӯстонаи байниҳамдигар ёки аксинча, инкоркунии гуногун рӯй медиҳад. Дар гурӯҳи индивидуалӣ ҷараёнҳо аз ҳамдигар фарқ намекунанд. Дар ҳар ду ҳам аввал муаммо аниқ карда шуда, таклифҳо пеш бурда мешавад ва баъдан интихоб карда мешавад. Лекин дар гурӯҳ ин ҷараён каме зина ба зина мегузарад муаммо ва низоҳо бисёр вақт бо ҳамин ҷараён вобаста аст.

Мувофиқи фикри психологи амрикоӣ Т.Митчел, таъсири байниҳамдигарии ҷамоаҳо дар асоси омилҳои зерин рӯй медиҳад.

1) Баъзе аъзоён нисбати аъзоёни дигар дар гурӯҳ ба суханронӣ бисёртар моил мешаванд.
2) Шахсоне, ки ба мавқеи баланд соҳиб ҳастанд дар вақти қабули қарор ба дигарон таъсир мерасонанд.
3) Барои норозигиҳо ва ҳалли муаммоҳо вақти бисёр мегузарад.
4) Дар гурӯҳ таъсири байни одамон, асосан аз мақсад дуршавӣ дида мешавад, лекин ба ҷои хулоса қарорҳои ба мақсад мувофиқ қабул карда мешавад.
5) Ҳамаи аъзоён, худ нафаҳмида ба конформҳо дода мешаванд ва ба таъсири гурӯҳ меафтанд.

Боз ҳам дар маҷлис баъзе раисон тартиби рӯзро эълон карда бошанд ҳам, аз он дур шуда, қарорҳои ноҷӯя қабул карданаш мумкин аст.

Лекин дар вақти қабул кардани қарорҳо, ки дар мобайни гурӯҳ аст, ҷиҳати иҷобӣ дорад, ки он дар ин аст, дар он ҷо фикрҳои бисёр пайдо мешавад ва ба мобайн гузошта мешавад. Ин фикрҳо имкон медиҳанд, ки охир оқибат як фикри амиқ, ки аз фикрҳои индивидуал фарқ дорад интихоб карда мешавад. Барои ҳамин ҳам санъати роҳбарӣ, ба фикри бисёриҳо такя намуда, қарори маъқулро интихоб карданро талаб мекунад. Лекин ҷиҳати мусбӣ дар он аст, ки қарорҳои маккорона ва дар баъзе ҷараёнҳои он дар аъзоён (ба ман чӣ? гап зада истодаанд). Бе ташаббусӣ (Фикри ман қабул намешавад, гап зада чӣ мекунам?) ҳам гуфта мешавад, ки ин албатта номақбул аст. Ин бошад дар ҳамин муҳит баъзе фикри одамон доимо маъқул карда мешавад, ба баъзе одамон эътибор, дар шароити додани имтиёз дода намешавад, ин бо хатои роҳбар рӯй медиҳад.

Мувофиқи эксперементи Ҳоффман дар вақти қабули қарорҳо таркиби гурӯҳҳоро низ ба назар гирифта мешавад, ки ин исбот карда шудааст. Мувофиқи фикри он, фикрҳои нағз ва бо сифат ва баъзе иҷобӣ натиҷаҳо дар таркиби (гетерегони ) медарояд. Дар ин ҳолат вақте ,ки (гомоген) мешавад бисёртар ва фикрҳои хуб пайдо мешавад, ки ин дар ҷои худ таъсирбахш аст. Дар гурӯҳҳои гомоген (масалан гурӯҳи талабагоне, ки як хел аз худ мекунанд) ҳангоми қабули қарорҳо кам шудани конфликт ва тез қабул кардани қарор аниқ карда шудааст.

Ҷараёни қабули ҳар як қарор аз ҷиҳати психологӣ ба таваккалӣ ҳам асос ёфтанаш мумкин аст. Лекин дараҷаи таваккалӣ дар гурӯҳ, нисбати индивидуалӣ хеле паст мешавад. Дар ин хусус фикри байни аъзоёни гурӯҳ: “Таваккал ҳамин фикрро баён кунам чӣ? Онҳо фикр интихоб кардаанд ку?” гуфтанашон мумкин. Муҳити психологӣ дар гурӯҳ ва омӯхтани он. Дар бораи гурӯҳ ва ҷамоае, ки боре сухан рафт бисёр вақт “муҳити маъмурӣ” “муҳити психологӣ” чунин ибораҳо дида мешавад. Муҳити психологии

иҷтимоӣ гуфта, фикри аъзоёни гурӯҳ, ҳиссиётҳо ҷаҳонбинӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёнро, инчунин эмотция ва интелектуалиро фаҳмида мешавад.

Дар ин ҷо омили асосӣ – ин муносибати байниҳамдигарии аъзоён аст.

Маълум аст, ки муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар бобати кор, мақсади фаъолият боҳам алоқаманд аст. Боз бо таври эмотция ва ҳиссиётҳо буданаш мумкин аст. Фаъолияти профессионалиро иҷро кардан, муносибатҳое, ки дар ҷои аввал аст, устувор буда характери дувумаш аз якум бармеояд. Дар давраи дӯстон бошад, акси ҳол бевосита ба симпатияҳо такя мекунад.

Дар психологияи иҷтимоӣ барои омӯхтани ин гуна муҳити эксперементалӣ эътибори калон дода мешавад. Яке аз усулҳои васеъ паҳншуда ин- сотсиометрия буда, усули сотсиометрикиро психологи америкоӣ Дҷон Морено кашф кардааст ва аз он барои мавқеи шахсро дар гурӯҳҳо муайян кардан васеъ истифода бурдааст. Сотсиометрия аз калимаи лотинии “Societas” – ҷамъият ва “metreo” – чен мекунам гирифта шуда, техникае аст, ки муносибатҳои гурӯҳро чен мекунад.

Мувофиқи фикри муаллиф, сотсиометрияи назарӣ низоҳои ҷамъият, ҳаллу фасли муаммо ва роҳҳои онҳо аст- омӯхтани муносибатҳои байни одамон ва бо ҳамин нигоҳ карда дар ҷамъият ба амал баровардани онҳо асосонида мешавад. Дар амал бошад, барои аъзоёни ҷамоа саволҳои алоҳидаи махсус гузаронида мешавад ва натиҷаҳои он дар ҷараёнҳои ташкили бо инобат гирифта мешавад. Лекин дар вақтҳои охир дар сотсиометрия назар дигаргун шудааст. Аҳамияти он дар ин аст, ки таъсири онро дар байни гурӯҳ, эмотсия ва ҳисро муайян менамоянд, ки ин аз ҷониби муаллиф ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар ин ҳар як гурӯҳ ба шароити интихобот гузошта мешавад, яъне он дар ин ё он шароит вазият ва иҷро фаолиятро бо худ маъқул (номаъқулро) дар байни шарикони худ бояд ёбад.

Масалан: дар мактаб ба хонандагон (бо, ки дарс тайёр карданро мехоҳӣ?), “бо ки якҷоя дар корҳои ҷамъияти мактаб иштирок карданро мехоҳӣ”, дар ҷамоаҳои меҳнат бошад “Вазифаи роҳбарро барои иҷро намудан, киро шумо бо шарикӣ мегиред?” ба талабагон “Барои таҳсил ба ҳориҷ фиристонанд, аз ҳамсабақон барои шарики киро интихоб мекунӣ?” ва монанди инҳо. Саволнома аноним буда ҳар як иштирокчиён ба ҳуқуқи интиҳоби 3-5 кас соҳиб бошанд. Натиҷаҳо ба ҷадвал гузошта шуда , аз сари нав кор карда мешавад, ҳатто, ки дар шакли график кашида мешавад. Дар зер тесте, ки ба ҷамоаи меҳнат дахлдор аст оварда шудааст.

Психолог М.Воҳидов қайд мекунад, ки усули сотсиометрики барои омӯхтани муносибатҳои байни одамони гурӯҳ ё ҷамоаи хурд истифода барад

мешавад. Лекин агар ҷамоа ёки аъзоёни гурӯҳ якдигарро хуб дониста бошанд, ин усулро самаранок фоӣда бурдан мумкин аст.

Дар ташаккулдиҳии шахсияти ҷавонони мустақил роли наврасон бузург аст. Ташкилоти камолот дар таҳти роҳбарии Республикаи мустақили мо симои маънавии насли наврасро ба таври мақсаднок ташаккул медиҳад ва ҷавононро ба корҳои наҷиби амалӣ сафарбар мекунад.
Мотивҳои хулқи иҷтимоӣ ва мотиватсияи шахс.

Намудҳои фаолияте, ки мо дар боло шинос шудем худ аз худ рӯӣ намедиҳад. Амалӣ гардидани фаолият ва хулқу атвори шахсро барои фаҳмонидан, дар психология "мотив" ва "мотивация " кор бурда мешавад.мафҳуми "мотивация " нисбати мафҳуми "мотив " ба маънои васеъ соҳиб аст.

**Мотиватсия** – ин маҷмӯи сабабҳои психологие аст, ки хулқу-атвор ва пайвастагиҳоро мефаҳмонад. Ин мафҳум бошад хулқи ин ё он шахсро бояд фаҳмонида диҳад яъне ба саволҳои "чаро?" "барои чӣ?", "бо чӣ мақсад?", "дар роҳи чӣ гуна манфаат?" бояд ҷавоб гардонад. Ин бошад дар навбати худ, ковтукови моитивация аст. Аз ин бар меояд, ки барои таснифоти хулқу – атвор ҳизмат мекунад. Хулқи шахс дар байни одамони ҷамъият сабабҳои худдорӣ намуданро аз худ намудан ва ғайраҳоро мефаҳмонад.

А) сабабҳои дохили, яъне ҳатту ҳаракатҳое, ки ба аҳамият соҳиб аст дида мешавад. (мотивҳо, эҳтиёҷҳо, мақсадҳо, мӯлҷарҳо ҳоҳишҳо ва шавқмандиҳо дида мешавад).

В) сабабҳои беруни – шарту шароитҳои берунии фаолият ва ҳолатҳо. Яъне инҳо стимулҳое мебошанд, ки ҳолат конкрети аниқро дар айни ҳол баён мекунад. Хулқу атвори шахсро бо сабабҳои дохили психологӣ идора намудан диспозицияҳои шахсӣ ҳам гуфта мешавад. Яъне баъзан ҳамин тавр шароит мешавад, ки дигаргуни ва тағирот ҳоро худи шахс нисбатан шакл медиҳад, ба саволҳо худаш ҷавоб меёбад. "Барои чӣ?", "Худам" ҳам нафаҳмида мондам, "намедонам" гӯён ҷавоб медиҳанд. Ин диспозитцияи номаълум номида мешаванд. Агар шахс ба ягон касб бо шуури худ мантиқан шавқманд бошад, барои ҳама сиру асрорҳоро аз худ намуданаш мумкин аст.

Аз ҳамин нуқтаи назар мотив мафҳуми конкрете буда, он дар шахс ин ёон хулқу атворро, тайёриро ба сабаби худ ба назар дошата мешавад.

Олими немис, ки хеле машҳур аст Курт Левин муаммои мотивҳорофаҳмонида медиҳад. Асосан дар бораи хулқи иҷтимоӣ сухан меронад. Ҳаминро муайян кардааст, ки ҳар як одам ба тарзи бо худ хос ин ёон вазият идрок намудан ва дар баҳогузори мойил аст. Ҳаминро бояд таъкид кард, ки ҳамин шахс ба ҳолатҳои гуногун, бо кайфиятҳо вобаста аст, ки вазиятҳои алоҳида доим бартараф намудан аз дасташ меояд. Барои

идроки он диспозиция мавҷуд аст. Дар ин маъно мотиватсияи хулқи иҷтимоии шахс ба таҷрибаи омӯхташуда такя карда мешавад. Масалан дар олийгоҳҳои техника: "Зиддияти материал", ки номи курс аст. Аз худ намудани ин курси мазкур ба бисёр шахс душворӣ нишон медиҳад, ки бартарафи он осон аст.

Ҳар гуна мотивҳо дар таҳти худ эҳтёҷҳои шахсро дар бар мегирад. Яъне дар ҳаёти мақсадноки шахс аввало ин ё он эҳтиёҷ пайдо мешавад, тартиби онҳо бошад ба зарурат вобаста буда бо хулқи инсон намоён мешавад. Мувофиқи мисол фаъолияти дониши хонандаро бо эҳтиёҷҳо низ вобаста намудан мумкин аст. Ин эҳтиёҷ дар ҷараёни ривоҷёбӣ, аз давраи боғчаравӣ сар шуда қонеъ гардонида мешавад. Китобҳое, ки ба кӯдак ҳарид карда медиҳанд, китобҳои гуногун дафтар ва дигар асбобҳои хониш шарту шароитҳо дар маскани таълимӣ дода мешавад. Ин бошад дар навбати худ ба ҷои мотив ба хонанда хизмат мекунад. Боз як мисоли оддӣ ин аст, ки дар даст китоб доред, аммо шумо дар айни ҳол хондани онро оғоз накардед. Лекин ҳоҳишу майле доред, дар таҳти ин ҳоҳиш бошад, барои донистани ҳамон мазмун ва ғояи он расидан ҳамчун эҳтиёҷ меистад.

Олими рус Р.Неров мотиватсияи шахсро чунин тасвир мекунад. Ҳама гуна эҳтиёҷҳои шахсро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Эҳтиёҷҳои биологӣ – ин эҳтиёҷҳои физиологӣ (ташнагӣ, гуруснагӣ, хоб) мосшавиҳои ҷинсӣ низ дохил мешавад.
2. Эҳтиёҷҳои иҷтимоӣ – ин меҳнат кардан, донистан, эҳтиёҷҳои эстетикӣ ахлоқӣ-маънавӣ аст.

Эҳтиёҷҳои биологӣ ва боз бо онҳо якҷоя дар ёд доштан лозим аст, ки қонеъи эҳтиёҷҳои гуногун, ки дар ҷамъият қадриятҳо, нормаҳои маданӣ ва инсонӣ дида мешавад.

## МАВЗӮЪИ 6. ЭҲСОС

Маълум аст, ки одам дар ҷаҳони предметҳо умр ба сар мебарад. Ҳар як предмети олами беруна ба форма ва моҳияти ба худ хос соҳиб аст. Одам бо ёрии эҳсос ҳамаи предме ва ҳодисаҳои ҳастии моддиро дар шуури худ инъикос менамояд. Одам бо ёрии маҷмӯи эҳсос на танҳо предметҳои олами берунаро, замон ва макони воқеаю ҳодисаҳои содиршударо низ идрок менамояд.

Организми одам доимо бо дунёи беруна дар муносибат мешавад. Дар натиҷаи таъсири мунтазами барангезандагони беруна ба узвҳои эҳсосӣ (чашм, бинӣ, гӯш, забон, пӯст...) эҳсос ба вуҷуд меояд. Дар эҳсос хусусият ва нишонаҳои гуногуни ҳодиса ва чизҳое, ки одамро иҳота кардаанд, акси худро меёбад.

Чунончи, дар натиҷаи нурҳои равшан эҳсоси дидан, аз таъсири мавҷҳои ҳаво ба гӯш эҳсоси шунидан, ҳангоми нафас кашидан таъсири заррачаҳои ҳаво ба холигии бинӣ, дар натиҷаи таъсири ягон чиз ё ашё ба пӯст ё кафи даст эҳсоси пӯст хосил мешавад.

Ҷаҳони берунаро идрок кардани одам аз эҳсос пайдо мешавад. Аз ин рӯ, эҳсосот аз рӯйи моҳияти худ барои тамоми донишҳои шахс асос ва манбаъ ҳисоб меёбад. Одам бе эҳсосот аз имконияти дарки воқеа ва ҳодиса, предметҳои дунёи беруна маҳрум мегардид. Чунки идрок, хотира, тасаввур, тафаккур ва хаёл барин ҷараёнҳои рӯҳӣ дар натиҷаи эҳсосот хосил мешавад.

Дар фанни психология ба вуҷуд омадани эҳсосот, таълимоти илмиро дар бораи механизми асаби онҳо психологи машҳур, физиологи рус, академик И.П.Павлов кашф кард. Ғояҳои илмӣ дар ин бора дар таълимоти олими шинохта дар бораи анализаторҳо ифодаи худро ёфтааст.

Бо ёрии эҳсос одам хусусият ва ҷиҳатҳои ба худ хоси предметҳоро дарк карда, меомӯзад, мефаҳмад ва аз онҳо барои эҳтиёҷоти худ фоида мебарад. Ҷиҳати дуввуми муҳими эҳсосот дар он аст, ки одам организми худро ба туфайли эҳсосот аз таъсирҳои нохуш ҳимоя мекунад. Масалан: аз сардӣ, гармӣ, вазнинӣ, тундӣ одам худашро ҳифз мекунад. Агар ба дасти одам чизе халад, ё занад, одам дарҳол дасташро мекашад, аз таассуроти нохуш худро ҳимоя мекунад.

Боз як тарафи муҳими эҳсос дар он аст, ки онҳо (эҳсосот) манбаи дониши одам дар бораи дунёи беруна мебошад. Дар ҳақиқат, дар одам агар эҳсос набошад, бо роҳи дигар на ягон ҷисми олами беруна ва на ягон хел ҳаракатро дарк менамояд. Аз ин ҷост, ки эҳсос аз ҷумлаи ҷараёнҳои маърифат буда, материали ҷараёнҳои психологӣ чун идрок, хотира, хаёл, тафаккур низ ба туфайли эҳсос аст.

Тавассути эҳсосот воқеаю ҳодисаҳои олами берунаро идрок намудани одам дар се зина амалӣ мегардад:

1. Қисми атрофӣ (ретсепторҳо), ки вазифааш қабул кардани таъсироти олами беруна мебошад.
2. Импулсҳои афферентӣ (марказшитоб) ва эфферентӣ (марказгурез) ё қисми гузаронанда, ки қисми атрофиро бо марказ (майнаи сар) пайваст мекунад.
3. Қисми марказӣ ё майнаи сар, ки дар он коркарди импулсҳои асабии аз қисми атрофӣ оянда сурат мегирад.

Ҳамин системаи махсуси асабиро, ки таҳлили аниқи таъсироти олами берунаро таъмин менамояд, академик И.П.Павлов системаи анализаторӣ номидааст.

Ба қисми атрофии анализатор ҳамаи узвҳои ҳиссӣ (чашм, гӯш, бинӣ, забон ва пӯст) ва аппарати махсуси ретсепторие тааллуқ дорад, ки дар узвҳои дохилӣ ва мушакҳои бадан ҷойгир шудаанд.

Агар яке аз се қисми анализатор зарар бинад, эҳсос ба вуҷуд намеояд. Масалан, асаби чашм ё ки пӯстлохи нимшарҳои калон, ки ба майна мераванд, зарар бинанд, эҳсоси биноӣ рӯй намедиҳад.

Дар асоси фикрҳое, ки дар боло зикр намудем, ба эҳсос чунин таъриф додан мумкин аст: эҳсос раванди оддитарини психикӣ буда, дар инъикоси аломату хусусиятҳои алоҳидаи ашёю ҳодисаҳои олами беруна, инчунин, ҳолати ботинии организм ҳангоми таъсири бевоситаи ангеза ба узвҳои эҳсос ифода меёбад.

Эҳсос аз рӯйи меъёрҳои гуногун вобаста ба характер, самт ва мазмуни эҳсос тасниф карда мешавад:

1. Эҳсоси биноӣ
2. Эҳсоси шунавоӣ
3. Эҳсоси бӯёӣ
4. Эҳсоси чашоӣ (маза)
5. Эҳсоси ломисавӣ (пӯстӣ)
6. Эҳсоси мушакҳо
7. Эҳсоси органикӣ

**Узви эҳсоси биноӣ чашм** мебошад. Барангезандаи ин эҳсосот равшанӣ буда, вазифааш эҳсоси рангҳои хосаи предметҳои гуногун мебошад. Чашм узви биноӣ буда, ба сохтори мураккаб соҳиб аст. Эҳсоси биноӣ дар натиҷаи ба қисми ҳискунандаи чашм таъсир кардани нурҳои рӯшноӣ (мавҷҳои электромагнитӣ) пайдо мешавад. Эҳсоси биноӣ ба одам имконият медиҳад, ки вай мавқеъ ва самтро дар фазо муайян кунад, ҳаракатҳои худро мутобиқ гардонад. Одам бо ёри чашм навиштану хонданро ёд мегирад.

Узви рӯшнои ҳискунандаи чашм тӯрпарда мебошад. Дар тӯрпарда зинаи бисьёр муҳимми просесси биниш тадбиқ мешавад: рӯшноӣ ба моддаи рӯшноиҳискунандаи нӯгҳои асабии ба ном чӯбакҳо ва кадаҳчаҳо таъсир мекунад ва ба ҳаракати асабие, ки бо торҳои асабӣ ба уисми пушти сар гузаронида мешаванд, ибтидо мегузорад. Миқдори ҳуҷайраҳои рӯшноиҳискунандаи тӯрпарда ниҳоят зиёд аст- онҳо қариб 130 милион мебошад. (тахминан 125 милион чӯбакҳо ва 3-6 милион кадакчаҳо).

Чӯбакҳо нисбат ба кадаҳчаҳо барои фарқ карда тавонистани ҳамаи тобишҳои бои рангҳо имконият медиҳанд. Кадаҳчаҳо дар равшании рӯз фаъолтар мебошанд, – дар натиҷа мо рангҳоро мебинем (эҳсоси рангҳои хроматикӣ, яъне эҳсоси ҳамаи рангҳои спектр пайдо мешавад). Кадаҳчаҳо ба рӯшнои хира (дар вақти шом )кори худро қатъ мекунанд ва биниш акнун ба

туфайли фаъолияти чӯбакҳо ба вуҷуд меояд – одам асосан фақат рангҳои тиран ахроматикиро (ҳамаи тобишҳои ранги байни сафеду сиёҳро)мебинад. Одам қобилияти дидани предметҳои аз чашм дар масофаҳои гуногун воқеъбударо дорад. Хусусияти оптики чашм ҳангоми аз дидани предметҳои дур ба дида баромадани предметҳои наздик гузаштан тағъир меёбад.

Ин гуна қобилияти чашм, яъне ба дидани предметҳои дуриашон гуногун мутобиқ шудани он аккомодасияи чашм номида мешавад.

Аз қадим чашм чун оинаи дили инсон тавсиф мегардад. Эҳсосоти ботинии инсон ҳамеша дар чашм ифодаи худро меёбад. Аз ҷиҳати психологӣ чӣ гуна ҷойгир шудани чашмҳо низ маънои худро соҳиб ҳастанд. Мувофиқи исботи таҷрибаҳо дар як хатти горизонталӣ ҷойгир шудани ду чашм нишонаи некӯӣ, пасттар ҷойгир шудани онҳо дар мардҳо боқатъиятӣ, далерӣ ва дар занҳо аломати сабукпоӣ ҳисоб меёбад.

Дар таърихи фанни психологияи ҷаҳон қариб 40 намуди чашмҳо аниқ карда шудааст. Ҳамин тавр барои муайян кардани феълу атвори одам, тақдири онҳо чашм нақши муҳим мебозад, узви муҳими рӯй мебошад, ки ҳамаи хислат ва хусусиятҳои шахсро дар худ ифода мекунад.

**Эҳсоси шунавоӣ** – Узви эҳсоси шунавоӣ гӯш буда, вазифаи он эҳсоси овозҳо мебошад. Аҳамияти эҳсоси шунидан дар он аст, ки бо ёрии ин эҳсосот одам нутқи дигаронро мешунавад, ба имконияти бо дигарон фикривазкунӣ соҳиб мешавад.

Гӯш узви шунавӣ буда, аз се қисм гӯши беруна, гӯши мобайни, гӯши дохилӣ иборат аст. Дар гӯши дарунӣ эндолимфа ном моддаи моеъ ҳаст. Тавассути ин модда марказҳои шунавоӣ бо мағзи сар мепайвандад.

Мавҷҳое, ки аз ҷисмҳо дар фазо паҳн мешаванд, барангезандаи эҳсоси *шунавоӣ мебошанд. Ба воситаи зарраҳои лаппишдори ҳаво ба гӯш ворид* гардидани мавҷҳои овоз эҳсоси шунавоӣ ба вуҷуд меояд. Дар қисми дохилии гӯш пардае ҳаст, ки тахминан аз бисту панҷ ҳазор наҳҳои кӯндаланг хобида ташкил гардидаанд. Мавҷи овозе, ки ба гӯш мерасад, яке аз ин наҳҳоро бармеангезад ва ин ба мағзи сар расонида мешаваду дар натиҷа ҳолати эҳсоси овозр рӯй медиҳад. Гӯши одам дар давоми як сония метавонад аз 16 ҳазор то 22 ҳазор овозҳоро эҳсос намояд. Аз ин зиёд лаппиши овозҳоро гӯш намешунавад. Садоҳои дорои лаппиши бузургро, ки гӯш намешунавад, ултрасадо меноманд.

Гӯш аъзои шунавоӣ ҳисоб ёфта, ба сохти мураккаб соҳиб аст. Барангезише, ки аз мавҷи ҳаво ҳосил шудааст, тавассути гӯши дохилӣ ба маркази шунавоии мағзи сар меравад ва дар натиҷа эҳсоси шунавоӣ ба вуҷуд меояд. Дар қисми асосии гӯши дохилӣ узве бо номи кортий мавҷуд аст. Ин

узв аз ҳуҷайраҳои таёқчашакл иборат аст. Мавҷҳои ҳавои гуногунлаппишдор ба воситаи ҳамин аъзо ба ретсепторҳо расонида мешаванд.

Ларзиши чизҳои овозпаҳнкунанда баробари пайдо кардани мавҷҳои ҳаво, дар мағзи сари одам ларзишро низ ҳосил мекунад. Пас, имконияти шунидани гӯши одам бениҳоят калон бошад ҳам, он ҳамаи овозҳоро ҳам шунида наметавонад.

**Эҳсоси бӯӣ** – Узви асосии эҳсоси бӯёӣ бинӣ мебошад. Вазифаи асосии он эҳсоси бӯйҳои гуногун аст. Эҳсоси бӯёӣ дар ҳаёти инсон аҳамияти калонро соҳиб мебошад.

Одам ба воситаи эҳсоси бӯёӣ аз бӯйи хуши гул, атр, баҳраманд мешавад. Аз бӯйҳое, ки барои саломатӣ зараоваранд, худро эҳтиёт мекунад.

Дар кисми болоии ковокии бинӣ ҳуҷайраҳои бешумор ҳаст. Зарраҳои моддаҳои бӯйнок дар натиҷаи барангезонидани ин ҳуҷайраҳо эҳсоси бӯёӣ ба вуҷуд меояд. Ғайр аз ин, дар мағзи сар нервҳои махсусе ҳастанд, ки барои бӯйро эҳсос кардан хизмат мекунанд.

Таъм ва маза ба воситаи забон ва ҳолигии даҳон ҳис карда мешавад. Барангезондаи ин эҳсос заррачаҳои моддаҳое мебошанд, ки ба даҳон гирифта мешаванд. Дар натиҷаи таъсири ин заррачаҳо ба нӯги асаби рӯйи забон ҳисси чашоӣ (маза) пайдо мешавад.

Таъм асосан ба чор сифати зерин соҳиб мебошад:

**1.** Мазаи ширин
**2.** Мазаи нордон
**3.** Мазаи шӯр
**4.** Мазаи тунд

Дар пардаи забон ҳуҷайраҳои эҳсоскунандаи маза ҳастанд. Онҳоро муғҷаҳои эҳсоскунандаи маза низ мегӯянд. Бояд ҳаминро таъкид кард, ки қисмҳои гуногуни забон имконияти эҳсос мазаҳои гуногунро соҳибанд. Масалан, қисми пеши забон таъми ширинро, қисми пушт таъми талхро, атрофаш таъми нордонро эҳсос мекунад. Мобайни забон бошад, умуман таъмро ҳис намекунад.

Дар эҳсоси чашоӣ эҳсоси бӯёӣ низ соҳиб аҳамиятанд. Чунки тавассути эҳсоси бӯёӣ одам мазаи хӯроквориҳои гуногунро ҳис мекунад ва истеъмол менамояд.

**Эҳсоси пӯст**. Эҳсоси лоимисавӣ функсияҳои гуногунро соҳибанд. Ангезандаҳои механикӣ ва ҳароратии ба пӯст таъсиркунанда чор намуди эҳсосро ба вуҷуд оварда метавонад: а) эҳсоси расиш (ё эҳсоси расиш),б) эҳсоси хунукӣ, 3) эҳсоси гармӣ, 4) эҳсоси дард. Пӯст ба сифати аъзои ҳимоятгарии парда, аъзои ҷудокунанда, узви ҳис, ба сифати узве, ки ҷудо гардидани гармиро ба тартиб меандозад, хизмат мерасонад. Органҳои ҳисси

пӯстӣ таначаҳои қисми берунии пӯст мебошанд. Ин таначаҳо (нуқтаҳо) ба миқдори бисёр буда, функсияҳои махсусро иҷро мекунанд. Масалан, бо ёрии қариб 250 000 нуқта сардӣ ва 30.000 нуқта бошад гармиро эҳсос мекунад.

**Эҳсоси ҳаракати ва ломиса.** Дар фаъолияти одам эҳсоси мушак-ҳаракатӣ низ аҳамияти калон доранд. Ин эҳсосот ба шахс дар бораи ҳаракатҳои вай хабар медиҳад. Ҳамеша ҳаракатҳоеро, ки дар организми одам рух медиҳанд, эҳсос менамояд. Одам тавассути эҳсоси ҳаракат қисмҳои организм – даст, пой, сар, гардан, сандуқи синаро ба ҳаракат оварда, ҳолати фаъоли танаи худро идора мекунад.

Як намуди эҳсоси ҳаракатӣ-мушакӣ ин эҳсоси статикӣ мебошад. Эҳсоси статикӣ эҳсososе мебошанд, ки ҳолати мувозинати фаъолии организмро дар фазо нигоҳ медоранд. Органҳои ҳисси мушак ҳаракатӣ инҳо мушак, пайҳо ва мушакҳо мебошанд.

Барои ҳаёт ва фаъолияти одам аҳамияти эҳсосоти мушак-ҳаракатӣ калон аст. Чунки ин намуди эҳсосот бо одам имкон медиҳад, ки ҳамаи ҳаракат ва ҳолати қисмҳои организмашро донад. Дар натиҷаи ин одам ҳар як ҳаракати худро дуруст ва бошуурона идрок мекунад.

Якҷояшавии эҳсосҳои пӯст ва ҳаракатӣ дар вақти даст-даст кардани предметҳо яъне ҳангоми ба предметҳо расидани дасти ҳаракат кардаистода, ломиса номида мешавад. Даст ҳамчун органи ламс аввалин бор дар маймунҳо пайдо шудааст, вале дар одам пурра инкишоф ёфта, ба олоти меҳнат табдил ёфтааст.

**Эҳсоси органикӣ**. Гуруснагӣ, ташнагӣ, дилбеҳузурӣ, аз ҳад зиёд сериро дарк намудан ин эҳсоси органикӣ мебошад. Нервҳои эҳсосии эҳсосоти органикӣ дар рӯйи меъда, рӯда, шуш, гурда, ҷигар, дил ва рагҳои хунгард ҷойгиранд.

Эҳсоси органикӣ ҳолати дарунии организми одамро акс менамояд.

Худро хушҳол ё нохуш, бардам ё хаста эҳсос кардани шахс натиҷаи фаъолияти эҳсоси органикӣ мебошад. Ғайр аз ин, дард кардани ягон узви бадан, ё ки нодуруст кор кардани он ҳам фаъолияти ҳисси органикӣ мебошад. Барои ҳамин саломат будани организми одам ва дар меъёр фаъолият нишон додани он ҳисси органикӣ мавқеи муҳим дорад.

**Эҳсоси ларзиш.** Ин намуди ба худ хоси эҳсос ҳангоми ба сатҳи бадан таъсир кардани лаппишҳои ҳаво, ки онро ҷисмҳои ҳаракаткунанда ва лаппанда ба вуҷуд меоваранд, пайдо шуда метавонад. Ин намуди эҳсос дар одамоне, ки нағз мешунаванд, суст тараққӣ кардааст. Аммо дар сурати гум шудани қобилияти шунавоӣ, махсусан дар одамони кӯру кар, ин намуди эҳсос ба дараҷаи муаян тараққӣ мекунад ва барои онҳо ҳамчун воситаи ба дуньёи иҳотакарда сарфаҳм рафтан хизмат мекунад.

Эҳсос аз рӯи меъёрҳои гуногун тасниф карда мешавад. Ҳанӯз аз замонҳои қадим вобаста ба мавҷудияти панҳ узви эҳсос панҷ намуди онро эҳсосро ҷудо менамуданд: бӯй, маза, биноӣ, шунавоӣ ва ломисавӣ (пӯстӣ). Ин таснифоти эҳсос, ки аз рӯи «моделнокӣ» сурат гирифтааст, дуруст буда, то ҳол эътироф мешавад. Психологи рус Б.Г. Ананев ёздаҳ намуди эҳсосро ҷудо намудааст. А.Р. Лурия бошад, пешниод менамояд, ки таснифоти эҳсос бояд дар асоси ду принсип – генетикӣ ва система- тикӣ ба роҳ монда шавад. Кӯшиши аз рӯи принсипи генетикӣ тасниф намудани эҳсос ба неврологи англис Х.Хэд тааллуқ дорад. Ӯ ҳассосии протопатикӣ ва эпикритикро ҷудо намудааст. Ҳассосии протопатикӣ дар фарқият аз эпикритикӣ маҳдудшавии аниқи сарчашмаи ангезишро на дар олами беруна ва на дар ботини организм нишон намедиҳад ва бештар ҳолати субъективиро инъикос менамояд. Мувофиқи психологияи шӯравӣ эҳсос дар давраи филогенез дар заминаи баангезишоии оддитарин ҳамчун ҳассосӣ ба ангеза зоҳир мешавад.

Аз рӯйи принсипи систематикӣ эҳсоси биноӣ, шунавоӣ, бӯй, маза ва ломисавиро ҷудо мекунанд. Дар дохили ин намудҳои эҳсос метавон таснифоти дигари эҳсосро пешниҳод кард, масалан фазогӣ ва биноӣ-рангӣ ва ғайра. Дар ин замина физиологи англис Ч.Шеррингтон се синфи асосии эҳсосро ҷудо намудааст:

1. Экстерoресептивӣ
2. Проприоретсептивӣ
3. Интероретсептивӣ

Бояд қайд кард, ки ин таснифот вобаста набудани вазифаҳои эҳсосро аз маҳдудшавии морфологии ретсепторҳо ба эътибор намегирад. Масалан, эҳсоси биноӣ метавонад вазифаи муҳими пропросептивиро иҷро намояд.

**1.** Экстерoресептивӣ – яке аз гурӯҳҳои асосии эҳсос буда, ахбореро қабул мекунад, ки аз олами атроф ба мо омада мерасанд. Ин гурӯҳи эҳсос одамро ба олами атроф пайваст мекунад. Ба ин гурӯҳи эҳсос дохил мешаванд: эҳсоси биноӣ, шунавоӣ, бӯй, маза ва пӯстӣ. Ретсепторҳои ин намуди эҳсос дар узвҳои ҳиссӣ ҷойгир шудаанд.

**2.** Проприоретсептивӣ – ин эҳсос ахборро доир ба ҳолати организм дар фазо ва ҳолати такягоҳу ҳаракатӣ таъмин менамояд. Онҳо асоси афферентии ҳаракати одамро ташкил дода, дар танзими онҳо нақши калон мебозанд. Ретсепторҳои проприоретсептивӣ дар мушакҳо ва бофтаҳои бадан ҷойгир буда, шакли навбасти махсуси асабиро дорнад ва эҳсоси статикӣ ҳам дохил шуда, эҳсоси ҳаркат, эҳсоси кинестетикӣ низ номида мешаванд.

**3.** Интероретсептивӣ – доир ба ҳолати узвҳои дохилии организм ахборот дода, ба майнаи сар ангезиши аз меъдаю рӯда, дилу системаи гардиши хун ва дигар аппаратҳои дохилӣ ояндаро мефаҳмонад.

Ба ҳамаи намудҳои эҳсос адаптатсия мавҷуд. Организми одам дар ҳар гуна шароит ба дигаргуниҳои муҳити беруна ва таассуротҳо мос мешавад, одат мекунад.

Ба таъсирҳои муҳити беруна мутобиқ шудани органҳои эҳсосӣ адаптатсия номида мешавад.

Дар бораи қонуниятҳои эҳсос ҳаминро бояд гуфт, ки дар одам пайдо шудани эҳсос ба таъсири беруна вобаста аст. Дуюм, эҳсос баробари ба организм таъсир кардани ягон чиз ҳосил намешавад, дар байни таъсир ва эҳсос вақти кӯтоҳ мегузарад. Сеюм, давомнокии эҳсос ба давомёбии таассуроти беруна вобаста аст. Агар таъсири беруна тамом шавад, пас аз муддати кӯтоҳ эҳсос кардан ҳам хотима меёбад. Қувваи эҳсосот пеш аз ҳама ба қувваи ангеза вобаста аст. Ангеза чӣ қадар пурзӯр бошад, эҳсоси ҳосилшуда ҳам ҳамон қадар пурзӯр мешавад.

Ҳаминро бояд гуфт, ки одам на ҳар гуна таъсироти берунаро фаҳмида метавонад. Барои дар одам ба вуҷуд овардани эҳсос таъсири беруна бояд ба қувваи маълум соҳиб бошад. Ба вуҷуд омадани эҳсос ба қувваи таъсир вобаста аст. Вобаста ба ин падида яке аз қонуниятҳои асосии эҳсосро ҳассосӣ ташкил медиҳад.

Ду намуди ҳассосиро фарқ мекунад: ҳассосии мутлақ (асолют) ва ҳассосӣ ба фарқкунӣ. Зери ҳассосии мутлақ қобилияти эҳсос кардани ангезаҳои суст ва зери ҳассосӣ ба фарқкунӣ қобилияти фарқ кардани тафовути сустро байни ангезаҳо дар назар доранд.

Қувваи таъсиротти беруна дар сатҳи аёну ноаён (камакак) сарҳади мутлақ ҳисоб меёбад. Ин сарҳад ба суръати ларзиши организми одам вобаста мешавад. Бинобар ин, таассуротеро, ки як одам эҳсос мекунад(овозеро мешунавад), дуюм одам нафаҳмиданаш мумкин аст. Фарқи камтари таъсири байни чизҳоро ҷудо карда тавонистан, ба сатҳи ҳисси фарқ карда тавонистан вобаста мебошад. Ҳассосии мутлақ дар навбати худ дорои ду зина мебошад: паст ва баланд.

Мувофиқи қонуниятҳои психологӣ фарқи байни чизҳо чӣ қадар камқувват бошад, ҳисси фарқ кардан ҳамон қадар пурзӯр мешавад, баръакс фарқи байни таъсирҳо чӣ қадар пурзӯр бошад, ҳисси фарқ кардан ҳамон қадар камқувват мешавад. Эҳсоси фарқро ҷудо карда тавонистан барои мутобиқшавии организм ба таъсиротҳо ёрӣ мерасонад, тағйирёбии сатҳи ҳассосияти узвҳои эҳсосиро таъмин мекунад.

Монанди дигар сифатҳои психологӣ сатҳи ҳассосии аъзоҳои эҳсос ҳам ба воситаи таҷриба, дониш ва машқи пайваста зиёд мешавад. Ҳаминаш характернок аст, ки аъзоҳои эҳсос дар муносибати байниҳамдигарӣ ҳам ба якдигар таъсир мерасонанд. Агар одам аз эҳсоси биноӣ маҳрум бошад, дар

вай фаъолияти дигар намуди эҳсос (масалан шунавоӣ, ломисавӣ ва ғайра) пурзӯр мешавад. Ин ҳолат дар фанни психология  хусусияти компенсиатории узвҳои эҳсос номида мешавад.

Дар шакли асосии тағйирёбандагии ҳассосиро фарқ мекунанд. Яке аз онҳо аз шароитҳои беруна вобастагӣ дошта, мутобиқшавии ҳиссӣ ном дорад, дигар бошад вобаста аст аз ҳолати организм ва сенсибилизатсия номгузорӣ шудааст.

Сенсибилизасия – ин ҷараён аз мутобиқшавии ҳиссӣ дар ду муносибат фарқ мекунад. Аз як тараф, агар дар рафти мутобиқшавӣ ҳассосӣ ба ду тараф тағйир ёбад, яъне баланд ё паст шавад, пас дар раванди сенсибилизатсия ҳассосии узви эҳсос танҳо ба як тараф тағйир меёбад, яъне баланд мешавад. Аз тарафи дигар, агар тағйирёбии ҳассосӣ дар раванди мутобиқшавӣ аз шароити муҳити беруна вобастгаӣ дошта бошад, он гоҳ раванди сенсибилизатсия бевосита аз ҳолати худи организм – физиологӣ ё психологӣ вобастгаӣ дорад.

Таъсири байни ҳамдигарии эщсосро инчунин дар зощиршавии дигар цонунияти эщсос дарёт кардан мумкин аст, ки онро синестезия меноманд. Синестезия – ин дар зери таъсири ангезаи як анализатор ба вуыуд омадани эщсоси ба дигар анализаторщои тааллуцдошта мебошад. Синестезия дар намудҳои биноӣ, шунавоӣ, бӯӣ, чашоӣ бисёртар дучор мешавад.

Аҳамияти эҳсосот дар ҷараёни таълиму тарбия хеле калон аст. Эҳсосот формаи ибтидоии донистани дунёи беруна буда, бо ёрии онҳо одам предмет, ҳодиса, воқеаҳои дунёи берунаро дарк мекунад.

Дар ҷараёни азхудкунии донишҳо баробари дигар ҷараёнҳои психикӣ ҳамаи намудҳои эҳсос пурра иштирок мекунанд. Бе фаъолияти ягонаи органҳои эҳсосоти яклухт дониш омӯхтан, материалҳои таълимиро идрок кардан ғайриимкон аст.

Бо ибораи педагоги бузурги чех Ян Амос Каменский гӯем, намудҳои эҳсос даричаи байни муҳити беруна ва организм буда, ба воситаи онҳо одам ҳодиса ва предметҳои олами берунаро дарк карда, мефаҳмад ва ба онҳо таъсир мегузаронад, дигаргун месозад. Агар фаъолияти яке аз ҳафт намуди эҳсосот вайрон шавад, дар муносибатҳои организм бо муҳити беруна норасоӣ ба вуҷуд меояд. Барои ҳамин, дар кӯдакон таъминиривоҷёбии нормали фаъолияти ҳисси ва органҳои эҳсос вазифаи муҳими падар-модарон, тарбиятгарон ва педагогҳо мебошад. Ҳамин тавр, аҳамияти эҳсосот барои барқарор кардани алоқаи одам бо муҳите, ки моро иҳота кардааст, дунёи берунаро донистан аҳамияти муҳим  дорад.

Олими қомусӣ, донандаи бузурги ғояҳои педагогӣ Абу Райҳон Берунӣ таъкид кардааст, ки эҳсосот аз бо чашм дидан, бо гӯш шунидан, бо забон

чашидан, бо бини бӯй кардан, бо пӯст ламсидан иборат буда, илм ва маърифати одам фақат ба воситаи онҳо хосил мешавад. Фикрҳое, ки ин олими машҳур дар асари “Минерология” дар бораи манбаъҳои эҳсоси одам баён намудааст, дар таърихи дониши психологӣ мавқеи муҳим дорад. Дар ҳақиқат, эҳсосот ба воситаи барангезандаҳои худ ангеза меёбад. Агар онҳо дар меъёр бошанд, форам ва безарар, агар зиёд бошанд, зарарнок ва ҳалокатовар мешавад.

**Хусусиятҳои эҳсос:** Эҳсос шакли инъикоси таъсири ангезаҳое мебошад, ки ба узвҳои ҳис таъсир мерасонад. Масалан, эҳсоси биноӣ дар натиҷаи таъсисри мавҷҳои электромагнитӣ  пайдо мешавад, ки дар анализатори биноӣ ба импулси асабӣ табдил ёфта, ҳаяҷон ва эҳсоси мувофиқро ба вуҷуд меоварад.  Намудҳои гуногуни эҳсос дорои як  қатор хусусиятҳои умумӣ мебошад. Хусусиятҳои асосии эҳсос инҳоянд: Сифати эҳсос – хусусияти асосии эҳсос мебошад, ки онро аз дигар намудҳои эҳсос фарқ мекунонад ва дар доираи худи ҳамон намуди эҳсос тағйир ёфта меистад. Масалан, эҳсоси садо аз рӯи баландии садо ва тозагии он фарқ мекунад, эҳсоси биноӣ аз рӯи пасту баландии тобиши ранг. Интенсивнокии эҳсос – тавсифи миқдорӣ буда, бо қувваи таъсири ангеза муайян карда мешавад. Масалан, қу- вваи садо чӣ қадаре, ки баланд бошад, интенсивнокии садо ҳамон қадар баланд мешавад. Аз тарафи дигар интенсивнокии эҳсос ба ҳолати ретсептроҳо низ вобаста аст. Масалан, эҳсоси садо дар одамони гуногун вобаста ба хусусиятҳои ретсептори садояшон интенсивнокии гуногунро ба вуҷуд меоварад. Давомнокии эҳсос – аз рӯи давомнокии таъсири ангеза муайян карда мешавад ва эҳсосро ар рӯи давомнокиаш тавсиф медиҳад.  Ин хусусият инчунин бо ҳолати функсионалии узви эҳсос ва махсусан вақти таъсири ангеза ва ин тенсивнокии он муайян карда мешавад. Мавриди қайд аст, ки эҳсос дорои вақти ниҳони мебошад. Ҳангоми таъсири ангеза ба узви ҳиссӣ  эҳсос на дарҳол, балки баъд аз гузаштани вақти муайян пайдо мешавад. Давраи ниҳонии эҳсоси гуногун аз якдигар фарқ доранд. Масалан, ин давра барои эҳсоси пустӣ 130 мс, барои эҳсоси дард 370 мс, ва барои эҳсоси маза 50 мс.-ро ташкил медиҳад. Эҳсос бароробари таъсири ангеза пайдо шудаву бо нобудшавии он аз байн намеравад. Ин бефаъолиятии эҳсос ба таври пайгирона сурат мегирад. Масалан, эҳсоси биноӣ дорои бефаъолиятие мебошад, ки баъд аз қатъ шудани таъсири ангеза дарҳол гум намешавад. Нақш аз таъсири ангеза дар шакли образи пайгир боқӣ мемонад. Образҳои пайгири мусбат ва манфиро фарқ мекунанд.

# МАВЗӮЪИ 7. ИДРОК

Идрок – инъикоси яклухт ва томи образи ошёю ҳодисоти олами беруна ҳангоми таъсири бевоситаи ангезаҳо ва ретсепторҳои мувофиқ мебошад. Идрок раванди мураккаби психикӣ буда, дар якҷоягӣ бо эҳсос мегузарад ва дар асоси он ба вуҷуд меояд, вале ҷамъи эҳсос намебошад. Бо ёрии эҳсос баъзе тараф ва хусусиятҳои предмет, воқеаю ҳодисаҳо, ашёҳо дарк карда мешавад. Дар ҳар як предмет ё ки воқеаву ҳодиса нишонаҳои яклухти онҳо мавҷуд аст, ки одам онҳоро дар формаи бутун, ба тарзи яклухт ифода мекунад. Бинобар ин, нисбат ба эҳсос идрок ҷиҳати мураккабтари воқеиятро ифода мекунад.

Сабаби дар ҷараёни идрок образи чизҳоро пурра акс кунонидан дар он аст, ки дар майнаи одам дар давоми ҳаёт ба туфайли таъсири барангезандаҳои гуногун, одаме, ки таҷрибаи бойи меҳнатӣ дорад, ашёи идроknамудаи худро дарҳол дарк мекунад. Дар одами бетаҷриба чунин хусусият намешавад, яъне вай моҳияти асосии чизеро, ки идрок мекунад, комилан сарфаҳм намеравад.

Боз як тарафи мураккабии идрок нисбат ба эҳсосот дар он аст, ки ҳар як предмет, воқеа ва ҳодиса дар ҳамбастагӣ бо макон ва замон, ки формаи ҳастии моддӣ мебошанд, қабул карда мешаванд.

Чунки ҳодиса ва чизҳое, ки дар олами моддӣ мавҷуд буда, аз тарафи одам идрок карда мешаванд, доимо аз ҷиҳати макон ва замон бо якдигар вобаста мешаванд. Пас, одам дар вақти идроки ҳар як предмет формаи онро дар фазо (куб, секунҷа, доира) калон ё хурдӣ (калон, хурд, майда) муносибатҳояшро (нисбат ба дигар предметҳо ва идрокшаванда) ба ҳисоб мегирад. Дуюм, дар вақти идроки ҳар як предмет, ба раванди пайдоиш ва дигаргуншавии он эътибор дода мешавад.

Дар ҷараёни идрок ғайр аз ҳамаи намудҳои эҳсос дигар ҳолатҳои рӯҳӣ низ иштирок мекунад. Масалан, одам дар вақти идроки атиргул шакли зебо, ранги аҷоиб, бӯйи хуш, баргҳои маҳини онро ба тарзи яклухт қабул мекунад. Аз ин бармеояд, ки ҳангоми идроки атиргул дидан, бӯйро ҳис кардан ва эҳсосоти пӯст низ иштирок мекунад. Агар дар оғози идрок намудани гул (атиргул будани онро дониста, ҷудо карда гирифтан) хотираи махсус дар бораи ҷиҳатҳои ба худ хоси он мулоҳиза намояд, ин тафаккур аст.

Ҳамин тавр, дар идроки предмет ё воқеаву ҳодисаи дилхоҳ вобаста ба моҳияти ҳамон чиз аз қисмҳои муайяни ҳолатҳои рӯҳӣ истифода мешавад. Бе диққат, хотира, хаёл ва тафаккур дурусту пурра идрок кардан ғайриимкон аст.

Механизми асабии идрок ҳам аз эҳсосот фарқ мекунад. Ин фикр мураккабии асоси асабӣ-физиологии хоси идрок мебошад. Асоси физиологии

идрок вобастагӣ бо рефлекси шартии мураккаб мебошад, ки дар пӯстлохи нимшари калони мағзи сар ба вуҷул меояд.

Таъсири беруна дар пӯстлохи нимшари калон якҷоя карда мешавад, реаксияи организм бо якчанд барандагезандаҳо бо ҳам пайваст мегардад. Ба маҷмӯи хоссаҳои ҳар як предмет нигоҳ карда, одам онҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ғайр аз ин, асоси физиологии идрок ба фаъолияти системаҳои сигнали якум ва дуюм низ вобаста аст. Одам предметҳоро, воқеаҳоро на танҳо бо биноӣ, шунавоӣ, бӯй, маза, балки ба воситаи нутқ ҳам идрок мекунад.

Идроки ашёю ҳодисаҳо метавонад бо гузориши мақсади пешакӣ ё бидуни гузориши чунин мақсад ба вуҷуд ояд. Вобаста ба иштироки мақсадгузорӣ дар рафти идрок он ба гурӯҳҳо тақсим карда мешавад. Аз тарафи одам идрок намудани предметҳои олами беруна, воқеаю ҳодисаҳо бо ду роҳ ба вуҷуд меояд:

**1.** Идроки ихтиёрӣ.

**2.** Идроки беихтиёрӣ.

Дар рафти идроки ихтиёрӣ, ки бо гузориши мақсад тавсиф дода мешавад, одам барои дарки пурра ва дурусти ашё кӯшиши иродавӣ мекунад. Шартҳои зарурии идроки ихтиёрӣ диққат ва мушоҳида – мушоҳидакорӣ мебошад.

Қобилияти мушоҳидакорӣ сифати пуркимати шахс буда, одами мушоҳидакор, шабоҳат ва тафовути ашё ва ҳодисаҳоро аниқ пай мебарад, хусуиятҳои муҳимтарини онҳоро аз якдигар тез ва дуруст ҷудо карда метавонад.

Қобилияти мушоҳидакорӣ ба одам барои дуруст фаҳмидани шароити мавҷуд, босамар омӯхтани воқеаву ҳодисаҳои гирду атроф имкон медиҳад.

Мушоҳидакорӣ – ин маҳорати дар ашё ва ҳодисот дарёфт кардани чизҳое мебошад, ки кам дида мешаванд ва худ аз худ ба чашм намеафтанд. Аломати характерноки мушоҳидакорӣ суръати идрок кардани ин чизҳои камаҳамият мебошад. Мушоҳидакорӣ на дар ҳамаи одамон ва на дар ҳамон як дараҷа дида мешавад. Фарқият дар мушоҳидакорӣ пеш аз ҳама аз хусусиятҳои фардии шахс вобастагӣ дорад. Масалан, донишдӯстӣ яке аз омилҳои ташаккулёбии мушоҳидакорӣ маҳсуб мешавад. Мушоҳидакорӣ шарти зарурии қабули маълумоти дуруст, амиқ ва фаҳмо дар бораи сифатҳои предмет ва воқеаю ҳодисаҳо маҳсуб меёбад.

Идроки беихтиёр дар заминаи диққати беихтиёр ба вуҷуд омада, сарфи қувваи иродавиро талаб намекунад ва асосан омили бавуҷудоварандаи онро хусусиятҳои ашёи даркшаванда ташкил медиҳанд. Донишҷӯе, ки бо тамоми диққат лексияро гӯш мекунад, дар як вақт садоҳои берун аз дарро низ идрок

карда метавонад. Одам вақте ки барои чидани як чанд донаи гул ба гулзор медарояд, гулҳои дигари гулзорро ҳам идрок мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо одам таъсирҳои мафҳумро низ идрок мекунад, (ба чашм намудор шудани предметҳои номаълум, ба гӯш расидани овозҳои ноаён ва ғайра). Ин ҳама ба идроки беихтиёр мисол шуда метавонанд.

Аз ин ҷост, ки шахс предмет ва воқеаву ҳодисаҳои гирду атрофро дар ҳолати ба эҳтиёҷот асос кардан идрок мекунад. Лекин дар баъзе ҳолатҳо ба идроке роҳ медиҳад, ки ба эҳтиёҷ асосноконида нашудаанд. Вобаста ба ин, ҳамаи ҳама гуна таъсирҳоеро, ки аз тарафи шахс идрок карда мешаванд, ба ду самти калон - идроки ба эҳтиёҷ асосноконидашуда ва идроки ба эҳтиёҷ асоснокониданашуда ҷудо мешаванд. таассуротҳои аз тарафи шахс идрокшаванда мешударо ба идроки ба эҳтиёҷҳо асосшуда ва ба эҳтиёҷҳо асоснашуда ҷудо мекунанд. Хулоса идрок ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

**1. Вобаста ба он ки дар рафти идрок кадом анализатор мавқеи пешбарандаро ишғол мекунад:** бинойӣ, шунавоӣ, бӯй, маза, пӯстӣ(ломисавӣ), ҳаракат.

**2. Вобаста ба шакли мавҷудияти материя:** фазо, вақт ва ҳаракат.

**3. Вобаста ба иштироки мақсадгузорӣ дар рафти идрок:** ихтиёрӣ ва беихтиёр.

Дар асоси андешаҳое, ки дар боло зикр намудем, ба идрок чунин таъриф додан мумкин аст: "Фаъолияти рӯҳие, ки дар реалии объективӣ мавҷуд буда, дар мағзи сари одам ба тарзи умумӣ, дар формати яклухт акс ёфтани ашё ва ҳодисаҳое мебошад, ки ба органҳои эҳсос таъсир мерасонанд".

Идрок дар баробари ҷараёни руҳии мураккаби ифодакунандаи муносибатҳои шахс ва олами беруна будан, ҷараёни фаъол низ мебошад. Барои ҳамин, объектии аниқро идрок кардани шахс аз татбиқ намудани мақсади муайян иборат аст.

Идрок низ чун дигар ҳодисаҳои психикӣ дорои як қатор хусусиятҳое мебошад, ки моҳияти ин протсессро шарҳ медиҳанд. Хусусиятҳои асосии идрок аз зеринҳо иборат аст:

**а)** Дуруст ва пурра идрок кардани предметҳо ба фанне, ки ҳамон предметҳо мансубанд, вобаста аст;

**б)** ду предмети як фанро баробар, дар як вақт идрок карда намешавад;

**в)** предметҳо дар фанни калон-хурд ва дар фанни хурд-калон ба назар мерасанд:

**г)** дуруст ва пурра идрок кардани предмет ба масофаи байни чашм ва предмет вобаста аст. Масофаи байни чашм ба предмет чӣ қадар дур бошад, предмет ҳамон қадар аслияти худро гӯё гум мекунад;

**д)** идроки дуруст ва пурраи предмет ва воқеаву ҳодисаҳо ба таҷрибаи ҳаётӣ, дониш, диққат, касб ва тафаккури инсон вобаста аст.

**е)** идроки дурусти воқеаҳо ба самти ғоявӣ, эътиқод ва ҷаҳонбинии шахс вобаста аст. Ҳар як шахс дар асоси самти ғоявии худ, ба моҳияти воқеаву ҳодисаҳои содиршуда назар мекунад, ояндаи онҳоро тасаввур мекунад. Аз ин рӯ, шахсоне, ки аз лиҳози ғоявӣ ва сиёсӣ камол ёфтаанд, ба сабаб ва оқибатҳои воеаю ҳодисаҳоеро, ки дар ҷамъият рух медиҳанд, аз нуқтаи назари ҳақиқат идрок намуда, онро ҳамин минвол тарғибу ташвиқ мекунанд.

Дар ҷараёни идрок ҳодисаҳои апперсептсия, иллюзия ва галлютсинатсия ҳам мавҷуд аст.

Апперсепсия аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои “дарк намудан”-ро дорад ва вобастагии дарк ва таҷрибаи гузашта, дониш, шавқу ҳавас, одам, тамоми мазмуни ҳаёти психологии инсон мебошад. Одамон айнан як чизро вобаста ба сатҳи дониш, таҷрибаи ҳаётӣ, ҷаҳонбинӣ, баромади иҷтимоӣ, касби худ ҳар хел идрок мекунанд. Масалан, калимаи “реаксия”-ро кимёгарон бо роҳи кимёвӣ омехташавии моддаҳо, сотсиологҳо чун қафоравӣ дар тараққиёти таърихӣ, физиолог ва психологҳо бошанд чун ҷавоби организм ба таъсирҳои беруна идрок мекунанд.

Истилоҳи апперсептсия гоҳо ба маънои сифатҳои амиқӣ, пуррагӣ, равшанӣ ҳам кор фармуда мешавад. Апперсепсия ду хел мешавад: доимӣ ва муваққатӣ. Апперсепсияи доимӣ ба ҷаҳонбинӣ, дараҷаи маълумот, шавқу ҳаваси инсон ва ғайра вобаста аст. Апперсепсияи муваққати бо ҳолати психикии инсон ҳангоми идрок муайян карда мешавад. Ба воситаи ҳодисаи апперсепсия мазмуни идроки одамон аз якдигар фарқ мекунад.

Апперсептсия – дар баробари аз байни ашё ва ҳодисаҳои ба мо таъсиркунандаи идрок ҷудо карда гирифтани баъзе аз онҳо, гоҳо барои идроки нодуруст сабаб мешавад.

Мувофиқи таълимоти академик И.П.Павлов дар бораи фаъолияти олии асаб, апперсептсия натиҷаи фаъолияти системавии майнаи сар буда, дар ин пайвастагии асаби мувфаққатии дар таҷрибаи пешина ҳосилшуда, барои ҳосил шудани пайвастагии нави асаб таъсири муайян мерасонад.

Ҳамин тавр, вобастагии эҳтиёҷоти дониш, боварӣ, эътиқод, ҷаҳонбинӣ, шавқмандӣ ва таъсири тамоми мазмуни ҳаёти рӯҳии инсон ба идрок апперсептсия номида мешавад.

Вобаста ба омилҳои гуногун баъзан дар одамон идроки хато ва вайроншудаи ашёю ҳодисоти олами воқеӣ ба вуҷуд меояд. Ин хусусияти идрокро иллюзияи идрок меноманд, ки дар ҳамаи намудҳои идрок дида мешавад. Табиати иллюзия на танҳо бо сабабҳои суюъективӣ, ба монанди мақсадгузорӣ, равия, муносибати эмотсионалӣ ва ғайра, балки бо омилҳои

физиологӣ ва зуҳуротҳои муҳит (равшаннокӣ, ҷойгиршавӣ дар фазо ва ғайра) низ муайян карда мешавад.

Нодуруст ва дар ҳолати вайрон идрок кардан бо эҳсоси шахс ва хусусиятҳои идрок вобаста аст. Агар барои пурра ва дуруст идрок кардани предметҳо дар одам баъзе шартҳои зарурӣ набошад, ӯ ба иллюзия роҳ медиҳад. Дар шароити муайян, ғайр аз иллюзияҳое, ки дар ҳамаи одамон ба вуҷуд меоянд, баъзан зери таъсири ҳолатҳои рӯҳие, ки одам аз сар менузаронад, иллюзияи махсус пайдо мешавад.

Одатан ду иллюзияи гуногун мавҷуданд:

а) иллюзияи объективӣ;

б) иллюзияи субъективӣ

Иллюзияи объективӣ барои ҳама одамон маъмул аст ва онро иллюзияи геометрӣ низ меноманд.

Иллюзияҳои объективӣ аз таъсири муштараки чизҳое, ки мо дарк мекунем, ба вуҷуд омадаанд.

Ин намуди хаёл дар дарки шаклҳои гуногуни геометрӣ хеле возеҳ аст.

Масалан, агар шумо ду хати рости уфуқии дарозии баробар кашед, нӯги ин хатҳо калонтар ва хат калонтар ба назар мерасад.

Иллюзияҳои субъективӣ бо ҳолати эмотсионалии ҳозираи шахс алоқамананданд.

Ба ибораи дигар, тағироте, ки дар ҳолати эмотсионалии инсон ба амал меояд, ба раванди дарк таъсир мерасонад.

Масалан, тавре ки дар боло зикр кардем, агар шахс шабона дар кӯча танҳо тарсад, ҳар як ҷон ҳисси тарсу ҳаросашро пурзӯр мекунад.

Дар натиҷа, буттае, ки дар пеши назараш пайдо шуд, ба як навъ махлуқи даҳшатнок шабоҳат дошт.

Он дар бораи ҳама чизҳое, ки дар зиндагӣ маъмуланд - ҷинсҳо, бузургҷуссаҳо, бузургҷуссаҳо ва монанди инҳо нодуруст фаҳмидани калимаҳои зиёде зери таъсири тарси сахт, яъне шояд аз сабаби хаёли субъективӣ ба вуҷуд омада бошад.

Баъзан, вақте ки шахс ваҳшатзада мешавад, яке аз марказҳои муҳими дар қабати нимкураҳои мағзи сар метавонад ба ҳолати тормозёбии тӯлонӣ афтад. Академик II Павлов онро тормоздиҳии ҳаётбахш номидааст.

Ин вақте ки дар як қисми бадан, ки ба маркази тормоз пайваст аст, тағироти ногаҳонӣ рух медиҳад.

Масалан, шахс метавонад даҳон ё чашмони каҷ ё дасту пои тар ва фалаҷ дошта бошад

Одам ҳар қадар аз роҳи оҳан дур шудан гирад, шабакаҳои роҳи оҳан ҳамон қадар ба назар наздиктар шудан мегиранд. Дар асл ин тавр набояд

бошад. Намудор шудани шарҳо дар фони калон ва хурд ҳам мисоли иллюзия мебошанд.

Галлюсинатсия аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои “воҳима, хаёлҳои хом”-ро дорад. Галлюсинатсия ба ваҳму хаёл афтида, ҳис кардани чизҳое, ки дар айни ҳол вуҷуд надоранд, ё умуман вуҷуд надоранд, ки баъзан дар натиҷаи касалиҳои рӯҳӣ, сирояткунанда зарар дидани майна, изтироби сахти рӯҳӣ ва ғайра ба вуҷуд меояд. Галлюсинатсия ҳодисаест, ки дар соҳаҳои бинои, шунавоӣ, ломиса ва дигар соҳаҳо ҳам мешавад. Ҳангоми рӯй додани галлюсинасия одам ҳеҷ чизро идрок намекунад. Образҳои галлюсинатсия ин ба таври ғайритабиӣ аз нав барқарор шудани изи дар мағзи сар гузоштаи ашё ва ҳодисаҳое мебошад, ки пештар идрок шудаанд, дар шуур пайдо гардидани тасаввуроти ғайритабиӣ. Ба таври дигар гӯем, галлюсинатсия дар ҳолати бедорӣ хоб дидан аст. Ба чашм намоён шудани чизҳое, ки мавҷуд нестанд, ба гӯш расидани овозҳои номаълум, ба машом расидани бӯйҳои мафҳум, ба бадан расидани чизи набударо ҳис кардан мисоли галлюсинатсия аст.

Дар идроки дур ё наздик будани предметҳо ба як нуқта равона шудани тири ду чашм аҳамияти муҳим дорад. Ин ҳолат конвертенсия ном дорад. Ба масофа нигоҳ карда, дигаргуншавии сати нигоҳи чашм беихтиёр содир мешавад. Ҳолати эҳсосие, ки аз кӯтоҳшавии мушакҳои чашм ба миён меоянд, барои идрок намудани ҷой ва масофаи предметҳо (дур ё наздик) имкон медиҳад.

Вобаста ба вақт тағйир ёфтани ҳар як предмет шарти идрок намудани вақт ҳисоб меёбад.

Вақт яке аз шаклҳои зиндагии материя аст. Идрок кардани вақт, воҳиди вақти объективии муайянро дар шуури одам бевосиат инъикос намудан мебошад. Идроки вақт ба воситаи ивазшавии ҳодисаҳои рӯҳии одам рӯӣ медиҳад. Дуруст идрок кардани вақт ба мазмуни объективии воҳиди вақт (сония, дақиқа, соат ва ғайра) ва ба муносибати одам бо он вобаста мебошад. Одам воҳиди вақтеро, ки ба шавқмандӣ ва эҳтиёҷоти вай мутобиқ меояд, зуд идрок менамояд.

Ҳамин тариқ, дар идроки вақт аз тарафи одам бояд ду ҷанбаро ҷудо намуд: субъективӣ ва объективӣ-шартӣ. Ҷанбаи субъективӣ бо баҳогузории шахсии мо ба ҳодисаҳои рӯйдода алоқаманд аст ва дар навбати худ, аз пуррашаваии ин фосилаи вақт юо ҳодисаҳо, инчунин, тобиши эмотсионалии онҳо вобастагӣ дорад. Ҷанбаи объективӣ-шартӣ бо ҷараёнгирии объективии ҳодисаҳо ва ивазшавии шартии нуқтаи ҳисоб ё фосилаи вақт алоқамандӣ дорад. Агар ҷанбаи якум идроки вақти моро инъикос кунад, он гоҳ ҷанбаи дуюм барои баэътиборгирии вақт ба мо кӯмак мекунад.

## Предмет ва замина дар идрок

Дар як воҳиди муайяни вақт ба узвҳои ҳиссии мо ашёҳои бисере таъсир мерасонанд, вале дараҷаи идрокнамоии ҳамаи онҳо якхеланест. Мо яке аз онҳоро ҷудо карда, дар «мадди аввал» гузошта, фаъолияти шуурамонро ба он мутамарказ мекунем. Дигар ашёҳо бошанд, мавқеи дуюминдараҷаро касб мекунанд ва камтар идрок мешаванд ё идрокашон норавшан аст. Дар ин асос предмет ё объект ва заминаи идрокро фарқ мекунанд. Предмети идрок гуфта, ҳамон ашёе фаҳмида мешавад, ки дар раванди идрок фаъолияти психикӣ ба он мутамарказ шудааст. Ашёҳои атрофии предмети идрокро заминаи идрок меноманд. Барои осонтар фаҳмонидани ин масъала якчанд мисол меоварем:



Расми 11. Предмет ва заминаи идрок

Масалан, дар расми 11 гулдони сафед дар заминаи сиёҳ тасвир ёфтааст. Агар ба расми мазкур бодиққат назар афканем, ба осонӣ дармеёбем, ки замина низ аҳамияти муайяни маъногӣ дорад. Дар дигар ҳолат, маҳз дар ҳамин расм на гулдон, балки суроби рӯйи одамро дидан мумкин аст.

## МАВЗӮЪИ 8. ДИҚҚАТ

Диққат ҳолати рӯҳиест, ки дар фаъолияти рӯзмарраи шахс ба аҳамияти муҳим соҳиб аст. Диққат барои ҳар як шахс ва намудҳои гуногуни фаъолияти кас омили зарурӣ ба шумор меравад.

Диққат як тарафи муайяни шуури одам мебошад. Ин ҷиҳат дар ҳамон вақт зоҳир мегардад, ки фаъолияти психикии одам ба ягон чизи муайян ҷалб карда шуда бошад.

Нигаронидани диққат бар асоси интихоби фаъолияти психикаи одам ба амал меояд. Шахс аз як ангезаҳои таъсиррасон ҳамонҳояшро интихоб намуда, фаъолияти психикиашро ба он равона месозад, ки дар айни замон ба ӯ муҳиму зарур мебошад.

Диққат самти пурзӯри рӯҳиест, ки ҳангоми идрок кардани воқеаю ҳодисаҳо ва предметҳо, барои чизҳои заруриро бо ёрии шуур ҷудо карда тавонистан ва чизҳои нолозимаро аз доираи шуур дур кардан, аз байни

ангезандаҳои шуур барои интихоб кардан имкон медиҳад. Предмете, ки диққати шахс нигароннда шудааст ва шуураш равона гардидааст, “фигура”, тамоми дигар ҳолатҳое, ки онро иҳота кардааст, ба тарзи “фон” идрок карда мешавад.

Дар ҷараёни диққати ҷиддӣ (дода шуда китоб ҳондан, лексия гӯш кардан, конспект навиштан) дар одам ифодаҳои берунии ин ҳолат намоён мешавад. Шахс барои пурра идрок намудани чизе, ки диққаташ нигаронида шудааст, худро ба он мувофиқ месозад, яъне – ҳаракатҳоро чун дуруст нишастан, дуруст гӯш кардан, ба канор гузоштани ашёе, ки халал мерасонанд, иҷро мекунад. Ҳаракатҳои зиёдатиро боздошта, тадбири нигоҳ доштани ҳолати диққати ҷиддиро рӯёб мекунад, ҳаракатҳои хоси диққати берунаро нишон медиҳад. Диққат дар мимика, пантомимика ва ҳатту ҳаракатҳои одам ифода мешавад.

Диққат бо тез гузаштан, муборизабарандагии худ ҷиҳати махсуси ҳолатҳои психикӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамаи корҳое, ки шахс дар фаъолияти рӯзмарраи худ иҷро мекунад, объекти диққат мебошанд. Шахси бедиққат ягон корро босифат, мувофиқи мақсад иҷро карда наметавонад.

Диққат мисли фаҳмиш, идрок, хотира, хаёл ҷараёни психикии алоҳида нест. Аммо он дар тамоми ҷараёнҳои психикӣ актив иштирок мекунад. Аз ин ҷиҳат диққат маҳсулдории фаъолияти ақлиро таъмин карда, фаъолии дохилӣ ё ки рӯҳӣ мебошад.

Ҳодиса ва чизҳое, ки бо диққат идрок карда мешаванд, дар шуури одам амиқ ва баръало акс меёбад. Аз ин сабаб, психологи чех Ян Амос Каменскӣ диққатро ба равшанӣ баробар мекунад. Ба фикри олим диққат “нури шуур” яъне равшании кори хониш, хонандагон танҳо тавассути диққат ҳама чизро идрок мекунанд.

Барои омӯзиши дурусти ҳар як ашё ё ки ҳодиса диққат шарти асосӣ мебошад. Дар ин бора психологи рус К.Д.Ушинский чунин навишта буд: “Диққат як даричаи ягонаи ҳаёти рӯҳии мост, ки ҳама чизи ба шуури мо воридшаванда тавассути ҳамин дарича мегузарад... Ба бачагон омӯтани доимо кушода нигоҳ доштани ҳамин дар яке аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад, чунки ин шарти таъмини муваффақият дар раванди таълим мебошад”.

Шахс хоҳад, ки ашёи дилхоҳро дуруст ва пурра идрок намояд, дар навбати аввал бояд диққаташро ба он чиз нигаронад. Бо ибораи Ян Амос Каменский гӯем, фақат ҳангоми гӯш кардан, диққат намудани дигарон бояд ҳарф зад. Дар акси ҳол фикр беҳуда меравад, аз тарафи ретиприент (шунаванда) аз бар карда намешавад.

Дар ҷараёни диққат доираи шуур танг ва хеле равшан мешавад. Нуқтаи равшане, ки шуур дар як объект ҷамъ кардааст марказ ё фокуси диққат ном дорад. Предметҳое, ки дар фокус меафтанд, аз тарафи одам дуруст ва пурра эҳсос ва идрок карда мешавад.

Шуур дар як нуқта зич ҷамъ шавад, тамоми чизҳое, ки ба ин нуқта алоқае надоранд, аз доираи шуур дар канор мемонанд.

Диққат дар мағзи инсон пурра ва равшан акс ёфтани тамоми предметҳои олами берунаро таъмин мекунад. Аз ин ҷиҳат диққат дар алоҳидагӣ аз дигар ҷараёнҳои психикӣ содир намешавад. Бинобар ин, диққат тарафи маълуми ҳаёти руҳии одам, хоссаи махсуси ҷараёнҳои психикӣ мебошад.

Табиист, ки одам дар ҳолати бардам будан низ ҳама вақт бо ягон намуди фаъолият банд мешавад, албатта диққати вай ба ягон ҳолат ё предмет нигаронда мешавад.

Таърифи диққат чунин аст: "Ба ягон объекти муайян нигаронидан ва мутамарказонидани фаъолияти психикии одам, ки дар натиҷаи он ягон қисми ҳақиқати реалӣ дар мағзи сари мо пурра ва равшан инъикос меёбад, диққат номида мешавад".

Диққатро аз рӯйи фаъолияти рӯҳии одам вобаста ба равонашавӣ ва мутамарказшавӣ ба предмети муайян ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

**1.** Аз рӯйи фаъолии диққат:

**а)** диққати ихтиёрӣ

**б)** диққати беихтиёр

**в)** диққати баъдиихтиёрӣ.

**2.** Аз рӯйи объекти диққат:

**а)** диққати беруна

**б)** диққати дохилӣ

**3.** Аз рӯйи намудҳои фаъолияти диққат:

**а)** диққати индивидуалӣ (инфиродӣ)

**б)** диққати гурӯҳӣ

**в)** диққати ҷамоавӣ

Диққати ихтиёрӣ дараҷаи олии диққат мебошад, ки аз рӯйи мақсади пешакӣ гузошташуда ҳосил мешавад. Мо ҳангоми хтиёрона нигаронидани диққат фаъолияти психикии худро барои иҷро кардани мақсади дар пешгузошташуда шуурона ҷалб карда, бо монеа ва душвориҳои пайдошуда мубориза мебарем ва барои бартараф кардани онҳо ҳаракат мекунем. Диққати ихтиёрӣ диққатест, ки пешакӣ андешида шудааст.

Дар ҷараёни диққати ихтиёрӣ шахс барои дар як нуқта ҷамъ кардани шуури худ азият мекашад, ба мушкилӣ рӯ ба рӯ меояд, бар зидди шартҳое, ки боиси парешоншавии диққат мешаванд, мубориза мебрад.

Нақши диққати ихтиёрӣ дар фаъолияти шахс хеле калон аст. Ғайр аз ин, органҳое, ки дар фаъолияти амалӣ барои иҷрои кор қувват медиҳанд, ирода ҳам лозим аст, ки бояд дар давоми меҳнат мувофиқи мақсад ба воситаи диққат ифода ёбад. Баробари ин, меҳнат бо усули иҷро ва мазмуни худ шахсро чӣ қадар ҷалб намояд ва аз ин меҳнат дар шакли бозии нерӯҳои ҷисмонӣ ва интеллектуалӣ шахс чӣ қадар кам роҳат кунад, мавҷудияти иродаи тавассути диққати мувофиқи мақсад ифодашаванда, боз шарти бештар маҳсуб меёбад. Дар ҷараёни навиштани матни маърӯза донишҷӯ диққати худро барои дуруст фаҳмидани маърӯза, барои дар асоси қоидаҳои грамматикӣ навиштани он менигаронад. Баробари зиёд шудани эҳсоси хастагӣ дар донишҷӯ диққати вай низ парешон шудан мегирад. Дар ин маври нерӯи ирода барои ёрӣ меояд ва барои нигоҳ доштани барқарории диққат хизмат мекунад.

Диққати баъдиихтиёрӣ дар одам ба туфайли зӯроварии иродавӣ пайдо мешавад ва ҷойи диққати ихтиёриро мегирад. Тавре дар диққати ихтиёрӣ ҳаст, дар ин ҳам мақсади амиқ мешавад ва ин мақсад шуури шахсро дар як нуқта ҷамъ месозад. Дар фаъолияти таҳсилии талаба аҳамияти диққати баъдиихтиёрӣ хеле калон аст. Донишҷӯ дар оғози фаъолияти ҳониш диққати ихтиёриро ба кор меандозад. Баъд ӯ ба мавзӯъ мароқ пайдо мекунад ва диққаташро пароканда накарда, бо шавқ дарс тайёркуниро давом медиҳад. Ин натиҷаи диққати баъдиихтиёрии талаба мебошад.

Одатан, ҳангоми иҷрои ягон амал ташкили мақсадноки диққат ва ҷаҳду кӯшиши иродавӣ барои нигоҳ доштани он зарур аст. Аммо дар баробари бартараф намудани душвориҳо ва дода шудан ба фаъолият дар шахс майл ва шавқу ҳавс ба кор пайдо шудан мегирад. Ҳамин тавр, раванди гузариш аз диққати ихтиёрӣ ва диққати баъдиихтиёрӣ рӯй медиҳад.

Барои ҳосил кардан ва нигоҳ доштани диққати ихтиёрӣ одам бояд ба фаъолияти худ дар муносибати бошуурона бошад. Аммо дар одам бо вуҷуди мавҷудияти муносибати бошуурона ва мақсади амиқ низ, вай зарурияти ба мақсад ноил гардиданро дарк созад ҳам, ҳолатҳое мавҷуданд, ки диққати худро дар як нуқта ҷамъ ва кор карда наметавонад. Чунин ҳолат асосан дар одамҳое, ки иродаи заиф доранд, бисёртар вомехӯрад. Чунки онҳо соҳиби иродаи мустаҳками барои бо диққат кор кардан зарур нестанд ва ба ин хуб одат накардаанд.

Ба объекте, ки одам бе ҳеҷ гуна қувваи ирода фаъолияти психикии худро равона менамояд, диққати беихтиёр номида мешавад. Ангезандаҳо бо

чунин хусусиятҳои худ асос, сабаб ва манбаи ба вуҷуд омадани диққати беихтиёрӣ мешаванд. Агар ангезанда дуру дароз амал кунад, он гоҳ диққати моро ба худ ҷалб менамояд. Дар диққати беихтиёр чун диққати ихтиёрӣ одам шуури худро барои дар муддати муайян барои ба як нуқта ҷалб кардан нерӯ сарф намекунад.

Дар ҷараёни диққати беихтиёр на танҳо қувваи иродавӣ сарф намешавад, балки шахс назди худ дидан ва шунидани ягон чизро мақсад намегузорад. Барои ҳамин ин намуди диққат диққати бемақсад низ мебошад.

Диққати беихтиёр дар ҳамбастагӣ бо таҷрибаи ҳаёти шахс, вобаста бо фаъолияти ӯ дар асоси эҳтиёҷ ва шавҷу завқ ва таъсирҳое, ки ҳолатҳои муайяни эҳсосиро пайдо мекунанд, ба вуҷуд меояд.

Хонанда маводи хонишиеро, ки бо бузургӣ, диққатҷалбкунӣ, ранг ва дигар хусуиятҳои худ бараъло ба чашм мерасад, беихтиёр идрок мекунад ва ин асоса тавассути диққати беихтиёр сурат мегирад. Ҳикояи шавқовари муаллимро хонандагон осон қабул мекунанд, ба таври беихтиёр онро бодиққат гӯш мекунанд.

Диққати беихтиёр асоси физиологии ба худ хос дорад. Мувофиқи таълимоти И.П.Павлов, ин асос аз ориентировка ё рефлекси тафтишӣ иборат аст. Аз ҷумла ӯ ин тавр навишта буд: “Мо ҳам, ҳайвонҳо ҳам бо андак дигаргун шудани муҳити беруна мувофиқи сабаби ин дигаргуншавӣ аппарати эҳсосии дахлдори худро мутобиқ месозем”.

Мувофиқи ин таълимот, агар ангезандаҳои бисёр ба системаи асаб таъсир карда истанд, дар ҳамин лаҳза дар пӯстлохи мағзи сар якчанд қитъаҳои ҳаяҷонӣ пайдо мешаванд. Ҳар як қитъаи ҳаяҷонӣ метавонад дар сатҳи мағзи сар паҳн шавад ва дар натиҷа байни онҳо як мубориза ба амал меояд. Дар асоси ҳамин “мубориза” яке аз итъаҳои ҳаяҷон ғолиб меояд, яъне ҳукмфармо мешавад, ки онро доминанта мегӯянд. Тадқиқоти академик Ухтомский А.А. то андозае ба таълимоти Павлов И.П. дар бораи манбаи ҳаяҷони оптималӣ ҳамчун асоси физиологияи диққат рост меояд. Ухтомский А.А. назарияи доминантаро пешниҳод намуд. Мувофиқи ин таълимот, агар ангезандаҳои бисёр ба системаи асаб таъсир карда истанд, дар ҳамин лаҳза дар пӯстлохи мағзи сар якчанд қитъаҳои ҳаяҷонӣ пайдо мешаванд. Ҳар як қитъаи ҳаяҷонӣ метавонад дар сатҳи мағзи сар паҳн шавад ва дар натиҷа байни онҳо як навъ мубориза ба амал меояд. Дар асоси ҳамин «мубориза» яке аз қитъаҳои ҳаяҷон ғолиб меояд, яъне ҳукумфармо мешавад, ки онро Ухтомский А.А. «доминанта» номид.

Доминанта қитъаи ҳукмфармои ҳаяҷон буда, асоси физиологии ба ашёи муайяне нигаронидан ва мутмарказонидани диққати мо ба шумор меравад.

Ин таассурот дар муддати кӯтоҳ диққати касро ба худ мекашад. Масалан, одам ҳангоми бо фаъолияти муайян машғул шудан, фарёди ногаҳонӣ (дод) фаъолияти ӯро вайрон мекунад ва диққати ӯро ба худ ҷалб менамояд. Ин доминант аст.

Ҷалбшавии диққат раванди ҳаяҷонро дар мағзи сар ба вуҷуд меоварад, ки ин ҳаяҷон оҳиста-оҳиста дар як қисми рӯи мағзи сар паҳн гардида, дар қисми дигари ӯ раванди боздориро ба амал меоварад. Яъне, доминант ҳама гуна ангезаҳоеро, ки ба системаи марказии асаб меоянд, қабул карда, ба онҳо ҷавоби дахлдор мегардонад ва ба ивази тормозшавии марказҳои дигар фаъолияти худро пурзӯр мекунад.

Ҳамин тавр, ҷараёнҳои тормозшавӣ ва ангезишӣ, ки дар нимшари калони пӯстлохи маѓи сар рух медиҳанд, асоси физиологии фаъолияти диққат мебошанд.

Диққат дорои як қатор хусуиятҳои ба худ хос буда, ин хусуиятҳо дар шахсҳои гуногун дар сатҳи ҳархела дучор меоянд.

Хусусиятҳои асосии диққат гуфта, барқарорӣ, беқарорӣ, доира, тақсимшавӣ, гузарандагӣ ва парешоншавии он фаҳмида мешавад.

Муддати тӯлонӣ дар як ашё ё ки кор қарор гирифтани диққат, зери таъсирҳои гуногун парешон нагардидани он, барқарории мебошад. Диққати барқарор дар муддати мувофиқи мақсад дар як нуқта мустаҳкам ва пойдор меистад. Лекин диққати баъзе одамон пурзӯрт ва барқарор бошад, дар беъзеи дигар он ноустувор ва беқарор мешавад.

Одам диққати худро ба ягон чиз ёки ҳодиса дар муддати дароз муттасил нигаронда истад, диққати ӯ бақувват ва барқарор ҳисоб меёбад. Диққати барқарор ва бақувват дар фаъолияти одам аҳамияти калон дорад. Одам диққати худро ба ягон чиз ё ҳодиса муддати тӯлонӣ, пайваста нигаронад, диққати вай пурзӯр ва барқарор мешавад. Диққати пурзӯр ва барқарор дар фаъолияти одам аҳамияти калон дорад. Чунки одам дар вақти зарурӣ диққати худро ба ягон чиз нигаронида натавонад, ӯ дар намуди дилхоҳи фаъолияти худ ба натиҷаи мувофиқи мақсад расида наметавонад.

Барқарор ва пурзӯр гардидани диққати одам бо шартҳои психологии зерин вобаста мебошад:

**а)** аҳамият ва  хусусияти ашёе, ки диққат нигаронида шудааст;

**б)** ба фаъолияте, ки бо ашёи диққат равонашуда вобаста мебошад;

**в)** ба баъзе имконияти индивидуалии системаи асаб.

Ғайр аз ин, барқарорӣ ва пурзӯрии диққат дар айни замон бо ҳолати шахс дар ҳамон маврид вобаста аст.

Набояд фаромӯш кард, ки ҳангоми беморӣ, ғамгинӣ, рҳҳафтодагии одам диққати вай пурзӯр ва барқарор шуда наметавонад. Дуюм, дар ҳолати

шавқовар ва бомазмун набудани ҳол одам диққати худро дергоҳ нигоҳ дошта наметавонад. Мавзӯи маърӯза пур аз мисолҳои ҳаётӣ ва воқеӣ бошад, талаба дар мобайни вақти барои вай ҷудогардида диққати худро аз он гирифта наметавонад ва фикрҳои омӯзгорро пурра ва дуруст идрок мекунад.

Ба таври мувофиқи мақсад дар як нуқта ё ки предмет нигоҳ дошта натавонистани диққат беқарории диққат мебошад. Беқарории диққат асосан дар ҷавонон мушоҳида мешавад. Азбаски дар ҷавонон сифатҳои индивидуалӣ мустаҳкам ташаккул наёфтаанд, диққати онҳо ба характери зуд парокандашавӣ соҳиб мешавад.

Фаъолияти одам доираи гуногнуи диққати гуногунпаҳлӯро талаб мекунад. Доираи диққат дар як вақт ба шумораи чизҳое, ки дар он меғунҷанд, муқарар карда мешавад. Аз ҷиҳати доира диққат васеъ ё танг мешавад. Васеъ ё танг будани доираи диққат барои донистани чиз ва предметҳо ба шахс муҳим мебошад.

Одамон аз ҷиҳати доираи диққат аз якдигар фарқ мекунанд. Доираи диққати баъзе шахсон васеъ, дар баъзеҳо танг мешавад. Умуман гирем, доираи диққати одам дар як вақт бо микдор ё ки доираи ашёе, ки дар идроки ӯ меғунҷанд, муқаррар карда мешавад. Дар ҷараёни  идрок дар  шуури одам чӣ қадар ашёе, ки диққати одам равона карда шудааст, биғунҷад, ин диораи диққати ӯ ба шумор меравад. Масалан, доираи диққати устоде, ки дар аудитория маърӯза мехонад, аз ҳаҷми аудитория иборат аст. Доираи диққати талабае, ки китоб мехонад, фақат дар тартиби калимаҳои саҳифаи китоб мешавад. Одамоне, ки доираи диққати онҳо васеъ аст, ҳама қисмҳои объекти зарурировро пай бурда метавонанд. Шахсоне, ки доираи диққати онҳо танг аст, танҳо баъзе ҷиҳатҳои объект(ашё ё предмет)-ҳоро пай мебаранд.

Дар як вақт ба нуқтаҳои гуногун ҷалб гардидани диққати одам ин тақсимоти диққат мебошад. Дар бисёр  ҳолатҳо шахс диққати худро на ба як чиз, балки ба якчанд предмет менигаронад, дар як вақт якчанд корро баробар иҷро мекунад.

Вобаста ба характери фаъолияти одам ба қисмҳои гуногун тақсим гардидани диққат аҳамияти хосаро соҳиб аст. Чунки дар раванди як фаъолияти мураккаб диққат якбора ба якчанд соҳаҳо нигаронида нашвад, ҳамон фаъолият пурра татбиқ намешавад.

Дар вазъияти зарурӣ ба соҳаҳои талабгардида дуруст тақсим кардани диққат низ аз ҳар як шахс оид ба ин соҳа таҷрибаи махсус талаб мекунад. Як қатор ҳунару касбҳо, аз қабили бофандагӣ, кайҳоннавардӣ, ронандагӣ, актёрӣ дар ҷараёни кор ба якчанд объект тақсим намудани диққатро талаб мекунанд. Агар диққат фақат ба як нуқта ҷамъ гардида бошад, ин диққат-диққати ҷамъшуда номида мешавад. Агар диққати одам дар як вақт ба якчанд нуқта

нигаронида шавад, ин ҳол тақсимоти диққат ном дорад. Дар асл дар як вақт ба якчанд чиз нигаронида шудани диққат, аз як предмет ба предмети дигар босуръат кӯчидани диққат мебошад. Чунки дар вақти талаб гардидани тақсимоти диққат, он аз як ҳолат ба ҳолати дигар ҳамин қадар тез мекӯчад, ки одам онро пай намебарад.

Аз нуқтаи назари амалӣ тақсимоти диққат аҳамияти калон дорад. Инро дар ҷараёни педагогӣ ҳам равшан дидан мумкин аст. Донишҷӯ дар ҷараёни маърӯза диққати худро ба дуруст фаҳмидан, дуруст навиштан, дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани худ менигаронад ва бо ҳамин роҳ ба мақсади пешгузоштаи хеш мерасад.

Дарки хусуиятҳои диққат дар ҳамаи соҳаи фаъолияти одам ниҳоят зарур аст. Ба воситаи хусуиятҳои диққат одам ба шароити меҳнат созиш меёбад, ба муҳит таъсир мерасонад ва ниятҳои худро амалӣ мегардонад.

Дар баъзе  ҳолатҳо бедиққатӣ аз сабаби парешонӣ ба миён меояд. Дар ин ҳолат шахс диққати худро ба як нуқта ҷамъ карда наметавонад. Диққаташ як равияи муайянро соҳиб намешавад, ба тарзи парешон аз як предмет ба предмети дигар тез-тез мегузарад.

Ду намуди парешонӣ мавҷуд аст. Якум, парешонӣ аз барқарории диққат содир мешавад. Дуюм, дар асоси завқмандӣ ва эҳтиёҷи шахс нисбат ба як предмет дар натиҷаи равияи бақувват ҳолати парешонӣ рӯй медиҳад, одам бо ягон соҳа аз ҳад зиёд банд бошад, дигар таассуротҳоро намефаҳмад.

Агар дар одам барқарорӣ, доира, тақсимшавӣ ва ҷамъшавии диққат ба дараҷаи баланд бошад, ин дар фаъолияти ӯ аҳамияти муҳим дорад. Хонандае, ки диққати хуб дорад, аз дигар ҳамсолони худ бо зиракӣ, соҳибхирадӣ ва ҳассосии фарқ мекунад, донишро тез ва босифат аз худ мекунад.

Бояд гуфт, ки ташаккули бодиққатӣ аз синни томактабӣ сар мешавад ва сипас дар мактаб давом меёбад. Муаллим бояд диққати хонандагонро дар ҷараёни дарс идора намояд, шароитҳое фароҳам оварад, ки ба тараққиёти диққат дар ҳолатҳои гуногун мусоидат намояд, диққати ихтиёрии онҳоро машқ диҳад, шавқу завқашонро ба кори аҷоибу дастрас бедор кунад, то ки диққати баъдиихтиёрӣ ба даст оварда шавад. Дар вақти дарс ба тараққӣ додани ҳаҷм ва тақсимоти диққати хонандагон бояд эътибор дод, ташаккули сифатҳои иродавӣ, инкишофи устуворӣ ва кӯчонидани фаъолияти психикиро ба объектҳои диққат таъмин намуд.

Ҳамин тариқ, тараққиёти ҳамаҷонибаи диққат ба дараҷаи азхудкунии дониш, маҳорат ва малака аз ҷониби хонандагон таъсири мусбӣ бахшида, дар ташаккули шахсияти онҳо нақши муҳимро мебозад ва яке аз шартҳое, ки муваффақияти ин ҷараёнро таъмин мекунад, хусуиятҳои диққати хонандаро хуб донистани омӯзгорон мебошад.

## МАВЗӮЪИ 9. ХОТИРА

Хотира – раванди мураккаби психикиест, ки туфайли он образи ашёю ҳодисаҳои олами воқеӣ ба хотир гирифта мешавад, дар хотир нигоҳ дошта мешавад ва дар мавриди зарурӣ аз нав ҳосил карда мешавад. Дар хотири одам ғайр аз ашёе, ки идрок намудааст, боз чизҳое, ки фикр кардааст, рӯйдодҳои даври зиндагӣ, даври гузашта ва оянда ҳам ифодаи худро меёбад.

Хотира дар илми психология яке аз масъалаҳои марказӣ ба шумор меравад. Раванди хотир асоси ҳаёти психикии инсон аст, чунки ҳодисаҳои олами беруна тавассути хотир дар вақти зарурӣ истифода мешаванд. Агар хотир намебуд, он гоҳ ҳамаи ҳодисаҳои пеш идрокшуда дар назарамон нав менамуданд ва одам таҷрибаи ҳаётӣ пайдо намекарду соҳиби дониш намегашт.

Қисми муҳими материали хотирро материалҳое, ки тавассути шинохтан дар хотир гирифтаем, ташкил медиҳад.

Шинохтан – протссеси хотир, ки бо пайдоиши ҳисси махсуси шиносоӣ ҳангоми азнавҳосилкунӣ ва бо фаҳмидани объекти пештар идрок кардашуда алоқаманд аст. Шинохтан нисбат ба азнавҳосилкунӣ дида, раванди оддӣ ва аз ҷиҳати генетикӣ барвақт зоҳиршаванда мебошад.

Донистан ва шинохтан аз ҷиҳати психологи ду ҳолати руҳие ба шумор меравананд, ки аз ҳамдигар тамоман фарқ мекунанд. Кадом чизеро, ки пешакӣ вазифаи шинохтан гузошта шуда бошад, ҳамон чиз ҳамеша дар хотир гирифта мешавад.

То чӣ ҳад аниқ будани бахотиргирӣ ва шинохтанро бо ҳам муқоиса кунем, боварӣ ҳосил мекунем, ки шинохтани ашё нисбат бахотиргирии онҳо хеле амиқтар сурат мегирад.

Муддати тӯлонӣ дар ёд мондани чизе, ки ба хотир гирифта шудааст, онро аз ба хотир овардан дида, дар шинохтан хеле хуб ба чашм мерасад. Инро дар мазмуни воқеаю ҳодисаҳое, ки ҳамарӯзаи идрок мешаванд, пурра тасаввур кардан мумкин аст.

Психологи немис Герман Эббингез доир ба тағйир ёфтани материали хотира вобаста ба вақт тачрибаҳои зиёд гузаронидааст. Мувофиқи таҷрибаҳои ӯ одам ягон чизро пас аз ба хотир гирифтан, пас аз як рӯз 25 фоизи онро фаромӯш мекунад.

Дар чӣ гуна ҳаҷм дар хотир нигоҳ доштани материали ба хотир гирифташуда ба сифати хотири хосаи ҳар як шахс низ вобаста мебошад. Материале, ки як хел аст ва ҳаҷми баробар дорад, вобаста ба сифати типи хотири шахс ба шахсони гуногун бо ҳаҷми гуногун нақш мегузорад. Ҳамзамон раванди фаромӯшкунӣ (миқдори камшавӣ) низ дар шахсони гуногун ҳар хел мебошад.

Хусуиятҳои хоси ҷараёни хотир дар он аст, ки чизҳои шунида ва дидаи одам дар пӯстлохи мағзи сар дар образи ҳамо чизи дидааш ҳифз мегардад. Дар натиҷаи ин, одам дар вақти дилхоҳ ин образҳоро дар шуураш аз нав барқарор карда метавонад.

Ҷараёнҳои хотир аз инҳо иборат аст:

**1.** Бахотиргирӣ.

**2.** Дархотирнигоҳдорӣ.

**3.** Аз ёд кардан.

**4.** Аз нав ба хотир овардан (азнавҳосилкунӣ)

**5.** Фаромӯш кардан.

**6.** Шинохтан

Материали хотира аз бахотиргирӣ сар мешавад. Тавре дар боло таъкид намудем, миқдори бахотиргирӣ ба сифати типи хотир, эҳтиёҷоти шахс, хараткери материали ба хотир гирифташаванда вобаста аст.

Дар натиҷаи бахотиргирӣ дар байни материалҳои гуногуне, ки дар хотир ҳастанд, алоқа пайдо мешавад.

Бахотиргирӣ яке аз протсессҳои аввалин ва ибтидоии хотир аст, ки дар гузариши мақсад ҳамчун ба хотиргирии ихтиёрӣ тавсиф дода мешавад. Асосан ду намуди бахотиргириро ҷудо мекунанд: ихтиёрӣ ва беихтиёр.

Бахотиргирии ихтиёрӣ мақсаднок буда, самаранокии он ба маром ва усулҳои иҷрояш вобаста аст. Маромҳо барои мо заруранд, ки шахсро ба кӯшиши иродавӣ водор месозанд. Бахотиргирии ихтиёрӣ шарти муҳими донишомӯзӣ, омӯхтани санъат ва ҳунар мебошад.

Аз байни донише, ки ба хотир гирифта шудааст, қобилияти дар лаҳзаи лозима ба ёд оварда тонистани маълумоти зарурӣ дар байни сифатҳое, ки сермаҳсулии хотирро нишон медиҳанд, аз ҳама муҳим ба шумор меравад.

Омодагии хотир (ҳозирҷавобӣ) дар раванди ба хотир гирифтани материал аллакай пайдо мешавад. Барои материалро дархотирнигоҳдорӣ бошад, албатта маънои онҳоро фаҳмида, дарк намуда ва ин материал лозим мешавад гуфта, ба ёд овардан масъалаи муҳим мебошад ва моро зарур аст, ки ин ҷараёнро дар ҳамбастагӣ амалӣ намоем.

Дар ҷараёни дархотиргирӣ барои одам ҷиҳатҳои монанд ва фарқкунандаи чизҳоро ёфта тавонистан аҳамияти муҳим дорад. Образнок карда гӯем, хотир ҳуҷраи ақл мебошад. Дар ин ҳуҷра токчаҳои бисёр ҳаст. Чизҳое, ки ба ақл гирифта мешаванд, бояд дар токчаи худ ҷойгир шаванд. Чизҳое, ки ба хотир гирифта намешаванд, дар ин токчаҳо ҷойгир карда намешаванд Барои дар лаҳзаи зарурӣ маълумоти заруриро гирифтан, токчаи муайян кушода мешаваду ҳалос.

Барои дар хотир пурра нигоҳ доштани мазмуни дониш системанокии хоси дониши ҳамон соҳа, мақсад аз дархотиргирӣ, кай ва дар кадом ҳолатҳо аз он истифода намудан мумкин аст, бояд хуб дарк карда шавад, ки ин аҳамияти амалӣ дорад. Чунки одам на ҳамеша чиз ё маълумоти дилхоҳи худро ба хотир оварда наметавонад.

Қисми муайяни маводҳо беихтиёр ба хотир гирифта мешаванд. Масалан, шахсе, ки футболро дӯст медорад, бозингари ҳар як командаро ном ба ном медонад, ҳатто дар бораи насаби онҳо маълумот дорад. Санаи баргузорӣ ва ҷойи мусобиқаҳоро низ комилан аз хотир медонад. Ин мисолест, барои бахотиргирии беихтиёр.

Вобаста ба алоқамандии қисмҳои алоҳидаи мавод ва дараҷаи фаҳмидашавандагии он ду намуди бахотиргириро ҷудо мекунанд:

1. Бахотиргирии механикӣ
2. Бахотиргирии маъногӣ

Агар мавод дар асоси алоқаи механикӣ байни қисмҳо аз худ карда шавад, он гоҳ бахотиргирии механикӣ ба вуҷуд меояд. Баъзан бахотиргирии механикӣ бе фаҳмиши маъноии мавод ба вуҷуд меояд, ки ба қориазёд кардани он мебарад ва ин дар асоси такрори бисёркарата ба вуҷуд меояд.

Агар мавод дар асоси алоқаҳои маъногии байни калимаҳо ба хотир гирифта шавад, он гоҳ он бахотиргирии маъногӣ аст. Бахотиргирии маъногӣ самараноктар буда, сабабҳои муайяни бавуҷудоиро дорад. Бахотиргирии маъногӣ хотимаи ҷараёни ақлии мураккаб мебошад. Профессор К.К.Платонов марҳилаҳои бахотиргириро ба тарзи схема ин тавр меорад:

- фаҳмидани мақсади бахотиргирӣ;
- фаҳмидани маънои мавод;
- таҳлили мавод;
- ошкор кардани фикрҳои мувофиқ;
- хулосабарорӣ;
- бахотиргирии хулосаи баровардашуда;

Бахотиргирии маъногӣ дар ҷараёни таълиму тарбия шарти муҳим аст. Дар акси ҳол хонандагон маънои материали таълимиро намефаҳманд ва усули таълимие, ки хушкухолӣ буда, танҳо барои аз ёд кардан нигаронида шудааст, ба хонандагон дониши пухта дода наметавонад. Барои афзун кардани дониши ҳар як хонанда танҳо аз ёд кардан кифоя намекунад. Ҳар як хонанда бояд зеҳни худро бо донишҳои асосӣ зиёд кунад ва мукаммал гардонад. Чунки дониши андӯхтаи хонанда дар шуури вай аз дигар кор карда нашавад, дар ин ҳолат ин дониш фаромӯш мешавад ва беманфиат мегардад. Дар натиҷа хонанда саргарми худтаърифкунӣ шуда, қувва ва вақти сарфшуда беҳуда меравад.

Бобати бахотиргирии маъногӣ омӯхтани дониш нақши тафаккур хеле калон аст. Мавод бо ёрии таваккур пурра идрок карда мешавад ва маъно мазмуни нав касб мекунад. Ба воситаи бахотиргирии маъногӣ донишҳои нав омӯхта шавад, ин ба рушди салоҳияти зеҳнии шахс таъсири босамар мерасонад ва дар хотир дуру дароз нигоҳ дошта мешавад.

Агар моҳият ва мазмуни ин ё он чизро амиқ нафаҳмида, онро ба хотир гарем, мавод дер гоҳ ба хотир намемонад. Зуд фаромӯш мешавад. Бахотиргирии механикӣ бисёртар миёни ҷавонон ба назар мерасад.

Боз як формаи мураккаби бахотиргирӣ аз ёд кардан мебошад. Материалро аз ёд карда, дар хотир нигоҳ доштан аз он ҷиҳат мураккаб аст, ки дар ин ҳолат соҳиби хотира ба материал илова карда наметавонад, ё аз баҳри ягон қисми он даст кашида наметавонад, аз вай андоза мегираду ҳалос.

Материалҳои дархотиргирифташударо пас аз гузашти фурсати маълум аз нав ба ёд овардан ҳам ҷараёни муҳими хотир мебошад.

Материали аз ёд кардашуда ё дар хотир нигоҳдошташударо мувофиқи ҳаҷми мақсад аз нав ба ёд овардан, то кадом меъёр ба ёд гирифтан, ритми такроркунӣ, пурзӯрии хотир, бо маҳсулнокӣ ва ҳозирҷавобӣ вобаста аст.

Дар ҷараёни ба хотир овардан ҳолатҳои амнезия ва реминистенсия ҳам мавҷуд аст. Дар вақти зарурӣ ба ёд наомадани мавод, ё ки нахуст ба хотир наомада, баъдтар ба ёд ояд, ин ҷараёни хотира-реминистенсия мебошад. Реминистенсия материалро муваққаттан фаромӯш кардан буда, сабабаш мондашавии системаи асаб, заҳролудшавӣ ё ки сахт ба ҳаяҷон омадан мебошад.

Қисми андаки маводро ба хотир овардан ё ки умуман ба ёд оварда натавонистан амнезия аст. Шахсе, ки ба ин ҳол афтода аст, ҳатто чизҳои оддиро ҳам ба хотир оварда наметавонад. Амнезия асосан дар натиҷаи нуқсони психопатологӣ ё ки баъзе бемориҳои косахонаи майна рӯй медиҳад.

Одам донишеро, ки аз худ кардааст, баъд аз чанд муддат чанд қисми он дар хотир монданашро донистанаш аҳамияти калони амалӣ дорад. Мувофиқи тадқиқоти психологӣ, нисбат ба бахотиргирии механикӣ натиҷадории бахотиргирии маъногӣ 25 маротиба бештар мебошад. Донише, ки маънои онро дар карда, ба хотир гирифта шудааст, дер гоҳ дар хотир нигоҳ дошта мешавад, аммо он ҳам ҳар сари чанд вақт такрор карда нашвад, фаромӯш хоҳад шуд.

Мазмуни хотираи одам аз самтҳое чун дидан ва шунидан (хотираи образ), хотири ифодакунандаи ҳаракат (хотираи ҳаракат), эҳсосотеро, ки аз сар гузаронидааст (хотираи эмотсионалӣ) иборат буда, мазмунҳое, ки доимо дар хотир нигоҳ дошта мешаванд ё фаромӯш мегарданд, бо фаъолияти қутичаҳои хуб вобаста мебошанд.

Раванди фаромӯшкунӣ дар имконияти ба хотир наовардан ё нашинохтан, ё худ дар шинохтан ва бахотироварии барғалат ифода меёбад. Асоси физиологии фаромӯшкуниро боздории алоқаҳои муваққатӣ ташкил медиҳад.

Фаромӯшкунӣ пурра ё қисман, бардавмо ё муваққатӣ (кӯтоҳмуддат) шуда метавонад. Агар дониш пурра фаромӯш гардида бошад, фаромӯшкунии пурра, агар одам маводро фақат қисман фаромӯш карда бошад, қисман фаромӯшгардидан ҳисобида мешавад. Якчанд сабабҳо барои фаромӯшкунии донишҳои азхуднамуда асос мегардад. Якум, фаромӯшкунӣ барои дар амал истифода бурдани дониши ба хотир овардашуда вобаста мешавад. Дуввум, фаромӯшкунӣ ба шавқу мароқи шахс нисбат ба ҳамон дониш асосноконида мешавад. Сеюм, дар раванди фаромӯш кардан сифатҳои индивидуалӣ ва системаи асаби шахс нақши алоҳида доранд.

Дар ҷараёнҳои хотир шинохтан ҳам аҳамияти муҳим дорад. Дар хотираи инсон имконияти нигоҳ доштани нишонаи хоси предметҳо мавҷуд аст. Барои ҳамин ҳам одам ҳамаи предметҳоро мешиносад, барои эҳтиёҷоти худ аз онҳо бамаврид истифода мебарад.

Дар ҷараёни хотир бахотироварии омехта низ мавҷуд мебошад. Ин тавр хотираро ассотсиятсия ё ки хотири ассотсиативӣ меноманд. Калимаи "ассотсиатсия" маънои "алоқа", "пайвастшавӣ"-ро дорад. Ассотсиатсия гуфта, алоқаҳои муваққатии асабиро меноманд, ки зуҳуроти онҳо ба пайдоиши хотир мебаранд. Мувофиқи принсипи ассотсиатсия, нақши асосиро дар ташаккули протсессҳои хотир фаъолияти шахс мебозад.

Ашёҳои олами беруна дар майнаи сар нақш мемонанд ва дар асоси алоқамандии байниҳамдигарӣ аз нав ҳосил карда мешаванд. Яъне як образ барои пайдоиши образи дигар сабаб мешавад, чунки дар байни ин ду образ алоқамандӣ мавҷуд аст. Масалан, одам номи дӯсташро ба ёд оварад, хусуиятҳои хосаи вай (ҷои зист, касбу кор, сохт, хулқу атвор) ҳам ба хотир меояд.

Ассотсиатсия бо се роҳ ба вуҷуд меояд:

**1.** Ассостсиатсия аз рӯйи монандӣ. Дар ин ҳолат образҳои ашёҳо барои аз нав ба хотир овардани образҳои ба аввала монанд сабаб мешавад.

**2.** Ассотсиатсия аз рӯйи мухолифат. Дар ин ҳолат образҳои ба ҳам мухолиф боиси он мешавад, ки образи дигаре аз нав ҳосил карда шавад.

**3.** Ассотсатсия аз рӯйи пайиҳамӣ (Омехта). Дар ин ҳолат идрок ва тасаввурот дар бораи як ашё барои ба ёд овардани як ашёи дигар сабаб мешавад. Чунки дар байни онҳо алоқаи вобастагӣ ба вуҷуд меояд.

Ассосиатсияи монандӣ дар натиҷаи дар як вақт ё ки пайиҳам идрок намудани якчанд воқеаю ҳодисаҳо хосил мешавад.

Ассотсиатсияи монандӣ дар натиҷаи зуҳури қиёфаи ягон предмет ё ки воқеа, ҳангоми пайдо гардидани фикр дар ин бора ба хотир овардани предмети ба он монанд воқеъ мешавад. Аҳамияти ассотсиатсияи монандӣ дар эҷоди бадеӣ бениҳоят муҳим мебошад. Таълимот дар бораи ассотсатсияҳо махсусан дар доираи психологияи ассотсиативӣ хеле паҳн шуд, ки ин принсипро ба тамоми зуҳуроти психоки хос медонист (Д. Юм, У. Джеме, Г. Спенсер). Намояндагони ин равияи илмӣ аҳамияти ассотсиатсияро аз будаш баландар баҳо медоданд, ки дар натиҷа боиси то андозае вайроншавии тасаввурот доир ба бархе аз зуҳуроти психикӣ, аз ҷумла хотир гашт. Тибқи ин назария бахотиргирӣ ҳамчун обра- зи ассотсиатсия ва азнавҳосилкунӣ бошад, ҳамчун ассот- сатсияҳои вуҷуддоштаи аллакай истифодашуда шарҳ дода мешуданд.

Мутаассифона дар бисёр ҳолатҳо назарияи психологияи ассотсиативӣ ҳамчун варианти шарҳдиҳии механики зуҳуроти психикӣ муаррифӣ мешавад. Ба андешаи намояндагони психологияи ассотсиативӣ протсессҳои психикӣ худ аз худ, новобаст аз дарку тафаккури мо ба якдигар пайваст мешаванд. Новобаста аз ин, инкор кардани мавҷудияти алоқаҳои ассотсиативӣ хато аст. Ин принсип минбаъд аз тарафи олимони рус И.М. Сеченов ва И.П. Павлов илман асоснок карда шуд. Ба ақидаи И.П. Павлов ассостисатсия – ин алоқаи муввақатие мебошад, ки дар натиҷаи таъсири яккарата ё пайгиронаи ду ё якчанд ангеза ба вуҷуд меояд. Феълан аксари муҳаққиқон ассотсиатсияро ҳамчун як унсури хотир баҳо медиҳанд, на ҳамчун механизми асоссӣ ва ягонаи он.




ТАСНИФОТИ ХОТИРА

Аз фикрҳое, ки дар боло зикр намудем, хулоса карда, ба хотира чунин таъриф додан мумкин аст: “Фаъолияти ақлие, ки аз ба хотир овардан, дар хотир нигоҳ доштан, аз ёд кардан, азнавбахотироварӣ, фаромӯшкунӣ ва шинохтану донистани воқеаю ҳодисаҳое, ки дар шароити зисти одам рӯй додаанд, хотир ё ки бахотироварӣ номида мешавад”.

Хотира ба якчанд намудҳо ҷудо мешавад.

Хотир низ вобаста ба меъёрҳои гуногун таснифот карда мешавад. Ҳангоми ба намудҳо ҷудо кардани хотир хусусиятҳои раванди бахотиргирии тафсилот ва азнавбахотироварии ба инобат гирифта мешавад ва он дар асоси се мезон ба намудҳо ҷудо мегардад:

**1.** Аз рӯйи мазмуни фаъолияти психикӣ, ки бештар дар фаъолияти инсон намоён мешавад:

**а)** хотири ҳаракатӣ

**б)** хотири эмотсионалӣ (ҳиссӣ)

**в)** хотири образнок

**г)** хотири мантиқӣ – сухан.

**2.** Аз рӯи мақсади фаъолияти инсон, идоранамоии иродавии хотир:

**а)** хотири ихтиёрӣ

**б)** хотири беихтиёр

**3.** Аз рӯйи давомоти мустаҳкамнамоӣ ва дархотирнигоҳдорӣ. Яъне тибқи муддати ба хотир гирифтан ва дар хотир нигоҳ доштани предметҳо ва воқеаю ҳодисаҳо:

**а)** хотири кӯтоҳмуддат

**б)** хотири дарозмуддат;

**в)** хотири оперативӣ (фаврӣ)

Хотири ҳаракатӣ. Бахотиргирӣ ва азнавҳосилкунии ҳаракатҳо ва системаҳои онҳо зуҳуроти хотири ҳаракатӣ ё моторӣ мебошад. Ин намуди хотир асоси ҳосил кардан ва ташаккул додани малака ва одатҳои ҳаракатӣ ба ҳисоб меравад.

Дуруст ташкил кардани амалҳои меҳнатӣ барои азхудкунии онҳо аҳамияти басо муҳим дорад. Фақат бо ҳамин шарт онҳо бо суръати муайян ва ба осонӣ ташаккул ёфта, ба талабҳои бомуваффақият иҷро кардани ин ё он фаъолият ҷавоб дода метавонанд. Ҳамаи одамҳо ба хотири ҳаракатӣ соҳибанд. Агар хотири ҳаракатӣ набошад, одам барои иҷрои ягон ҳаракат худи ҳамин ҳаракатро ҳар бор аз нав меомӯхт. Дар амал чолокии ҷисмонӣ, фаъолияти бомаҳоратона, эҳсоси меҳнатдӯстии ҳамешагӣ асоси хотири ҳаракати хуб ҳисоб меёбад.

Аз ин бармеояд, ки хотири ифодакунандаи ҳаракатҳои одамон ва тамоми предметҳо хотири ҳаракатӣ буда, ин хотир натиҷаи ҳаракати инсон, монанди давидан, гаштан, хам шудан, ҷаҳидан мебошад.

Аз ин рӯ, ин намуди хотир хотири ҳаракатӣ ё хотири моторӣ номида мешавад.

Дар хотир нигоҳ доштан ва аз нав ҳосил кардани образҳои ашё ва ҳодисаҳои ҳақиқат, ки пештар идрок карда шуда буданд, хотири образӣ

мебошад. Хотираи образӣ биноӣ, шунавоӣ, ломиса, бӯй ва маза шуда метавонад. Хотираи образӣ натиҷаи нишонаи хосаи ҳар як предметро фаҳмида ва дарк кардани одам мебошад.

Ин хотира ба шахс имкон медиҳад, ки фарқи байни предметҳоро фаҳмида, аз онҳо дуруст истифода намояд. Ба воситаи хотираи образӣ худи одам бевосита қиёфаи чизҳои худаш идроккардаро фикран пеши чашм меорад.

Хотираи образӣ тасаввурот, манзараҳои табиат ва ҳаёт, овозҳо, бобӯй ва таъм вобаста мебошад. Мазмуни ин хотир вобаста ба фаъолияти ҳар як шахс пурқувваттар намоён мешавад. Хотири образӣ дар одамони фаъолияти бадеӣ дошта: рассомон, мусиқанавозон, навиандаҳо, меъмор, ҳайкалтарош ба дараҷаи баланди тараққиёт мерасад ва тез инкишоф меёбад.

Баъзе одамон хотири образии ниҳоят равшанро соҳибанд, ки онро хотири эҷдетикӣ меноманд ("эйдос" – калимаи юнонӣ буда, маънои "қиёфа, тимсол, образ"-ро ифода мекунад). Образҳои эйдетикӣ натиҷаи нигоҳдории ҳаяҷони қисми марказию пӯстлохии анализатори биноӣ ва шунавоӣ мебошад. Бинобар ин, одамони эйдетик баъд аз идрок кардан ҳам боз муддате тасвири худи ҳозир идроккардаашро бо ҳамаи майда-чуйдаҳояш мебинад, оҳанги шунидааш ба гӯшаш мерасад ва ҳоказо. Яъне, соҳибони ин гуна хотир тимсоли ҳодиса ва воқеаҳои аз ин пеш идроккардаашонро пас аз вақти бисёр ҳам аниқ, пурра ва равшан ба ёд гирифта метавонанд.

Бахотиргирӣ, дар хотир нигоҳ доштан ва дар мавриди зарурӣ аз нав ҳосил кардани образи ҳиссиёт ва эмотсияҳои азсаргузаронидашуда моҳияти хотири эмотсионалиро ташкил медиҳанд. Одам метавонад ягон ҳолати эмотсионалии азсаргузаронидааш, масалан, тарсро муддати дароз дар хотир нигоҳ дорад. Хотири эмотсионалӣ ба рушд ва зуҳуроти минбаъдаи ҳолатҳои эмотсионалии одам таъсир расонида, ба раванди шинохтан ва азнавҳосилкунии образҳои хотир тобиши эмотсионалӣ мебахшад. Хуб медонем, ки дар ҳаёти ҳар як одам лаҳзаҳои хурсандибахш, шодиовар мешаванд, ки гоҳ-гоҳ барои аз нав ба хотир овардан эҳтиёҷ пайдо мешавад. Одам ҳар замон қадамҳои устувори худро дар ҳаёти мустақил, таваллуд шудани фарзанди нахустин, қадами аввалин ба остонаи мактаб, номаи камол гирифтан, донишҷӯ гардидан, мукофотии давлатӣ гирифтани худ ё ки пайвандонашро зуд-зуд ба хотир оварда, аз он роҳат мекунад.

Хотири эмотсионалӣ чӣ тавр қонеъ шудани эҳтиёҷоти шахс ва завқмандии ӯро, мазмуни муносибатҳояшро бо олами беруна ифода мекунад. Аз ин ҷиҳат барои ҳар як шахс хотири эмотсионалӣ аҳамияти алоҳида дорад. Завқ бурдан аз таассуроти фараҳбахш, шарик шудан ба хурсандӣ ва ғами дигарон, идрок кардани саргузаштҳои қаҳрамонҳои асари бадеӣ - ин ҳама

натиҷаи хотири эмотсионалӣ мебошанд. Агар шахс гузаштаи худро ба хотир оварда, ранги рӯяш дигар шавад, рухсораш ранг бохта, сурх гардад, мутаассир шавад, ба дигарон лаҳзаҳои хурсандии худро бо завқ ҳикоя карда диҳад, барои ба ёд наовардани лаҳзаҳои ғамгини худ кӯшиш намояд, ин аз пурзӯрии хотири эмотсионалии вай далолат медиҳад.

Хотири калимагӣ-мантиқӣ дар бахотиргирӣ ва азнавҳосилкунии фикрҳо ифода меёбад. Фикрҳо берун аз нутқ, берун аз ин ё он калимаҳою иборахо вуҷуд надорад. Бинобар ин чунин намуди хотирро на танҳо намуди мантиқӣ меноманд.

Ба маънои дигар, ин ё он чизро бо роҳи мутолиаи китоб, ҳикоя шунидан, маърӯза гӯш кардан ба хотир овардан хотири калимагӣ мебошад. Хотири калимагӣ хотири мантиқиест, ки ба воситаи нутқ ифода меёбад. Ҳангоми  сафар дар як вагон фикр иваз кардан, ҳамсӯҳбат шудан ва саволу ҷавоб кардани ду нафар мисоли хотири мантиқӣ мебошад.

Мазмуни хотири калимагиро фикри шахс ташкил мекунад. Чунки сухан ба фикр асосноконида шуда, ифодаи берунии он – ба рӯ баромаданаш мебошад. Дар ин намуди хотир системаи сигнали дуввум нақши калон мебошад. Хотири мантиқӣ намуди махсуси хотир аст, ки танҳо хосаи инсон аст ва бо дигар намудҳои хотир дар ҳолати вобастаги намоён мешавад ва ривоҷ меёбад, воситаи асосии рушди дониш ва таҷриба ба ҳисоб меравад.

Намудҳои хотирро вобаста ба мақсад ва тарзҳои бахотиргирӣ ва азнавҳосилкунӣ фарқ мекунанд. Агар мақсади махсуси ба хотир гирифтан гузошта шавад, усулҳои мувофиқи мнемикӣ, бахотиргирӣ (аз калимаи юнонӣ “мнеме”-хотир) истифода бурда шавад ва кӯшишҳои иродавӣ зоҳир карда шавад, он гоҳ ин гуна хотир ихтиёрӣ ҳисоб меёбад.

Агар мақсади махсуси бахотиргирӣ ва бахотироварии ин ё он мавод гузошта нашвад ва мавод пассивона, гӯё худ аз худ, бе истифодаи усулҳои махсус ва кӯшиши иродавӣ ба хотир гирифта шавад, он гоҳ ин гуна хотир беихтиёр номида мешавад.

Дар ҳаёти инсон ҳама вақт зарурати идора кардани хотири худ  мавҷуд. Дар чунин шароит барои чизи даркориро омӯхтан ва аз дигар бахотиргирӣ намуди хотири ихтиёрӣ имкон медиҳад. Ҳамзамон намудҳои хотири ихтиёрӣ ва беихтиёр ба сифати марҳилаи пайиҳами тараққиёти хотир аҳамияти алоҳида касб мекунад. Дар байни намудҳои хотири ихтиёрӣ ва беихтиёр вобастагии мураккаб мавҷуд. Ин ҳамбастагӣ барои таъмини маҳсулдории ҷараёни бахотиргирӣ хизмат мекунад.

Барои фаъолияти шахс намудҳои хотири оперативӣ, дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат аҳамияти муҳим доранд. Ҳангоми бахотиргирии материали муайян аз тарафи шахс дар хотир ба тариқи дахлдор шакли он кор карда

баромаданаш лозим. Ин ҷараён микдори муайяни воҳиди вақтро талаб мекунад. Ба сифати акс-садои воқеае, ки ҳозиракак рӯй додааст, бахшида мешавад. Шахс дар мобайни дақиқаҳои маълум чизҳоеро, ки дар ҳамин лаҳза идрок накардааст, надидааст ва нашунидааст, ба хотир меорад ва беқарор мешавад ва зуд тағйир меёбад. Аз ин рӯ, ин равандҳо хотири кӯтоҳмуддат номида мешавад.

Яъне, хотири кӯтоҳмуддат раванди нисбатан кӯтоҳмуддат (якчанд сония ё дақиқа) буда, барои аз нав аниқ ҳосил кардани ҳодисаҳои ҳозир шуда гузашта ва ҳодисаю ашёҳои ҳозир идроккардашуда кифоя аст. Баъди гузаштани вақти кӯтоҳ таассурот нест мешавад ва одам қобилияти аз объекти идрок кардашуда ба хотир овардани чизеро гум мекунад. Ё ҳар як калима ва ибораро фақат якчанд сония аниқ дар хотир нигоҳ медорад.

Шахс ин ё он материалро бисёр такрор кунад, аз дигар ба хотир биёрад ва дар натиҷа муддати дароз онро дар хотир нигоҳ дорад, хотири дарозмуддат меноманд.

Хотире, ки ҷиҳати бо вақт вобастабудаи хотираи кӯтоҳмуддатро не, балки ҷиҳати бо иҷрои кор вобастаи онро ифода мекунад, хотири оперативӣ номида мешавад. Дар иҷрои баъзе корҳо ба одам хотираи оперативӣ кор меояд. Масалан барои таҳлили асари бадеӣ, таҷрибаҳои ҳимиявӣ, бартараф кардани мушкилоте, ки дар ҳалли масъалаҳои математикӣ пеш меоянд (афзунсозии самаранокии ҷараёнҳои ақлӣ ва фикрӣ) хотири оперативӣ аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ ёрӣ мерасонад.

Барои фаъолияти пурсамари инсон мустаҳкамии хотир аҳамияти муҳим дорад. Хотир асоси чизҳое, ки одам бояд донад. Ҳамаи донишҳое, ки аз ҳаёт мегирем, дар хотир чун дар сандуқи пӯлодин нигоҳ дошта мешавад.

Образнок карда гӯем, хотир сандуқи тиллоеро мемонад, ки ҳеч чизро фаромӯш намекунад, намепартояд, бекора намесозад, ба дасти касе намедиҳад. Он намесӯзад ҳам ғарқ намешавад ҳам.

Хотираи мустаҳкам ва тез ба хоссаҳои зерин соҳиб мешавад:

**а)** сермаҳсул буда, бисёр материалро дар бар мегирад;

**б)** тез ба хотир мегирад;

**в)** аниқ ба хотир меорад;

**г)** муддати тӯлонӣ дар хотир нигоҳ медорад;

**д)** барои бахотироварӣ ҳамеша омода мешавад;

Хотири хонандагонро аз ҷиҳати сифат ба чор навъ ҷудо кардан мумкин:

| | Бахотиргирӣ | Фаромӯшкунӣ |
|---|---|---|
| **1.** | Тез | Оҳиста |
| **2.** | Оҳиста | Оҳиста |

**3.** Тез Тез
**4.** Оҳиста Тез

Хонандагоне, ки соҳиби хотири тини якум ҳастанд, материалро тез ба хотир мегиранд ва дер гоҳ дар хотир нигоҳ медоранд. Дар онҳо ҷараёни фаромўшкунӣ оҳиста сурат мегирад. Хонандагоне, ки соҳиби чунин намуди хотир ҳастанд, чун соҳибони хотири хуб эзоҳ дода мешаванд. Хонандагоне, ки соҳиби хотири типи дуюм ҳастанд, материалро оҳиста аз худ мекунанд, аммо онро дурудароз дар хотир нигоҳ дошта метавонанд. Онҳо аз хонандагоне, ки соҳиби хотираи типи якум ҳастанд, бо азхудкунии сусти донишҳо фарқ мекунанд. Хонандагоне, ки хотири типи сеюмро доранд, маводро зуд аз худ мекунанд, лекин ин азхудкуни рўякӣ буда, он тез фаромўш мешавад. Яъне ҳаракати онҳро барои азхудкунии мавод дорои моҳияти механикӣ мебошад. Хонандагоне, ки соҳиби хотири намуди чорум ҳастанд, донишҳои азбарнамуди худро зуд фаромўш мекунанд. Хонандагони соҳиби чунин намуди хотир ба сифати соҳибони хотири суст эзоҳ дода мешаванд. Онҳо ҳамеша дар маркази диққати муаллимон қарор мегиранд.

Бояд таъкид кард, ки ин чор типи хотир дар ҷамоаи хонандагони ҳамаи синфҳо мавҷуд мебошад. Ин ҳолат аз ҳар як муаллим талаб мекунад, ки типи хотири ҳонанадагони синфи худро хуб донад ва мувофиқи намуди хотири онҳо бо ҳар як хонанда муносибати индивидуалӣ намояд. Чунки муаллим хонандагонеро, ки ба типи чорум тааллуқ доранд, доим назорат накунад, онҳоро барои дар болои худ ба таври системанок кор кардан маҷбур нанамояд, хотираи онҳо дар ҳамон ҳолати сустӣ боқӣ мемонад.

Ҳолатҳои зерин қонуниятҳои асосии хотир мебошанд:

**а)** агар мақсад аниқ бошад, одам ин ё он чизро муддати дароз дар хотир нигоҳ медорад;

**б)** маводе, ки мазмуни онро пурра фаҳмида, бо ёрии хотири маъногӣ омўхта шудааст, муддати дароз дар хотир мемонад;

**в)** барои дар хотир нигоҳ доштани материали азёдкардашуда (аз худ гардида) онро ҳар замон такрор карда, машқ кардан лозим аст;

**г)** барои маводи дилхоҳро муддати тўлонӣ дар хотир нигоҳ доштан ва амиқ дарк кардани маънояш, онро агар имконпазир бошад, ба қисмҳо ҷудо карда омўхтан ва такрор кардан мувофиқи мақсад мебошад;

**д)** хотир ҳамаи он чизҳоеро, ки санад дорад, хубтар, зудтар ва пурратар дар хотир нигоҳ медорад.

Тарбияи хотира муаммои муҳими психологӣ муҳим мебошад. Бинобар ин, омўхтани муаммоҳои хотира аз таърихи куҳан сарчашма мегирад. Дар "Дастур барои таълими хонанда" ном асари Бурҳониддин Зарнудиий (XII аср) мавҷуд будани боби алоҳидаи махсус таҳти номи "Намудҳои дар хотир

нигоҳ доштани дониш, фаромӯшкунӣ” исботи ин гуфтаҳои мо мебошад. Дар таърих шахсоне, ки дар болои хотираи худ кор карда, барои бой гардонидан, тез кардан ва дар натиҷаи ин ба муваффақиятҳои калон соҳиб шудаанд, хеле зиёданд.

Яке аз мутафаккирони бузурги Мовароуннаҳр, олими машҳур, муҳаддиси бузург, имом ва ҳофиз Имом Бухорӣ, ҳадисҳои пайғамбарамон Муҳаммад (с.а.в)-ро ҷамъ карда, аз шайху уламоҳо навишта гирифта, 600 ҳазор ҳадисро гирд овардааст. Аз ҳамин ҳадисҳо қариб 300 ҳазорашро аз ёд кардааст. Ба туфайли ин имконияти бузурги хотири худ ин зоти мӯътабар дар олами Ислом шӯҳрати калон ёфтааст, ҳамчун донандаи ҳадис ва Қуръон дар тамоми дунё машҳур гардид.

Мутафаккири бузург Алишер Навоӣ соҳиби хотири мустаҳкам ва зеҳни тез буд. Ӯ донишеро, ки як маротиба мехонд, дубора такрор намекард. Ба туфайли маҳсулдории хотири худ ҳамаи китобҳоеро, ки аз замони Аристотел то замони зисти шоир доир ба илмҳои гуногун навишта шудаанд, хонда баромада, дили худро аз фурӯғи дониш мунаввар сохтааст.

Бино ба маълумотҳои эътимоднок Мирзо Улуғбек соҳиби хотири пурқувват будааст. Хотири ӯ то ба ҳадде мустаҳкам будааст, ки масъалаҳои мураккаби математикиро бемалол, бе ёрии маълумотномаҳо ҳал кардааст.

Духтари араб Базл дар вазъияте, ки барои хондан, омӯхтан ягон хел шароит набуд, хонанда ва созанда, оҳангсози моҳир шуда ба камол мерасад. Вай 30 ҳазор мусиқаро мукаммал омӯхта, асари нодири мусиқиро офаридааст, ки 10 ҳазор оҳангро фаро мегирад. Ҳофизаи мустаҳкам, заковат, ифодаи дурусти эҳсосот, латофат ва назокати ба худ хоси ин духтар оммаи мардумро ба худ мафтун мекард.

Дар таърихи психологияи миллии ӯзбек ҳам доиишмандоне, ки ба хотираи мустаҳкам соҳиб буданд, хеле бисёранд. Масалан, Кӯса маддоҳ, Ҳоҷи маддоҳ, Собит ота Юнусов барин шахсони машҳур буданд, ки дурдонаҳои эҷодиёти даҳонакии ҳалқ “Ҳазору як шаб”, “Чор дарвеш”, “Баҳори дониш”, “Калила ва Димна”, “Тоҳир ва Зӯҳро”, “Алпомиш”, “Гӯрӯғли”, “Алишер Навоӣ” ва боз як қатор достонҳоро аз ёд мегуфтанд.

Олимони машҳури забоншинос ва адабиётшинос академик В.А.Абдуллоев, профессорон Н.Шукуров, Ҳ.Д.Дониёров соҳибони хотираи мустаҳкам ва ҳозирҷавоб будаанд. Академик Б.Н.Валихӯҷаев ва профессор С.З.Мирзаев дар байни ҳамкасбони худ бо ҳислати аз ёд гуфта тавонистани маводи зиёди адабӣ фарқ мекарданд. Ин гуна мисолҳоро бисёр овардан мумкин.

Шарти аввалин ва аз ҳама муҳими ривоҷ додани хотир машқи доимӣ мебошад. Ғановатгардонии хотир бо ба хотир овардани маводҳои нав ба нав

вобаста буда, бо роҳи мустаҳкам намудани маводи дархотиргирифташуда, бахотиргирӣ он такмил дода мешавад. Шарти ягонаи мустаҳкамсозии материали хотир такрор кардан мебошад. Беҳуда мардум “такрор-модари дониш” нугуфтаанд. Дониш меваи такрор ва бозомӯзӣ мебошад. Чунки ҳама гуна мавод гоҳ-гоҳ такрор карда нашавад, фаромӯш хоҳад шуд. Умуман, хотира шарти асосии донишандӯзӣ буда, аз ҷиҳати сифат комил будани он барои соҳиби ҳар як касбу ҳунар аҳамияти калон дорад.

Хулоса, таъмини мустаҳкамии хотири насли наврас яке аз масъалаҳои муҳимтарини психологияи миллии замони имрӯза мебошад, ки чун вазифаи асосӣ дар пеши оила, ташкилотҳои таълими томактабӣ, муассисаҳои тарбия, кормандони боргоҳҳои таълимии умумӣ ва олӣ қарор дорад.

Ривоҷдиҳии сифатҳои хотир дар ҷавонон пеш аз ҳама ба шароити оила вобаста мебошад. Чунки одамони наздики худро шинохтан, предметҳои донистан ва дуруст идрок кардани ҳар як кӯдак аз оила сар мешавад.

## МАВЗӮЪИ 10. ХАЁЛ ВА ЭҶОДИЁТ (ФАНТАЗИЯ)

**Нақша:**

**1.** Фаҳмиши умумӣ дар бораи хаёл
**2.** Навъҳои хаёл, асосҳои физиологӣ
**3.** Саҳми агглютинатсия ва актсентировка дар ҷараёни хаёл
**4.** Хаёлҳои реалӣ ва ғайри реалӣ, аҳамияти хаёлҳои реалӣ барои шахс ва ҷамъият
**5.** Инкишофи хаёл дар ҷавонон

Тафовути ҷараёни хаёл аз дигар ҳолатҳои руҳӣ дар он аст, ки одам ба воситаи хаёл, на танҳо предмет ва воқеаю ҳодисаҳоеро, ки пештар идрок кардааст, балки предмет ва ҳодисаву воқеаҳоеро, ки дар таҷрибаи рӯзгораш умуман вонахӯрдаанд, тасаввур карда метавонад. Ҷараёни хаёл мазмуни шуури одамро на танҳо бо тасаввурот дар бораи ашёе, ки вай фақат дар таҷрибаи худ иброк намудааст, балки бо тасаввурот дар бораи чизҳое, ки аз ин пеш идрок накардааст, бой мегардонад. Ба туфайли хаёл олами беруна дар шуури одам васеътар, гуногунранг ифода меёбад, ҷаҳонбинӣ васеъ, таҷриба ғанӣ ва мукаммал мегардад.

Боз як тарафи муҳимаш дар он аст, ки хаёл фаъолияти ҷараёнҳои руҳии дигари одамро пурзӯр мекунад, тимсолҳои идрокро пурра ва равшан менамояд. Тимсолҳое, ки дар хаёли одам офарида мешаванд, барои ҳолатҳои эмотсионалии одам манбаи бой ба ҳисоб мераванд. Ба воситаи хаёл одам эҳсосотҳоеро, ки бо хоҳиш ва мақсадҳои оянда вобастаанд, дарк мекунад.

Чунин эҳсосот одамро бардам месозад, ба ӯ ғайрат мебахшад, нерӯ ва тавоноӣ медиҳад.

Боз як тарафи ба худ хоси хаёл дар он аст, ки одам бо ёрии хаёл воқеаҳои гузаштаи дур, моҳияти ҳодисаю воқеаҳои даври худро ҳам тасаввур мекунад. Хаёлҳо дар бораи чунин таассуротҳое, ки бо ин тарз идрок намешаванд, тасаввури хаёлӣ ном доранд.

Тасаввурот биноӣ, шунавоӣ,бӯй, ломиса, ҳаракатӣ (кенестикӣ) мебошад. *Тасаввуроти биноӣ* нисбатан равшан аст, аммо дар он образи ҷамъӣ сифатҳои берунии предмет (ранг,шакл, рельеф) яку якбора аз нав ҷоннок намешавад. Аксар вақт фақат як ҷиҳати предмет баръалонамоён мешаваду дигарҳояшон ё ҳамчун вуҷуд надошта ё ниҳоят суст ифода меёбанд. Тасаввуроти биноӣ дар таълим аҳамияти калон доранд. Ёд додани хондану навиштан равшан ва аниқ тасаввур кардани тасвири графикии ҳарфро талаб мекунад, дар акси ҳол талабаҳо дуруст навиштанро ёд намегиранд.

*Тасаввуроти шунавоӣ тасаввуроти нутқӣ ва мусиқӣ дар ҳаёти одам роли калон мебозанд.* Дар амалияи таълим дар мактаб мо бештар бо тасаввуроти овози ҳарфҳои алоҳида, калима ва ибораҳои бутун дучор мешавем. Тасаввуроти нутқӣ дар ибтидои омӯзиши забони модарӣ, забони хоиҷӣ ва бо дигар забон гап задан ба аҳамияти калон соҳиб мешаванд.

Тасаввуроти *ҳаракатӣ,*тасаввуроти ҳаракати қисмҳои алоҳидаи бадан ва тасаввуроти ҳаракатию нутқиро фарқ кардан лозим аст. Тасаввурот дар бораи ҳаракати қисмҳои бадан барои бомуваффақият иҷро намудани ҳар як кори ҷисмонӣхеле муҳим мебошад. Тасаввуроти ҳаракати нутқӣ асоси нутқи овозӣ аст.

Агар шахс доир ба ҳаёти авлоду аҷдодҳои гузаштаи дур асари таърихӣ хонад, ё ки бо ягон шахс дар ин маврид сӯҳбат намояд, ё ин ки ҳикояеро шунавад, дар натиҷа дар ӯ дар бораи ҳамон давр ва одамони ҳамон замон тасаввур пайдо мешавад. Одам ба воситаи хаёл натиҷаҳоеро, ки аз ҳаракатҳои ӯ бармеоянд, пешаки дида метавонад. Тимсолҳое, ки дар натиҷаи хаёл кардан пайдо мешаванд, тасаввуротҳое, ки тавассути идрок намудан ба миён меоянд, бо ёрии хотира дар шуури одам пайдо мешаванд. Бинобар ин, ҷараёни хаёл ба тасаввури хаёл асос мешавад ва мазмуни он ба таҷрибаи зиндагӣ ва сатҳи дониши шахс вобаста мешавад.

Хаёл аз дигар ҳолатҳои руҳи фарқ карда, ба сифати ҷараёни махсуси инъикосӣ ҳар доим ба моҳияти таърихӣ-иҷтимоӣ соҳиб гардида, дар натиҷаи меҳнати фоидаовари авлоду аҷдоди қадимаи мо пайдо шудааст ва то ҳозир ҳамин моҳиятро нигоҳ медорад. Акнун бо шарофати истиқлол ғояҳое, ки бо тақозои талаби давр дар шуури узви ҷамъияти мо падид меоянд, дар орзу ва хаёлҳои эҷодии онҳо низ ифодаи худро меёбанд.

Одам чизеро хаёл мекунад,ки онро ҳоло надидаст, вуҷуд надорад ва дар ҳақиқат мавҷуд нест,вале манбаи хаёл ҳамеша дар реалияти объективӣ, дар дунъёи берунӣ аст.

Тимсолҳои аз ҳама мураккаб ва аз ҳама фантастикии хаёли инсон ба аз нав коркарди тимсолҳои аввал идроккарда асос ёфта, тимсолҳои парӣ, дев, шайтон, қаҳрамони мағлубнашавандае, ки дар эҷодиёти даҳонакии ҳалқ мавҷуданд, ба сифати маҳсули хаёли инсон муҳит ва шароити ҳамон даврро ифода мекунад, орзуву умед ва андешаҳои мардумро мефаҳмонад. Аз ин мебарояд, ки достон, ривоят, афсона ва ҳикояҳо ба воситаи хаёлоти реалии инсонҳо офарида шуда, ба манбаи муҳими маънавияти ҳалқ табдил ёфтаанд.

Тимсолҳое, ки дар натиҷаи хаёли одам ба вуҷуд омадаанд, дар фаъолияти ӯ намоён мешаванд. Ин тасаввур (тимсол)-ҳо фақат мазмуни шуур нест. Модели тимсолҳое, ки дар фаъолияти одам намоён мешаванд, аввало бо ёрии хаёл ба тарзи тасаввур пайдо мешаванд ва сипас рӯёб мегарданд. Ҳолати рӯҳиеро, ки танҳо хоси одамон аст, дар мисоли зерин дидан мумкин: кори тортонак кори бофандаро мемонад, занбӯри асал аз мум ҳона сохта, меъморони ботаҷрибаро ҳам шарм медоронад. Лекин меъмори бадтарин аз забӯри асали беҳтарин пеш аз ҳама бо он фарқ мекунад, ки вай пеш аз сохтани хона бо мум, ин хонаро дар майнааш месозад. Дар охири ҷараёни меҳнат, натиҷаи идеалие ҳосил мешавад, ки пеш аз оғози ҷараён дар сар пазонда шуда буд.

Одам дар асоси хаёлҳои гуногун ва эҳтиёҷоти онҳо ба вуҷуд меояд. Хаёлҳое, ки дар натиҷаи эҳтиёҷот ба вуҷуд омадаанд, мазмуни реалӣ ва ғайриреалӣ доранд. Хаёлҳое, ки дар амал иҷро кардан мумкин аст, татбиқшавандаанд, хаёли реалӣ номида мешаванд. Хаёлҳои реалӣ одамро барои ба пеш ҳаракат кардан водор месозанд, онҳоро барои бунёдкорӣ ва ташаббускорӣ водор месозанд, ба эҷодкорӣ рағбатнок намуда, нерӯ ва тавоноӣ мебахшад.

Бинобар ин, хаёли реалӣ барои ҳаёт ва фаъолияти одам муҳим ва фоидаовар аст. Хаёли ғайриреалӣ бошад, баръакс шахсро рӯҳафтодаву ноумедӣ, нобоварӣ ба тавоноӣ рӯ ба рӯ карда, чунин хаёлҳо амалӣ намешванд ва паёмаду оқибатҳои нохуш дар пай доранд. Аз ин рӯ, одам аз хаёли ғайриреалӣ канораҷӯӣ кунад беҳтар аст.

Дар шахс афзудани эҳтиёҷи сиёсӣ, интелектуалӣ, эстетикӣ барои ривоҷи хаёли реалӣ дар ӯ мусоидат мекунад ва таъсир мерасонад. Боз яке аз манбаъҳое, ки барои ба вуҷуд омадани хаёлоти реалии гуногун дар одам сабаб мешавад, орзу ва хоҳишҳои ӯ мебошад. Шахс нисбат ба ҳама гуна воқеаю ҳодисаҳо муносибати эҷодӣ мекунад, нисбат ба чизҳои мавҷуда хаёлҳои бартар ва мукаммалтар ба вуҷуд меояд.

Хаёлоти гуногун дар асоси материалҳои хотира пайдо мешаванд. Чунки материали хотира (тасаввуротҳо) бо ёрии хаёл аз нав устувор мешаванд, анализ ва синтез мегарданд ва дар натиҷа тасаввуроти нав ҳосил мешавад. Дар ҳосил гардидан ва дар амал татбиқ шудани ин тасаввурот таҷрибаи шахс роли муҳим мебозад.

Дар фаъолияти инсон хаёл аҳамияти калонро соҳиб аст. Дар ҳақиқат, бе кӯмаки хаёл одам ягон соҳаи фаъолияти худро амалӣ карда наметавонад. Масалан, барои ягон чиз сохтан, парвариши дарахт ё растанӣ, дӯхтани либос одам аввало натиҷаи онро тасаввур мекунад. Аз ин рӯ, хаёл қисми таркибии фаъолияти одам ба ҳисоб меравад. Одам соҳиби қобилияти муҳити худро тағйир додан ва ин корро аввал дар хаёл иҷро карданро дорад, ки ин қобилият дар ҷараёни меҳнати ҳамарӯзаи шахс ривоҷ меёбад.

Боз як тарафи муҳими ба худ хоси фаъолияти хаёл дар ҳамин аст, ки он дар ҳар шахс аз ҷиҳати доира, ҳаққоният, мазмун ва тавоноӣ аҳамияти ҷудогонаро соҳиб мешавад. Ҷараёни хаёли ҳар як шахс ба ҷаҳонбинӣ, эътиқоди ғоявӣ, камолоти ахлоқӣ ва қиёфаи иҷтимоӣ-сиёсии вай вобаста аст.

Доираи фаъолияти шахс чӣ қадар васеъ бошад, ҷараёни хаёли ӯ ҳамин қадар мураккаб ва гуногунранг мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо доманаи хаёли шахс дар шароити реалӣ васеъ ва баланд мешавад. Тимсолҳои фантастикӣ ва тасвирҳо натиҷаи ана ҳамин имкониятҳо аст. Мазмундорӣ, гуногунрангӣ ва боигарии хаёли одам ба самарадории фаъолияти ақлӣ таъсири мусбӣ мерасонад ва маҳсулдории онро зиёд мекунад. Хаёли ҳар як одам (имкониятҳои фантастикӣ) ифодаи худро дар маҳсули фаъолияти ӯ меёбад. Масалан, маҳсули илмии олим ба дараҷаи хаёли илмии вай, маҳсули бадеии шоир ё нависанда ба дараҷаи хаёли бадеӣ, маҳорати мусиқанавоз ба дараҷаи хаёли мусиқии вай вобаста мешавад ва ғайра.

Дар асоси хулосаи фикрҳое, ки дар боло овардем, ба хаёл чунин таъриф додан мумкин аст: Хаёл, ё ки фантазия – ин фаъолияти рӯҳӣ буда, офаридани чизи нав дар шакли образ, тасаввурот ва идея мебошад, ки сипас дар чизи моддӣ ё дар фаъолияти амалӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Хаёл аз нуқтаи назари физиологӣ проссесе мебошад, ки дар он дар *асоси алоқаҳои муваққатии асабии мавҷуда* дар пҳстлохи майнаи сар *алоқаи нави асабиӣ* пайдо мешавад.

Дар пӯстлоқи нимшари калони мағзи сар пайдо гардидани ҳамбастагиҳои нав дар байни пайвастагиҳои муваққатӣ асоси физиологии хаёл мебошад.

Системаҳои сигнали якум ва дуюм ҳам ба фаъолияти хаёл вобастагии мустаҳкам доранд. Тавре дар боло зикр намудем, манбаи хаёлҳои гуногун

тасаввуротҳое мебошанд, ки дар натиҷаи эҳсос ва идроки воқеаю ҳодисаҳои гуногуни олами беруна дар одам пайдо мешаванд.

Профессор И.П.Павлов таълим медиҳад, ки аз нав падид омадани вобастагиҳои муваққатие, ки пештар дар майнаи одам ба вуҷуд омадаанд ва дар натиҷаи ба ҳам бархӯрдани ин вобастагиҳо дар шакли нав намоён шудани онҳо асоси нерв-физиологии хаёл ҳисоб меёбад.

Намудҳои хаёл аз инҳо иборат:

**1.** Хаёли азнавсозӣ.
**2.** Хаёли тасаввур.
**3.** Хаёли орзу.
**4.** Хаёли эҷодӣ.
**5.** Хаёли ихтиёрӣ.
**6.** Хаёли беихтиёр

Хаёли азнавсозӣ – ин чизи барои худ навро тасаввур кардани одам аст. Дар айни ҳол ин тасаввурот ба шарҳи калимагӣ ё тасвири шартии ҳамон чизи нав (нақша, схема, бо ёрии нота наивштан) такя мекунад. Ин намуди хаёл ба таври васеъ дар намудҳои гуногуни фаъолияти одам, аз ҷумла дар таълим истифода мешавад. Яъне ин хаёл дар натиҷаи мутолиаи китоб, шунидани ҳикоя, сӯҳбат бо дигарон ба вуҷуд меояд. Талаба дар рафти шунидани нақли муаллим ва мутолиа намудани матни китоби дарсӣ бояд чизеро, ки ба мафҳумҳои нави азхудшаванда мувофиқат мекунад, тасаввур намояд.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки тасаввуроти хотира ва тасаввуроти хаёл аз ҳам фарқ мекунанд. Тасаввури хотира аз нав падид омадани воқеаю ҳодисаҳо ва предметҳои пештар идрокгардида бошад, тасаввурҳои хаёл натиҷаи аз дигар коркарди эҷодии тасаввуроти хотира ҳисоб меёбад. Ба таври дигар гӯем, тасаввури хаёл такрори тасаввури хотира набуда, балки дар шакли тасаввуроти ба таври нав ҳосилшуда мебошад. Инчунин, тасаввуроти хаёл бо пурра, дақиқ ва равшан будани худ аз тасаввуроти хотира фарқ мекунад.

Муҳим он аст, ки тасаввуроти хаёл дар натиҷаи эҳтиёҷи пурзӯр, шавқмандӣ ва идеалҳо, эҳсосоти рангоранг ва дар замири падиди эҳсоси бузурги созандагӣ дар шахс ба вуҷуд меояд. Ҳамин тавр, хаёле, ки дар асоси созмони тимсол роҷеъ ба ашё ва ҳодисаҳое, ки шуда гузаштаанд, лекин дар таҷрибаи одам вонахӯрдаанд ва аз тарафи ӯ бевосита идрок нашудаанд, хаёли тасаввур номида мешавад.

Соддатар карда гӯем, хаёле, ки дар асоси тасвири предмет, нақша ва схемаи он образ меофарад, хаёли тасаввуротӣ номида мешавад. Хаёли тасаввурот хаёлест дар бораи предметҳое, ки аз тарафи инсон бевосита идрок карда нашудаанд.

Ҷиҳати муҳими хаёли тасаввурот барои одам дар он аст, ки бо ёрии ин хаёл одам предмет ва ашёи ояндаро, пешакӣ идрок мекунад. Масалан: муҳандис машинаеро, ки ихтироъ кардан мехоҳад, аз рӯйи схемаи он тасаввур мекунад. Меъмор сохти биноеро, ки месозад аз рӯйи нақшаи он тасаввур менамояд.

Дар хаёли орзу кӯшиши одам ба оянда, накӯкорӣ ифода ёфта, тимсолҳои форам ва истиқболнок офарида мешавад. Як равияи хаёли орзу ба тариқи хаёли ширин намоён мешавад. Ҷиҳати ба худ хоси хаёли ширин он аст, ки он ба як чизи аниқ нигаронидаё ба системаи муайян андохта намешавад. Инсон вақте ки хаёли ширин мекунад, тимсолҳои форамро пеши чашм меорад, аз онҳо завқ мебарад, олами руҳияш равшан мегардад.

Аз давраи ҷавонӣ сар карда дар одам орзуҳои гуногун пайдо мешавад. Аз ин рӯ, ҷавонон механизатор, муҳандис, космонавт, педагог, шифокор, қаҳрамон шуданро орзу мекунанд.

Орзу дар таркиби хаёл мавқеи хосро соҳиб буда, образе мебошад, ки ба оянда нигаронида шудааст.

Хаёли эҷодӣ – ин офаридани образ ва идеяи наву оригиналӣ мебошад. Мафҳуми “нав” мазмун ва моҳияти ҳам объективӣ ва ҳам субъективиро дорад. Тарафи объективии чизи нав онро ифода мекунад, ки образу идеяи он дар ҳолати додашуда чӣ дар шакли моддӣ ва чӣ идеалӣ вуҷуд дорад. Тарафи субъективии чизи нав ин танҳо барои ҳамин одам нав будани чизи навро мефаҳмонад. Яъне, шахс маҳз барои худ ин чизи оригиналӣ ва такроршавандаро мекушояд ва барои дигарон гӯё ин номаълуму норавшан мебошад. Хаёли эҷодӣ дар мустақилона офаридани образҳои нав ифода меёбад. Вай бо фаъолияти эҷодӣ алоқманд аст.

Хаёли эҷодии шахс ба шуури ӯ таъсир карда, дар он мазмуни нав пайдо мекунад ва ин мазмун орзуҳоеро, ки то ҳол дар ҳаёт мавҷуд набуданд, ба ҳақиқат табдил медиҳад. Дар натиҷаи фаъолияти мустақил, ба воситаи хаёли эҷодӣ дар ягон соҳа навигарӣ сохта мешавад. Хаёли эҷодӣ бо ҳамин ҷиҳати худ, яъне ба навигарӣ намудан нигаронида шуданаш, аз дигар намудҳои хаёл мураккабтар мебошад. Дар ҳамаи соҳаҳои эҷодкорӣ нақши хаёли эҷодӣ калон аст. Агар ихтироъкор ягон ашёе сохтани шавад, пеш аз ҳама ӯ модели онро, хусусиятҳои хосаи образро бо ёрии хаёл дар майнааш ба система медарорад. Пас, дар натиҷаи хаёли эҷодӣ мазмуни нави шуури одам рӯъё мегардад.

Хаёле, ки дар асоси мақсади муайян барои офаридани образи аниқ нигаронида шудааст, хаёли ихтиёрӣ номида мешавад. Ҳангоми бо фаъолияти муайян машғул будани шахс хаёли ихтиёрии вай намоён мешавад.

Бо вуҷуди дар раванди хаёли ихтиёрӣ қуввати ирода сарф шавад ҳам, он на ҳама вақт дар намуди фаъолияти мураккаб, дар ҳаракатҳои оддӣ низ ифода мешавад.

Хаёли ихтиёрӣ бахусус, барои эҷоди бадеӣ ниҳоят зарур аст. Нависанда бо ёрии хаёли ихтиёрӣ (мақсаднок) мавзӯъ ва мазмуни асари бадеӣ, композитсия (бандубасти) онро муайян месозад.

Хаёли ихтиёрӣ эҳтиёҷ, мақсад, эҳсосот, тафаккур ва мақсади одамро ифода мекунад, инчунин, доимо барои иҷрои мақсад ва вазифаи муайян вобаста мешавад. Масалан, олим мазмуни асареро, ки менависад, шоир ғояи асари бадеиеро, ки иншо менамояд, рассом мақсад, мазмун ва вазифаҳои суратеро, ки мекашад, ба воситаи хаёли ихтиёрӣ рӯёб мегардонад.

Хаёле, ки мақсад аниқ нест ва иштироки нерӯи иродавӣ пассив мебошад, хаёли беихтиёр номида мешавда. Ҷараёни хаёли беихтиёрро одам пешакӣ фикр намекунад, ба нақша намегирад. Хаёли беихтиёр баъзан ҳангоми саргарми орзуҳои гуногун шудани одам, худ аз худ пайдо мешавад. Хаёли ихтиёрӣ ва беихтиёр ҳамеша бо ҳамдигар сахт вобаста мебошанд, онҳоро аз якдигар ҷудо кардан мумкин нест.

Дар фаъолияти амалӣ хаёли ихтиёрӣ аз хаёли беихтиёр дар ҳолати тамоман ҷудо рӯй намедиҳад, доимо маҳсули хаёли беихтиёрро дар бар мегирад. Соҳиби ҳар як касб ҳангоми ба таври ихтиёрӣ офаридани ин ё он ашё, гоҳо ба таври беихтиёр ба фикрҳои дигар ҳам меравад. Хоб дидан натиҷаи хаёли беихтиёр мебошад.

Образҳои хаёли эҷодӣ бо усулҳои зерин офарида мешаванд: агглютинатсия, комбинатсия кардан, аналогия, аксентировка (аксентуатсия), гиперболизатсия, типикунонӣ.

Агглютинатсия (дар тарҷима аз юнонӣ – часпонидан) яке аз усулҳои содда ба шумор рафта, бо роҳи ба як объект ҳамроҳ намудани аломатҳои объекти дигар ба амал меояд. Одамони қадим бо ин усул образҳои асотирӣ, аз қабили кентавр, парии обӣ ва ғайра офаридаанд. Бо ёрии агглютинатсия кам образҳое офарида мешаванд, ки минбаъд дар чизи реалӣ таҷассум ёбанд. Масалан, парии обие, ки маҳсули хаёли инсон аст, сар ва танааш ба зан, думаш ба моҳӣ, мӯяш ба сабзаи кабудранги обӣ қиёс карда шудааст. Дар натиҷаи дар хаёл якҷоя кардани ҳамин се қисм образи нав пайдо шудааст.

Дар адабиёти бадеӣ доир ба агглютсинатсия мисолҳо бисёранд. Чунки образи адабиёти бадеӣ дар худ сифатҳои хоси ҳазорон-миллионҳо образҳоро ифода мекунад.

Аксентировка (аксентуатсия) бо ёрии хаёл ниҳоят бузург ё ниҳоят кам кардани нишонаҳои хоси баъзе образҳо мебошад. Дар образҳои офаридашаванда ягон қисм ё унсури он ба таври махсус ҷудо ва сахт таъкид

карда мешавад. Ҳамин тавр, рассом расмҳои ҳаҷвӣ ва ҳазлҳои рафиқона мекашад. Ӯ дар рӯй, андом ва дасту пойи одам ягон хусусияти ба ӯ хоси такрорнашавандаро пайдо намуда, онро пурзӯру барҷаста ва ҷалбкунанда карда нишон медиҳад. Расмҳои ҳаҷвӣ ва ҳазлҳои рафиқона ба аслашон монананд, вале ин монандии нисбӣ аст. Нависандаҳои ҳаҷвнигор ягон ҳолату вазъиятро тасвир намуда, ҳамон чизро ҷолибу барҷаста карда нишон медиҳанд, ки он на бояд масхара шавад ё ҳазлу шӯхиро ба вуҷуд оварад.

Ин усулҳо аз аксентуатсия то андозае фарқ мекунанд. Агар усули аксентуатсия ягон қисми объектро ҷолибу барҷаста карда таъкид намояд, он гоҳ муболиғаю мусоғара тамоми объект ва ҳолатро фаро мегирад. Инро, масалан, дар афсонаҳои барои бачаҳои хурдсол «Гуливер дар назди лилипутҳо», «Гуливер дар назди девпайкарҳо» мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳаминро набояд фаромӯш кард, ки монанди дигар ҳолатҳои рӯҳӣ хаёл кардан ба худи шахс вобаста аст. Фикр кардан дар бораи орзуҳое, ки дар ҳаёт амалӣ гардиданашон мумкин аст, хаёл дар бораи нақшаҳои ба он ноил гардидан барои дар оянда ба муваффақиятҳои бузург соҳиб шудан ёрии калон мерасонад. Барои ҳамин, доимо дар бораи хаёлҳои ба ҳаёт мувофиқаткунанда хаёл кардан барои шахс фоидаовар аст.

Хаёл ҷараёни рӯҳии барои соҳибони ҳамаи касбҳо зарурӣ маҳсуб ёфта, танҳо барои шоир ё олим зарур гуфта фикр кардан нодуруст аст. Фантазия-хаёл дар ҳама, ва ҳамеша бояд бошад. Одам бехаёл намешавад.

Хаёл кардан дар одам аз ҷавонӣ сар мешавад. Баробари ба камол расидан ва зиёд шудани таҷрибаи бача, доираи хаёлоти вай ҳам инкишоф меёбад.

## МАВЗӮЪИ 12. ТАФАККУР

Тафаккур шакли баланди ҳаёти рӯҳии инсон, ақл идрок ҳаракатҳои бошуурона буда, шарти асоси ба рӯи об баровардани фаъолияти васеъи инсон, воситаи воқеаи ҳодисаҳоро, предметҳоро донистан мебошад.

Тафаккур имконият медиҳад, ки қонуниятҳои дунёи материалиро фаҳмем, алоқаю муносибатҳои байни предметҳо ва ҳодисаҳо, алоқаи сабабу натиҷаи байни ҳодисаҳои ҷамъиятию таърихӣ, қонуниятҳои психикаи одамро фаҳмем.

Дар ҷараёни тафаккур ба инсон, фикр, мулоҳиза, ғоя, фараз ба вуҷуд меояд. Ва онҳо дар шуур ба шакли фаҳмишҳо, ҳукмҳо, хулосаҳо ифода меёбад. Инсон бо тафаккури нутқ ва шуури худ аз ҷонзодҳои табиат баланд меистад ва “тоҷи табиат” шудааст. Барои ҳамин тафаккур нисбат ба ҷараёнҳои фаҳмиш дар фаъолияти ақливу ҷисмонии одам ҷойи алоҳида

дорад. Инсон бо ёрии тафаккур худаш акс кунондааш чиз ва ҳодисаҳои ҳискарда, идрок кардаашро дуруст, аниқ ва ҳаққонӣ буданашро муайян мекунад. Тафаккур, ҳукм, фаҳмиш, тахминҳо, Хулосаҳо рост ё хато буданашро ба воситаи фикр кардан дониста мегирад. Тафаккур ба сифати ҷараёни донистан нисбат ва фаҳмиш, идрок, хаёл, хотира предметҳо ва воқеаву ҳодисаҳо, барои кушонидани муаммоҳои олами беруна ба одам калити кушонданро медиҳад.

Ба воситаи ин ҳоло маҳсули фаъолияти амалӣ ва илмии одамро бе тафаккур тасаввур карда намешавад. Тафаккури инсон аз рӯи дараҷаи умумигардонии олами беруна характери объект ва субъект ва дараҷаи фаъолии шахс ба якчанд равия ҷудо мешавад. Тафакурро чун сифати фаъолияти фикркунӣ гирем, ҷараёни ин ё он муамморо ҳал кардани инсон ба назар гирифта мешавад. Дар давоми фикронӣ дар идора кардану ҷустани ҳалли муаммо саргузаштаҳои ҳиссии шахс аҳамияти муҳим касб мекунад.

Муносибатҳои ба ёрии тафаккур дар мобайни одамон дар ҷараёни фаъолияти меҳнат, таълим ва тарбия намоён мешавад. Тафаккури индевидуалӣ дар ҷараёни кор ва таълиму тарбия мазмуни замонавӣ касб мекунад. Дар натиҷа, сифатҳои тафаккур худро дуруст фаҳмида, ба фаъолияти худ дуруст баҳо додан, фикр кардан таркиб меёбад.

Инсон аз тарафи инсон идрок шуданаш дуруст баҳо гирифтанаш, ҳама маъсули тафаккур буда, мулоқотҳои байни шахсҳо ҳам аз одам қуввати иродавӣ, зиддияти ақли, тафаккури васеъ талаб кпрда мешавад. Кашфиётҳо, офарандагии фаъолияти меҳнатӣ, тахминҳои аҳамияти назарӣ ва амалӣ доштаи шахс буда, ғояҳо маҳсули тафаккури инсон мебошад.

Маълум, ки фаъолияти дониши инсон аз олами берунаро ҳис кардан, идрок кардан сар мешавад

Тафаккур ҳам маҳсули аъзоҳои ҳисси донистан, яъне дар асоси ҳис кардан, идрок, хотира ва хаёл намоён мешавад. Тафаккур ғояҳои ба худ зурурро аз объектги ҳиссӣ мегирад, баробари ин он манбаи асосии фикр рондан шуда ҳизмат мекунанд. Бо ёрии тафаккур, ҳис, идрок, хотира, хаёл бо дунёи модди бевосита мешавад, баъд ҳодиса ва чизҳо, имконияти дар нимшарҳои мия акс карданро соҳиб аст. Дурустии ин акскуни дар фаъолияти амали бо ёрии ақлу идрок мунтазам назорат мешавад.

Тафаккур ҳабарҳои дар хотира мавҷудбударо аз дигар кор карда, умумӣ мегардонад, барои тахмин кардани оянда имконият меофарад. Ба ин нигоҳ накарда воқеият дар тафаккур ҳама вакт ҳам аниқ, дуруст акс намешавад, баъзан ҳукм ва хулосаҳои бароварда ба тадбиқи амалӣ дуруст намеояд.

Барои ҳамин ҳам байни назария ва амалия вобастагии узвӣ, алоқаи зич шуданаш лозим аст. Тафаккур тасдиқ ва ё инкор мекунад.

Оиди нақши тафаккур дар фаъолияти инсон ҳаминро бояд таъкид кард, ки тафаккур таъсуротҳои дунёи берунаро умумӣ кунонида, вобастагии онҳоро ба воситаи сухан акс мекунад. Бо ёрии тафаккур дар дониши ҷамъ кардаи инсон тимсолҳои идеалӣ ҳодисаҳои рӯҳии ба инсон хос офарида мешавад.

Инсон фикри худро бо фаҳмишҳо ифода мекунад, фаҳмишҳое, ки оинаи фикр аст аз як ё якчанд калима иборат мешавад. Забон ва тафаккур ҳамин дараҷа ба ҳам вобаста аст, ки одам худро дар вақти фикр кардан чун гап задан, дар вақти гап задан бошад чун фикр кардан ҳис мекунад. Фаъолияти фикрроннии одам соҳиби моҳияти иҷтимоӣ мебошад. Тафаккури инсон, нутқи инсон дар асоси талаби эҳтиёҷи меҳнат, мубориза барои зиндагӣ, сохтани асбоби меҳнатӣ, истифодаи оқилонаи онҳо, таҷрибаомӯзӣ ва таҷрибаивазнамоӣ ба вуҷуд меояд. Бо шарофати нутқ устуворӣ, давомдори ва бомантиқии тафаккур ба вуҷуд омада, имконияти ба авлоди оянда расонидани мероси маънавии аҷдодонамон пайдо шуд.

Фаъолияти мураккаби таҳлилию таркибии пӯстлохи нимкурраҳои майнаи сар асоси процессии тафаккур мебошад. Дар натиҷаи таҳлил ва таркиби ангезандаҳои дарунӣ ва берунӣ дар пӯстлохи майнаи сар алоқаҳои муваққатии асабӣ ё ассотсиатсияҳое хосил мешаванд, ки онҳо механизми физиологии протсессии тафаккур мебошанд.

Тафаккури инсон аз ассотсиасияҳо (вобастагиҳо иборат буда, ин вобастагиҳо аз сабаби акс гардидани муносибатҳои объективии мавҷуди дар майнаи инсон ба вуҷуд меояд. Фаъолияти тамоми майнаи сар асоси асаб – тафаккури физиологӣ буда, дар ҷараёни фикркунии фаъолияти аналитикӣ, синтетикии мураккаби пӯсти майна асоси физиологӣ ҳисоб меёбад. Ин фаъолияти майнаи сар бо кори баробари системаҳои якум ва дуюм эзоҳ дода мешавад. Дар ҷараёни тафаккур системаи сигналҳо ба якдигар маҳкам пайваст мешавад. Барои нормалии ҷараёни фикри инсон системаи ҳар ду сигнал фаъол иштирок карданаш шарт аст. Системаи сигнали дуюм дар ин ҷои функсияи асосиро иҷро мекунад.

Просессии тафаккур аз талаби пайдошудаистодаи ба ин ё он савол ҷавоб додан, ҳал кардани ин ё он масъала, ин ё он душвориро бартараф намудан сар мешавад. Одам чӣ қадар донад ҷаҳонбиниаш ҳамон қадар васеъ бошад, ба ӯ ҳамон қадар саволҳо пайдо мешавад, фикррониаш ҳамон қадар фаъол ва мустақил мешавад.

Дар вақти оператсияҳои тафаккур гуфтан таҳлил ва таркиб, муқоиса кардан, абстраксия, умумигардонӣ, конкреткунӣ классификатсия ва системаноккунӣ фаҳмида мешавад.

**Таҳлил (анализ) .** Предмет ёки воқеа – ҳодисаҳое, ки тақсим шуда ба воситаи фикрронӣ ба қисмҳо ҷудо карда омӯхта мешавад, таҳлил номида мешавад.

Дар анализ чиз ва ҳодисаҳо амалан ба қисмҳо ҷудо шуда, хусусиятҳо ва нишонаҳои хоси онҳо таҳлил мешавад. Умуман, дониши оиди табиат ва ҷамъияти инсон аз таҳдид сар мешавад. Одам дар фаъолияти рӯзона аз ин оператсияи тафаккур ба мақсадҳои гуногун бисёр кор мефармояд. Талаба дар фаъолияти як рӯзааш ёки ҷараёни дарси яксоатааш бисёр корҳоро бо роҳи таҳлил ба амал меорад. Таҳлилҳои синтаксисӣ ё морфологии забон, иҷрои мисол ва масъалаҳои физикӣ ё математикӣ ва дигарҳо ба воситаи таҳлили фикрӣ рӯёб мешавад. Барои ҳамин ҷараёни дарсро (маъруза, машғулоти амалӣ) бе анализ тасаввур карда намешавад.

Ҳамин тавр, одам дар ҷараёни таҳлил дониши лозимиро ба қисмҳои таркибӣ ба воситаи ҷудо кардани бутунро ба қисмҳо, қисмҳоро ба бутун муносибаташро аниқ намуда, вобастагии дарунии онҳо ва моҳияташро дониста мегирад. Одам бо ин роҳ дониш меомӯзад. Ба воситаи таҳлили техникӣ моҳияти ҷисм ва предмет дуруст фаҳмида мешавад.

**Таркиб.** (синтез)

Таркиб акси таҳлил буда, дар ин оператсияи фикркунӣ муносибати бутун ба қисмҳо аниқ карда мешавад ва дар бораи муносибати байни қисмҳо ҳукм бароварда мешавад.

Дар ҷараёни синтез одам чизҳои ба вобастаи анализ ба қисм ҷудошударо фикран якҷоя карда, ба ҳолати бутун меорад. Таҳлил ва таркиб бо якдигар вобастагии узвӣ дорад. Монанди ҷараёни анализ ҷараёни таркиб ҳам ба ҷараёни таълим аҳамияти калон дорад. Хонанда аз овозҳо ҳиҷо, аз ҳиҷо калима, аз калима ҷумла сохта, фикрашро баён мекунад. Ин натиҷаи таркиб аст.

Агар предметҳо, воқеа-ҳодисаҳо таҳлил нашуда бошад, онҳоро синтез карда намешавад. Бинобарин таҳлил ва таркиб ду тарафи ҷараёни фикрии ягона аст. Масалан, талаба дар вақти конспект навиштан, реферат тайёр кардан, ба машғулоти амалӣ тайёри дидан, кори курсӣ ё диплом навиштан аз оператсияҳои таҳлилу таркиб ва ҳаракатҳои ақлӣ истифода мебарад.

Таҳлил дар бораи қисму ҳиссаҳои алоҳида маълумот медиҳад, таркиб бошад қисму ҳиссаҳои ҷудокардашударо якҷоя намуда дар бораи объект маълумот медиҳад. Масалан, талаба дар бораи фаҳмидани хусусиятҳои ягон растанӣ қисми онро- реша, тана, барг ва гулҳояшро

фикран ҷудо мекунад яъни таҳлил мекунад, баъд растаниро ҳамчун чизи яклухт (таркиб) тассавур мекунад.

**Муқоиса кардан.**

Муқоиса – ин фикран муқаррар намудани монандӣ ва фарқияти байни предмету ҳодисаҳои ҳақиқат мебошад. Одам барои олами берунаро акс кунонидан ҷиҳатҳои монандии чизҳо, тафовути онҳоро ёфтан барои фикр кардан аҳамияти амалии калон дорад. Оператсияи фикрронии иборат аз аниқ кардани фарқ ва монандии чизҳо воситаи асосии донистан ба ҳисоб меравад. Дигар хел карда гӯем, дар зери ҳар гуна тафаккур ва фаҳмидан муқоиса кардан мавҷуд. Одам ҳамаи чизҳоро бо роҳи муқоиса кардан меомӯзад. Муқоиса ҳам амалӣ ва назарӣ мешавад. Чизҳои конкрети бевосита қиёс карда шавад, ин муқоиса амалӣ мебошад. Масалан агар одам ду ручкаро, дафтари ду талабаро, ду ва ё се синфхонаро муқоиса кунад, ин муқоисаи амалӣ мебошад. Одам ба воситаи шуур чизҳои тасаввур кардаашро фикран муқоиса намояд, ин муқоисаи назарӣ мешавад.

Масалан, сифату феъл, зарбу тақсим, оксигену гидроген, секунҷаю росткунҷа, тундраю тайга, сохти ғуломдорӣ ва феодалиро муқоиса карда, талаба хусусиятҳои предметҳо ва ҳодисаҳоро чуқуртар దониста мегирад.

Маълумки одам имконияти ҳамаи ҳодиса ва чизҳоро бевосита акс кунониданро надорад. Барои ҳамин одам дониши худро бо роҳи фикр кардан, аз ҷиҳати мантиқӣ бой мегардонад. Аломат ва нишонаҳои хоси чизҳо дар асоси муқоисаи назарӣ дониста мешавад. Талаба фазилатҳои хоси дӯстонашро ба воситаи фикран муқоиса кардан бо қаҳрамонҳои асарҳои хондааш муқоиса мекунад ва фарқи онҳоро муайян намуда баҳо медиҳад. Яъне талаба, дар ҷараёни таълим чӣ қадар бисёр машқ кунад, малакаи муқоисакунии ӯ зиёд мешавад ва соҳиби тафаккури васеъ мегардад.

## АБСТРАКСИЯ

Ба воситаи фикр кардани абстраксиякунонии доир ба хислат, хусусият ва нишонаҳои чиз ҳукм баровардa мешавад. Дар фаъолияти инсон дар бораи нишонаи хос, сифат ва аломатҳои чиз ва ҳодисаҳо фикр рондан аҳамияти калон дорад.

Масалан, дар раванди маърифат аломати “зебоӣ”-и хоси табиат, ҷомеа ва одамони алоҳида хориҷ карда шуда, мафҳуми зебоӣ дар маҷмӯъ, яъне категорияҳои эстетикӣ баррасӣ мешавад, на дар бораи ғазалҳои он. Абстраксиякунонӣ фикрроние мебошад, ки хусусиятҳои муҳими ҳодиса ва чизҳо фаҳмида мешавад ва ин хусусиятҳо объекти мустақили тафаккур шуда мондааст. Донишҳое, ки мазмуни абсраксия дорад, аз тарафи одам бо душворӣ аз худ мешавад.

Аломати дар просессии абстраксия аз предметҳо ҷудо кардашуда бо дигар аломатҳо новобаста фикр карда шуда, объекти мустақили тафаккур мегардад. Масалан: ҳангоми мушоҳидаи объектҳои шаффофи гуногун: ҳаво, шиша, об ва ғайра, мо аломати умумии онҳо – шаффофиро ҷудо мекунем ва дар натиҷа, оиди шаффофӣ фикр карда метавонем, ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ, мошинҳо, одамон, ҳайвонҳоро мушоҳида намуда, мо аломати умумӣ ҳаракатро ҷудо мекунем ва дар бораи ҳаракат ҳамчун объекти мустақил фикр мекунем.

Абстраксия амалиёти тафаккур аст, ки бо ёри ин амал мо метавонем хосиятҳои муҳими ашё ва ҳодисаҳоро дар олами моддӣ ва аз ин хосиятҳо хоситяҳои дуюмдараҷаи ғайримуҳимии ашё ва ҳодисаҳоро фарқ мекунем.

## УМУМИГАРДОНӢ

Умумигардонӣ ҳамин тавр оператсияи тафаккур, ки дар он аломат ва хусусиятҳои хоси ҳодиса ва чизҳо омӯхта шуда, дар асоси умумкунонӣ якҷоя карда мешавад. Умумигардонӣ имконият медиҳад, ки мо аз абстраксия ва ҷамбасткунӣ ба предметҳо ва ҳодисаҳои ҳақиқат баргардем. Масалан: Дар асоси нишонаҳои умумӣ ва монанди тилло, пӯлод, оҳанро бо ибораи “металл” ном мегиранд. Себ, зардолу, шафтолуро бо номи “мева” ба забон мегиранд.

Умумигардонидан дар рафти таълим ҳамчун мисоли шарҳ додани фикри умумии муқаррар кардашуда баромад мекунад.

Дар ҷараёни тафаккур умумикунонидан доимо бо абстраксия вобаста мешавад. Дар асоси умумкунони ҷараёни абстраксиякунӣ мавҷуд аст.

Фикрронии одам дар асоси умумикунонӣ ба воситаи калима рӯёб мешавад. Масалан: дар калимаи “талаба” ҳазорҳо ҷавонони дар мактаб таълим гирифта истода ифода карда мешавад.

Умумигардонӣ дар рафти таълим аҳамияти муҳим дорад, донишҳои назариявии талабагонро бо ҳаёту амалия пайваст мекунадва барои дуруст фаҳмидани предмет, воқеа ва ҳодисаҳои ҳақиқат ёрӣ мерасонад.

Мувофиқи фикри психолог Э.Ғозиев оператсияи умумкунонии фикрониро ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

### Ҷамъбасткунӣ

Ҷамъбасткуни дар психология маънои дарёфт кардани хоситяҳо, аломатҳо, хусусиятҳо, хусусиятҳои ашё ва ҳодисаҳо ва омӯзиши онҳоро дар асоси ин ҷамъбаст доарад.

Аз рӯи мазмун:

| | |
|---|---|
| - элементарӣ; | - аз хусусӣ ба умумӣ; |
| - эмперикӣ; | - аз умумӣ ба хусусӣ; |

- бо фаҳмиш; - аз ягонаги ва умумӣ ва аз он умумӣ ба умумӣ;

- аз ҳолати умумии ягона боз ҳам ба умумитарин.

Оператсияи ҷамъбасткунии тафаккурро ба намудҳои болоӣ ҷудо кардан донишомӯзии талабаро осон мекунад ва фаъолияти хониши умумиро пурзӯр мегардонад.

**Мафҳум** – ин дониш дар бораи аломатҳои муҳим ва умумии предметҳо ва ҳодисаҳои ҳақиқат мебошад. Ҳар як предмет дорои аломатҳои муҳим ва камаҳамият аст. Масалан сифат ва қувваи равшанӣ барои чароғ аломати муҳим мебошад.

Дар айни замон барои чароғ ҳамчун асбоби равшанидиҳанда чунин аломатҳо, монанди шакл, ранг, материал, кӯҳна ёки навбуданаш тамоман алоқа надорад. Мафҳум – ин шакли баланди тафаккуре мебошад, ки дар он хосиятҳои умумӣ ва муҳими предмету ҳодисаҳо инъикос меёбанд.

**Шакл ва намудҳои тафаккур**

Шаклҳои асосии тафаккур мафҳум, муҳокима ва хулосабарорӣ мебошанд. Мафҳум яке аз шаклҳои тафаккур буда, хусусият, алоқа ва муносибатҳои муҳимтарини ашёву ҳодисаҳоро инъикос менамояд. Ҳар як ашё ва ҳар як ҳодиса аломатҳои гуногуни бисёрро соҳибанд. Ин аломатҳоро ба муҳим ва номуҳим ҷудо кардан мумкин аст. Аломатҳои муҳими ашё ин гурӯҳи аломатҳое мебошанд, ки ҳар яки онҳо дар ҳолати муайян заруранд ва дар маҷмӯъ кифояанд, ки бо ёрии онҳо ин ашёро аз дигараш фарқ кунем. Масалан, трапетсия ҳамчун фигураи геометрӣ як қатор аломатҳоро дорад: миқдори тарафҳо, кунҷҳо, бузургии тарафҳо, бузургии кунҷҳо, таносуби тарафҳо, масоҳати фигура. Аломатҳои муҳимтарине, ки тавассути онҳо фигураро ба гурӯҳи трапетсия нисбат додан мумкин аст, дуто мебошанд: мавҷудияти чор кунҷ ва паралел будани ду тарафи он мебошад. Набудани яке аз онҳо аз трапетсия набудани фигура шаҳодат медиҳад. Дигар аломатҳои он чун андозаи тарафҳо, кунҷҳо, таносуби онҳо, масоҳати фигура барои муайян кардани мафҳуми трапетсия номуҳиманд. Одамон хусусиятҳои муҳимтарини предмет ё ҳодисаҳоро дар ҷараёни таҷрибаи ҷамъиятии худ дониста мегиранд. Онҳо ин хусусиятҳоро бо калима ифода мекунанд. Калима бо донишу таҷрибаҳои ҳиссӣ, ки сарчашмаи муҳими мафҳум аст, алоқаманд аст. Бо мафҳумҳо фикр кардан, яъне бо калимаҳо фикр кардан аст. Аз худ кардани мафҳум ин маънои аз худ кардани маҷмӯи донишҳоро дар бораи ашёву ҳодисаҳо дорад. Ҳар қадар ки донишҳои мо васеъ шудан гиранд, ҳамон қадар мазмун ва мундариҷаи мафҳум низ васеъ мешаваду бой мегардад. Мафҳумро ба конкретию абстрактӣ ва тоқаю умумӣ ҷудо мекунанд. Вақте ки аз байни ҳамаи аломатҳои ашё як маҷмӯи аломатҳои

муайяне ҷудо карда шаваду он маҳз ҳамин ашё ё гурӯҳи ба он монандро тасниф диҳад, дар ин сурат мо бо мафҳумҳои конкретӣ сару кор дорем. Масалан, мафҳуми «шаҳр», «ҷамъият», «зиёӣ», «идея» ва ғайра. Агар аз ашё ягон аломат ҷудо карда шаваду он ҳамчун объекти махсуси омӯзиш қарор ёбад, он гоҳ ин мафҳуми абстрактӣ мешавад. Аз қабили чунин мафҳумҳо: «шуҷоат», «баробарӣ», «адолат», «ростқавлӣ», «ғамхорӣ» ва ғайра. Мафҳуми тоқа чунин мафҳумест, ки мазмуни он танҳо ба як ашёи алоҳида нисбат дода мешавад. Чунин мафҳумҳо тоқа мешаванд: «Шуриши Восеъ», «Шоҳнома» ва ғайра. Чунин мафҳумҳоро умумӣ меноманд, ки мазмуни онҳо на як, балки гурӯҳи предметҳоро ифода мекунад. Мисоли мафҳумҳои умумӣ: «самолёт», «давлат», «омӯзишгоҳи касби техникӣ», «муассиса» ва ғайра. Бояд гуфт, ки ҳар гуна мафҳум дар асоси таҷрибаи ҳиссӣ бо роҳи ҷудо намудани ягон аломат аз ашё ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, фарқияти мафҳум ва тасаввуротро қайд кардан зарур аст. Аввалан, тасаввурот образҳои аёнии предметҳо мебошад, вале мафҳумҳо ҳамеша бо кали ма ифода карда мешаванд. Дуюм ин ки дар мафҳумҳо танҳо хосиятҳои муҳими предметҳо инъикос карда мешаванд. Аммо дар тасаввурот мо аломатҳои номуҳим ва тасодуфро инъикос менамоем. Тасаввурот ба дараҷаи муайян, ба хусусиятҳои фардии шахс вобаста мебошад, лекин мафҳум дар бораи аломатҳои муҳими ҳамон як ашё дар одамони гуногун як хел мешавад. Мафҳумҳо дар ҷараёни тараққиёти таърихӣ ташаккул меёбанд ва дар протсесси тараққиёти фардии одам аз худ карда мешаванд.

Мазмуни мафҳум дар муҳокимаҳо дар шакли калимагӣ ошкор мегардад.

**Муҳокима** – мазмуни мафҳум дар муҳокима ошкор мешавад. масалан ин «хӯрок фоида надорад» аз ин ҷо маълум аст, ки муҳокима мазмуни мафҳумҳоеро кушода медиҳад. Пас, барои баён намудани ин ё он муҳокима муҳокима одам мазмуни мафҳумоеро, ки ба таркиби муҳокима дохиланд, бояд донанд, дар акси ҳол мазмуни мафҳум кушода намешавад. Агар шахс мафҳумҳои муайянро надонад дар бораи онҳо муҳокимаеро низ фаҳмонида наметавонад. Дар ниҳояти кор хеле дуруст будани муҳокима дар таҷрибаи шахс санҷида мешавад. Роҳи мантиқии санҷиши дуруст будани муҳокима хулосабарой номида мешавад.

Дар асоси муҳокимаҳо метавонем доир ба ҳодисаҳои олами объективӣ хулоса барорем. Шакли тафаккур, ки тавассути он дар асоси як ва ё якчанд муҳокимаҳо ҳукми нав бароварда мешавад, хулосабарорӣ ном дорад.

## ХУЛОСАБАРОРӢ

Хулосабарорӣ чунин фаъолияти мураккаби фикрӣ мебошад, ки инсон дар рафти он муҳокимаҳои гуногунро муқоиса ва таҳлил намуда, ба хулосаҳои нави умумӣ ё хусусӣ меояд. Хулосабарории индуктивӣ ва дедуктивӣ мешавад. Шахс аз ду намуди хулосабарорӣ истифода мебарад, ки онҳоро индуктивӣ ва дедуктивӣ меноманд.

**Индуктивӣ** – яке аз тарзҳои муҳокимароние, ки он аз муҳокимаҳои хусусӣ ба хулосаи умумӣ мебарад, индуксия номида мешавад.

Индуксия дар асоси омӯхтани фактҳо ва ҳодисаҳои алоҳида қонунҳо ва қоидаҳои умумӣ муқаррар мешавад.

**Дедуксия** чунин тарзи муҳокимароние мебошад, ки он аз муҳокимаи умумӣ ба хусусӣ мебарад.

Хулосабарории индуктивӣ ва дедуктивӣ ба монанди амалҳои фикрии таҳлил ва таркиб бо ҳамдигар алоқаманданд.

Тафаккури одам ғайраз илми психология предмети омӯзиши мантиқ ҳам мебошад. Мантиқ қонун ва шаклҳои тафаккури дуруст, аз ҷумла, қонун ва қоидаҳои хулосабарории дуруст, яъне муҳокимаи ба хулосаҳои дуруст оварандаро меомӯзад.ин тафаккури мантиқӣгуфта тафаккури асоснок, исботкунандаро меноманд, ки он ба муҳокимаҳои (муқаддимаҳои) ибтидоӣ такь намуда, хатман ба хулосаҳои дурусту объективӣ меоварад.

**Фаҳмиш** – ин нишонаҳои муҳими хоси чизҳо. Фаҳмиш ҳамчун просессии дар шуури одам инъикос ёфтани ҳақиқат аз муқарар намудани алоқаю муносибатҳои байни предмету ҳодисаҳо иборат мебошад.

Фаҳмидан ҳамеша ба системаи муаяни донишҳо – вурот ва мафҳумҳо – такья мекунад, ки одам дар асоси онҳо ягон ҳодисаи навро фаҳмида ва шарҳ дода метавонад. Агар ҳодиса бо донишҳои пештара алоқа надошта бошад ва бо онҳо такья накунад, он гоҳ фаҳмида шуда наметавонад. Пас, фаҳмидан просесси дар чизи нав шинохтани кӯҳнаву маълумро дарбар мегирад.

**Тафаккури танқидӣ** соҳиби фикри шахсӣ будан, фикри худро исбот кардан ва ҳаматарафа санҷидан ва фикру хулосаҳои худро баён кардан аст.

Одами хислати танқидии ақл доштагӣ ҳеч гоҳ баёноти худро мутлақо аниқ, бе савҳ ва пурра гуфта баҳо намедиҳад, доимо кӯшиш мекунад, ки фикрҳояшро дар амал санҷад. Ақли танқидӣ пеш аз ҳама ақли бонизом, ҷиддӣ ва масъулиятнок мебошад.

## НУТҚ ДАР ҶАРАЁНИ ТАФАККУР

Одамон дар ҷамъият чун ҷамоа зиндагӣ мекунанд. Меҳнати иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ зарурати алоқаи байниҳамдигарии одамонро ба миён меорад. Ин муносибат ба воситаи нутқ амалӣ мегардад.

Нутқ низ чун шуури инсон маҳсули меҳнат аст. Нутқ аз рӯи эҳтиёҷ ва зарурати алоқа бо дигарон пайдо шудааст.

Мо ба воситаи нутқ фикр, дониш ва таҷрибаи худро ба дигарон мерасонем ва фикри дигаронро мефаҳмем. Ҳолати рӯҳӣ, ҳиссиётҳоямонро низ ифода мекунем. Мо ба воситаи нутқ ба якдигар таъсир мерасонем. Нутқ фикр ва мақсади дар сар ва дил доштаи гӯяндаро ифода менамояд. Мо ба воситаи нутқ метавонем касеро хурсанд ё хафа, ноумед ё хушҳол кунем.

Доир ба нутқ дар ҳар халқ зарбулмасалҳои гуногун мавҷуд аст, ки он беҳуда гуфта нашудааст. Дар ин мақолҳо таъсири нутқ ба рӯҳияти одам зикр ёфтааст. Масалан, "Бо сухани нағз мор аз хонааш мебарояд", "Чизи аз ҳама ширин забон аст ва чизи аз ҳама талх низ забон аст".

Одамон ҳангоми мулоқот бо ин ё он забон ҳарф мезананд (ӯзбекӣ, русӣ, франсузӣ, немисӣ ва ғайра) ва калимаҳои асосии грамматикии онро истифода мебаранд.

Хулоса, нутқ воситаест, ки бо ёрии забон одамон бо якдигар дар алоқа мешаванд.

Баъзан терминҳои "нутқ" ва "забон"-ро бо ҳам омехта месозанд. Аммо нутқ ва забон як чиз нест. Агар забон аз системаи калимаҳо иборат буда, чун воситаи алоқа хизмат кунад, нутқ худи процесси алоқа аст. Лекин онҳоро аз ҳамдигар ҷудо карда намешавад. Онҳо дар якҷоягӣ мавҷуданд. Ҳар як забон дар давоми тараққиёти таърихӣ дар процесси алоқаи нутқи одамон ба вуҷуд омада ривоҷ ва сайқал ёфтааст. Инкишоф ва сайқалёбии забон ба гуфтугӯи доимии он вобаста аст. Агар одамон бо ин ё он забон гуфтугӯ накунанд, дар натиҷа, он забон ба инқироз дучор шуда, ба "забони мурда" табдил меёбад.

Нутқ на танҳо алоқаи байниҳамдигарии шахсон, балки воситаи зарури тафаккур, асбоби тафаккур ба шумор меравад. Зеро мо ҳангоми фикр ва фикрронӣ аз калима истифода мебарем ва фикри дигаронро мефаҳмем.

Тафаккур ва нутқ ҳодисаи гуногун бошад ҳам, бо ҳам алоқаи мустаҳкам доранд. Ривоҷи тафаккури ҳар кас ба инкишофи нутқи ӯ вобаста аст, инчунин ривоҷи нутқ низ ба инкишофи тафаккур вобаста мебошад.

## АСОСҲОИ ФИЗИОЛОГИИ НУТҚ

Нутқ дар давоми ҳаёт ва фаъолияти индивидуалии шахс азхуд мешавад. Ҳангоми гап задан мо сигналҳои овозро қабул карда, ба воситаи аппарати мускули оиди нутқ пайдоиши талаффузро мебинем.

Барои фаъолияти нутқ кори ҳуҷайраҳои асаби маркази мураккаби пӯсти нимшари калони мия талаб карда мешавад. Асоси анатомиву физиологии нутқ аввало аз апаратҳои мускули нафасгирӣ, овоз ва артикулясияи фонетикии нутқ иборат аст.

Нафасгири ба ҳаёт ва овозбарории инсон аҳамияти калон дорад. Он аз диафрагма, ӯпка ва мускулҳои роҳи нафас ва гулӯро ҳаракатдиҳанда иборат мебошад.

Аппарати овозбарорӣ – садопарда буда, он аз чаҳор тағоӣ иборат аст. Дар байни ин тағоиҳо дуто мускули дорои хусусияти эластикӣ мавҷуд аст. Ба воситаи нафасгири мушакҳои овоз ба ҳаракат омада, меҷунбад ва таранг ё суст мешавад. Агар мушакҳои овоз таранг шавад, онҳо ба ҳамдигар наздик мешаванд, дар натиҷа, ҳавои аз роҳи нафас баромада мушакҳои овозро ба ҷунбиш меорад ва овоз хосил мешавад.

Дар пӯстлохи мияи сар се хел маркази нутқ мавҷуд аст: маркази шунавоӣ, маркази ҳаракаткуни ва маркази биниш.

Маркази шунавоӣ дар тарафи чапи нимшара, қисми пушти пешона ҷойгир буда, суханҳои шунидаро идрок мекунад, фикри дигаронро мефаҳмад ва аз худкуниро таъмин менамояд. Агар ин марказ зарар бинад, инсон суханҳои дигаронро мешунавад, аммо маънояшро намефаҳмад. Ин афазияи сеҷорӣ номида мешавад. Дар натиҷаи афазия нутқи даҳонӣ ё хаттии шахс вайрон мешавад.

Маркази ҳаракати нутқ дар қисми пешонаи тарафи чапи нимшараи мияи сар ҷойгир буда, нутқи сухангӯйро ба вуҷуд меорад. Агар ин марказ зарар бинад, кас сухани дигаронро шунида маъноягшро фаҳмад ҳам, худ гап зада наметавонад. Дар натиҷаи ин беморӣ нутқи дохилӣ низ вайрон мешавад.

Маркази биниши нутқ дар қисми қафои мияи сар ҷойгир буда, кас ба воситаи он хати навишташударо мехонад ва ҳарфҳоро идрок мекунад. Агар ин марказ шикаст ёбад, кас ҳарфҳоро намешиносад ва хонда наметавонад.

Солҳои охир дар натиҷаи тадқиқотҳои илмии олимони физиолог ва психолог (П.К.Анохин, А.Р.Лурия, А.Н.Леонтев, Д.Н.Узнадзе ва дигарон) маълум мегардад, ки фаҳмонидани асоси физиологии фаъолияти нутқ чун гуфтаҳои болои кам аст. Чунки мисли дигар маразҳо дар маркази нутқи пӯстлохи мияи сар сарҳад нест ва дар алоҳидагӣ ҳаракат намекунад.

Мувофиқи маълумоти П.К.Анохин асоси физиологии фаъолияти нутқро якчанд идтиҳоди системаҳои мураккаби функсионалӣ ташкил мекунад.

## НАМУДҲОИ НУТҚ

Нутқ аз рӯи хусусият ва вазифаҳояш асосан ба се намуд ҷудо мешавад: нутқи даҳонӣ, хаттӣ ва дохилӣ.

Нутқи даҳонӣ. Одатан одамон ҳангоми мулоқот бо якдигар фикрашонро овоз баровaрда, сухан ронда амалӣ мегардонанд. Суханкунанда ҳиссиёти худро на танҳо бо сухан, балки бо воситаи имову ишора, мимика ва

интонатсия низ ифода мекунад. Шунаванда бошад, диққати худро ҷалб намуда, нутқи маърӯзачиро мешунавад, маънои онро дуруст дарк мекунад.

Нутқи байни ҳамдигарии шахсон аз рӯи хусусият ва характер диологӣ ё монологӣ мешавад.

Нутқи диологӣ проссеси сӯҳбати ду ё аз он зиёд шахсон аст. Дар он бояд ҳамсӯҳбатон фаъол бошанд. Ба воситаи нутқи диалогӣ мусоҳибон фикри якдигарро тез фаҳмида, тасдиқ ё инкор менамоянд. Ин нутқ боз як хусусият дорад, ки калимаи ба ҳамсӯҳбат маълум мумкин аст партофта мешавад. Баъзан нутқи диологӣ ғайри ихтиёрӣ мешавад, зеро ҳангоми сӯҳбат фикрҳои нав ба нав ба вуҷуд меояд. Лекин ин нутқ мумкин аст нопурра бошад. Ин ба шароит вобаста мебошад.

Нутқи монологӣ бошад, аз нутқи диалогӣ тафовут дорад. Он нутқи ба дигарон равонакардашудаи як шахс аст.

Нутқи монологӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос аст. Дар нутқи монологӣ бояд ба бурро ва фаҳмогии калимаҳо, ботаъсирии фикр эътибор дода шавад.

Аз нишонаҳои хатти истифода бурда, нутқ сохтан мумкин аст, ки ин нутқи хаттӣ мебошад. Нутқи хаттӣ яке аз намудҳои нутқи монологӣ буда, бештар ба дигарон нигаронида мешавад.

Нутқи хаттӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос аст. Бояд гуфт, ки нутқи хаттӣ ба воситаи сохти мукаммал ва мураккаб ифода меёбад. Зеро он ба шахсони аз рӯи масофа ё замон нигаронида мешавад. Аз ин рӯ ҳангоми навиштани мактуб, мақола, китоб ва дигар асарҳо бояд ба қоидаҳои грамматикӣ риоя намуд. Вагарна мазмуни матнро ҳар кас гуногун мефаҳмад. Ин боз барои он лозим аст, ки мо дониш ва таҷрибаамонро ба насли оянда бо роҳи хаттӣ мегузорем ва он бояд фаҳмо бошад.

Боз як намуди нутқ мавҷуд аст, ки онро нутқи дохилӣ меноманд. Нутқи дохилӣ ба худи шахс мутааллиқ буда, нутқи ҳангоми фикру хаёл аст. Одатан он бесадо мегузарад. Дар баъзе ҳолатҳо бо овози паст, баъзан баланд гап мезанад. Ин ҳодиса бештар ҳангоми аз ягон чиз мутассир гардидан, ҳаяҷон ё пушаймонии кас рӯй медиҳад. Кас нафаҳмида якбора бо овози баланд гап мезанад. Ё баъзе калимаҳоро баланд талаффуз мекунад. Дар бисёр ҳолат кас ба фикру андеша гӯта зада, ба рӯяш тағйирот пайдо мешавад. Сарашро ҷунбонда, қошашро мепарронад ва даст меафшонад. Ин бо ҳаракатҳо ифода ёфтани нутқи дохилӣ мебошад. Ин ҳодиса аксар ба бачаҳои хурдсол дида мешавад. Бача ҳангоми бозӣ худ аз худ “ким-чиҳо” гӯён гап мезанад. Яъне, чизи фикркардаашро бо овоз такрор мекунад.

Нутқи дохилӣ мумкин аст нопурра ва аз қисмҳо иборат бошад. Масалан, ҳангоми кофтукоби сумка “дар хона фаромӯш кардаам” ё худ “нагирифтаам” гӯён зери лаб пичиррос мезанад.

## АФСОИШИ НУТҚИ БАЧАҲО

Дар ҳаёти инсон нутқ дар давраи муайян пайдо шуда, инкишоф меёбад. Ин инкишофёбӣ асосан ба се давр тақсим мешавад. Даври аввал – давраи пеш аз азхудкунии нутқ. Ин аз думоҳагӣ то ёздаҳмоҳагии кӯдак рост меояд. Давраи дуюм – давраи нахустини азхудкунии нутқ. Ин мумкин аст аз ёздаҳмоҳагӣ то яксолаву ҳафтмоҳагии бача давом мекунад. Давраи сеюм - аз синни яксолаву ҳафтмоҳагӣ то сесолагии бачаро дар бар мегирад. Баъдтар дар нутқи бача дигаргуниҳои принсипиалӣ мушоҳида намегардад. Танҳо фонди луғавӣ бой гардида, формулаи грамматикии калимаҳо меафзояд.

Инкишофи нутқи бача бо тараққиёти проссесҳои психикӣ вобаста буда, ба он муҳити зист низ таъсир мерасонад.

Бачаи ҷисмонан камолёбанда аз ҷиҳати ақлӣ, психикӣ низ такмил меёбад. Фонди луғавӣ рӯз то рӯз бой мегардад. Калимаҳои ифодакунандаи воқеаву ҳодиса, номи предметҳо, баъдтар сифат ва рақамҳо пайдо мешаванд. Масалан, бачаи дусола метавонад тахминан 300, 500 калимаҳоро азхуд намояд. Нутқи бача аз дусолагӣ то 5-7 солагӣ тез инкишоф меёбад. Баробари ин тафаккури ӯ низ ривоҷ меёбад. Бача дар бораи дидаву шунидаҳояш бисёр савол медиҳад, калима ва ибораҳои навро азхуд мекунад. Албатта барои ин ба бача тарбияи дуруст лозим. Бо ӯ сӯҳбат карда, китобҳои шавқовар ва афсонаҳо гуфтан мувофиқи мақсад аст.

Дар вақташ азхудкунии нутқ ва бойсозии фонди луғавӣ барои минбаъд дар мактаб хуб хондани бача кӯмак мерасонад.

Ба воситаи ҳамаи фанҳо фонди луғавии хонанда бой мегардад. Бачаҳо ба нутқи худ бошуурона муносибат мекунанд. Ба он фанҳои забон ва адабиёт мавқеи ҷудогона дорад. Зеро, он ба хонандагон талаботи қонунҳои грамматикии нутқро меомӯзад.

## МАВЗӮЪИ 12. ИРОДА

Чунин фаъолияти психикии одам, ки дар амалҳои шурона ва барои ба даст даровардани мақсади муайян нигаронидашуда зохир мегардад ва иҷрои ин амалҳо ба бартараф намудани душворию монеаҳо алоқаманд аст, ирода номида мешавад.

Ирода маҳз дар он ифода меёбад, ки одам дар роҳи ба мақсад расидан барои бартараф намудани монеаю душвориҳо чи гуна қобилият дорад, то

кадом андоза ба мӯҳтоҷи ва қурбони тайёр аст, то кадом дараҷа рафтори худро мекунаду фаъолияти худро ба мақсаду вазифаҳои муайян тобеъ карда метавонад.

Бартараф намудани монеаю душвориҳо бо зуҳуроте алоқаманд аст, ки онро кӯшиши иродави меноманд.

Ирода дар ҳаёти ҳаррӯзаи одам зохир мегардад, вале зуҳуроти равшани он махсусан дар вазъияти мураккабу бомасъул дида мешавад. Корнамони гвардиячиёни ҷавон, Зоя Космодемьянская, парвозҳои қаҳрамононаи кайҳоннавардони мо дар бораи он шаҳодат медиҳанд, ки иродаю корнамои аз ҳамдигар ҷудо нашавандаанд. Дар рафтору амали онҳо чунин ирода равшан намоён шуд, ки он ба сифатҳои наҷиби ахлоқии одамони совети такя мекунад. Ин хел иродаро иродаи ахлоқан тарбия кардашуда меноманд, ки он бо бартараф намудани душвориҳои ғайри муқаррарӣ ва монеаҳои калон алоқаманд аст.

Фаъолияти иродави инчунин бо ҳиссиёти одам зич алоқаманд мебошад. Бо рағбат ба сӯи мақсад майл кардан, ки бо ҳиссиёти калону наҷиб қувват дода шудааст, барои бартараф намудани ҳар гуна душвори ва ба ҳар хел маҳруми тоб овардан имконият медиҳад. Одами фориғ бол ва ба ҳар чиз бепарвоёна муносибат мекардаги ба зуҳуроти ҳақиқи ирода қобилият надорад, ӯ на мубориз шуда метавонаду на эҷодкор.

Хусусиятҳои хоси фаъолияти ихтиёрӣ аз ин иборатанд:

1) Амалҳои ихтиёрӣ ҳамеша аз ҷониби шахс ҳамчун субъекти онҳо анҷом дода мешавад.
2) Амали ихтиёрӣ, амал корест, ки дар он шахс масъулияти пурра ба дӯш дорад, зеро амал аз даруни (дар олами ботнӣ) бахшида мешавад.
3) Бинобар фаъолияти ихтиёрӣ, шахс худро аз бисёр шахсият қабул мекунад.
4) Аз сабаби фаъолияти ихтиёрӣ, шахс дарк мекунад, ки роҳ ва сарнавишти худро худаш муайян мекунад ва ғайра. Дар айни замон вазифаҳои фаъолкунанда ва маҳдудкунандаи (тормоздиҳии) ирода якҷоя танҳо вақте, ки вазифаҳои онҳо якҷоя кор мекунаанд, онҳо метавонанд кафолат диҳанд, ки шахс монеаҳои ба ҳадафи худ расидаро бартараф мекунад.

Ирода дар ҳамаи намудҳои фаъолияти одам зохир мешавад. Масалан, меҳнатро бе кӯшиши иродави, бе фаҳмидани мақсад ва натиҷаҳои меҳнат, бе маҳорати ба анизандаҳои диққатро парешонкунанда муизандаҳои диққатро парешонкунанда муқобилият нишон додан ва бе бартараф намудани ҳастаги тасаввур кардан мумкин нест. Ирода дар фаъолияти таълими низ ҳамеша зохир мегардад. Дар ҳар дарс ва ҳангоми супоришҳои ҳонаги ба талаба лозим

меояд, ки душвориҳои гуногунро бартараф намояд ва худро ба даст гирад. Кӯшишҳои иродави ҳангоми бозиҳое ҳоли, ки мутамарказияти калони ирода, устуворона аз паи мақсад шудан ва худдори карда тавонистанро талаб мекунанд, зохир мегарданд.

Амали иродави монанди тамоми фаъолияти психикии одам фукцияи майна мебошад.

Ҳар як амали иродавии одам қонунан бо сабабҳои объективи, яъне бо сохти психикии шахс, ҷаҳонбинии ӯ, шароити муайяни ҳаёт, бо таъсири муайяни муҳити беруни ва ғайра муайян карда мешавад. Вале мураккабии ҳаёти психикии одам ва таъсироти беруни, ки дар ва бавосита шуда метавонанд, аксар вақт барои муайян намудани сабабҳои бевоситаю объективии ин ё он амалҳои иродавии одам имконият намедиҳанд. Маҳз ҳамин ба пайдоиши иллюзияи “озодии пурраи ирода” ва мутлақо ихтиёри будани рафтори одам сабаб мегардад.

Дар одам ба амалҳои иродави қобилият доштан дар баробари ба фаъолияти меҳнати гузаштани аҷдодонамон ба вуҷуд омадааст. Ҳайвонҳо ирода надоранд. Ирода чунин ҷиҳати фаъолияти психики мебошад, ки танҳо ба одам хос аст. Ҳайвонҳо пассивона ба табиат мутобиқ мешаванд.

Меҳнат ҳамчун фаъолияти шууронае, ки ба тобеъ гардонидани табиат ва дигаргунсозии он нигаронида шудааст, танҳо ба одам хос аст. Иродаи одам дар меҳнат ташаккул меёбад.

Иродаи одамон вобаста ба шароити ҷамъиятию таърихӣ, вобаста ба шароити ҳаёти моддии ҷамъият ташаккул меёфт ва дигаргун мешуд.

Дар ҳар як амали иродави ду зинаро ҷудо кардан мумкин аст. Якумаш зинаи тайёри, ки дар он мақсадро фаҳмида мегиранд, роҳи воситаҳои ба мақсад расиданро муайян намуда, қарор қабул мекунанд; дуюмаш зинаи иҷрошаванда, дар он қарори қабулшударо иҷро мекунанд.

Зинаи тайёри зинаи амали фикри, мулоҳиза ва муқоисаи имкониятҳои гуногун мебошад. Ҳар як амали иродави ҳамчун амали мақсаднок ҳамеша аз гузориш ва равшан фаҳмидан лозим аст.

Мазмуни зинаи тайёрии амали иродави вобаста ба он, ки барои ба мақсад расидан монеаҳои дохили ё беруни ҳастанд ё не, гуногун мешавад. Ҳангоми мавҷуд будани монеаҳои дохили (тарс, танбали, мондашави, дард, одат ва эмоцияҳои гуногуни барои иҷрои амалҳо ҳалалрасонанда) зинаи тайёри аксар вақт ба худ характери муборизаи маромҳоро мегирад; дар сурати мавҷуд будани монеаҳои беруни (агар дар бораи муборизаи маромҳо сухан наравад) ин зина характери бапландарори, интиҳоби тарзи амалро мегирад.

Муборизаи маромҳо дар амали иродави (ва майлҳои) одатан ин муборизаи байни шууру ҳиссиёти вазифашиноси ва майлҳои ба вазифа муқобил мебошад. Ирода маҳз дар маҳорати ба иҷрои он чизе, ки ҳиссиёти вазифашиноси муайян мекунад, худро маҷбур намудан ва паҳш карда тавонистани майлҳои ба вазифа муқобил зохир мешавад. Дар сурате, ки сухан дар бораи иҷрои кори заруриё мехостаги меравад, мароми “зарур”-ро афзалтар донистан равост. Масалан, талабае ба муаллим дағали зохир кард, аммо ҳатомиро эътироф намудану узр пурсидан намехоҳад. Рафиқи ӯ мекалавад, рафиқамро танқид кардан намехоҳад, вале оқибат маромҳои ҳиссиёти вазифашиносию масъулият маромҳои дӯстию рафоқати қалбакиро паҳш мекунанду ӯ гунаҳкорро кушоду равшан маҳкум менамояд.

Зинаи тайёрии амали иродави бо қабул намудани қарори муайян тамом мешавад.

Дар амали мураккаби иродавӣ зинаҳои зеринро ҷудо мекунанд:

1) фаҳмидан мақсад ва кӯшиши расидан ба он;

2) фаҳмидани як қатор имкониятҳои бамақсадрасӣ;

3) ба вуҷуд омадани маромҳое, ки ин имкониятҳоро тасдиқ ё инкор мекунанд;

4) муборизаи маромҳо ва интихоб;

5) қабули яке аз имкониятҳо ба сифати иҷрои амал;

6) амалӣ намудани қарори қабулкардашуда.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар зинаи фаҳмидани мақсад ва кӯшиши расидан ба он амали мураккаб на ҳама вақт муборизаи маромҳо рӯй медиҳад Агар мақсад равшан бошаду пешакӣ иҷрои он барои иҷрокунанда низ но гузир бошад, он гоҳ фақат фаҳмидану дар худ ташаккул додани образи ояндаи натиҷаи амал мемонаду халос. Муборизаи маромҳо дар ин зина он вақт ба амал меояд, ки агар дар одам имконияти интихоби мақсадҳо пайдо шавад. Муборизаи маромҳо дар рафти фаҳмидагирии мақсадҳо ба амал меояд ва як зинаи муайяни фаъолияти иродавиро ташкил медиҳад. Ҳар як маром пеш аз он, ки ба мақсад табдил ёбад, аз зинаи хоҳиш (агар мақсад мустақилона интихоб шавад) мегузарад. **Хоҳиш** – ин ба таври идеалӣ (дар мағзи сари одам) вуҷуд доштани мазмуни талабот аст. Чизро хостан – ин пеш аз ҳама донистани мазмуни водоркунандаи амал аст. Ҳар як хоҳише, ки ба мақсади амали иродавӣ мубаддал мегардад, аз тарафи инсон ботинан ҳарҷиҳата таҳлил карда мешавад ва дар рафти он далелҳои «тарафдор» ва «муқобил», тарафҳои мусоидаткунандаю халалрасон ба иҷрои хоҳиш дида баромада мешаванд.

Иҷрои қарори қабулшуда зинаи навбати ва муҳимми ҳар гуна амали иродави мебошад. Бе ин зина амали иродави вуҷуд надорад. Одаме, ки дар

назди худ фақат мақсадҳои олимаҳои ва муҳим мегузораду фақат қарор қабул мекунад, вале онҳоро дар амал татбиқ намекунад, корро ба охир намерасонад, одами боирода нест.

Иҷрои қарор ду шакл дошта метавонад: шакли амали беруни (рафтори берунии иродави) ва шакли аз амали беруни худдори намудан (рафтори дохилии иродави).

Ба мақсад расидан натиҷаи амали иродави мебошад. Мақсад иҷро ва душвориҳо бартараф карда шудаанд, акнун одам қаноатмандии маънавиро ҳис мекунад ва ба фаъолияти нав, ба сӯи муваффақиятҳои нав маӣ менамояд.

## СОХТОРИ САНАДИ ИРОДА

Ҳама амалҳои равонӣ, аз рӯи табиати худ, ҳамчун равандҳои равонӣ, лаҳзаҳои равонӣ, ҳолатҳои рӯҳӣ, ки як қисми амали ирода мебошанд, таҷассум ёфтанд. Оғози амали ихтиёрӣ расидан ба ҳадаф аст дастурҳо барои амалӣ кардани хохишҳои воқеан возеҳанд дар қарори оқилонаи хидмат инъикос ёфтааст. Ҳангоми сухан дар бораи амалҳои ихтиёрӣ равоншиносӣ инро таъкид мекунад ҷараёни ботинии маҷбуркунии ихтиёрӣ на танҳо дар қабули қарорҳо балки дар тезонидани иҷрои он ҳам.

## СИФАТҲОИ ИРОДАВИИ ОДАМ

Таҳлили амали иродави барои худо намудани як қатор сифатҳои иродавии одам, ки ҳар кадоми онҳо зуҳуроти алоҳидаи иродаро тавсиф медиҳанд, имконият медиҳад. Мақсадноки, қатъият, суботкори, худдори, мардонаги, ҷасури, боинтизоми – чунинанд сифатҳои ирода.

Мақсадноки – ин маҳорати рафтори худро ба мақсади устувори ҳаёт тобеъ кардан, тайёру қатъи будан барои сарф намудани тамоми қувваю қобилияти худ баҳри одам он мақсад ва пайдарпаю бемайлон ба вуҷуд овардани он мақсад мебошад.

Мустақили – ин маҳорати рафтори худро ба фикру эътиқодҳои шахсии худ тобеъ карда тавонистан мебошад.одами мустақил ҳамеша барои дида баромадани маслиҳату нишондодҳои дигарон ва ба онҳо баҳо додан тайёр аст ва агар онҳо оқилона бошанд, ба қабул намуданашон низ омода аст.

Талқиншавандагӣ, ки ба негативизм муқобил меистад, низ сифати манфии ирода мебошад. Одами талқиншаванда ба осони ба таъсири одамони дигар фирефта мешавад, ба маслиҳатҳои бегона танқидона рафтор карда наметавонад ва дар мавридҳои заруpи ба онҳо муқобилият нишон намедиҳад, ҳар гуна маслиҳатҳои бегона, ҳатто маслиҳатҳои дидаю donиста беасос гуфташударо қабул мекунад.

Қатъият – ин қобилияти сари вақт қабул кардани қарори асосноку устувор ва бе таърихи зиёдати ба иҷрои он шурӯъ кардан мебошад. Қатъият махсусан дар вазъият мураккаб, дар мавриде ки аз якчандто роҳи ҳал имконияти интиҳоб намудани яктоаш мавҷуд аст, дар он ҷое, ки амал бо хавфи муаян алоқаманд аст, равшан зохир мешавад.

Сари вақт қабул кардани қарор – ин маҳорати дар лаҳзаи зарури ва мувофиқи талаби шароит қабул намудани қарор мебошад. Одами қатъи дар сурати мусоид будани шароит барои қабул намудани қарор саросема намешавад. Ин ба одам имконият медиҳад, ки ба вазъият дурусттар сарфаҳм равад, ба он дуруст баҳо диҳад, маълумотҳои иловаги ҷамъ кунад ва ҳамаи имкониятҳоро муқоиса намуда, қарори асоснок қабул кунад.

Натиҷаи асоснокии қарор қатъи ва устувории он мебошад. Сари вақт ва боҷуръат ба иҷрои қарор шурӯъ намудан нишонаи муҳимми қатъияти мебошад. Қатъият ғайр аз ин чунин маъни дорад, ки одам ҳангоми тағъир ёфтани вазъият иҷрои қарори қабул кардашударо зуд нигоҳ медорад ё тамоман қатъ мекунад.

Суботкорӣ – ин маҳорати то ба охир бурда расонидани қарори қабул кардашуда, дар роҳи он ҳар гуна монеаю душвориҳоро бартараф намудан ва ба мақсади гузошташуда ноил гардида мебошад.

Худдорӣ – ин қобилияти худ ва рафтори худро ҳамеша назорат кардан, худ ва ҳоҳишу ҳиссиёти худро идора карда тавонистан мебошад. Ин сифат қобилияти аз зохир намудани амалҳое, ки дар шароити муайян нодаркор ё зарарнок ҳисоб меёбанд, худро нигоҳ дошта тавонистан, ҳатто дар вазъияти мураккаб ва душвор ҳам ботамкин монданро дар назар дорад. Чунин одам тобовар ва пурсабр аст. Ӯ қобилият дорад, ки дар мавриди зарури бо мусибат ва маҳрумиҳое, ки азоби ҷисмони меоваранд, тоб оварад ва агар зарур шавад, талабҳои худро (гуруснаги, ташнаги, талаботи истироҳат ва ҳоказо) боздорад.

Ягравиро ҳамчун сифати манфии ирода аз суботкорӣ фарқ мекунад, ки одам суботкор ба сӯи мақсаде, ки характери мусбат доштанаш равшан аст, майл мекунад, одами якрав аз паси мақсадҳои бехирадона мешавад.

Мардонаги ва ҷасури – ин аз хавфи барои ҳаёт ва осудагии шахси мавҷудбуда натарсидо, мусибат, азият ва маҳрумиро бартараф карда, барои ба мақсад расидан тайёр будани одам аст. Барои иҷрои амалҳои хавфнок тайёр будани одам  хусусият умумии ин ду сифат аст. Аммо мардонаги на танҳо мавҷудияти ҷасури, балки инчунин мавҷудияти суботкори, худдори, ҳунсарди ҳангоми хавфи ба ҳаёт таҳдидкунанда, бовари ба худ ва ба дурустии кори худ ва дар роҳи ба мақсад расидан ҳатто ба қурбони тайёр будани одамро дар назар дорад.

Боинтизоми – ин ба қоидаҳои ҷамъияти шуурона тобеъ кунонидани рафтори худ мебошад. Боинтизоми завлонал ирода намебошад. Баръакс, ба қоидаҳо риоя намудан ва иҷро кардани супоришҳо иродаи одамро тараққи медиҳад, ӯро ба аниқ иҷро кардани вазифаҳо, ба бартараф намудани монеаҳои беруни ва дохилии дар роҳи мақсад дучоршаванда одат мекунонад, ба ӯ баҳри чизи "зарур" бартараф карда тавонистани "намеҳоҳам"-и худро ёд медиҳад.

## МАВЗӮЪИ 13. ҲИССИЁТ
### (Эҳсос – эмотция)

Аксар предмет, воқеа, ҳаракатҳо инсонро шод мекунад, ҳаловат мебахшад. Баъзе чизҳо ҳафа карда, қаҳру ғазабашро меорад, беҳузур менамояд.

Шахс нисбат ба характери таъсироти беруна (нисбат ба эҷоби ё салби) муносибати ҳешро баён мекунад. Ҷиҳатҳои хуби таъсироти беруна нисбат шахс муносибати иҷобиро ба вуҷуд меорад. Ҳаловатбари, қоилмони, ҳузру ҳаловат, шодиву хурсанди ҳолатҳои муносибатҳои иҷоби мебошад.

Ҷиҳатҳои таъсири ноҳуши ба шахс муносибатҳои салби пайдо мекунад.

Шахс дар давоми фаъолияти рӯзонааш ҳолатҳои гуногуни ҳиссиро аз сар мегузаронад. Агар он зери ҳавф бошад, тарсро ҳис мекунад, ба муваффақиятҳо ноил гардад, завқ мегирад. Хулоса, манбаи пайдоиши ҳиссиёт хоҳиш, эҳтиёҷ ва натиҷаҳои он аст.

Ҳаракатҳои барои қонеъсозии эҳтиёҷҳои шахс агар ба муваффақият ноил гардад, ҳисси иҷоби ва агар ба мағлубият дучор шавад, ҳисси салби бедор мешавад.

Эмотсияи гуногун ба хулқу атвори кас оҳанги ба худ хос медиҳад гузариши барқарорро ба вуҷуд меорад. Баъзан ҳиссиётҳо банохост ва бошиддат пайдо шуда, тез мегузарад.

Бояд таъкид кард, ки ҳолатҳои эмотсионали дар одамон гуногун мешавад. Дар аксар одамон ин ҳолат барқарор, таъсирнок, чуқур бошад, дар баъзеашон сабук мегузарад. Ҳиссиётҳои одамон бо чуқур, қави, барқарор ё беқарори аз ҳамдигар тафовут доранд. Ҳолати ҳиссии ҳар як шахс ба ҷаҳонбини, равандҳои ғоявӣ ва идеалии ӯ вобаста аст.

Ҳиссиётҳои иҷоби тамоми вуҷуди касро фаро гирифта, ҳаёти ӯро боз ҳам пурмазмун, пурра ва баиҳтиёр месозад.

Ҳиссиёт барои хулосабарори дар бораи шахс, ҳолатҳои психики ва хусуиятҳои индивидуалии вай имкон медиҳад. Ҳиссиётҳо одамро ба сӯи мақсади ягона ҳидоят намуда, ба инсони баркамол табдил медиҳад.

Дар ҳиссиёт моҳияти субъективи ва сотсиалиги мавҷуд аст. Аз нутқаи назари субъективи ба ҳиссиёт баҳои додашуда баъзан ба моҳияти сотсиалии он дуруст намеояд. Аз назари субъективи воқеаи нохуш, озордихандаи шахс дар эътибори сотсиали ҳиссиёти иҷоби ба шумор меравад. Масалан, шармидан барои шахс ҳисси нохуш буда, бо душвори мегузарад. Аммо аз нуқтаи назари моҳияти сотсиали шарм ҳисси баланди иҷобиву ахлоқист. Агар донишҷӯи тартибвайронкарда ҳангоми ба интизомдаъваткуни, шарм накунад, ӯ аз фазилати баланди инсони маҳрум мебошад. Ғазаб ёки нафрат дар субъект ҳолати салби, нохуш аст. Лекин ғазабу нафрат нисбат ба душман, ҳаракати бар хилофи ахлоқ, беинтизоми, қонуншикани чун сифати баланди ахлоқи моҳияти мусби касб менамояд. Аз ҳамин сабаб ба ҳиссиёт аз нуқтаи назари иҷтимои ба ғояҳои халқи ва принсипиали бояд такя намуд. Аз ин ҷиҳат фикри зерини Баҳовиддини Нақшбанд аҳамияти ҷудогона дорад:

– Ҳазрати Баҳовиддин, оё бо қахр ба толиби илм таъсир расонидан дуруст аст?

Он кас чунин ҷавоб доданд:

– Қаҳр, яъне ғазаб ду маъно дорад. Қаҳру ғазаби ҳақики сифати камолот мебошад. Дар он барои беэътибории тарбиягиранда истифода шуда, ӯро ба забон бесабаб зараровар аст.

Ҳаракатҳои эмотсионали аз нуқтаи назари барқарор ё беқарори ба се гурӯҳ ҷудо мешавад:

1. Ҳолатҳои дарозмуддати якчанд моҳ ё солҳо давомдиханда;
2. Ҳолатҳои рӯзҳо, ҳафтаҳо ва моҳҳо давандиханда;
3. Ҳолатҳои сонияҳо, дақиқаҳо, соатҳо давомдиханда.

Ба се гурӯҳ ҷудошавии ҳолатҳои эмотсионӣ ба характери таъсир ва сифатҳои индивидуалии шахс вобаста аст. Як таъсир ба ҳар шахс бо қувваи гуногун мерасад ва ҳолатҳои ҳиссии дараҷаи ҳар хеларо ба вуҷуд меорад.

Сабабҳои ба вуҷудории ҳаракатҳои ҳиссии гуноун стимулҳо ё худ манбаъҳо номида мешавад. Ҳолати ҳиссии манфи ва салби низ дар ҳаракатҳои шахс ифода меёбад.

Баъзе ҳолатҳои эмотсинали ҳаракати фаъолонаро ба вуҷуд меорад, аксар бо оҳистаги мегузарад. Ин намуди ҳиссиётҳои пассив синтементали ном дорад. Синтементали ҳолати ҳиссии беҳаракат буда, дар он шахс бо сухан қонеъ мешавад, аз афсӯс, оҳу воҳ, гиря берун намебарояд.

Дар шахс назар ба пайдоиши исён ҳиссиётҳо ба стеники (аз калимаи юнонии «стенос» – қувва рӯҳбахш) ки ҳаёту фаъолияти одамро баланд мебардорад, қувва ва ғайрати ӯро зиёд мекунад ва астеники («астенос» – беқувватӣ, сустӣ афтодарӯҳӣ) ки ҳаёту фаъолияти одамро суст ва қувваю ғайрати ӯро кам мекунад тақсим мешаванд.

Ҳолатҳои стеники барои пайдоиши шуҷоату ғайрат сабаб мешавад.

Масалан, шодии пурзӯр, ғазаби бузург, руҳи ҷанговар, марди, ғалаба ва ғайра. Ҳолати пасткунандаи фаъолияти ҳаёти, сусткунандаи ғайрати шахс ҳиссиётҳои эстеникӣ мебошад. Ғаму ҳасрат, ноумеди, беэътиборӣ, ғам, афсӯс ва ғайра ҳолатҳои эстеникианд.

## ҲОЛАТИ РӮҲБАЛАНДИ

Дар асоси пайдоиши ҳолатҳои гуногуни эмотсионали проссесҳо – рефлексҳои ғайришартии дар зери пӯстлохи мия руҳдода меистад. Саргузаштҳои руҳи бо дигаргуниҳои физиологии организм ҳамеша вобаста аст. Ҳангоми аз саргузаронии ҳолатҳои руҳии гуногун гардиши ҳуни одам тағйир меёбад, таппиши дил суст ё тез мешавад. Нафаскаши, ҳаҷми таом ва фаъолияти секретсияи безҳои дохили низ дигаргун мешавад. Ифодаи берунаи ин ҳолатҳои ҳам ба характери рефлектори соҳиб аст.

Ҳангоми аз саргузаронии хурсандии беинтиҳо, тарси сахт, ғазаб дар симои одам дигаргуниҳои ҷидди руҳ медиҳад. Ранги рӯяш мекоҳад, сурх мешавад, нутқаш вайрон ё дар муддати муайян гум мешавад.

Вақтҳои охир ба дигаргуншавии ҳолатҳои эмотсионали, ки ба воситаи стресс[1] ном вазъият рӯӣ меиҳад, эътибори калон медиҳанд. Ҷиддиги ҳаракатест, ки дар вазъияти аз ҳад зиёд ё ки хавфноки ҳангоми меҳнати ҷисмони ва ақли ё дар вақти ҷустани чораи зарури ба вуҷуд меояд. Ҳангоми ҷиддиги дар кори дил, рагҳои ҳунгард ва системаи нафаскаши дигаргуниҳо руҳ медиҳанд. Лекин ба дараҷаи тағъирёбии органҳои дохили нигоҳ накарда фаҳмидани мазмуни эмотсия душвор аст. Масалан, набзи тез аз тарс ё хурсандии кас дарак медиҳад. Ҳангоми стресси пурзӯр дар ҳатту ҳаракати кас бетартиби мушоҳида мегардад. Ҳангоми суханрони калимаҳоро канда-канда талаффуз мекунад. Фикрҳо аз ҷиҳати мантиқ ба якдигар вобаста намешаванд.

Одатан ҳолати стрессии пурзӯр мумкин аст реаксияи баръакс диҳад. Яъне бавуҷудони тормозшави дар пӯстлоғи мияи сар шахсро пассив гардонида, фаъолиятро батамом суст мекунад. Лекин дар ҳолати мӯътам гузаштани ҷиддиги (стресс) таҷрибаи ҳаётӣ, иродаи қавӣ, обутобёбӣ аз ҷиҳати ғоя нақши муҳим мебозад.

Ба вуҷуд омадани ҳолатҳои ҳиссии одам аз ҷиҳати тези, қувва, давомдори гуногун мешавад. Ҳолати эмитсионали дар ҳар кас бо тезии гуногун пайдо мешавад. Оҳиста ё зуд иваз мешавад. Вобаста ба имкониятҳои индивидуалии шахс ба шӯр меояд ва боз ба ҳоли аслиаш бармегардад.

---

[1] Аз калимаи англисии “Stress” гирифта шуда, маънояш жиддиги, солори аст.

Ҳолатҳои эмотсионали чун ҳолатҳои ҳисси аз ҷиҳати барқарори низ бо тези, қувва, бардавоми гуногун мешавад. Ҳолатҳои эмотсионали дар одамон бо тезии ҳархела пайдо шуда, зуд ё оҳиста иваз мешавад. Вобаста ба имкониятҳои индивидуалии шахс ба шӯр меояд ва ба ҳоли асли бармегардад.

Ҳолатҳои эмотсионали аз ҷиҳати барқарори низ аз ҳамдигар тафовут дорад. Ҳолати дарозмуддат – барқарор ва ҳолати кӯтоҳмуддат – беқарор номида мешавад.

Инсон вобаста ба хоҳиш, шавқу завқ, ҷаҳонбини, эътиқод ва майл соҳиби ҳиссиёти пурмазмун мебошад. Ҳиссиёти сермазмун дар хотиро дер гоҳ нақш мебандад. Одатан ҳиссиёти тасодуфи беқарор буда, дар хотир нигоҳ дошта намешавад. Хулоса, қувва, барқариву беқарори ва комилии ҳиссиётҳо ба хусуиятҳои типи системаи асаб, эҳтиёҷ, моҳияти иҷтимоии субъективии таассуротҳо вобаста аст.

Ҳолатҳои эмотсионали аз ҷиҳати тези, қувва, барқарори ё беқарори ва комилии ҳиссиётҳо ба чор намуд тақсим мешаванд:

1. Кайфият.
2. Аффект.
3. Ҳавас
4. Руҳбаланди
5. Рағбат

Кайфият ҳолати руҳии дарозмуддат, дорои қувваи мӯътадил аст. Бар асоси сабабҳои маълум ба одамон кайфияти ғамгини ё хурсанди ба вуҷуд меояд. Муваффақиятҳо ба шахс кайфияти хуб ва чолокиро ба вуҷуд меорад. Нобарориҳо кайфияти шахсро маъюс, руҳафтода, ғамгин мекунад.

Одам дар ҳар гуна ҳолатҳои психики метавонад худро идора кунад.

Соҳибона иродаи мустаҳкам кайфияти худро ирода карда метавонанд. Онҳо ҳамеша бомдарух, хушкуданд. Ҳеч гоҳ ғуломи кайфияти ҳеш намешаванд. Кайфияти одамони иродааш мустаҳкам набуда тез вайрон мешавад. Онҳо намудҳои кайфиятро бо азоб ва душвори мегузаронандд.

Ҳолати эмотсионалии, ки тез пайдо шуда, кӯтоҳмуддат аст, аффект номида мешавад.

Одам дар ҳолати аффект аз доираи худидоракуни берун мемонад. Ҳатту ҳаракати худро назорат карда наметавонад. Тарс, ғазаб, қаҳр ва хурсандии нохостпайдошуда ҳолати аффект аст. Ин ҳолат ба одам ногаҳон пайдо шуда, баъзан якчанд дақиқа давом мекунад. Ин ҳолат ба одамон дар тарзи фиғон, доду фарёд намоён мешавад. Дар ин вақт фаъолияти шуур суст шуда, нутқ вайрон мешавад. Баъзан дар натиҷаи ҳолати аффекти дар организм ҷараёни физиологӣ руҳ медиҳад? Организм суст мегардад, инсон худдори карда наметавонад. Одамоне ки матиниродаанд, дар ҳолати аффекти

низ худдори карда метавонанд. Ҳолатҳои ҳафагиву хурсандиро ба осони мегузаронанд. Зеро онҳо ба ҳолати аффекти хеле кам дил медиҳанд. Дилбанди ё худ беэътибори ба ҳолатҳои гуногуни аффекти ба хусуиятҳои системаи асаб низ вобаста аст. Онҳое, ки темпераменти зӯр доранд, пеш аз ҳама ба ҳолати аффекти моил мешаванд.

Ҳавасҳо ба моҳияти мусби ва манфи соҳибанб. Ҳавасҳое ки ба чиз ё ягон воқеа назардошташудааст, ҳаваосҳои мусбианд. Инчунин ҳавасҳо нисбат ба дониш, санъат, ҳунар ҳавасҳои мусбианд. Ҳавасҳое ки сӯи майпарасти, қимору қартабози молпарастиву пулпарасти моиланд, эҳтиросҳои салби ҳастанд. Ҳавасҳои салби зарароворанд. Касро ба шахси бебурд ва пасткаш мубаддал мегардонанд.

Танҳо ҳолати эмотсионалӣ, ки аз моҳияти мусбӣ, руҷӯъ ба сӯи орзуи нек ва мақсади аниқ иборатанд, касро руҳбаланд месозад. Инчунин маҳсули муваффақиятноки фаъолияти инсон як навъи болидатабъии ӯ мебошад. Баҳои арзандае ки ба меҳнат медиҳанд ва рағбатноксозии заҳмат низ руҳи одамро мебардорад, касро чолон мегардонад.

**Фрустратсия ҳолати** эмотсионалие мебошад, ки ҳангоми дучор омадани шахс ба душворию монеаҳои халалрасон дар протсесси расидан ба мақсад ба амал меояд. Ин ҳолат ба ҷараёни шуур ва фаъолияти одам таъсири манфӣ мебахшад. Одам дар ҳолати фрустратсия ба изтироби рӯҳию асабии сахт гирифтор мешавад, алам, ғамгинӣ ва худ азобдиҳии беҳад ӯро фаро мегирад. Хусуисиятҳои зоҳиршавии фрустратсия ба дараҷаи пастшавии шиддати баамаломада вобаста аст. Агар шиддат паст карда нашавад, он гоҳ фрустратсия дар шароитҳои дигар боз рӯй додан мегирад. Яъне, шахс шиддати алам, хашм ва қаҳри худро тавассути ба одамони тамоман бегуноҳ равона кардан паст мекунад. Агар шахси ба фрустратсия гирифторшуда бо шароити иҷро намудани ягон кори завқовар таъмин карда шавад, он гоҳ амалҳои таҳдидомези ӯ кам ва суст шудан мегиранд.

**Рағбат** – ин ҳиссиёти зӯр, устувор, давомдор ва амиқе мебошад, ки тамоми шахсро фаро мегирад ва қувваи сустнашавандаеро меофарад, ки ба предмети рағбат равона карда мешавад. Объекти рағбатро соҳаҳои гуногуни дониш ва фаъолияти одам ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, объекти рағбатро одами ҷинсаш муқобил, чизҳои муайяне ташкил медиҳанд, ки майли рафънопазирро дар ба даст овардани онҳо ба вуҷуд меоварад. Нишонаю аломати асосии рағбат ягонагии лаҳзаҳои иродавӣ ва эмотсионалии он мебошад. Рағбатҳо ҳамеша одамонро фаъол мегардонанд ва тавассути ин рағбатҳо қонеъ мегарданду дар асоси он инкишоф меёбанд. Рағбат муносибати интихобии шахсро ба олам ифода мекунад. Вай на танҳо тарафи эмотсионалию иродавии шахс, балки соҳаи интеллектуалии ӯро низ тавсиф

медиҳад. Рағбат равияи фикру андеша ва майлу хоҳишҳои шахсро муайян мекунад. Аз ин рӯ, роҳи ҳаёти инсон аз рағбатҳое вобаста аст, ки ӯро ба пеш мебаранд ва дар бартараф намудани ҳар гуна душвориҳо сафарбар менамоянд. Рағбатҳо мусбӣ ва манфӣ мешаванд. Агар рағбатҳои шахс бо манфиатҳои ҷамъият мувофиқат намоянд, он гоҳ ҳамчун рағбатҳои мусбӣ баҳо джода мешаванд ва агар бо мақсадгузориҳои худпарастонаи шахс алоқаманд бошанд, он гоҳ табиати манфиро пайдо мекунанд, аз қабили рағбат ба молу пул, ба машрубот ва ғ. Танҳо рағбатҳои мусбӣ (масалан, рағбат ба китоб, театр, илм ва ғ.) ҳаёти инсонро пурмазмун, шавқовар, зебо ва беҳтар мегардонанд, одамро ба пеш ҳидоят мекунанд ва ба ҷамъият натиҷаҳои бемислу монандро медиҳанд.

## ҲИССИЁТҲОИ БАЛАНДИ ХОСИ ИНСОН КОМИЛ

Ба ҳиссиётҳои баланди хоси инсон эҳсосоти ақли (интеллектуал), ахлоқи ва эстетики дохил мешавад. Ин ҳиссиётҳо танҳо ба инсон мавҷуд аст.

Эҳсосоти ақли. Ин ҳиссиётҳо бо пайвастагии ҷараёнҳои илми ва эҷод, ки дар ҳолати фаъолияти ақли ба миён меоянд, вобастаги доранд. Инсон дар ин давр ҳис мекунад, ки ӯ барои донистани ягон чиз сахт мекӯшад, ба дониши худ қаноат хосил мекунад ё не, ҷидду ҷаҳдаш барои донистани асрори ягон чизи нав ё ҳодисаҳои роҳи ҳаёташ зиёд мегардад. Чунин ҳиссиётҳое ки бо ҷараёни кӯшиш ба донистан вобастаанд. Эҳсосоти ақли – интеллектуалӣ ном доранд.

Эҳсосоти ақли нишонаҳои танбали, кӯшиш ба дониш, тааҷҷубоварӣ, ҳайратангезӣ, боварӣ, шубҳаангезӣ, руҷӯъ ба навовариро низ доранд.

Ҳиссе ки ба инсон нав, дар таъсири ягон чиз, ба тарзи ғайриоддӣ пайдо мешавад, эҳсосоти тааҷҷубовари мебошад. Одатан инсон ба ягон воқеае ки интизор набуду содир мегардад, ба тааҷҷуб меояд. Тааҷҷуб низ моҳияти мусбӣ ва манфӣ дорад. Агар инсон аз мазмуни таассурот мамнун бошад, ҳисси тааҷҷубманди ба тарзи хурсанди мегузарад.

Ба воситаи тааҷҷуби ҳисси хурсанди фаъолияти дониши инсон пурқувват гардида, инчунин ҳушҳолии интеллектуали ба вуҷуд меояд. Дар натиҷаи хурсандии интеллектуали инсон таъсиротро бо ногоҳи хеле тез меомӯзад.

Дар ҷараёнҳои дониши инсон ҳиссиёти ҳайратангези аҳамияти муҳим дорад. Барои муайян кунии сабаби ин ё он чиз вобастагии дохилии чизҳо, дар шахс ҳисси ҳайроншави нақши муҳим мебозад.

Ҳангоми Хулосабарории вобастаги ва муносибатҳои дуруст ҳисси бовари, агар ин хулоса бар ҳақиқат зид бошад, ҳисси шубҳакуни, дар натиҷаи

ҷустуҷӯиҳои фикри масъалаи дорои аҳамияти иҷтимои ҳал гардад, ҳисси навовари ҳизмат мекунад.

Ҳиссиёти ахлоқӣ. Ҳиссиётҳои ахлоқӣ ё маънавӣ муносибати шахсро нисбати одамон, ҷамъият ва муҳити иҷтимои ифода менамояд. Ватанпарварӣ, ӯҳдадории иҷтимоӣ, инсонпарварӣ, ёри ба ёру дӯстон, ҳалоливу ростқавлӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ, покии ахлоқӣ, камтаринӣ, ноадолатӣ, тамаъгарӣ, бевиҷдонӣ, мансабпарастӣ, нафси иззат, қадру қиммат ба ҳиссиётҳои ахлоқи дохил мешавад.

Шахси замони мустақили бояд баркамол, манфиатҳои умумро аз манфиатҳои худ баландгузоранда, дӯстдори ҳалқу ватан бошад. Шахсе, ки аз ин гуна ҳиссиётҳо маҳрум аст, шаҳрванди ҳақиқаии ватанамон нест.

Ҷавонони пешқадами давр бояд дорои тамоми тамоилҳои баланди ахлоқи умуминсони бошанд. Онҳо барои мустаҳкамкунии истиқлолият ва сулҳу осоиши ватан ҳизмат намоянд.

Ҳиссиётҳои эстетикӣ. Муносибат ва шавқу завқгирӣ аз нафосати зебоии табиат, ҷамъият ва зиндаги ҳисси эстетики ба шумор меравад. Бедоршавии ҳаяҷон аз воқеаву ҳодисаҳои гуногун, шодшави натиҷаи ҳиссиёти эстетики аст.

Дар ҷараёни ҳолати эстетикӣ дар дунёи ботини муносибати ҳаётии одамон дигаргуниҳои маънави ба амал меояд. Ҳиссиёти роҳатбахше, ки аз зебоии муҳит-эстетики пайдо мешавад, ба руҳияи инсон дер гоҳ нақш мебандад, касро ба орзуву хаёл ва афкори гуногун роҳбалад мешавад. Ҳавои мусаффо, манзараҳои зебои табиат баробари ба тана руҳбаҳши ва хубсозии саломати кайфият ва руҳи инсонро дигаргун месозад.

Табиист, ки олам барои инсон офарида шудааст. Инсон зеб ва шарафи тамоми ҳастист. Инсон бо зебоии худ аз ҳамаи мавҷудоти руи олам болост. Тамоми мавҷудоти олами табиат барои инсон ҳизмат мекунад. Одам ба воситаи ҳисси эстетикиаш ҳамеша ба тозаги ва озодаги моил аст. Покизаги шарти асосиест барои саломатии инсон. Агар танаи инсон тоза набошад, ӯ ҳавои заруриро фурӯ бурда наметавонад. Бадани инсон мисли тӯри элак аст, ки агар тоза набошад, пӯст нафас кашида наметавонад. Дар натиҷа одам ба бемориҳои гуногун (вабо, ришта, тиф, вараҷа, ҳоракон ва ғайра) дучор мешавад. Хулоса, ҳисси эстетикӣ дар навбати аввал барои тозаву озода нагаҳдории организм, тамоми аъзо сару либос, муҳиту атроф зарур аст.

Ба сифати эҳсосоти баланди ахлоқи ҳиссиётҳои эстетикӣ барои одам ҳамеша зарур аст. Зеро моили ба тозаги, зебогӣ ва завқгирӣ аз зебогии табиат дар инсон беканор буда, он хоси ҳамма синну сол аст. Инсон аз ҷавони ташнаву шайдои зебои мегардад.

Дар ҳаёти инсон нақши ҳиссиётҳо бузург аст. Ҳолатҳои иҷобии хушзавқи, хурсанди, руҳбаланди фаъолияти эҷодии одамро зиёд карда, ба навовари ва эҷодкори ҳидоят менамояд, ба худ боовариро меафзояд. Навоварӣ барои ривоҷи ҳиссиётҳои иҷобӣ ва барои пайдоиши ҳиссиётҳои нав ҳизмат мекунад. Дар натиҷа қобилияти меҳнат ва самарадории он меафзояд. Ин чиз дар ҷараёни эҷоди илми ва бадеи хуб ба назар мерасад. Аз рӯи нуқтаи назари ривоҷи фаъолияти ҳиссиётҳои иҷоби чун “оташ” ё “шӯъла” хизмат мекунад.

Вобаста ба фаъолияти оддӣ ё мураккаби ҳолатҳои он дар намуди берунаи организм акс меёбад. Қиёфаи берунаи ҳама одам ҳолати хурсанд, ғамгин ё тарсро ифода менамояд. Дуюм, ҳолати эмотсионали ба фаъолияти аъзоҳои дохилии ӯ низ дигаргуниҳо ба амал меорад. Ҳангоми ҳиссиётҳои эҷоби нафасгири тез шуда, дар вақти ҳиссиётҳои наформ баръакс нафаскаши суст мегардад.

Бояд гуфт, ки ҳаракатҳои бо ҳолатҳои ҳисси вобаста ба ҳар шахс дар намуди алоҳида зохир мегардад. Ҳаракатҳои гуногун, имову ишора, бо ишораи чашмҳо, оҳанги овозҳо, табассум, ханда, кифт дарҳамкаши, нигоҳи норозиёна ва ғайра ҳар яки онҳо маънои муайян касб намуда, ба мақсади маълум нигаронида мешавад.

Ҳолатҳои ҳисси шахсро ба роҳмонии қувваи ирода тарбия менамояд. Барои ин дарки дурусти вазифа ва мақсад аҳамияти калон касб менамояд.

## МАВЗӮЪИ 14. ХУСУСИЯТҲОИ ИНФИРОДИИ ПСИХОЛОГИИ ШАХС (МИЗОҶ)

Шахс дар фаъолияти рӯзонаи худ бо одамони атроф дар мулоқот мешавад. Дар ҷараёни мулоқот гуногунии одамонро идрок мекунад. Як қисми онҳо дорои ҳиссиёти баланд ҷаҳонбинии васеъ ҳаваскунанда, серҳаракат бошанд, дуюмашон баръакс вазнин, камгап, ҳаракатҳояшон суст, бепарво, осоишта мешаванд. Ин фарқияти одам натиҷаи хусуиятҳои типҳои мизоҷ  ки соҳаҳои муҳими сифатҳои индивидуалии онҳо мебошад.

Назарияи мизоҷ аз қадимтарин ва машҳуртарин назарияҳои илми тиб мебошад. Ба ақидаи бисёре аз уламои тиб чор унсур, ки онҳоро аркон ё асли ҳамаи ҷисмҳо низ меноманд, басит (ғайри мураккаб) будаанд, яъне бо ғайри зоти худ таркиб наёфтаанд ва ҳангоме, ки аркон бисёр реза-реза мешаванд, аъзои онҳо бо ҳам омехта гардида, ба ҳадде феълу афъол менамоянд, ки сурати ваҳдати кайфияти дигаре, сурати ваҳдонӣ ҳосил мекунанд, ки он мизоҷ аст.

Сабаби пайдоиши бемориҳо, тамоми хусусиятҳои физиологии бадани инсон (аз кӯдаки навзод то куҳансолон), норасоиҳо ва дигаргуниҳои

иқлимию ҷуғрофӣ дар аснои беморӣ, табиати хӯрок, нӯшокиҳо, доруҳо ва ғайра ҳама вобаста ба мизоҷ донвиста мешуд. Ба қавли Арасту, Букрот ва Ҷолинус ахлоти чаҳоргона (чор халт), яъне хун, балғам, сафро ва савдо, ҳар кадом дар бадани инсон аз унсурҳои муҳими беруна (аз 4 унсур) ба вуҷуд меоянд. Абӯалии Сино ин назарияро рад намуда, исбот мекунад, ки ахлоти чаҳоргона дар дохили узвҳои худи бадан ҳосил мешаванд. Ахлоти чаҳоргона дар як ранг, дар як ҳолат ва мизон намеистанд, балки ҳамеша дар ҳолати тағйир ва ҳаракат мебошанд ва манбаи қувваҳои асосии организм (ҳайвонӣ, нафсонӣ, ҳис, ҳаракат ва тафаккур) ба шумор меравандд.

Ба вуҷуд омадани тези ва қувваи ҳиссиётҳои хоси шахс, сифат ва сурати ҳаракатнокии умуми маҷмӯи сифатҳои типи мизоҷ ба шумор меравад. Ин маҷмӯро мувозинати байни ҷараёнҳои қувваи системаи асос (нерв), боздорӣ ташкил медиҳад.

Мизоҷ аз забони лотинии “temperamentym” гирифта шуда, маънои омехта дорад.

Дар таърихи фанни психология таълимот мизоҷро аввалин шуда, олими грек Гиппократ (460-356 то Қ-а) офарид. Гиппократ барои асоснок намудани моҳият ва номи типҳои мизоҷ ҳаракат кард. Лекин фикрҳои Гиппократ дар бораи ҷуссаи одам барои сабабҳои типҳои мизоҷ ба нуқтаи назари илми дуруст наомад.

Файлассуфони Гретсияи қадим мизоҷи ҳолерик, сангвинник, меланҳолик ва флегматикро ба чор элемент ҳаво, об, оташ ва ҳок ва ба сифати ин элементҳо дурустоянда: гарми, ҳунуки, хушки ва нами асос кардаанд. Онҳо дар организм чор моеъи ба ин элементҳо ростоянда мавҷуд мегуфтанд, фарқе мизоҷҳоро дар зиёд ё камии моъеги эзоҳ додаанд. Номи типҳои мизоҷ аз ҳам ҳамин моъеги бармеояд. Масалан: ҳолерик аз калимаи грекии “ҳоле” гирифта шуда, зарда ё сафроро мефаҳмонад. Сангвинник аз калимаи “сандус” гирифта шуда, ҳунро мефаҳмонад, меланҳолик аз калимаи грекии “меланҳоле” гирифта шуда, зардаи сиёҳ, флегматик калимаи грекии “плегма” балғам, моддаи шилимшуқ мебошад.

Моеъгии болои ҳар якеаш дорои хусуиятҳои худ буда, ҳар яке вазифа ва кори худро доранд. Чунончи:  хусусият зарда хушки мебошад. Кори он хушк нигоҳ доштани бадан мебошад.  хусусият ҳун гарми буда, кори он гарм кардан организмро аст. Зардаи сиёҳ  хусусият нами дошта, кораш нигоҳ доштан намии бадан мебошад. Хусуиятҳои балғам ҳунуки буда, кори он ҳунук доштани бадан аст.

Мувофиқи таълимоти Гиппократ дар ҳар одам яке аз моеъгии болои зиёдтар шуда, боло меистад. Аз инҳо кадомаш боло истод, ба ҳамон нигоҳ карда одамон аз ҷиҳати мизоҷ ҳар хел мешаванд. Дар ҳолерикҳо сафро,

сангвинникҳо, ҳун, меланҳоликҳо зардаи сиёҳ, флегматикҳо балғам боло меистад.

Маълум мешавад, ки таълимоти Гиппократ оид ба мизоҷ ва типҳо то замони мо омада расида бошад ҳам хел асоси илмӣ надорад.

Дар бораи мизоҷ ва типҳои он назарияи илмии мукаммалро психологи машҳури рус И.П.Павлов офарид ва дар ин соҳа таълимоти худ "Типҳои системаи асабро кашф кард. Академик И.И.Павлов системаи асабро ба бақувват, бемувозинат, суст (асоси мизоҷи ҳолерик), бақувват, бо мувозинат, чаққон (асоси мизоҷи сангвинник), беқувват, бо мувозинат, суст (асоси мизоҷи флегматики) ҷудо мекунад.

Академик И.П.Павлов дар натиҷаи таҷрибаҳои зиёд исбот кард, ки қувваи системаи асаб бо миқдори моддаҳои физиологии ҳуҷайраҳо муайян карда мешавад.

Қувваи системаи асаб ба ҷараёни баранзегандаги, тормозшави тааллуқ дошта, дар қобилияти таб наовардани барангезандагони пурқувват намоён мешавад.

Инчунин мувозинати системаи асаб дар дараҷаи баробар нигоҳ дошта тавонистани қувваи ҷараёнҳои барангезандаги ва тормозшави намоён мешавад. Ҷараёни барангезандаги ва тормозшави ба дараҷаи баробар, яъне бақувват ё беқувват бошад, системаи асаб дар мувозинат мешавад. Агар барангезандаги ва тормозшави якеаш бақувват ё беқувват шавад, дар системаи асаб мувозинат намешавад. Пурзӯрии системаи асаб дар ягон қисми пӯстлоқи майна бо тормозшавии барангезандаги ё аз ивазшавии сабук бо барангезандагии тормозшави иборат мебошад.

Ҳамин тавр, ҳатту ҳаракат, равшании имову ишора, қувваи барангезандагии ҳолатҳои ҳиссиёт, дар барқарор ва беқарории сифатҳои индивидуали мизоҷ ёки миҷоз номида мешавад.



Чор хели мизоҷ дар намуди смайликҳои аёнӣ (номҳо аз чап ба рост, аз боло ба поён: флегматӣ (балғамӣ), холерӣ (савдовӣ), сангвинӣ (дамавӣ), меланхолӣ (сафроӣ)).

Характеристикаи типҳои мизоҷ аз зеринҳо иборат:

Мизоҷи ҳолерики. Мизоҷи холерикӣ. Намояндагони ин навъи миҷоз бо хусусиятҳои улфатпазирӣ, чустучолокӣ , серҳаракатӣ ва бо тезӣ ба ҳаяҷон омадан, оташиншудан фарқ мекунанд. Просессҳои психики дар қишрҳои мағзи сари холерикҳо бо суръати тез ва хело шиддатнок мегузарад. Холерико

шахсони бетамкин мебошанд ва қувваи просесси ҳаяҷоннокии асаб нисбат ба боздорӣ дар онҳо бартарӣ дорад. Холерикҳо ҳар як фаъолиятро бо шавқу ҳавас ва хоҳиши том шурӯъ мекунанд. Ва дар рафти таълим фаъолию ташаббус нишон медиҳанд. Холерикҳо ҳамеша имконияти қувваи системаи асаби худро дар ҷараёни фаъолият ба назар нагирифта онро бисёр сарф мекунанд. Бинобар ин онҳо тез мондашуда, қобилияти кори фаъолияти асаб ва майнаи сари онҳо суст мешаванд. Чунин мондашавӣ ба кори мӯътадили майнаи сар таъсири манфӣ мерасонад. Зеро ба мондашавии майнаи сари онҳо якрангии фаъолият низ таъсири манфӣ дорад. Фаъолияти таълим аз хонанда азму суббот, қатъиятӣ, истодагарӣ ва сабру таҳаммулро талаб мекунад.

Бинобар ин аз сабаби якранг будани фаъолият ва он қадар шавқовар набудани баёни маводи таълимӣ ҳисси таваҷҷӯҳи холерикҳо барои идроки маводи таълимӣ суст шуда, дар онҳо ҳолати дилсардӣ, нохушӣ ва як навъ камҳавсалагӣ ба вуҷуд меояд. Холерикҳо ҳангоми муошироти байниҳамӣ дар оила, мактаб ва бо дигарон одоби муоширатро баъзан риоя намекунанд. Бар асари ин онҳо бо ҳислатҳои қайсарӣ, якравӣ, дағалӣ ба одоби муносибат диққат намедиҳанд. Дар ҳолати номусоид будани вазъи рӯҳӣ табъи холерикҳо яку якбора хира шуда, димоғашон месӯзад. Чунин ҳолати рӯҳӣ ва вазъи психологӣ гоҳҳо бо холерикҳо имкон намедиҳад, ки онҳо воқеъбинона ба рафтори одамон баҳои сазовор диҳанд. Аз сабаби номутаносиб ҷоришавии просессҳои ҳаяҷон ва боздорӣ шахсони холерик дар коллектив ба ихтилофот роҳ дода, вазъиятро нооро м месозанд. Хусусиятҳои мусбати мизоҷи шахсони холерик ин аст ,ки дар онҳо қувваю ғайрат, ташаббус, фаъолӣ, шавқу ҳавас мисли фавора суърат гирифта, пурҷӯшу хурӯш мегузарад. Ҷиҳати манфии мизоҷи шахсони холерик дар хусусятҳои бесабруқарорӣ худорӣ карда натавонистанд, дағалӣ яку якбора аз худ рафтан, ба оташини роҳ додан, рафтори бемулоҳиза, тез ба ҷӯшу хурӯш омадан ва бо тезӣ вазъи рӯхии онҳоро ҳолати аффективӣ фаро мегирад, зоҳир мегардад. Ин ҳолат дар натиҷаи номусоидии шароити зиндагӣ дар ҷараёни фаъолият ба вуқӯъ мепайвандад, вобастааст.

2. Мизоҷи сангвинники. Намояндагони ин типи мизоҷ шахсони улфатпазир, зиндадил, боғайрат, серҳаракат буда, тез бо дигарон муошират барқарор мекунанд. Онҳо нисбат ба ҳамаи ҳодисаю воқеахои ҳаёти зиндагӣ ва ҷамъиятӣ ҳисси таваҷҷӯҳи беандоза доранд. Сангвиниҳо одамони шӯху беқарор, хушҳол, болидарӯҳ ва ботамкин мебошанд. Онҳо зиндагӣ ва ҳаётро бисёр дӯст медоранд ва ба қувваю ғайрат ва имконияти зеҳнию ақлонии худ боварии зиёд дошта, дар бартараф намудани душвориҳо истодагарӣ намуда, мушкилиҳои бавуҷудомадаро бартараф месозанд. Эмотсияҳо ва ҳиссиётҳое,

ки дар қиёфаи шахсони сангвиник ба вуҷуд меояд бо тезӣ вазъи рӯҳии онҳоро фаро мегирад. Ҳиссиёти онҳо муддати дер давом намекунад ва ҷои ҳаяҷони эмотсионалиро ҳолати боздорӣ ва мӯътадили кори системаи асаб, майнаи сар ишғол мекунад. Ҳиссиёт дар ҳаёти сангвиникҳо нақши муассир мебозад. Сангвиникҳо дарди ҳиҷрон, пазмон шудан, ҳисси танҳоӣ, дарду алам ва ғаму андӯҳро бо тезӣ аз сар мегузаронанд. Ҳатто онҳо душвориҳое, ки боиси озуртахотирӣ, ғаму андӯҳи зиёди онҳо гардида буданд, онҳоро пай дар пай бартараф месозанд. Онҳо бо аҳли гурӯҳ тез худро мутобиқ сохта, унс мегиранд, забони якдигарро ёфта, дар коллектив муносибатҳои дӯстона барқарор мекунанд. Чунин типи хонандагон аксаран бачагони хушмомила, ҳушёр, ҷусту чолок, зиндадил, ҷамъиятӣ ва зирак буда, ба дилу дидаи дигарон ба осонӣ роҳ меёбанд. Лекин дар онҳои кибру ғурур, бепарвоӣ ва аз ҳад зиёд ба қувваю ғайрат ва имконоти худ боварӣ доштан дар фаъолияти сангвиникҳо ҷой доранд. Онҳо метавонанд бо коллективи синф ва дигар одамон ба осонӣ дар иртиботи доимӣ бошанд. Ва барои онҳо муносибатҳои судманди дуҷониба барқарор намудан бо дигарон мушкил нест. Хусусиятҳои хоси мизоҷи бачагони сангвиник дар қиёфа ва имову ишораҳои онҳо дар ҷараёни таълим бисёр равшан зоҳир мегардад. Муаллим бояд дар рафти дарс маводи таълимиро таъсирбахшу шавқовар баён намояд ва хонандагон материали таълимиро хуб дарк кунанд. Дар он сурат идроки маводи таълимӣ ҳисси таваҷҷӯҳ ва эмотсияҳои мусбати хонандагонро бедор месозад. Эмотсияҳои мусбат барои аз бар намудани маводи таълимӣ мусоидат карда, ба мӯътадил гузаштани тезӣ, моҳирӣ, мустақилии ақл ва умуман суръатафзоии кори тафаккур мусоидат карда қобилияти фикрӣ, муҳокимаронӣ, ба хотиргирӣ ва дар хотирнигоҳдории маводи таълимиро афзун мегардондад. Эмотсия ва ҳиссиёти мусбат имкон медиҳад, ки тақсимот ва кӯчонидани диққати бачагони сангвиник бо осонӣ барои дарк кардани маводи таълими равона гардад. Бар асари якранг баён намудани маводи таълимӣ ва таъсирбахшу пурмазмун набудани баёни муаллим шиддатнокии фаъолияти кори системаи асаб, майнаи сар зиёд шуда, ҳисси таваҷҷӯҳи хонандагонро омӯхтани маводи таълимӣ ба худ ҷалб наменамояд. Дар натиҷаи ин хонандагон маводи таълимиро пурсамар аз худ намекунад ва дар майнаи сари онҳо ба тезӣ ҳолати кӯчонидани диққат ба вуҷуд намеояд. Албатта, дар натиҷаи хуб ба роҳ мондани тарбияи хусусиятҳои мизоҷи хонандагон муаллим метавонад дар онҳо ҳисси коллективизм, масъулиятшиносӣ, нисбат ба худ серталаб будан ва дар баробари ин шавқу ҳаваси маърифатиро ба таълиму меҳнат ва ҳаёти ҷамъиятӣ тарбия намояд. Ҳангоми фароҳам будани шароити тарбиявӣ ва мунтазам ба роҳ мондани тарбияи мақсаднокӣ, мутташаккилӣ мумкин аст, ки

дар бачагони хоси мизоҷи сангвиникӣ ба осонӣ хусусиятҳои сабукфикрӣ, тангназарӣ ва бемасъулиятӣ ба кору фаъолият доштанро бартараф сохтан мумкин аст. Вобаста ба ин дар онҳо хислатҳои беинтизомӣ, бепарвоӣ ва кори саркардаро ба охир нарасонидан, ба таълим,меҳнат ва дигар фаъолиятҳо мушоҳида карда мешавад.

3. Мизоҷи меланҳолики. Дар қишрҳои пӯстлохи нимкӯраҳои калони майнаи сари меланхоликҳо протсессҳои психикӣ суст мегузаранд. Бачагон ба ангезандаҳои берунӣ бо душвории зиёд амали ҷавобӣ мегардонанд. Дар рафти фаъолият меланхоликҳо муддати дер ба иҷрои ин ё он фаъолият машғул шаванд ҳам, бо вуҷуди ин таъсири қувваи шиддати кори фикрӣ, қобилияти кори системаи асаб, майнаи сари онҳо суст мегардад. Дар натиҷа мумкин аст, ки суръати амалҳои фикрии онҳо суст шуда ва ҳатто бо ҳамин қатъ гарданд. Азбаски захираи фикри нерӯи асаб ва қобилияти фикрии меланхоликҳо он қадар зиёд нест, бинобар ин суръатафзоии фикрии онҳо суст аст. Онҳо дар шароити мусоид ва муқаррарӣ муддати дер ба кори фикрии сермаҳсул машғул шуда метавонанд. Ҳолати эмотсионалӣ дар қиёфаи меланхоликҳо суст ва оҳиста мегузарад, бо вуҷуди ин қувваи таъсирбахшӣ ва давомнокии ҳаяҷон дар қишрҳои мағзи сари онҳо муддати дер давом мекунад. Меланхоликҳо шахсони бисёр ҳассос, зудбовар, соддадил, талқинпазир буда, ҳодисаи ғаму андӯҳ, нокомию дарду алам ва душвориҳои ҳаёти зиндагиро ба осонӣ аз сар намегузаронанд. Онҳо зоҳиран худро тавре вонамуд месозанд, ки гӯё ҳама хуб аст ва ҳеҷ гунна ҳодисаи нохуш рӯй надодааст. Дар қиёфаи рӯи меланхоликҳо ғаму андӯҳ, дарду алам, ранҷурӣ, маъюсӣ, ноумедӣ бисёр равшан ифода намеёбанд. Шахсони меланхолик кӯшиш мекунанд, ки худро аз аҳли гурӯҳ ва ҳалқаи ҳамсинфон ба канор гиранд. Ҳатто онҳо ҳангоми муошрати байнишахсӣ аз одамони ношинос, аз аҳли гурӯҳ ва ҳалқаи ҳамсинфон худро ба канор мегиранд. Ҳатто онҳо ҳангоми муошироти байнишахсӣ аз одамони ношинос худро ба канор гирифта, дар иҳотаи онҳо худро нороҳат ҳис мекунанд. Шахсони меланхолик дар вазъияти номувофиқ ва басо душвор мумкин аст , ки ба қувваю ғайрати худ боварӣ надошта,ҳиссиёти худро пинҳон нигоҳ дошта ранҷурӣ,беҳолу бемадорӣ,нохушӣ,беҳавсалагӣ ва ғайрифаъолӣ нишон диҳанд. Дар шароити мусоиди корӣ дар меланхоликҳо хислатҳои мусбатро тарбия кардан мумкин аст. Дар меланхоликҳо мутаассиршавӣ ва ҳассосии бисёр зиёди эмотсионалӣ ба монанди: қобилияти дарки садои мусиқӣ, идроки муҳити зист, табиати атроф ба онҳо имконият медиҳад, ки бартарии худро дар соҳаи санъати мусиқи, расмкашӣ, наққошӣ,шеъру суруд нишон дода ба комёбиҳои беназир муваффақ гарданд. Шахсони меланхолик гоҳҳо бо рафтори маданӣ, муомилаи самимона, одоби

муошират, ҳозирҷавобӣ, боинтизомӣ, рафтори бошуурона аз типҳои дигари мизоҷ фарқ мекунанд.

4. Мизоҷи флегматикӣ. Одамоне, ки ба ин навъи мизоҷ мансубанд аксари онҳо шахсони оромтабиат, ботмакин ва сустҳаракат буда,бисёр гап заданро дӯст намедоранд. Дар рафти фаъолият ба шитобкорӣ роҳ намедиҳанд. Ҳангоми иҷрои ин ё он супоришу ҳалли ягон масъала аввал дуруст андеша карда ва баъд амал менамоянд, душвориҳоро бартараф месозанд. Онҳо барои риояи тартибу низом дар вазъияти муқаррарӣ саъю кӯшиш мекунанд. Кори саркарданро ба охир мерасонанд. Ҳангоми иҷрои ягон фаъолият мунтазам тартибу интизомро риоя мекунанд. Дар онҳо (флегматикҳо) процессҳои психикӣ нисбатан оҳиста ва хело суст мегузорад. Бинобар ин хусусияти оҳиста ва саросема нашуда, ин ё он амалро ба сомон расонидан ба флегматикҳо таъсири манфӣ мерасонад ва ба онҳо имкон намедиҳад, ки маводи таълимиро тезтару хубтар ба хотир гирифта, дар хотир нигоҳ доранд, аз нав ба ёд биёранд, тез фикр кунанд ва ба моҳияти машқу масъалаҳо сарфаҳм раванд. Флегматикҳо дар рафти муошırати байнишахсӣ ботамкинӣ, оромӣ ва сабру таҳаммулро пешаи худ карда ба одоби рафтор риоя мекунанд. Сабру қаноат ва бомулоҳиза рафтор кардан бештар хоси бачагони мизоҷи флегматикидошта мебошад. Дар ҳама ҷабҳаи ҳаёт онҳо ботамкинӣ, сабру таҳамул зоҳир карда, ба эҳсосот дода нашуда дар кору фаъолият худдориро афзалтар мешуморанд. Шахсони флегматикиро ба осонӣ асабонӣ кардан ва беинтизомиро дар фаъолияти онҳо ба вуҷуд овардан бисёр душвор аст. Зеро, ки флегматикҳо худ табиатан ҷангу ҷидол ва мунокиша карданро дӯст намедоранд. Ҳатто онҳо дар ҳолати барор накардан ва аз сар гузаронидани душворӣ ва ба ҳодисаҳои нохуш гирифтор шудан ҳам ақли солимро ба кор бурда қобилияти баробарвазнии худро риоя мекунанд. Дар натиҷаи мақсаднок ба роҳ мондани тарбия дар шахсияти флегматикҳо бе душворӣ чунин хислатҳои мусбат ба монанди: сабру таҳаммул, ором кор кардан, қобилияти кордонӣ ва устувориро тарбия кардан мумкин аст. Дар вазъияти душвор ва зиёд будани қувваи фишор дар флегматикҳо чунин хислатҳои манфӣ ба монанди: нохушӣ, камҳавсалагӣ, шиддатнокии асабӣ, ғайрифаъолӣ, тамбалӣ ва беташаббусӣ ташаккул меёбанд. Ҳатто дар баъзан мавридҳо ҳам флегматикҳо ба ҳаёти зиндагии одамони атроф ва нисбат ба худ бемасъулиятӣ нишон медиҳанд. Образи Аликул аз романи “Муаллим”-и Парда Турсун тимсоли равшани типи флегматики мебошад. Ваҳшиёна кушта шудани сотиволди аз тарафи душманон ба ҳешовандонаш нисбат ба душманон ғазаб, нафрат бедор мекунанд, ҳолатҳои доду фарёдро ба вуҷуд меорад. Аликул ин ҳолатро бо сабру тоқат, аламзодагии ботини мегузарад. Дар ӯ сабр, дилвасегӣ, қобилӣ,

бадҷаҳнӣ ҳафагӣ ҳис намешавад. Алиқул аз дигарон наменолад, шикоят намекунад, камгап, ба ҳама ба муносибати баробар намоён мегардад.

Шахсони мизоҷи флегматики доимо ҳоҳиши худро медонанд, ба кори дигарон ҳамроҳ намешаванд, танбали беҳафсолаги, беғами хоси онҳост. Ҳандондан, ҷаҳлашонро овардан, кайфияташонро вайрон кардан душвор аст.

Онҳо диққати худро ба як нуқта оҳиста ҷамъ мекунанд ва душвор мекӯчонанд. Ба шароити нав оҳиста мос мешаванд ва таҷрибаву одатҳояшонро суст аз худ мекунанд ва таассуротҳои беруна оҳиста ҷавоб медиҳанд.

Ҳаминро таъкид кардан лозим, ки мизоҷи доими ва дигаргуншаванда, ё нағзу бад нест. Ба муҳит, шароит, таълим ва тарбия нигоҳ карда типи мизоҷ ҳам дигаргун мешавад. Масалан: масалчии бузург И.А.Крилов ва саркарда М.И.Кутузов шахсони соҳиби мизоҷи флегматики, шоир В.А.Чуковский, композитор. П.И.Чайковский, нависанда И.В.Гоголь бошад. Шахсони мизоҷи меланҳоликӣ буданд.

Дар натиҷаи тадқиқотҳои психологи ҳамаи мизоҷҳо дар ҳолати пурра, яъне пурра ҳалерики, ё пурра сангвиники намешаванд. Аксарият одамон мизоҷи омеҳта доранд. Дар одам кадом намуди мизоҷ бисёр бошад, ба ҳамон нигоҳ карда ӯро мансуби ин ё он мизоҷ мегӯянд. Масалан, шахси серғайрат, серҳаракат, ба ҳама чиз ҳавасмандро шахси мизоҷи флегматики меноманд.

Ҳар як типи мизоҷ тарафи манфи ё мусбии худро дорад. Тарафи манфии мизоҷи ҳолерики он аст, ки дар он ҷараёни тормозшави суст аст, баъзан ин одамон худро аз ҳаракатҳои ноҷӯя нигоҳ дошта наметавонанд. Тарафи мусбии шахси типи ҳолерики он аст, ки онҳо боғайрат, боқатъият, ҳаракатҳояшон тез, зеҳнашон баланд аст. Манфигии шахсони типи флагменти дар он, ки онҳо бисёр сусткаш, бепарво мебошад, хислатҳои мусбиаш он, ки ӯ ақлан бақувват вазнин аст.

Дар шароити ҳозира дар ҷараёни таълиму тарбия ба хонандагон индивидуалона муносибат карда, мизоҷи онҳоро ба ҳисоб гирифтан аҳамияти муҳим дорад. Чунки хонандагони мизоҷҳои типи гуногун худашонро гуногун медоранд. Дар дарсҳо ва корҳои тарбияви вазнини, худро дошта тавонистан, таркиб додани одатҳои доимиги ва системанокиро дар хонандагон тарбия кардан яке аз шартҳои зарури муваффақиятҳои педагоги мебошад.

Хусусиятҳои мизоҷи зоди одам бо калон шудан дигаргун мешавад. Мазмуни сифати типи мизоҷро ислоҳ кардан муҳити иҷтимоӣ ва таълиму тарбия таъсири калон мерасонад. Барои ҳамин дигаргуншавии типи мизоҷ, сифатҳои онро мувофиқ синну сол гуфтан ба мақсад мувофиқ аст.

Маълум, ки ҳар яки аз ин чор типҳо ба сифатҳои алоҳида соҳиб буда, дар онҳо хусусиятҳои моили ба дигаргуншавӣ ҳам ҳаст. Ҳамин тавр, телепераменти тоза, фақат хоси ба як тип вонамехӯрад. Мизоҷ алоҳида гирифта шуда, тавсифи асосии системаи асаби ӯ буда, ин тавсиф ба фаъолияти тамоми шахс таъсир мерасонад.

Омӯхтани психологияи типи мизоҷ далолат медиҳад, ки одамони мизоҷашон як хел ҳам гуногун мешаванд. Маълум, ки ҳар як шахс такрорнашаванда аст. Барои ҳамин шахсро ба як типи мизоҷ даровардан ҳамеша ҳам дуруст нест. Дуюм дар баъзе одамон аз як тип берун боз ду ва аз вай зиёда нишонаҳои тип мешавад. Барои ҳамин ба одамон хусуиятҳои омеҳтаи типи ҳолерики ва сангвиники, меланҳолики ва флегматики дучор мешаванд.

Боз як масъалаи муҳим он, ки як типи мизоҷро хуб, дигарашро бад гуфтан аз ҷиҳати илми дуруст нест. Чунки ҳар як типи мизоҷ сифатҳои манфи ва мусбии худро дорад.

Ҳамин тавр, сифати мизоҷ хусусият ба чашм намоёншавандаи психологи индивидуали буда. Ба кадом мизоҷ соҳиб будани ҳар як одамро муайян кардан аҳамияти амали дорад. Якум, типи мизоҷро донистан дар муносибати байни одамон роли мусби мебозад, дуюм барои ташкили таълим ва тарбияи авлоди ҷавон дар асоси талаби давр-гарави муваффақият шуда ҳизмат мекунад.

## МАВЗӮЪИ 15. ХАРАКТЕР

Яке аз муаммоҳои асосии психологияи умумӣ – тадқиқи васеи хислатҳои характери шахси шароити мустақиллӣ мебошад. Дар Ҷумҳурияти мо муҳити иҷтимоӣ дигаргун шуд, дар таркиби ҷамъиятамон соҳаҳои нав ба нав пайдо шуд, касбони одамон мазмуни дигар гирифт, дар натиҷаи дигаргуншавии ҷабҳаҳои фаъолият хулқу атвори одамон ҳам миллигӣ касб кард, ки ҳамаи ин назди фанни психология муаммоҳои ҳалталабро мегузорад.

Яке аз муаммоҳои зерин масъалаи характери миллӣ мебошад. Омӯхтани характери миллӣ яке аз масъалаҳои муҳими замони ҳозира буда, онро дар зимни қадриятҳо омӯхтан мувофиқи мақсад аст.

Табиист, ки барои омӯхтани характери миллӣ ҳаёти ҳалқ, тарзи зисти онро донистан зарур аст. Чунки дар ҳамаи ҳалқҳо хусусиятҳои аз якдигар фарққунанда мавҷуд аст. Ин хусусият дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҳалқҳо дар мулоқоти вакилони ҳалқҳои дигар ба чашм мерасад.

Решаҳои хислатҳои хоси характери миллӣ муносибатҳои байни ҳамдигари дар шароити ҳаёти моддии ҳалқҳо, ба худ хосии истеҳсоли нозу неъматҳои барои зиндаги зарур, дар давоми фаъолияти меҳнати гуногун

мебошад. Дар ана ҳамин манбаҳо сифатҳои характери ба худ хоси ҳалқ, таҷрибаи иҷтимоиву иқтисоди, омилҳои тараққиёт ифодаи худро ёфта, ҳамаи ин хислатҳои характери хоси ҳамин ҳалқро ифода мекунад.

Дар ҳар давраи таърихи характери дар ҳамин муҳит асос шуда пайдо мешавад ва ривоҷ меёбад. Дар ҳамин ҷараён баробари хислатҳои умумхарактери хислатҳои характери миллӣ ҳукмрон мешавад.

Ҳаминро бояд таъкид кард, ки хислатҳои характери миллӣ фақат аз ватанпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, далерӣ, озодпарастӣ иборат набуда, камолоти ақлии ҳалқ, муносибат ба дигар ҳалқҳо, хусусиятҳои муайянкунандаи муносибатҳои байни вакилони ҳамин ҳам дохил мешавад.

Баробари хислатҳои характери хоси ҳар як ҳалқ, хислатҳои характери умумии барои ҳамаи ҳалқҳо хос ҳам аст. Масалан: ватанпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, озодипарастӣ фазилати хоси ҳамаи ҳалқҳо бошад, вобаста бо шарту шароити иҷтимоӣ, муҳити географӣ, тарзи меҳнат ҳар як ҳалқ моҳияти хоси миллати худро касб мекунад.

Меҳнатдӯстӣ ҳислати характери асосии халқи ӯзбек буда, ин сифат дар деҳқони, боғдори барин соҳаҳо намоён мешавад. Меҳнатдӯстӣ паҳтакорӣ, пиллапарварии халқамон шӯҳрати ӯро ба дунё паҳн кард. Ҳоло дар Ҷумҳурияти мо ҳаракати тадбиркори васеъ авҷ гирифтааст, ин намунаи равшани муносибати нав ба меҳнат дар шароити мустақили аст.

Меҳнатдӯстӣ – касби миллии халқи ӯзбек. ӯ ба ҳамаи машаққатҳои деҳқонон назди қувваҳои қудратноки табиат оҷиз, ба обхезии баҳор, хушки, беоби мардона тоб меорад, дар ҳар гуна обу ҳаво бо меҳнати худ заминҳои навро аз худ мекунад, боғ меофарад, ба замин дар муносибати ҳақиқии инсони шуда, дастурхони фаровонро таъмин мекунад. Меҳнатқарини аз авлод ба авлод гузашта, ҳислати характери асосии халқи ӯзбек шуда дар тинати халқҳои Осиёи Миёна чуқур ҷой гирифт.

Боз як ҷиҳати ба худ хоси ин ҳалқҳо дар он, ки ҳурмати калонсолон, иззати падар-модарро иҷро кардани суханони онҳо одати қатъи ба шумор меравад. Дар муносибатҳои байни худ дар шароити оила ҷавонон ба калонсолон итоат мекунанд, ҳурматашонро ба ҷо меоранд. Ин тавр муносибат барои камолоти маънавии насли наврас аҳамияти калон дорад.

Чун хислатҳои умуми сифатҳои характери милли ҳам доимист, дигаргуншаванда нест. Вобаста бо муҳити иҷтимои ва шароити таърихи хислатҳои милли ҳам дигаргун мешавад. Лекин баъзе сифатҳои характери милли ба тарзи хислатҳои умуминсони нигоҳ дошта мешавад. Чунки хислатҳои милли дар замири хислатҳои характери умумбашари ба вуҷуд меояд ва ба вай зид намешавад. Ҳар як ҳалқ дар ҷараёни мулоқот бо халқҳои

дигар характери набударо аз вай мегирад, ба онҳо имконияти аз худкунии хусуиятҳои набударо меофарад.

Мувофиқи имкониятҳои зикршуда термини характери (юнони “xaraktir”) маънои нишона, ҳислат, хусуият, нишонро мефаҳмонад.

Маҷмуаи хусусиятҳои индивидуали – психологии барқарори иборат аз муҳити иҷтимоии шахс, таркибёбии натиҷаи таъсири таълиму тарбия, ифода ёфтани муносибатҳои он ба дигарон, ба худаш, воқеият характер номида мешавад.

Хусуиятҳои ташкилкунандаи характер хислатҳои характер номида мешавад. Хислатҳои характер доимо ба моҳияти тағирёби моил буда, ба тарзи ҳаёти шахс, вобаста ба таълиму тарбияи он таркиб меёбад, дигаргун мешавад ва тарбия мегирад.

Хислатҳои характер иборат аз ҷамъи равияи хусусиятҳои интеллектуалӣ, эмотсионалӣ ва иродавӣ, ки дар ҷараёни ҳаёти шахс пайдо шудааст мешавад, ин хусусиятҳо арзишҳои муайяни хулқу атвори дар натиҷаи таъсири ҳаёти шахс ба вуҷуд омада мебошад. Ин сифатҳо дар ҳатту ҳаракате, ки асоси хулқу атворро ташкил мекунад, дар муносибати ба худ, дигарон, меҳнат ва ҷамъият ифода меёбад. Ба ҳар як шахс баробари сифатҳои мусби ба монанди: беғами, беозори, моҳирӣ, мустақилӣ, ҷозибадорӣ, ҳоксорӣ, ширинсуханӣ, фидоӣ, ҷиддӣ, бофаросатӣ, дилсафедӣ, озодагӣ, донишмандӣ, покӣ, меҳнатдӯстӣ, бомаънавиятӣ, қатъиятӣ, боитоатӣ, инсонпарварӣ, садоқат, боиффатӣ, софдилӣ, шармгинӣ, ботартибӣ, хушфеълӣ, боандешагӣ, фидоӣ, сифатҳои салбӣ, ба монанди: беандешагӣ, бевиҷдонӣ, разили, лоқайдӣ, беорӣ, беҷуръатӣ, чашмгуруснагӣ, зиқнагӣ, фиребгарӣ, қасоскорӣ, мардумозорӣ, якравӣ баринҳо ҳам мешавад. Ба дараҷаи намоёншавии сифатҳои салбӣ ё мусбӣ нигоҳ карда ба одамон баҳои хуб ёбад дода мешавад.

Хусусиятҳои характери мусбӣ барои инсон аҳамияти калон дорад. Хислатҳои мусбии одам хоси шахс буда, ба вай софи, латифи, мусаффои болидахотири бахшида байни мардум обрӯю эътиборашро меафзояд. Шахсоне, ки хислатҳои манфи доранд, ба нафрати ҳалқ дучор мешаванд.

Аз нуқтаи назари ҳукмронии фаъолияти шахс дар ҷараёни психологи хислатҳои характер ба хусуиятҳои ахлоқи, эмотсионали ва иродави ҷудо мешаванд. Аз нуқтаи назари муносибати воқеиги хислатҳои характер аз гурӯҳҳои зерин иборат аст:

**а)** Хусусиятҳои ифодакунандаи сохти рӯҳии умумии шахс. Ба хусусиятҳо, ғоя, ба кӯшиши бомақсад принсипноки, поки, ватанпарвари, марди, фаъоли, боинтизоми адолат парвари ва дигар сифатҳо дохил мешаванд;

**б)** Хусусиятҳои ифодакунандаи муносибатҳои шахс ба дигар одамон. Ба ин хусусиятҳо инсонпарварӣ, дасткушодӣ, самимият, ҳурмату эҳтиром, ҳамҷиҳати ва ғайра дохил мешавад;

**в)** Хусусиятҳои ифодакунанда муносибати шахс ба худ. Ба ин хусуиятҳо ҳисси қадру қиммати худро донистан, камтарӣ, мағрурӣ, шармгинӣ, худбинӣ, худпарастӣ, худро ба маркази диққат гузоштан дохил мегардад;

**г)** Хусусиятҳои ифодакунандаи муносибати шахс ба касбу кор. Ба ин хусуиятҳо меҳру муҳаббат ба халқи худ, оммаи меҳнаткаш, қатъият эҷодкорӣ, ташаббускорӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳалолӣ ва дигар фазилатҳо дахлтдоранд;

**д)** Хусусиятҳои ифодакунандаи муносибати шахс ба чизҳо. Дар ин хусуиятҳо нуқтаи назари шахс чун пухтакори, бепарвоги, сарфакори, исрофгари, муносибат ба мулки худ ва дигарон ифода меёбад. Маълум шуда истодааст, ки дар сохти психологияи умумии шахс дар муносибати бо дигар одамон, ба худ, ба меҳнат ва чиз хусусиятҳои ҳам салбӣ ҳам мусбии характер намоён мешавад.

Байни хусуиятҳои мусбии характер хусусиятҳои ахлоқӣ роли муҳим мебозад. Хусуиятҳои ахлоқи ба ҳиссиётҳои ахлоқи асос ёфта, хулқу атвори шахсро барои ба талаби ҷамъият ҷавоб додан ифода мекунад. Байни инҳо асосан сифатҳои ватанпарвари, байналмилали, инсонпарвари ба аҳамияти муҳим соҳиб аст, дар ин ҳиссиётҳои баланд барои ватан, ҳалқ, мардум зиндаги кардани шахс акс меёбад. Пас аз соҳибистиқлолии Ҷумҳуриамон моҳияти фаҳмиши ватанпарвари дигаргун шуд. Ҳар як инсон бояд ватани ҳешро чун дар ҳоки он гавҳараки чашм нигоҳ дорад. Акнун ватанпарвари на танҳо дар ҳиссиётҳо балки, дар ҳаракатҳои амалии рӯзона, низ бояд ифода ёбад. Ватанпарвари ҳақиқи бояд дорои сифатҳои ватанпарвари, инсонпарвари, ҷамоатчиги, байналмилали, ҳалоли, ростгӯи, ростҳавли, муҳаббат ба меҳнат, ҳалқ, фидои ба ғояҳои истиқлол бо садоқат бошад. Бе ин ҳислатҳо ватанпарвар гуфтан нодуруст.

Дар хислатҳои характери мусбии шахс роли ғайрат, фаъоли, марди, қатъиятманди, сабру тоқат, мустақили, ботартиби барин хусуиятҳои иродави накши муҳим дорад. Чунки ин тавр хусуиятҳои иродави бо ҳурмати якдигар, ҳалоли, росткори, покии ахлоқи, оддиги, ҳоксори  ҳурмати якдигар дар оила ғамҳори бе кӯдакон вобаста буда, барои таъмин барқарории хислатҳои мусбии характер ҳизмат мекунад.

Ҳаминро ҳам таъкид кардан лозим, ки дар баъзе ҳолатҳои фаъолияти шахс сифатҳои қатъиятманди, ҷасури, марди, боматонати, доими, худидоракуни барин сифатҳо ҳислати барқарори характер шуда наметавонад.

Агар шахс ҷасорат нишон дод, далери кард, ростгӯи, софдили нишон дод гуфта шавад, ин сифатҳо дар вақти маълум пайдо шудааст ва характери барқарор шуда наметавонад. Агар ин ҳислатҳо доими ва барқарор бошад, сифати характер шуда метавонад. Дар ин вақт дар бораи ин тавр шахсҳо сухан равад, сифатҳои характери далер, мард, ҷасур, ростгӯӣ ҳамроҳ карда гуфта мешавад.

Шахс маҳсули муҳити иҷтимои ва муносибатҳои иҷтимои буда, хислатҳои характери ӯ маҳсули муҳити иҷтимои ва шароитҳо мебошад. Вобаста бо таркиби ҷамъият хислатҳои характер моҳияти табақакуни мегирад. Вобаста бо дигаргуншавии ҳастии иҷтимои ба шароити зиндаги сифатҳои характери аъзоҳои ҷамъият ҳам дигаргун мешавад.

Чанд сол пеш Ӯзбекистон ба соҳибистиқлол гардид. Дар Ҷумҳуриятамон муҳити иҷтимои нав ба вуҷуд омад. Дар натиҷа хулқу атвори аъзоҳои ҷамъиятамон хислатҳои характери миллии ба қадриятҳои милли асосшуда, пайдо шуд ва барои ривоҷи он заминаи мустаҳкам офарида шуд.

Ҳоло шароити мустақили барои аҳли Ӯзбекистон имконияти калон дод, ки хусуиятҳои индивидуали, хислатҳои характери умуминсониашонро барқарор кунанд, ривоҷ диҳанд. Дар давоми ин таърихии кӯтоҳ сифатҳои салбии ба шахс хоси сохти совети аз решааш ба инқироз дучор шуд. Акнун, хислатҳои манмани, лаганбардори, бепринсипи, бемасъулияти рӯз то рӯз нест шуда меравад.

Сифатҳои характери хоси шахси шароити мустақили дар муносибат ба меҳнат, садоқат ба манфиатҳои мустақили, дар муносибати байни ҳамдигарӣ, иродави ифодаи худро меёбад.

**Типологияи характер.** Кӯшиши сохтани типологияи характерҳо дар тамоми таърихи психология якчанд маротиба шурӯъ карда шуда аст. Яке аз машҳуртарин ва аввалини онҳо типология мебошад, ки аз тарафи психиатр ва психологи олмонӣ Э.Кречмер пениҳод шуда аст. Баъдтар ба ин монанд психологи америкоӣ У. Шелдон типологияи худро пешниҳод кард. Ҳозир бошад, олимон ба монанди Э.Фромм, К.Леонгард, А.Е. Личко ва дигарон типологияи характерҳои муайяни худро пешниҳод карданд. Ҳамаи типологияи характерҳои инсонӣ аз қатори ақидаҳои умумӣ ба вуҷуд омадааст, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

1. Характери инсон барвақт дар антогенез шакл мегирад ва дар ҷараёни тамоми умри ӯ худро ҳамчун рафтори каму беш мустаҳкам зоҳир менамояд.

2. Он хусусиятҳои як медиҳад, ки типологияи характерҳоро созад ва онро зоҳир намояд.

3. Қисми зиёди одамон вобаста ба ин типология метавонанд ба гурӯҳҳо ҷудо шаванд. Э.Кречмер 3-типи сохти бадан ё ин ки конститутсияи инсонро, ки нисбатан маъмуланд, ҷудо кард: астеникӣ, атлетикӣ ва пикникӣ. Кречмер ҳар яки онро бо типи махсуси характер пайваст (баъдтар маълум шуд, ки барои татбиқи ин Кречмер асосҳои илмӣ надошт).

**1. Типи астеникӣ** – ғафсии на он қадар калони бадан, ҳангоми қаду басти миёна ва аз миёна баландтар тавсиф дода мешавад. Астеник – одатан одами хароб ва борик мебошад, аз харобиаш қадаш аз будаш баландтар метобад. Астеник дорои пӯсти тунуки рӯй ва бадан, китфҳои майда, дастони борик, қафаси синаи рост ва дарози бо мушакҳои суст инкишофёфта ва бо ҷамъшавии сусти чарбу мебошад. Асосан тавсифи мардонастеникҳо ҳамин хел аст, занҳои астеник бошанд, ба ғайр аз ин боз қадпастанд.

**2. Ба типи атлетикӣ** – склет ва мушакҳои мустаҳкам ташаккулёфта хос аст. Ин гуна одам одатан қаду басти миёна ё баланд дошта, китфони васеъ ва қафаси синаи бақувватро дорост. Ӯ инчунин сари баланд ва сахт дорад.

**3. Типи пикникӣ** – бо узвҳои сахт ташакулёфтаи бадан, моил ба ҷояи шахсият, ки ба характери инсон дохил мешаванд, тасодуфӣ нестанд. Онҳо типҳои аниқ фарққунандаро ба вуҷуд меоваранд ва он имконият фарбеҳ шудан ҳангоми мушакҳои сустташакулёфта ва апарати такягоҳ ва ҳаракат фарқ мекунад. Ин гуна одам қади миёна ва гардани кӯтоҳро дорост, ки он дар байни китфҳо нишаста аст.

Аксентуатсияи характер (аз калимаи лотинии accentus – зада) таъкиди фавқулоддаи сифатҳои алоҳидаи шахс аст, ки дар осебпазирии интихобии шахс нисбат ба навъҳои муайяни таъсири психогенӣ (таассуроти вазнин, ҳолатҳои фавқулоддаи асабиву рӯҳӣ ва ғ.) дар сурати устувории хуб ё ҳатто қавӣ ба дигар таъсирот зоҳир мегардад.

1. **Типи гипертимӣ.** Наврасони ин тип бо серҳаракатӣ, одамдӯстӣ ва майл ба ҷангарагии худ фарқ мекунанд. Онҳо ба ҳодисаҳои дар гирду атроф рухдода ҳама вақт ғалоғӯлаи бисёрро ворид месозанд, иҳотаи ноороми ҳамсолонро дӯст медоранд. Онҳо ҳангоми қобилиятҳои хуби умумӣ беқарорӣ, беинтизомӣ, хониши нисбатан су- стро пайдо мекунанд. Ҳолати рӯҳиашон доимо хуб аст. Бо калонсолон - волидайн ва муаллимон дар бисёр ҳолатҳо байнашон ихтилофҳо ба вуҷуд меоянд. Ин гуна наврасон шавқу ҳавасҳои гуногун доранд, вале ин шавқу ҳавасҳо аз рӯи қоида, рӯякӣ ва даргузаранд.
2. **Типи сиклоидӣ**. Бо зудранҷӣ ва майл ба рӯҳафтодагӣ тавсиф дода мешавад. Наврасони ин тип ба ҷои он, ки бо ҳамсолон дар шӯру ғавғо бошанд, дар хона танҳо буданро интихоб мекунанд. Онҳо нокомии начандон

муҳимро бо душвории калон паси сар мекунанд, ба эродҳо ниҳоят тундона ҷавоб мегардонанд. Ҳолати рӯҳиашон тағъирёбанда аст, ки он муддати муайянро (тақрибан 2-3 ҳафтаро) дар бар мегирад.

3. **Типи нопойдор**. Ин тип ҳолати рӯҳии нисбатан тағъирёбандаро дорост, ки он бо вуҷуди ин пешакӣ фаҳмиданашаванда аст. Сабабҳои ногаҳон таъғирёбии ҳолати рӯҳӣ метавонанд ночиз бошанд, масалан, касе нохост эроде гирифт, ё ин ки назарногирона нигоҳ кард. Ҳамаи онҳо қобилияти ба зудӣ рӯҳафтода шуданро ҳангоми мавҷуд набудани ягон нокомӣ ва нохӯшии ҷиддӣ доранд. Рафтори ин наврасон аксаран аз ҳолати рӯҳии фаврӣ вобаста аст.

4. **Типи астеноневротикӣ**. Ин тип бо аз ҳад зиёд якравӣ, бадгумонӣ, нобоварӣ, мондашавӣ ва хашмгинӣ тавсиф дода мешавад. Алалхусус дар бисёри ҳолатҳо мондашавӣ ҳангоми иҷрои коре, ки қувваи ақлиро талаб мекунад, зоҳир мешавад.

5. **Типи сензитивӣ**. Ба ин тип ҳассосии баланд нисбат ба ҳама чизи гирду атроф, яъне ҳамаи он чизе, ки хушҳол месозад, аламангез мекунонад ва ё тарс меоварад, хос аст. Ин наврасон ҷамъомадҳои серодам, қиморбозӣ ва бозиҳое, ки серҳаракатиро талаб мекунанд, дӯст намедоранд. Онҳо одатан дар иҳотаи одамони ношинос, шармгин ва тарсончаканд, ки барои ҳамин ҳам камгап ме- тобанд

6. **Типи психостеникӣ**. Ин гуна наврасон бо зуд ва барвақт ташаккулёбии дараҷаи ақлӣ, моил ба муҳокима ва мулоҳизакорӣ, ба худтаҳлилкунӣ ва баҳодиҳии одамо- ни дигар тавсиф дода мешаванд. Аммо ин гуна наврасон бисёр вақт мустаҳкам бо гапанд, на дар амал. Худбоварии онҳо аз беҷуръатӣ ва норизогии муҳокимабо шитобкории амал, ки дар он ҳолат боэҳтиёт ва бомулоҳизакориро талаб мекунад, вобаста аст.

7. **Типи шизоидӣ.** Хусусияти нисбатан маъмули ин типмардумгурезӣ мебошад. Ин наврасон нисбати ҳамсолон бо дилхунукӣ рафтор мекунанд. Бештар хоҳиши танҳо ё дар иҳотаи калонсолон буданро доранд. Онҳо бисёр вақт бепарвоӣ ба одамони гирду атроф, набудани шавқ нисбати онҳо, ҳолати дигар одамон ва мутаасиршавии онҳоро ба хубӣ дарк намекунанд, ҳамдардӣ ё дилсӯзӣ карда ната- вонистани худро нишон медиҳанд.

8. **Типи эпилептоидӣ**. Ин наврасон бисёр ва тез-тез гиря мекунанд, одамони гирду атрофро озор медиҳанд ва махсусан дар хурдӣ. Ин гуна кӯдакон, менависад А.Е.Личко, озор додани ҳайвонот, масхара кардани кӯда- кони аз худ хурд ва таҳқир кардани одамони ноӯҳдабароро дӯст медоранд. Онҳо дар гурӯҳҳои кӯдакон худро ҳамчун диктаторҳо нишон медиҳанд. Хусусиятҳои типикии онҳодуруштӣ, салобат ва худдӯстдорӣ мебошанд.

**9. Типи истероидӣ**. Хусусияти муҳимтарини ин тип худпарастӣ ва доимо диққати баландро нисбати худ талаб кардан мебошад. Наврасони дорои ин типи аксентуатсия, ба санъаткорӣ ва худнамоӣ моиланд. Таъриф намудани рафиқи онҳо аз тарафи дигарон ё ин ки равона кардани диққати бисёртар на ба онҳо, балки ба дигаронро ин кӯдакон бо душворӣ аз сар мегузаронанд.

**10. Типи истероидӣ.** Хусусияти муҳимтарини ин тип - худпарастӣ ва доимо диққати баландро нисбати худ талаб кардан мебошад. Наврасони дорои ин типи аксентуатсия, ба санъаткорӣ ва худнамоӣ моиланд. Таъриф намудани рафиқи онњо аз тарафи дигарон ё ин ки равона кардани диққати бисёртар на ба онҳо, балки ба дигаронро ин кӯдакон бо душворӣ аз сар мегузаронанд

**11. Типи ноустувор.** Онро баъзан ҳамчун сустирода ва ба равиши ҷараён шинокунанда тавсиф медиҳанд. Наврасони ин тип ба вақтхушӣ, бекорхуҷагӣ ва ба коргурезӣ моиланд. Дар онҳо шавқу ҳавасҳои ҷиддӣ нисбати ихтисос дида намешаванд ва инчунин онҳо дар бораи ояндаи худ умуман фикр намекунанд.

**12. Типи конформӣ.** Типи додашуда бефикрӣ ва итоати вазъӣ ба ҳама гуна шахсиятҳои обрӯманд ва аксариятро дар гурӯҳ зоҳир мекунад. Ин гуна наврасон одатан ба насиҳат кардан ва кӯҳнапарастӣ моиланд ва ақидаи муҳимтарини ҳаёти онҳо ин «ба монанди ҳама будан» аст.

Аъзоёни ҷамъияти мо тамоилҳои ахлоқии дар нормаҳои ахлоқи умумиинсони ифода ёфтаро ҳислати характери беқарори худ медонанд.

Садоқат ба ғояҳои мустақили, муҳаббат ба Ватан, ҳалоли, меҳнатдӯсти, идроки ӯҳдадории иҷтимоӣ, дӯсти, ёрии ҳамдигари, покии ахлоқ, оддиги, камтарини, самимият, меҳрубони, соҳиби ғояи мустаҳкам ва дигар хислатҳои характер ба эҳтиёҷи ҳаёти рӯзонаи аъзоҳои ҷамъиятамон табдил ёфтааст.

Хусуиятҳои характери шахс доимо дар ҳолати ба якдигар вобаста намоён шавад ва дар якҷояги ин хусуиятҳо сохти характерро ташкил мекунад.

Хислатҳои ифодакунандаи муносибат ба шахс, ҷамъият, меҳнат, ашё ва хислатҳои ифодакунандаш муносибат ба худ ба тариқи модарзоди дода намешавад. Маънои ин он аст, ки фарзанди одам ба дунё омада дар вай пайдо шудани хислатҳои характер ва ривоҷи онро ҳеҷ кас пешаки гуфта наметавонад. Дар кӯдак аввалин муғҷаҳои хислатҳои характер дар таъсири шароити оила ба вуҷуд меояд. Моҳиятиояндаи ин мӯғҷаҳоро хулқу атвори соҳиби таъсири намунави будани падару модар ва дигар аъзоёни оила муайян мекунад. Ин ҳақиқати ҳол дар ҳадисҳо низ қайд шудааст.

Баъдтар, муассасаҳои то мактаби барои кӯдак ва ривоҷи хислатҳои характери мусби роли калон мебозад.

Дар боғча ва ясliҳо кӯдакон ҳурмати калонсолон одоби салому алейк, дӯсти ҳақиқи, муносибат ба мулки иҷтимои озодаги, риоя ба интизом ва дигар ҳислатҳоро аз худ мекунанд. Дар ин давр ба бачаҳо бояд эътибори ҷидди дод, токи онҳо дар худашон хислатҳои  мусбиро гиранд. Чунки роли ҳаёти ояндаи шахс ба хулқу атвори дар ҷавони қарор гирифтаи ӯ вобаста аст.

Барои ҷавононро ба руҳи хислатҳои  характери мусби тарбия кардан эътибори ҷидди додан лозим. Соҳиби хусуиятҳои характери мусби ба ҳурмат иззати атрофиён, ҳешовандон, дӯстон сазовор мешавад. Аз шахси соҳиби хусуиятҳои характери салби буда, одамон дури меҷӯянд, ин тавр одам дар оила ва корҳона соҳиб эҳтиром намешавад, бедӯсту бародар зиндаги мекунад. Шахси доири хислатҳои салби бемазмун тарзи ҳаётро мегузаронад, аз лаззати зиндаги бебаҳра мемонад, ба дарди бекаси мубтало мешавад. Ин ҳол дар зиндаги  бо марг баробар аст.

Бояд гуфт, ки одамони калонсол бошуурона ба хислатҳои  салбиашон мубориза бурда, ҳалос шуданашон мумкин. Барои ин бояд шахс таҷрибаи ба болои худ кор карданро дошта бошад. Камбудиҳои хулқу атвори худро донад ва бар зидди ин нуқсонҳо мубориза барад.

Аз ҷиҳати психологи ба хислатҳои характер додани баҳои муносиб нуқсонҳоро муайян карда, иқроршави масъалаи душвор ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин ба фикри дигарон гӯш кардан, аз танқид ҳафа нашудан, ҳолисона баҳо додани ҷамоаи меҳнатро дуруст фаҳмида, дар бораи дигаргун кардани ҳислати характери худ кор бурдан натиҷаи хуб медиҳад.

Шахс дар гурӯҳ ё ҷамоа фаъолият нишон медиҳад. Байни одамон зиндаги карда меҳнат мекунад, ба хислатҳои характери салби ба мусби муносибати худро баён мекунад. Ба сифатҳои мусби ҳайриҳоҳ, ба сифатҳои салби бо нафрат ҳиссиёти худро изҳор мекунад. Барои ҳамин ҷамоа қувваи тарбиявии калон аст. Чунки характери одам дар фаъолияташ таркиб меёбад ва дар мулоқоту ҳаракатҳояш намоён мешавад.

## МАВЗӮЪИ 16. ҚОБИЛИЯТ

Сифати дар дониш ва малакагирӣ, фаҳмиши тез, аз худкушии дониш ҳозирҷавобӣ, хотираи мустаҳкам, ки дар нигоҳдории дониши омӯхтаро намоён мешавад, қобилият номдорад.

Маълум аст, ки камолёбии инсон  ба инкишофи организм, шарту шароит, таълиму тарбия вобаста буда, ба фаъолӣ, ғайрат, шуҷоат ва мустақилӣ намоён мешавад. Дар камолоти шахс меҳнатдӯстӣ ва худфаҳмӣ

аҳамияти муҳим дорад. Мувофиқи таълимоти психологии умумӣ дар одам қобилияти компенсатсия мавҷуд. Маънои он ҷои як хоссаи рӯҳиятро дигар ҳисса хоссаҳо пур мекунад. Ҷои қобилиятро қобилиятҳои дигар ишғол менамоянд. Дар ин ҷараён муҳити иҷтимоӣ ва таълиму тарбияи хуб аҳамияти муҳим дорад.

Аз нуқтаи назари психологӣ бо ҷиҳати сифати қобилиятнокӣ аз дигарон тафовут дорад. Аз ҷиҳати қобилият одамон дар бози ҳондан меҳнат аз якдигар фарқ мекунад. Одами қобилиятнок ин ё он корро тез, сифатнок иҷро кунад, одами беқобилият ҳамин корро суст ва бесифат иҷро мекунад. Ёки дар шахсони қобилиятнок ба рӯёб гардидани намудҳои фаъолият сермаҳсул ва самаранок бошад, дар шахсони беқобилият акси он мешавад. Сифати қобилиятнокии одам дар эҷодиёт, мустақилӣ ва тезкорӣ ифодаи худро ёбад.

Қобилият, ки сифати индивидуалии шахс ҳисоб меёбад, вобаста бо дигар сифатҳои индивидуали дар шакли гуногун мешавад.

1. Қобилиятҳои табии хоси одамон ва ҳайвонот, аз ҷумла дарк, хотира ва муоширати оддӣ мебошанд.

Асоси ин қобилиятҳои аз ҷиҳати биологӣ асосёфта раванди ташаккули рефлексҳои шартӣ мебошад. Ин қобилиятҳо дар одамон ва ҳайвоноти хеле рушдёфта гуногунанд.

Сабаби он, ки ҳар як шакли фаъолият аз шахс дараҷаи қобилиятнокиро талаб мекунад.

2. Дуюм, мувофиқи намуди фаъолияти шахс намудҳои назарӣ, амалӣ, илмӣ, эҷодӣ, техникӣ, мусиқӣ, педагогӣ, тарбиячигии қобилият мавҷуд аст.

Ғайр аз ин қобилиятҳои умуми ва махсус ҳам мавҷуд. Соҳибони қобилияти умуми дар соҳаҳои гуногуни фаъолият фаъолиро таъмин менамоянд. Агар талаба соҳиби қобилияти умуми бошад, ӯ ҳамаи фанҳоро баробар аз худ мекунад, бо идроки дурусти таасуротҳоро аз дигар талабаҳо фарқ мекунад.

Қобилияти махсус имкон медиҳад, ки дар соҳаи маълуми фаъолият шахс ба муваффақият соҳиб шавад. Агар талаба соҳиби қобилияти махсус бошад, ӯ баъзе соҳаҳои фанро аз худ мекунаду фанҳои боқимондаро дуруст аз худ карда наметавонад.




Умуман, дар шахс лаёқати қобилиятнокӣ мешавад. Аммо чи тавре, ки дар боло таъкид гардид, дар аксар шахс баробари мавҷудияти қобилияти умуми қобилияти махсус низ мешавад. Ҳамин тавр, шахсони соҳиби қобилияти махсус ва умуми бо зеҳни тез, идрок, эҷодкорӣ, масъулиятноки дар кор фарқ мекунанд. Фаъолияти инҳо алоҳида ба назар гирифта мешавад ва баҳо дода мешавад. Нисбат ба шахсони беқобилият соҳибони қобилияти умуми ва махсус қадр меёбанд, ба онҳо ба сифати одамони фаъол нигоҳ карда мешавад.

Хамаи кобилиятхои махсус, намудхои асосии фаъолияти инсон ба се намуд таксим мешаванд: илм,санъат,амалия ташкил кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, истеъдодро метавон ҳамчун миллӣ, бадеӣ ва амалӣ тасниф кард. Ҳар яке аз ин намудҳо ба зернамудҳо тақсим мешаванд.

**Қобилияти илмӣ** рушди тафаккури абстрактӣ, эвристикӣ мебошад, хотираи мантикии лафзй, суботкорӣ ва сабру тоқатро талаб мекунад. Ин қобилият малакаҳои хурди зеринро дар бар мегирад: аз фанҳои физика, математика, химия, фалсафа, таърих, биология.

**Қобилияти бадеӣ** қисмати махсус таҳияшудаи тасвирҳои эҳсосӣ, ҳассосияти шадиди эмотсионалӣ ва реактивиро талаб мекунад. Ин қобилиятҳо малакаҳои визуалӣ, мусиқӣ, бадеӣ ва адабиро дар бар мегиранд.

**Кобилияти амалй** тафаккури хеле тараккикардаи амалй, аклу заковати кавй, ирода ва ташаббуси баркамолро дарбар мегирад. Қобилияти конструктивӣ-техникӣ ба малакаҳои амалӣ, малакаҳои идоракунӣ, аз ҷумла малакаҳои ташкилӣ ва ғайра.

Малакахои назариявй ва амалй хам кобилияти инсонй мебошанд. қобилиятҳои назариявӣ дар майл ба амалҳои абстрактӣ, мантиқӣ зоҳир мешаванд. Маҳорати таълимӣ дар азхудкунии дониш, малака ва маҳорат, ташаккули шахсият, баланд бардоштани самаранокии таъсири педагогӣ нақши мусбат дорад. Кобилияти эҷодй дар офаридани асархои маданияти моддию маънавй, халли афкори нав, кашфиёт ва навоварй зохир мегардад.

Олими рус И.П.Павлов дар таълимоти худ таснифоти одамонро ба «санъаткор», «тафаккур», «миёна» ба яке аз ин се намуд ишора мекунад. Муаллиф хангоми офаридани ин типология ба чунин таълимот такя мекунад, ки фаъолияти олии асаб аз системахои сигналдихии якум ва дуюм иборат аст. Системаи сигнали якум аз тасвирҳо ва эҳсосот ва системаи сигнали дуюм аз калимаҳо дар бораи тасвирҳо иборат аст.

Системаи дуюми сигнализатсия аз ҷониби И.П.Павлов "сигналҳои сигналҳо" номида шудааст. Ин типология осонтар аст ба таври зайл шарҳ додан мумкин аст:

1) агар сигналҳои системаи сигнали якум дар фаъолияти шахс нисбатан бартарй дошта бошанд, ин шахс ба намуди «бадеӣ» мансуб аст;

2) агар мавқеи «сигналҳои сигналҳо» нисбатан бартарї дошта бошад, шахс ба навъи «тафаккур» тааллуқ дорад;

3) агар ҳарду сигнал омехта бошанд (ҳеҷ кадоме аз онҳо бартарӣ надошта бошанд), шахс навъи «омехта» аст.

Вақте ки ҷанбаҳои мушаххаси типология ҷамъбаст ё тавсиф карда мешаванд, инҳо пайдо мешаванд:

1. Барои «типи бадеӣ» равшании тасвирҳо хос аст, ки бевосита дар натиҷаи тасаввуроти равшан, дарки равшан, эҳсосот мебошанд.

2. Бартарияти реферат, системаҳои мантиқи, мулоҳизахои назариявӣ, масъалаҳои методологӣ ба «навъи тафаккур» мувофиқ аст.

Мавҷудияти навъи бадеӣ маънои заъфи фаъолияти равонӣ ё шикастнопазирии ақлро надорад, вале дар ин чо сухан дар бораи бартарии нисбии чихатхои образноки психика нисбат ба ҷиҳатхои тафаккур меравад. Аммо бояд гуфт, ки фард аз системаи сигнализатсия бартарӣ дорад ва ин афзалият хусусияти мутлақ дорад.

Маълум аст, ки нақши забон ва тафаккур дар ҳаёт ва фаъолияти одамон муҳим аст. Маълум аст, ки нақши забон ва тафаккур дар ҳаёт ва фаъолияти одамон муҳим аст. раванди инъикоси будан аз ҷониби шахс тавассути сухан, тафаккур ба амал меояд.

Ба гуфтаи Ф.А.Галл, тамоми қобилиятҳои инсон, сифатҳои «ақл» ва «қобилият» дар нимкураи мағзи сар марказҳои устувори худро доранд. Аз ин ру, кобилияти одамро бо нигохи косахонаи сари одам ва ё танхо бо хис кардани куракхои сараш муайян кардан мумкин аст.

Фарзияе, ки дар бораи он, ки қобилият ба андозаи майна, вазн ва вазн вобаста аст, низ рад карда шудааст.

Мағзи сари Тургенев 2001 грамм, Д.Г.Байрон 1800 грамм, химики маъруф Ю.Либикс 1360 грамм ва нависанда Афрансники 1017 грамм вазн дошт. Мағзи калонтарин ба шахси дорои нуқси равонӣ тааллуқ дорад.

Мағзи калонтарин майнам сар ба шахси дорои нуқси равонӣ тааллуқ дорад.

Соли 1675 китоби Ф.Гальтон «Қонунхо ва оқибатхои генетикаи истеъдодхо» аз чоп баромад. Муаллиф бо ин кор хешовандии чандсад шахсияти машҳурро, ба хулосае омад, ки истеъдод аз волидайн ба насл мегузарад. Аммо хулосаҳои Галтон аз чихати илмӣ асоснок набуданд. Истеъдоди мусиқии оилаи Бах бори аввал соли 1550 маълум шуд. Ин истеъдод пас аз баъзе Регина Сюзана, ки дар солҳои 1800 зиндагӣ мекард, ба охир расид. Дар маҷмӯъ, оилаи Бах зиёда аз 57 навозанда дошт. 20 нафари онхо машҳур буданд.

Ба оилаи скрипканавозони Бенд нӯҳ навозандаи машҳур шомил буданд. Хонаводаи Гойдон ду навозандаи машхур доштанд. Хонаводаи Гойдон ду навозандаи машхур доштанд. Дар аксари мавридҳо, омӯзиши насабномаи шахсиятҳои машҳур масъалаи ирсияти биологӣ нест, на аз насл ба насл интиқол додани шароити зиндагӣ, яъне ба инкишофи хаваскорӣ мусоидат кунад.

Синни талабагӣ бо инкишофи тези сифатҳои индивидуалӣ характернок аст. Дар ин давраи ҳаёти шахс сифатҳои бо қобилият вобаста ҳам дар намудҳои гуногун намоён мешавад. Аз ин ҷиҳат талабаҳоро ба чунин соҳибони қобилият ҷудо кардан мумкин:

**1.** Талабҳои зеҳнаш тез, боғайрат, ҷӯянда, дарсҳоро тез аз худ мекунанд. Ба онҳо озуқаи илми дода шавад, фикраш ривоҷ меёбад, роҳи оқилона нишон дода шавад, саросема нашуда, бо оҳистагӣ сӯи мақсад мешитобад.

**2.** Талабҳои зеҳнаш тез, ба гап гӯш меандоҳта. Сифатҳои хоси соҳибони ин гуна қобилият дар он, ки онҳо донишро суст аз худ мекунанд, ба назорати доимии муаллим мӯҳтоҷ мешаванд.

**3.** Зеҳнашон тез, ба донишомӯзи ҳаракат мекарда, лекин талабаҳои худсар ва ба якрави моил, талабаҳои соҳиби ин намуди қобилият ба тарбияи доими мӯҳтоҷанд. Таълим ва тарбияи дуруст дода шавад, аз онҳо одамони бузург мебарояд.

**4.** Талабаҳои ба сухан гӯшдиханда, ҳавасманди омӯзиши ҳама чиз аз худкуниашон суст. Инҳо аз паи дигарон мераванд. Барои ин ба онҳо илтифот карда, талабҳои сахт нагузошта, дилашро бардошта маъқул кардани корҳои ба амал баровარданашон ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамин тавр кунанд, онҳо дар сафи талабаҳои боистеъдод ҳамроҳ мешаванд, хотираашон васеъ ва бомаҳсул мегардад.

**5.** Талабҳои зеҳнаш паст, бепарво ва суст. Онҳоро бо доноги, сабру тоқат ҳонондан ва тарбия кардан мумкин. Дар ҳамин вақт онҳо мутаҳассиси хуб шуда ба воя мерасанд.

**6.** Талабҳои бадҷаҳл ва ғайритабиии онҳо бо душвори тарбия карда мешаванд. Хислатҳои бади онҳоро нест карда сӯи мусбат равона кардан ба ивази меҳнати машаққатнок ба амал оварда мешавад.

Ба талабагони мансуби намудҳои қобилияти болои тадбирҳои ҷамоавӣ, индивидуалӣ, тарбиявӣ гузарондан мувофиқи мақсад аст. Чунки, талабаҳо аз ҷиҳати қобилият чӣ қадар гуногун шавад, табиати инсони ва аъзоҳои физиологи як хел аст. Умуман, одамон дар ҷараёни меҳнат ва илмомӯзи аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Якеи онҳо корро тез ва босифат адо мекунанд, дуюмашон суст ва бесифат мекунанд. Баъзе шахсон дар фаъолияти худ пешқадам, ташаббускор, басамара ва сермаҳсул мешаванд. Ба ҳамин ҳислатҳо асос карда, онҳоро шахсони қобилиятнок мегӯянд.

Воқеан, маҳорат ва маҳорати шахси соҳибистеъдод гуногунҷанба ва мукаммал аст. Дар айни замон нмкониятхои мавчударо, ки дар натиҷаи маҳорату қобилият мавҷуданд, пурра кардан мумкин аст. Умумкунии малакаҳоро маҳорат меноманд. Маҳорат ҳоло маҳорат аст. Яъне қобилият дар раванди ташаккули маҳорат ташаккул меёбад.




Ҳар як маҳорат мураккаб аст ва талаботи гуногун дорад.

Агар системаи хислатҳои шахсият ба ин талабот ҷавобгӯ бошад, шахс метавонад қобилияти худро барои бомуваффақият анҷом додани фаъолият

нишон диҳад, агар ягон хусусият суст инкишоф ёбад, шахс инчунин нисбат ба намуди муайяни меҳнат қобилиятнок бахо дода мешавад.

Хусусияти пешбарандаи истеъдод тасаввуроти эҷодӣ мебошад.

Инҳоро метавон ҳамчун хусусияти ёрирасон ҳисоб кард хотира (он мувофиқи талаботи фаъолият сохтори беназир дорад), эмотсионалӣ яъне ҳассосияти эмотсионалӣ (ки фаъолияти инсонро зиёд мекунад) ва ғайра. Дар баъзе шаклхои фаъолияти амалӣ хохиши шахсӣ афзалият дорад. Таркиби хусусиятҳои гуногун дар сохтори қобилият дар марҳилаҳои гуногуни фаъолият ё марҳилаҳои эҷодӣ метавонад фарқ кунад.

Дар психология қобилиятҳоро ҳамчун хислатҳои психологии фардӣ тавсиф мекунанд ва дар асоси онњо сифатњое мебошанд, ки онњоро фарқ мекунанд.

Аз ин рӯ, дар ҳар як шахс натиҷаи якхеларо интизор шудан мумкин нест, зеро одамон аз руи кобилияташон то андозае фарк мекунанд бинобар ин тафовути байни онхо сифатӣ ва миқдорӣ буда метавонад.

Тавсифи сифатии қобилиятҳо ба он ишора мекунад, ки хусусиятҳои инфиродии психологии шахс ҳамчун шарти ҳатмӣ барои муваффақияти фаъолият хизмат мекунанд. Тавсифи миқдории онҳо нишон медиҳад, ки шахс чӣ гуна қодир аст ба талаботҳои фаъолият ҷавобгӯ бошад, яъне ин шахс нисбат ба одамони дигар сохибхтисостар аст, нишон медихад, ки дониш чй тавр зуд, осон ва дуруст истифода бурда шавад.

Педагог ва равоншинос Сколовинский дар Ольга Скороходова ки, нобино аст на танхо кобилияти илмӣ дорад, аммо бо тавоноии адабӣ, хусусияти пур кардан бо ёрии идоракунӣ барои хар кас барои интихоби касб ва такмил додани он имкониятхои васеъ мекушояд. Бо проблемаи микдори қобилиятҳо ва ченкунии онхо бештар психологҳои хориҷи (Кеттелл, Термен, Спирман) ва дигарон машғул шуданд.

Онҳо қобилиятҳои ақлӣ ҳамчун як роҳи чен кардани қобилият дар калонсолон мебошанд аз санҷишҳои озмоиш истифода бурдан. Коэффисиенти қобилияти равонии кӯдак IQ синну соли равонӣ. Синну соли воқеии кӯдак. Ин усул на он аст, ки шахс дорои қобилиятҳои равонӣ, балки як навъ маълумотест, ки онро бо қобилияти инсон омехта кардан мумкин нест, мавҷуд будани маҳорату малакаҳоро нишон медихад.

Л.С.Выготский ин усулро танқид карда, ба истилоҳ «усул»-и муайян кардани минтақаи рушди ояндаи худро пешниҳод кард.

Қобилиятҳо берун аз фаъолияти инсон вуҷуд надоранд. Ташаккули маҳорат дар суръати дастоварди кӯдак дар раванди таълим зоҳир мешавад.

Қобилияти шахс гуногун буда, дар натиҷаи ҳавасманди болои худ кор кардан пайдо мешавад ва ривоҷ меёбад. Ба характери фаъолияти одам нигоҳ

карда, қобилият ҳам гуногун мешавад. Масалан: қобилияти математики, қобилияти педагоги.

Қобилиятнокии нисбати ягон соҳаи фаъолияти шахс буда, ба дигар тарафи фаъолият низ таъсири мусби мерасонад. Аз моҳияти фаъолият бармеояд, ки қобилият ҳам гуногун мешавад. Баъзе шахсҳо нисбат ба якчанд соҳаҳо ҳам қобилият доранд.

Намуди бо сифат ва баланди қобилият талант ёки истеъдод мебошад.

Хусуиятҳои модарзодии дар қобилиятҳои шахс намоён мешуда истеъдод мебошад. Сифати истеъдоднокии шахс дар намуди баланди қобилият, дар тез аз худкунии дониш ва малака, ин ё он корро тез ва соз адо кардан муайян карда мешавад.

Ҷараёнҳои русии шахси ба дараҷаи истеъдодноки расида ба монанди ақл идрок, хотира, хаёл, тафаккур ривоҷ ёфтаги мешавад, сифатҳои иродааш барқарор, нутқаш ривоҷ ёфтааст. Барои ҳамин мушоҳидакори, донишомӯзи, моили барои офаридани навигари аз дигарон фарқ мекунад. Дониш ва маҳорати дар навбати худ гирифтанаш шахс барои ривоҷи дараҷаи истеъдод ҳизмат мекунад. Шахсони талантнок масъалаҳои амали ва назарии калон ҳаҷмро ҳал карда, навигари ва корҳои эҷодии характери пешқадамдоштаро ба амал мебароранд. Дар шахсони талантнок эҳсос, идрок, хотира, хаёл, тафаккур, ҳиссиёт, ирода тараққи кардааст.

Ин ҳол шахсро боз фаъол карда, истеъдодашро васеъ намоён месозад.

Шахсони талантнок донандаи касби худ мешаванд, ба фаъолияти онҳо намуна иборати хос мебошад.

Ҳангоми ба забон овардани педагоги боистеъдод олими истеъдоднок, шоири соҳибистеъдод шахсони ба дигарон намуна дар назар дошта мешавад. Шарти ягонаи талантнок шудан дар болои худ системанок мунтазам кор кардан мебошад. Агар одам болои худаш мунтазам кор накунад, сифати талантнокии ӯ суст шуда охир мемурад.

Талант соҳиби дараҷаҳои гени ва гениали мебошад. Шахсони ҳамаҷониба тараккикарда, таҷрибаи эҷодии аҷдодонро аз худ намуда, онро ба даври худ тадбиқ соҳта ботаҷрибаи нав бой гардонида, дар асоси фикри мустақил соҳиби хусуиятҳои эҷодкори офарандаги, корро аз нуқтаи назари манфиати ҷамъият, соҳиби ҷаҳонбинии пешқадам буда, ба вазифаи худ доимо содиқбуда, шахсони гени ба шумор мераванд. Шахсони гени шахсони гармони ривоҷ ёфта буда, воқеаҳои ҳаёти иҷтимои ва илму фанро чуқур аз худ мекунанд. Онҳо ба соҳаҳои фан, воқеаҳои ҳаёт эҷоди назар карда, онро боз бойтар мегардонанд, ривоҷи воқеаҳо, ояндаро пешаки дода метавонанд. Шахсони гени бисёр меҳнатдӯст ва иродаи ба қувват доранд. Барои онҳо манфиати ҳалқ, ояндаи Ватан аз ҳар чиз боло меистад.

Омӯзиши ҳаёти иҷтимоии шахсони гени, таҷриба ва дониши аз он ҷамъшуда, ба дигаргуниҳои мислаш надида меорад. Онҳо баробари ба ҳалқу Ватани худ ҳаёти ҳушбаҳтона ва фаровон ҳадя кардан, қонунҳои тараққиёти оянда ва истиқболи онро кашф кардаанд.

Боз як тарафи муҳими генигӣ он аст, ки дар соҳаи фанҳои тобии ва иҷтимои ба авлоди оянда назарияи тамомнашаванда офаридаанд. Ин назарияҳо дар дасти насли оянда чун аслиҳои ғоявӣ ҳизмат мекунад.

Бояд таъкид кард, ки шахси ба дараҷаи генигӣ бардошта шуда дар фаъолияти худ ба ҷамъият сабаби муваффақиятҳо мешавад ва ин ҳам шахсияти ӯро бузург карда, номашро абади мегардонад.

Генигии Имом Бухори, Маҳмуди Аъзам ёки Навои, Пушкин, И.П.Павлов дар соҳаи фан, генигии Мичурин дар азхудкунии табиат, генигии К.Э.Циалковский дар масалаи парвози космикии байни планетаҳо намоён мешавад навигариҳои дар соҳаи фан офаридаи ин даҳаҳо, соҳибони таланти баланд барои авлоди оянда манбаи дониши абади мебошад.

Мутафаккирони машҳури Осиёи Миёна Абу Али Ибн Сино, Фаробӣ, Берунӣ, Ал-Ҳоразмӣ барин олимон дар олами фан ба қуллаи баланди генигӣ расидаанд.

Ҳамин тавр, сифати генигӣ натиҷаи омӯзиш, меҳнати самаранок муддати дурудароз мебошад.

Нависандаи машҳури рус М.Горкий дуруст таъкид кардааст, ки сифатҳои индивидуалии шахс дар ҷараёни меҳнат намоён мешавад ва ривоҷ меёбад.

Қобилияти модарзодии шахс дар асоси муҳит вобаста ба таълиму тарбия ривоҷ меёбад.

Фарзанди ҳар як инсон бо лаёати “пинакрафта” (имконияти зоди) ба дунё меояд. Пас аз он муҳити иҷтимоии мансуби ӯ буда, ин лаёқатро намоён месозад. Лаёқат махсусан дар ҷавони тез ривоҷ меёбад. Масалан: Серёҷа Ҳаляпин (Москва) дар он солаги мактабро тамом карда, донишҷӯи Донишгоҳи ҳимияву теҳнологияи шаҳри Москва гардидааст. Майк Грести америкавӣ дар 11 солагиаш ба университети Мичиган қабул шудааст. Майбедлеи 4 сола хонанда синфи 1 шуд. Давид Арутионин дар 12 солагиаш ба институти кибернетикаи Ереван қабул шуд. Асадбек Сийданов дар 6 солагиаш эпоси “Манас”-ро аз ёд гуфта дар озмуни республикави бо дипломи дараҷаи I мукофотонида шуд. Антониё Ҳауреси мексикави дар як вақт бо забони испани гап зада, матии забони англисиро бемалол менависад.

Ин тавр мисолҳоро аз ҳаёти калосолон ҳам овардан мумкин. Масалан: Тошмуҳаммад Саримсоқов ба синни 30 надаромада академик шуд. Николай Назиров дар 14 солагиаш Донишгоҳи давлатии Тошкандро тамом кард.

Шавкат Олимов ва Раҳим Ҳаитовҳо дар 25 солагиашон профессор шуданд. Илҳом Мамедов дар 20 солагиаш номзоди фан шуд. Пойдевори ин қобилият муҳити оилавӣ мебошад. Муҳити оила барои онҳо ташнагии озуқавиро ба вуҷуд овардааст, то оиди чизи писандидашон зидди фикр кунанд.

Дар натиҷа мушоҳидаи аҳлии мураккаб барои ин гуна бачагон оддӣ ва осон шудааст.

Алҳои эҳтиёҷ ба ҷавонони қобилиятнок зиёд шуда истодааст. Дар республикаи мустақиламон барои зиёд шудани соҳибистеъдодон муҳити иҷтимоии зарури муҳайё аст. Ба ҷавонони соҳибистеъдод эътибори махсус дода мешавад. Зеро ҷавонони соҳибистеъдод бо аз навкоркуни умуми гардони, хулосабарориро дар майнаашон зуд дарк месозанд. Идроки ҳисси тараққӣ карда, онҳо навигариҳоро бо осони аз худ мекунанд.

Сифатҳои қобилиятноки, истеъдод ва талант дар шахс дар натиҷаи меҳнату, ҷустуҷӯ ба вуҷуд омада, ривоҷу, равнақ меёбад. Бояд гуфт, ки агар муҳити иҷтимои ноқулай бошад, одам болои худаш кор накунад, аломатҳои қобилият ва истеъдод гум мешавад. Лекин барои ривоҷи қобилият фақат таъсири муҳити иҷтимои кифоя намекунад. Ба пои  ин нақши таълим ва тарбия муҳим мебошад. Қобилият дар ҷараёни таълим, дониш омӯзи такмилии дониш ва иҳтисос камол меёбад.

Ҳар як кас фаъол ҳаракат намуда метавонад, муҳити иҷтимоӣ, таълиму тарбия, лаёқат ва қобилияти худро ривоҷ диҳад. Агар шахс касби худро дӯст дошта, ба вай меҳр монад, қобилияташ тез ривоҷ меёбад. Қобилияти шахс бо ҳавасмандиаш ҳам вобаста буда дар таъсири он қобилияти месабзад, ба мазмуни сифатҳои индивидуали таъсири мусбӣ нишон медиҳад.

Хулоса тарбияи қобилият, таълиму тарбияи ҷавонони соҳибистеъдод аз ғояҳои бузург баҳраманд намудани онҳо аз нашидаи бачаги маҳрум накардани насли наврас вазифаи ҳамаи мост.

## МАВЗӮЪИ 17. ПРЕДМЕТ ВА ВАЗИФАҲОИ ФАННИ “ПСИХОЛОГИЯИ СИННУСОЛӢ”

Психологияи синнусолӣ дар нимаи дуввуми асри XIX ба миён омада, баробари ворид гардидани ғояҳои генетикӣ ба фанни психология боз ҳам ривоҷ ёфт. Педагоги рус К.Д.Ушинский (1824-1870) дар асарҳои худ, аз ҷумла дар китоби “Инсон ба сифати предмети тарбия” чунин менависад: “Педагоге, ки инсонро ҳамаҷониба тарбия мекунад, онҳоро бояд аз ҳар ҷиҳат хуб донад».

Консепсияи таълими миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон зарурати баланд бардоштани сатҳи омодагии равоншиносию педагогии омӯзгорони ояндаро

таъкид менамояд. Чунин талабот аҳамияти донишҳои равоншиносиро дар тайёрии касбии омӯзгорон беш аз пеш меафзояд. Донишҷуён-омӯзгорони оянда қонуниятҳои тараққиёти рӯҳӣ ба шахсияти инсонро омӯхта, ба дунёи ботинии донишомӯзон дар давраҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти онҳо бояд сарфаҳм раванд, талаботу шавқу ҳаваси мухталифи бачагонро дар ҷараёни таълиму тарбия ба ҳисоб гирифта, имконияту қувваҳои маърифатӣ ва қобилияти онҳоро ривоҷ дода, вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ, психикӣ ва фардӣ ба шахсияти инкишофёбандаи бачагон самаранок таъсир расонида тавонанд.

Тарбияи кӯдак ва ҷиҳатҳои психофизиологии ривоҷёбии онҳоро И.М.Сеченов (1829-1905) нишон додааст. Олим таъкид мекунад, ки ривоҷёбии психикии шахс дар асоси вобастагиҳои омилнок рух медиҳад. Яъне манбаи ба вуҷуд омадани психика – барангезандагон дар шароити тағйирёбандаи зиндагӣ мебошанд ва ин барагезандагон ба системаи асаби инсон таъсир расонида, пайвастагии мураккаб пайдо мешавад. Ин вобастагӣ ба ривоҷёбии психикаи кӯдак меоварад. (18, 22-23)

Қонунҳои И.П.Павлов дар бораи пайвастагии асаби мағзи сар ва умуман дастовардҳои назарраси экспериментҳои соҳаи психология (Вебер, Фехюр) омӯхтани хотира барои ривоҷёбии психологияи синнусолӣ ва педагогӣ асос мешавад.

Психологияи синнусолӣ ва психологияи педагогӣ бо ҳамдигар робитаи мустаҳкам дошта, яке аз онҳо дигареро тақозо мекунад. Ҳар дуи онҳо як объекти умумиро – фаъолияти психикии шахсеро, ки ба камол мерасад ва хулқу атвори онҳоро тадқиқ мекунанд. Бо вуҷуди ин, ҳар ду фан вазифаҳои алоҳида низ доранд.

Психологияи Онтогенезис як фанати илмӣ дар бораи қонунҳо ва хусусиятҳои рушди психологияи инсон ва марҳилаҳои рушди он мебошад.

Мақсади асосии психологияи онтогенезис муайян кардани хусусиятҳои шахсӣ ва муносибатҳои психикӣ, вазъият ва ҳолатҳои дар синну соли гуногун қарордошта мебошад.

Психологияи онтогенезис бо мақсадҳои зерин амал мекунанд: барои кӯмак ба такмил додани маориф, таълим ва кор, баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли эҳтиёҷҳои моддӣ, бевосита, муомалаи шахсӣ барои беҳтар намудани муносибати байни миллатҳо, фароҳамсозии муҳити муносиби равонӣ, кушодани асрори умри дароз, муносибатҳо оила, пешгирии талоқ ва ғайра. Аз ин рӯ, марҳилаҳои гуногуни комил будан, бе назардошти хусусиятҳои синну сол ва ҷинси одам имконнопазир аст.

Психологияи синнусолӣ хусусиятҳои ривоҷёбии психикаи одамро дар антогенез, яъне аз замони ба вуҷуд омадани организм то охири умр, ба таври

индивидуалӣ меомӯзад. Динамикаи синнусолӣ, қонуниятҳои ривоҷёбии ҷараёнҳои психологӣ, хусусиятҳои ба худ хоси шахс дар зинаҳои гуногуни роҳи ҳаёт, предмети тадқиқоти фанни психологияи синнусолӣ ба шумор меравад. Вай хусусиятҳои маҷрои равандҳои психикӣ, механизм, қонуният ва омилҳои пешбарандаи фаъолияти маърифатии одамонро дар давраҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти онҳо омӯхта, хусусиятҳои психологӣ, синнусолӣ ва инфиродӣ (индивидуалӣ)-и онҳоро муайян мекунад.

*Психологияии синнусолӣ дар баробари омӯхтани хусусиятҳои синнусолӣ дар фаъолияти маърифатӣ, инчунин,* имкониятҳои синнусолии бачагонро дар азхудкунии донишҳо *таҳқиқ менамояд. Масалан, тадқиқотҳои психологии замони шӯравӣ ошкор кард, ки дараҷаи зеҳн ва фаҳму идроки бачагони аз шашсолагӣ ба таълими мунтазам омода шуда, нисбат ба кӯдакони синни ҳафтсола баландтар аст.*

Психологияии синнусолӣ дорои чанд қисм аст. *Психологияи кӯдакон (атфол), мактабиёни хурдсол, наврасон, ҷавонон* аз ҷумлаи қисмҳои умдаи психологияи синнусолӣ мебошанд. Ҳар як қисм, ки давраи муайяни синнусолиро дар бар мегирад, дар асоси ба ҳисоб гирифтани майлони умумии тараққиёти шахс, инчунин бо дарназардошти хусусиятҳои давраи пешина ва баъдинаи синнусолӣ омӯхта мешавад. Ин имкон медиҳад, ки рафт ва ҷараёни умумии инкишофи синнусолӣ муайян карда шавад. Дар баробари ин, дар доираи ҳар як давраи муайяни синну сол имконият муҳайё мегардад, ки хусусиятҳои равонӣ ва шахсияти кӯдакон муфассал баррасӣ карда шавад.

Психологияи синнусолӣ ба чунин давраҳо тақсим мешавад:

1. Психологияи бачагон (синни томактабӣ);
2. Психологияи хонандагони синни хурди мактабӣ (синфҳои ибтидоӣ);
3. Психологияи наврасон (синни миёнаи мактабӣ);
4. Психологияи писару духтарон (психологияи ҷавонони наврас, синни калони мактабӣ);
5. Психологияи одамони калонсол;
6. Герантопсихология (психологияи пиронсолон).



**Шохаҳои асосии психологияи педагогӣ:**

1. Психологияи таълиму тарбия.
2. Психологияи омӯзгор.




Дар ибтидои асри XX дар психология доир ба ривоҷёбии психикии бачагон 2 равия пайдо мешавад:

1. Равияи биогенетикӣ (омилҳое, ки ирсият ҳал мекунад);
2. Равияи сотсиогенетикӣ (муҳити иҷтимоӣ).

Аз охири асри XX сар карда дар омӯхтани проблемаҳои назариявии инкишофи рӯҳии бача муносабати биологизатори афзалият дошт. Намояндагони ҷараёни биологизаторӣ (С.Холл, А.Ҳазел, К.Бюлер, Э.Клапаред, Э.Торандайк, З.Фрейд ва дигарон) инкишофи рӯҳиро ба қонуниятҳои биогенетикӣ вобаста карда, асоси онро дар омилҳои табиию модарзодӣ ирсият медиданд. Мувофиқи фаҳмиши онҳо инкишоф ҷараёни пухтарасии табиии сифатҳои рӯҳии пешакӣ дода шуда буда, ба тарбия вобаста нест. Тарбия ҳамчун омили берунӣ қобил аст, ки танҳо зуҳроту ошкоршавии ин сифатҳоро ба таъхир андозат ё суръатнок кунад. Дар ин ҷараён хусусиятҳои ба худ хоси инкишофи кӯдак ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ, ки дар ҷамъият камол ёфта тарбия меёбад рад карда мешуд.

Ҷараёни биологизаторӣ ба қонуни биогенетикӣ, ки тарафи табиатшинос Э.Геккел (1834-1919) асоснок карда шудааст, такя мекард. Мувофиқи ақидаи ӯ онтогенез такрори кӯтоҳ мухтасари филогенез аст. Ин ҷараён дар ибтидои асри XX бо шаклҳои гуногуни худ ба равоншиносии атфол ва омӯзгорӣ дохил шуда, назарияи ҳукмрон мегардад.

Хусусиятҳои психологии ҳар як зинаи синну солиро ба инобат гирифта, таъсири тарбиявӣ расонидан, барои дар инсон саривақтӣ пайдо шудани эҳсоси худшиносӣ хизмат мекунад. Дар бача эҳсоси худшиносӣ ҳар қадар барвақт бедор шавад, нуқтаи назари шахсӣ, эҳсоси дарки ҳуқуқҳои худ, баҳодиҳӣ ба имконияҳои ақлӣ ва ҷисмонии хеш то ба ҳамон ҳад барвақт пайдо мешавад. Дар ҳамин маврид барои пайдо шудани як қатор иллатҳо чун эркагӣ, якравӣ ва

гапнодарой монеаи рӯҳӣ ба миён меояд. Ин натиҷаи нигоҳи бепарвоёна ба зиддиятҳои муносибатҳои байни одамон, қонуниятҳои ривоҷёбии бӯҳронҳо мебошад. Ноумедӣ дар психологияи инсон ва дигаргуншавии руҳият барои мубориза ба адолати иҷтимоӣ – маҳсули назария ва муносибатҳои оилавӣ мебошад. Ташаккули босамари эътиқод, ҷаҳонбинӣ, идеал, муомила, мулоқот, хулқу атвори мустақил дар одамон бештар бо омилҳои болоӣ вобаста аст. Дар муайян намудани ташаббусоти шахс, ҳаракати ӯ барои бартараф кардани монеъиятҳо, хусусиятҳои психологии синнусолии онҳоро ба инобат гирифта, ёрии руҳӣ расонидан мувофиқи мақсад аст.

Дар тамоми зинаҳои таълим барои афзунсозии самарадории он бояд ба қонуниятҳои психологияи синнусолӣ такя кард. Ташаккули ҷамоаи бачаҳо, муҳити оила, муносибатҳои гарми байни шахсҳо дар ҷамоаҳои меҳнатӣ, маҳсули ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ба шумор меравад. Ҳатто умри дароз дидан ва нигоҳдории қобилияти кордонӣ, бо нақшаҳои ояндадор ва мақсадҳои амиқ зиндагӣ кардан ҳам меваи мулоқот мувофиқи хусусиятҳои синнусолӣ мебошад. Умуман дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла оила, муассисаҳои тарбиявӣ, корхонаи истеҳсолӣ ва ташкилотҳои ҷамоатӣ аз психологияи синнусолӣ истифода намудан барои омӯзиши муносибатҳои мусбии байни одамон дар таълиму тарбия ва афзунсозии самаранокии истеҳсолот хизмат мекунад.

Барои омӯзгорони оянда донишҳое, ки дар ин курс мегиранд, аҳмияти муҳим дорад. Омӯзгор барои бомуваффақият амалӣ намудани вазифаҳои дар ҳаёти иҷтимоӣ супоридашуда аз маълумотҳои психологияи синнусолӣ истифода намуданаш ҳатмист.

## АҲАМИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ ФАННИ "ПСИХОЛОГИЯИ СИННУСОЛӢ"

Мавзӯи баҳси фанни психологияи синнусолӣ аз омӯхтани ҷараёни ривоҷёбии психикӣ, ташаккули шахс, қонуниятҳои муносибати байниҳамдигарии одамони синну солашон гуногун (бачаҳо, донишҷӯён, мардон, калонсолон, занон (дар онтогенез) аз рӯзи таваллуд то охири умр) иборат аст. Психологияи синнусолӣ дар инсон ҷараёнҳои мухталиф (гуногун)и психикиро (эҳсос, идрок, хотира, тафаккур, хаёл ва ғайра), фаъолияти гуногунии онро (бозӣ, хондан, меҳнат ва монанди инҳо), тафовутҳои ҷинсии байни зану мард, ҳамчунин таркиб ёфтани шахсияти инсонро аз ҷиҳати илмӣ тадқиқ мекунад.

Муайян намудани давраҳои ривоҷёбии руҳияти инсон, ҷамъ намудани маълумотҳои ҳамин соҳа низ ба мавзӯи баҳси психологияи синнусолӣ дохил мешавад. Аз тавлид шудани фарзанд ривоҷёбии он то ба синни балоғат,

яъне то аъзои баробарҳуқуқи ҷамъият шудан ва муаммоҳои таркиб ёфтани шахс, муайян намудан ва шарҳ додани механизмҳои психологии онҳо аз ҷиҳати муҳими соҳаи психологияи синнусолӣ маҳсуб меёбад.

Кӯдак, ки ба сифати узви ҷамъият, шахси мукаммал дар муҳити муайяни иҷтимоӣ ба камол мерасад, тамоми ҷараёнҳои дарккунандаи он, хусусиятҳои ба худ хос ва ҳолатҳои руҳӣ, шуури он низ ривоҷ меёбад. Дар натиҷаи ривоҷёбӣ, психика, шуур ба дараҷае инкишоф меёбад, ки ҳаракатҳои хосси инсони болиғ дар он ифода мегардад. Муҳити атроф, тамоми ҳастӣ, одамонро аниқу амиқ ва пурра идрок намуда, муносибат мекунад.

Қонуниятҳои камолоти кӯдак, психикаи ӯ, омилҳои иҷтимоии ифодакунандаи ривоҷёбии шуур, ҳамчунин, механизмҳои психологӣ, умуман ривоҷ ёфтани психикаи зоти инсонро аз рӯзи таваллуд то ба воя расидан, соҳаи алоҳидаи системаи фанҳои психология-фанни “Психологияи кӯдакон” меомӯзонад ва тадқиқ мекунад.

Назар ба андешаи тадқиқотчиён, ривоҷёбии шахсияти бачае, ки ба камол мерасад, монанди табиат ва ҷамъият дорои қонуниятҳои худ мебошад. Ин қонунҳо соҳаи махсуси фанни психология-ба предмети психологияи бачагон шомил аст. Психологияи синнусолӣ психикаи инсонро фақат аз ҷиҳати миқдор не, балки аз рӯи сифат ҳам, доир ба ривоҷёбӣ, такмилёбӣ ва дигаргуншавии қоидаи методологӣ амал мекунад.

Тавре ки ҳар як фан предмети худро соҳиб аст, психологияи бачагон низ соҳаи мавриди тадқиқ мебошад ва методҳои тадқиқоти худро дорад.

Психологияи умумӣ фан дар бораи психика ва намудор шудан, қонуниятҳои ривоҷёбии он бошад, психологияи синнусолӣ фан дар бораи ривоҷёбии психикаи одамони солашон гуногун (ҷинсҳо), хусусиятҳои психикӣ ва омилҳои ба худ хос, мезонҳо ва механизмҳо мебошад.

Инчунин, он фақат хусусиятҳои ба худ хоси одамони муайянро низ меомӯзад. Бинобар ин, дар ҳаёти иҷтимоӣ, таълим ва тарбия, гурӯҳ ва ҷамоат, соҳаи истеҳсол, муносибатҳои оилавӣ психологияи синнусолӣ мавқеи алоҳидаро ишғол мекунад.

Қонуниятҳои рушди психикаи инсонро ба ҳисоб нагирифта, муаммои таркиб ёфтани шахси инсон ва ҷараёнҳои дарк карданро оқилона ҳал кардан ғайриимкон мебошад. Аз ин боис, алҳол масъалаи “Омили инсон” ба яке аз мавзӯи долзарб табдил ёфтааст.

Психологияи синнусолӣ – фаннест оид ба қонуниятҳои ривоҷёбии психикаи инсон, хусусиятҳо, ҳамчунин зинаҳои ривоҷёбии он.

Вазифаи асосии психологияи синнусолӣ аз муайян намудани қонуниятҳои камолоти шахс, хусусиятҳои таъсири байниҳамдигарии шарту

шароит ва ҳолат, фаъолияти психикие, ки дар давраҳои гуногуни синну соли одамон ба вуҷуд омадааст, иборат аст.

Психологияи синнусолӣ баробари ҳалли чунин вазифаҳо, мақсадҳои амалии худро рӯёб мекунад: ба такомули корҳои таълиму тарбия ёрӣ мерасонад, ба зиёд намудани самарадории истеҳсоли неъматҳои моддӣ, беҳтар гардонидани муносибатҳои байналмилалӣ, дуруст ташкил кардани мулоқоти байни шахсон, созмони муҳити психологии мусбӣ дар ҷамоа, кушодани асрори дарозумрӣ, мустаҳкамкунии муносибатҳои оилавӣ ва барои пешгирии вайроншавии оилаҳо хизмат мекунад.

Ин соҳаи фанни психология ҳамчун предмети алоҳида дар ибтидоӣ асри XIX ба вуҷуд омадааст. Аммо решаҳои ибтидоии он аз фарҳанги Юнони Қадим оғоз мегардад. Оид ба предмет ва қонуниятҳои он дар психологияи ҷаҳон назария ва нигоштаҳои гуногун мавҷуд. Аз ҳама паҳншудатарин ва маъмултарини онҳо назарияҳои биогенетикӣ (В.Штери), сотсиогенетикӣ (К.Левин), бихевиористикӣ (Э.Торидайк), психоаналитикӣ (З. Фрейд) мебошад. Пас хулосае бармеояд, ки адабиётҳои психологии илмӣ, маълумотҳои эмпирикӣ, як қатор омил ва ҳолатҳои гуногун ба ҷудо шудани “Психологияи синнусолӣ” ҳамчун фанни мустақил сабаб шудааст. Дар зер онҳоро баён мекунем:

1. Зарурати омӯхтани ғояи эволютсия (Ч.Дарвин) дар ҷараёни ривоҷёбии психологияи инсон, ки бар асоси ҳамаи фанҳо дахолат мекунад.

Дар муайян намудани таъсири ягон навъи фаъолият барои ҳаракат, хусусиятҳои психикӣ ва дар ривоҷёбии бачагон дар синну соли гуногун комил набудани қонуниятҳои умумиинсонӣ ва умумпсихикиро эътироф намудан.

2. Дар камолоти инсон ба аҳамияти методологӣ ва назарӣ соҳиб будани психологияи синнусолиро эътироф намудан.

3. Афзудани эҳтиёҷоти одамони солашон гуногун (бачаҳои синни томактабӣ, хонандагони мактаб, донишҷӯёни колежу донишгоҳҳо хизматчиён, коргарон, ходимони кӯҳансол аз сабаби доро будани хусусиятҳои психикӣ, кормандони соҳаи истеҳсолот, муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ, хонаҳои меҳрубонӣ, муассисаи бачагон, калонаҳо, мактабҳои махсус, интернатҳо, диспансерҳои психо-неврологӣ, хонаи кӯҳансолон, шифохонаҳо ва ғайра).

4. Ба вуҷуд омадани тадқиқотҳои психологӣ оид ба ривоҷёбии фанни тиббиёт ва соҳаҳои он, психиатрея, психо-неврология, психогигиена, нейрохирургия, сангигиена, пателогияи хурдсолон ва калонсолон, генетика, фаъолияти олии нерв ва ғайра дар ҳамкории фанҳои психология, биология, медитсина, сотсиология, педагогика ва ғайраҳо.

5. Мавқеи муайянро ишғол намудани психологияи юридикӣ ва аҳамияти он дар ҳаёти иҷтимоии мо, инчунин то рафт зиёд шудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ҷавонон (психологияи кори суд, психологияи криминалӣ, психологияи пенитенсиар ё ки меҳнатӣ, барқароркунии ахлоқ: муаммоҳои ҳуқуқ вайронкунандагони ноболиғ ва масъалаҳои пешгирии ҷиноят).

6. Ранги сиёсӣ ва иҷтимоӣ гирифтани психологияи амалӣ ва ба ҳар як ҷабҳаи зиндагӣ ворид шудани он, инчунин зиёдшавии талаб ба консултатсияҳои психологӣ, маслиҳатҳо, тренинигҳои авто ва сотсиалӣ, бозиҳои корчаллонӣ, профессиограмма, психодиагностика ва ғайраҳо.

7. Афзудани талаб ба донишҳо оиди дигаргуниҳои фанни психология дар антогенези одам (зарурати маводҳои мушаххас оиди психологияи ҳарбӣ, спорт, савдо, меҳнат, космикӣ, инженерӣ, эҷод, авиатсия).

8. Муҳимият (долзарб) гардидани масъалаҳои муаммоҳои экология, зоопсихологӣ ва вазифаҳои этологӣ, барқароркунии муносибатҳои байналмилалӣ, воридсозии ғояҳои инсонпарварӣ дар зиндагӣ (инсон ва экология, психологияи муқоисавӣ, психологияи шахс, психологияи этникӣ ва ғайра).

9. Зарурати омӯхтани муносибатҳои барзиёд кардани истеҳсоли моддӣ, муштараксозии имкониятҳои ақлӣ ва ҷисмонӣ, зиёд намудани самаранокии истеҳсолот, ҷорӣ намудани тамоилҳои инсон-инсон, инсон-техника, замин-инсон, инсон-иқлим...

10. Вазифаҳои барқарор кардани муносибатҳои оилавӣ, пешгирии ҷудошавии оилаҳо, барпои оилаи аҳл, омодасозии ҷавонон ба зиндагӣ, бартараф кардани ҳолатҳои сӯиқасд, дар оила пойдор намудани шароити баробарҳуқуқӣ ва хубтар гардонидани тарбияи ҷавонон.

11. Ривоҷёбии психологияи синнусолӣ тақозо мекунад, ки асрори дарозумрии инсонро – ошкорсозии қонуниятҳои герантопсихологӣ ва тарғиби онҳо, дар муассисаҳои давлатӣ истифодаи самарабахши донишҳои психологӣ, умри дароз дидан, яъне барои дарозумрӣ замина тайёр кардан, дар сиҳатгоҳҳо мутобиқи синну соли истироҳаткунандагон муносибат намудан, мулоқоти одилона шарт аст.

Бояд гуфт, ки аз эҳсосоти оддии давраи кӯдакӣ то ба фикрронии мантиқӣ гузаштан, фурсати тӯлонӣ лозим меояд. Кӯдаке, ки нав тавлид мешавад, аллакай тавассути органҳои ҳисси худ барои дарки муҳити атроф мекӯшад. Вале тафаккури вай дар давоми якчанд моҳ ва ҳатто солҳо ба вуҷуд меояд. Ваҳдати (ягонагӣ) тафаккур ва нутқ ривоҷёбии мазкурро ба амал меорад. Ин гуна ҳолати ниҳоят мураккаб имконияти тадқиқ намудани ҷараёни тафаккури мантиқиро фароҳам меорад.

Идроки муносибатҳои сабабу натиҷа дар ривоҷёбии психикаи инсон барои ба вуҷуд овардани шароитҳои қулай баҳри тарбияи бача зарур аст.

Ҳамин тавр, омӯзиши фанни психологияи синнусолӣ аҳамияти амалӣ ва ҳам назарӣ дорад. Чун дигар фанҳо ривоҷ меёбад. Дар ин самт аҳамияти як қатор фанҳо, чун биологияи экспременталӣ, генетика, медитсина, сотсиология калон аст. Фанни психологияи дефференсиалӣ ва давраҳои синну сол ба принсипҳои диалектика, ба қонуниятҳои фаъолияти олии нерв, қонуниятҳои психологияи дефференсиалӣ, маълумот ва материалҳое, ки психологҳо ҷамъ овардаанд, такя карда, оид ба гузариши психикаи инсон, ривоҷёбӣ ва дигаргуншавӣ баҳс мекунад. Дар ҳалли масъалаҳои амалии тамоми ҷабҳаҳои зиндагии иҷтимоӣ фаъол иштирок мекунад.

## АЛОҚАИ ПСИХОЛОГИЯИ СИННУСОЛӢ ВА БО ИЛМҲОИ ДИГАР

Равоншиносии синнусол ва омӯзгорӣ бо як қатор фанҳо робита дорад. Пеш аз ҳама вай бо фанни фалсафа алоқаи зич дорад. Дониш дар бораи қонуниятҳои умумии инкишоф дар табиату ҷамъият ва моҳияти ҷамъиятӣ доштани шуури инсонӣ имконият медиҳад, ки равоншиносии синну сол ва омӯзгорӣ тараққиёти рӯҳӣ бачаро дуруст, ба таврӣ илмиӣ ва объективӣ таҳқиқ намояд. Муфассал омӯхтани инкишофи рӯҳии бача, ки дар ҷараёни он бача олами атрофро дониста мегирад, ба мо имконият медиҳад, ки табиати умумии маърифати инсонро боз ҳам чуқуртар фаҳмида гирем.

**Психологияи синну сол дар омӯхтани психикаи бача ба донишҳои психологияи умумӣ** (инсон) такя менамояд.

Чуноне ки маълум аст, равоншиносии умумӣ қонуниятҳо ва механизмҳои умумии фаъолияти рӯҳӣ инчунин хусусиятҳои фардӣ – психологии шахсияти одами калонсолро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Вай заминаи муҳими равоншиносии синну сол ба шумор меравад. Рвоншиносии синну сол ба принсипҳои назариявӣ, методҳои умумии илмӣ – тадқиқотӣ, мафҳуму категорияҳои психикӣ, ки мавзӯи омӯзиши равоншиносии умумӣ мебошанд, такя карда, ҷараёну ҳолатҳои рӯҳӣ, фаъолияту хосиятҳои шахсияти кӯдакро дар шароити таълиму тарбия меомӯзад. Равоншиносии умумӣ, ки бо фаъолияти рӯҳии одамони калонсол сару кор дорад, дар навбати худ ба маълумотҳои психологияи синну сол оид ба пайдоиш, шаклгирӣ, рафту ҷараён ва инкишофи ин ё он хусусиятҳои рӯҳӣ зарурат дорад. Дар акси ҳол аксари қонуниятҳои психикаи одами калонсолро фаҳмидан имконпазир мебуд.

**Психологияии синну сол бо равоншиносии и**ҷтимоӣ алоқаи зич дорад. Психологияии иҷтимоӣ механизмҳои иҷтимоӣ – психологии ташаккули

шахсиятро дар доираи муносабатҳои ҷамъиятӣ омӯхта, проблемаҳои муносабати байни талабагон, муносабати онҳо бо омӯзгорону волидон, равоншиносии коллективи таълимӣ – тарбиявӣ ва оила, равоншиносии иҷтимоии бачагӣ, наврасӣ  ва ҷавонӣ ва методҳои иҷтимоӣ-психологии омӯзиши  талабагонро баррасӣ менамояд. (Социальная психология. А.В.Петровский :М,. С. 1987) соҳаи мазкур ҳамчунон роҳҳои баландбардоштани самаранокии таъсироти тарбиявиро ба шахс ва ҷамоа ошкор карда, муаллимро бо усулҳои илмии таҳлили психологии шахсияти талаба, ҷамоаи синф ва муносабатҳои  байни якдигарии талабагон мусаллаҳ менамояд.

Бешубҳа, психологияиии синну сол аз ҳисоби  маълумотҳои дастдоштаи равоншиносии  иҷтимоӣ мундариҷаи худро боӣ мекунад.

Психологияиии синну сол дар ҳаллу фасли масоили мавриди омӯзиш комёбиҳои илми физиология, алалхусус физиологияи фаъолияти олии асаб ва физиологияи синну солро истифода мебарад.

Маълум аст,  ки инкишофи  мӯътадили системаи асаб  шарти муҳими инкишофи солими  рӯҳӣ мебошад. Дар сурати такмил наёфтани мағзи сар ё иллатноки он инкишофи мӯътадилу солими психика ҳам имконнопазир аст. Пас равоншиносро лозим аст, ки аз фаъолият  ва такмили майнаи инсон, инчунин аз қонуниятҳои ташаккул ва инкишофи функцияҳои анатомӣ – физиолгии организм дар давраҳои гуногуни синнусолӣ, ки заминаҳои табиии инкишофи рӯҳии кӯдакро ташкил мекунанд, ҳамаҷониба огоҳ бошад.

Аҳамияти донистани физиологияро таъкид карда истода И.П.Павлов навишта буд: “Тамоми қонунҳои тарбия ва инкишоф  бояд ба физиология асос ёбанд”.  Ин фикрро Н.К.Крупская низ  таъкид кардааст: “Аввалин чизе, ки педагог бояд донанд, – ... анатомия ва физиологияи бадани одам ва инкишофи он мебошад”.

Таълимоти И.М.Сеченов, П.П.Павлов ва шогирдони онҳо оид ба қонунҳои фаъолияти олии асаби инсон ва инкишофи он асоси табиии психологияи синну солро ташкил менамояд. Таълимот  дар бораи равандаҳои асосии фаъолияти олии асаб, ҳаяҷону боздорӣ, рефлексҳои бешарту шартӣ, системаҳои сигнали якум ва дуюм, стереотипи динамикӣ, типҳои фаъолияти олии асаб ва ғайра  имконият медиҳанд, ки  муаллим вобаста ба онҳо усулу методҳои таълим ва таъсиротҳои тарбиявиро самарабахш созмон диҳад.

Психологияи синну сол бо педагогика робитаи зич дорад. Чунин робитаро ҳанӯз педагоги бузурги рус К.Д.Ушинский бисёр хуб ифода карда буд: “Агар педагогика одамро аз ҳар ҷиҳат тарбия карданӣ  бошад, вай бояд пеш аз ҳама ӯро ҳамаҷониба омӯзад”.

Педагогика вазифадор аст, ки инкишофи ҳамаҷонибаи бачагонро таъмин карда, шароитҳои аз нигоҳи педагогӣ мусоидро барои ҳаёт ва фаъолиятмандии онҳо дар ҷамъият муҳаё намояд. Барои иҷрои чунин вазифа қонуниятҳои умумии инкишоф, хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии бачагонро донистан лозим аст.

**Алҳол робитаи психологияии синну сол ва омӯзгорӣ** бо педагогика характери махсус пайдо карда аст. Кунун равоншиносӣ танҳо бо муаян намудани асосҳои равонии усулу воситаҳои маъмули таълиму тарбия маҳдуд нашуда, аз амалияи таҷриба омӯзиӣ пеш мегузарад ва роҳҳои навтарину самарабахши таълиму тарбияро аз нигоҳи қонуният ва талоботҳои психологӣ муайян менамояд.

Алалхусус, консепсияи мактаби миллӣ вазифа мегузорад, ки психологияи синну сол дар ҳамкорӣ бо педагогу методистон масъалаҳои амалию назариявии таълиму тарбияи кор карда бароянд.

Психологияи синну сол бо амалияи таълиму тарбияи бачагон алоқаи зич дорад. Инро ҳанӯз ҳангоми омӯхтани хусусиятҳои психологии талаба ва таҳлили психологии дарс дар рафти машғулиятҳои амалӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Муаллим зимни баёни мавзӯъ бояд донад, ки ҷараёни аз тарафи талабагон идрок кардан, ба хотир гирифтан, истифодаи амалҳои фикрӣ , яъне аз худ кардани мавзӯъ чӣ тавр мегузорад, оё шогирдон бо диққату ҳаяҷон, бо шавқу рағбат ва сарфи қувваи ирода маводро аз худ мекунанд? Дар ин ҷараёни маърифатӣ хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии талабагонро чӣ тавр бояд ба эътибор гирифт?

Бо назардошти ин хусусиятҳо муаллим вазифадор аст, ки фаъолияти маърифатӣ ва шахсияти шогирдонро инкишоф диҳад. Ҳамин тариқ барои донистани ҷузъиёту нозукиҳои кори таълиму тарбия омӯзгор бояд аз асрори психологияи синну сол ва омӯзгорӣ воқиф бошад. Донишҳои психологӣ ба омӯзгор дар ташкили робита бо талабагон дуруст, ба роҳ мондани муносабати тарафайни онҳо, ташкили ҷамоа, идора кардани рафтору фаъолияти хонандагон, пешгирии қафомонии талабагон дар таълим ва ислоҳи рафтору одоби номақбулу одатҳои бад, хуллас дар самарабахш ба роҳ мондани ҷараёни ягонаи таълиму тарбия ва ташаккули шахсияти насли наврас ёрии амалӣ мерасонад.

Роҳи дигари аҳамияти амалӣ пайдо кардани равоншиносии синну сол ташкили ҳадамоти равоншиносӣ дар мактаб ва муассисаҳои таълимӣ – тарбиявӣ мебошад.

Психологон дар мактаб кабинетҳои равоншиносӣ ташкил карда, барои муаллимону волидон доир ба хусусиятҳои равонӣ, фардӣ ва синнусолии хонандагон босамарии кори таълиму тарбия, сӯҳбат, маърӯза ва мизҳои

мудаввар ташкил мекунад, дар кори ташхису муоинаи хусусиятҳои рӯҳӣ, имкониятҳои маърифатӣ ва ақлии талабагон ёрии амалӣ мерасонанд, сабабҳои қафомонӣ, аз инкишофи рӯҳӣ дуршавӣ ва душворгардии тарбияи талабагони ҷудогонаро муфӣян карда, оиди рафъуислоҳи онҳо маслиатҳои зарурии методӣ медиҳанд.

Методҳои илмии фанни психологияи синну сол ва педагог.

Предмет ва вазифаҳои фанни мазкур дар асоси принсип ва қоидаҳои асосии психологияи умумӣ муқаррар карда мешавад. Психологияи синнусолӣ ба принсипҳои зерин амал менамояд:

1. Мувофиқи таълимоти материализми диалектикӣ психика хусусияти материяи ташкилгардида ё ки маҳсули мағзи сар аст. Одатан психика тавассути органҳои эҳсосии дунёи беруна, дар асоси таъсири бевосита ба мағзи инсон ба вуҷуд омада, дар эҳсос, идрок, тасаввур, хотира, тафаккур, нутқ, хаёл барин ҷараёнҳо, инчунин, дар хусусиятҳо ва ҳолатҳои шахс, диққат, эҳсосот ва характеру хислатҳо, шавқ ва эҳтиёҷот ифодаи худро меёбад.

2. Дар асоси психика фаъолияти рефлектории мағзи сар меистад. Барангезандагоне, аз дунёи беруна ворид мешаванд, реаксияи ҷавоби органҳои биологии дохилӣ ё беруниро ифода мекунанд. Пайвастагиҳои асабии муваққатӣ, ки дар нимшарҳои калони майнаи сар ба вуҷуд меоянд, асосҳои физиологии ҳодисаҳои психикӣ ба шумор мераванд ва онҳо дар натиҷаи таъсирҳои беруна ҳосил мегарданд. Пайвастагиҳои муваққатии асабие, ки дар пӯсти майнаи сар ба вуҷуд меоянд, дар асоси қонунҳои иррадиатсияи ҷараёнҳои асабӣ ва индуксияи байниҳамдигарии И.П.Павлов рух медиҳанд.

Ин қонунҳо барои фаҳмонидани пайвастшавиҳои муваққатии гуногун, чӣ гуна рух додани ассотсиатсияҳо, дар чӣ гуна шароитҳо боз истодан (барангезидан), аз байн рафтан ва ё пайдо шудани пайвастшавиҳои муваққатӣ имкон медиҳанд.

Мувофиқи қонуниятҳои психофизиологӣ функсияи майнаи сар дар таъсири механизми якҷояшавии пайвастшавиҳои муваққатии асабӣ ва механизмҳои фаъолияти анализаторҳо ҳосил мегардад. Назар ба таълимоте, ки дар боло зикр намудем, ҳар ду механизм муносибати ҳайвонҳоро ба олами беруна ифода мекунад. Аз ин рӯ, фаъолияти психикӣ дар инъикоси воқеият, аз ифода кардани олами берунаи фаъолияти олии асаб ба сифати тимсолҳо иборат аст.

3. Тадқиқ намудани психика – омӯхтани фаъолияти шуурноки инсоният (дар онтогенез) – ҳам фаъолияти назарӣ ва ҳам амалии ӯ мебошад. Шуурнокии инсон дар фаъолияти гуногуни ӯ (бозӣ, меҳнат, таҳсил),

ҳаракатҳояш намоён мешавад. Шахси инсон аз фаъолиятҳои гуногуни назарӣ ва амалии дорои шакл ва мазмуни ҳархела таркиб меёбад. Дар ин бобат муҳит, нишонаҳои ирсӣ ва тарбия омилҳои асосӣ маҳсуб меёбанд.

Инсон дар давре, ки зиндагӣ мекунад, рӯзгори моддиро ифода аз сар мегузаронад, дар зери таъсири муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ донишҳоро аз худ менамояд, иҷтимоӣ мегардад ва таърихан дигаргун мешавад. Дар онтегенез эҳсосот, характер, қобилият, тафаккур, эҳтиёҷот, эътиқод, мотивҳои ҳаракат, ки ба фаъолнокӣ даъват мекунанд, позитсияҳои умед, орзу ва хоҳишҳои ӯ низ оҳиста-оҳиста дигаргун мешаванд.

4. Ривоҷёбии фаъолияти фаҳмиши инсон (ҷараёнҳо) барои дақиқтар, дурусттар, пурратар ва амиқтар ифода намудани олами ҳастӣ, ки ӯро иҳота кардааст, имкон медиҳад ва моҳияти аслӣ, ҳамбастагиҳои гуногунро, муносибат ва робитаҳои мураккабро бештар равшан мекунад. Баробари ин, муносибати инсон, ки дар асоси ин ҷараёнҳо ташаккул меёбад, ба олами ҳастӣ, воқеӣ, ҷисмҳо, одамон ва худаш ба вуҷуд меояд.

5. Ривоҷёбии шуури инсон барои ифодаи фаъоли олами берунаи ӯ мусоидат менамояд. Мувофиқи таълимоти материализми таърихӣ, рӯзгори моддии инсон, танҳо асоси моддии сохторе нест, ки ӯ зиндагӣ мекунад, балки маҷмӯи тарзи зисти одамоне мебошад, ки ӯро иҳота кардаанд, қиёфаҳои умуминсонӣ, эътиқодҳо, ҷаҳонбинӣ, муносибатҳои онҳо ба воқеияти иҷтимоӣ, кӯшиш, фаъолият, маҳсули эҷод ва ҳаракатҳои онҳо аст.

6. Бозтоби ҳастии инсон (воқеият) – ҷараёни фаъол аст. Ривоҷёбии зоти инсон дар ҳастии объективӣ (воқеӣ) ва таъсири фаъол ба худаш намоён мешавад. Фаъолияти амалии кӯдак, масалан, бозӣ, мушоҳида, меҳнат, таҳсил, мутолиаи асари бадеӣ, барқароршавии завқу шавқ, такмилёбии иқтидор ва ғайра ривоҷёбии психикии ӯро ифода мекунад.

Умуман, дар психология методҳои гуногуни тадқиқи психикаи инсон вуҷуд дорад. Дар бораи онҳо дар курси психологияи умумӣ маълумотҳои зиёд дода шуд. Фанни психологияи синнусолӣ ва дефференсия низ шабеҳи соҳаҳои дигари психология ба методҳои илмӣ-тадқиқотии ба худ хос соҳиб аст. Ҳоло барои ифода намудани хусусиятҳои як қатор методҳо, ки психологи маъруф Б.Г.Ананев тавсия намудааст, ҳаракат мекунем.

Б.Г.Ананев методҳои омӯзиши психикаро ба чор гурӯҳ ҷудо карда, онҳоро методҳои ташкилӣ, эмприкӣ (амалӣ), статистикӣ ё ки коркарди маълумотҳо, шарҳдиҳанда номгузорӣ намудааст. Ин гурӯҳҳо мувофиқи мақсад ва вазифаҳои худ боз ба якчанд тоифа ва навъҳо тақсим мешаванд. Ҳоло дар бораи хусусиятҳои умумӣ ва ба худ хоси методҳои мазкур тавсияҳои қиёсӣ медиҳем. (21,23-25)

Якум методи тадқиқотӣ – **методҳои ташкилӣ** буда, ба таркиби худ навъҳои муқоиса, лонгитюдӣ (пайдарпай), комплекс (маҷмӯӣ)-ии методҳоро мегирад. Аз **методи муқоиса** дар фанҳои психологияи умумӣ, психологияи сотсиалӣ (барои муқоисаи гурӯҳҳои хурду калон ва тоифаҳои ҳархелаи онҳо), психологияи тиббӣ (муқоисаи хусусиятҳои психикии одамони сиҳат ва бемор), психологияи варзиш (муқоисаи ҳолати варзишгарон, дониш ва кордонии онҳо) пурсамар истифода бурда мешавад.

а) Дар психологияи синнусолӣ аз методи муқоиса барои муайян намудани ҷараёни фаҳмиши одамон, омӯзиши хусусиятҳои шахс, азхудкунии дониш, қобилияти ақлӣ, салоҳият, динамикаи ривоҷёбӣ, тафовутҳои ҷинсӣ ва ҷиҳатҳои ба худ хоси онҳо истифода мебаранд.

Равоншиносони маъруф Л.С.Вигосткий, П.П.Блонский, А.А.Смирнов, Б.Г.Ананев, Д.Б.Элконин, П.Я.Галперин ва шогирдони онҳо дар тадқиқотҳои худ (муқоисаи синнусолии аёми навзодӣ, кӯдакӣ, бачагӣ, синни хурди мактабӣ, наврасӣ, навҷавонӣ) аз ин метод пурсамар истифода бурдаанд.

б) Дар психологияи синнусолӣ баробари методи муқоиса методи лонгитюдӣ (пайдарпай) низ истифода бурда мешавад. Тафовути ин метод аз дигар методҳо дар он аст, ки дар он якчанд объекти таҷрибаомӯзӣ муддати тӯлонӣ, ҳатто дар давоми даҳсолаҳо санҷида мешавад. Аз методи лонгитюдӣ равоншиносон Ш.Штерн (немис), Р.Заззо (француз), психологҳои рус Н.А.Менчинская, А.Н.Гвоздев, И.С.Лейтис, В.С.Музхина ва дигарон тӯли солҳо истифода бурдаанд.

Тавассути ин метод дугоникҳои ҳамҷинс (Ҳасану Ҳусайн, Фотимаю Зуҳро) ё ки омехтаҷинса (Ҳасану Зуҳро, Фотимаю Ҳусайн) омӯхта мешаванд. Аз ин рӯ, як қатор тадқиқотҳо “рӯзномаи модар” (Н.А.Менчинская, В.С. Мухина) номгузорӣ шудааст, ки беҳуда нест. Муддати тӯлонӣ назорраи як шахс (гурӯҳи хурд) барои омӯхтани динамикаи ривоҷёбии фазилатҳои нав, камбудиҳои хулқу атвор (ҳаракат) ва тадбирҳои пешгирии онҳо, муносибатҳои мураккаби психологӣ, қонуниятҳои пайвастшавии дохилӣ, ҷамъоварии маълумотҳои мукаммал, боваринок, барқарор дар бораи механизмҳо имкон медиҳад. (21, 35-37)

Натиҷаи тадқиқот, ки бо ёрии барномаи маҷмӯӣ амалӣ мегардад, дорои аҳамияти илмӣ буда, дар ҳал кардани муаммоҳои инсоншиносӣ ёрии калон мерасонад.

**Гурӯҳи дуввуми** методҳои тадқиқоти илмӣ методҳои эмперикӣ мебошанд, ки ба ин гурӯҳ методҳои мушоҳида (худмушоҳидакунӣ), эксперимент (озмоиш – лабораторӣ, сайёр, табиӣ), тест, анкета, пурсиш, сотсиометрия, сӯҳбат кардан, тарҷумаи ҳолӣ (таҳлили гувоҳномаи шахсӣ, ҳуҷҷат, воқеаҳои рӯзгор) дохил мешаванд ва онҳо вазифаҳои озмудан,

санҷиш, диагноз (муайян намудан) ва прогноз (пешакӣ муқаррар кардан) иҷро мекунанд. Дар тадқиқи дақиқ ва объективии дигаргуниҳои психологии инсон аз лаҳзаи таваллуд то охири умр, аз методҳои эмпирикӣ бо навбат истифода намудан натиҷаи хуб медиҳад.

**Гурӯҳи сеюми** методҳои тадқиқоти илмӣ барои коркарди маълумотҳо нигаронида шуда, он ба намудҳои таҳлили статистикӣ (миқдор) ва психологӣ (сифат) ҷудо мешавад. Дар тадқиқоти психологӣ-педагогӣ бештар аз методҳои статистикии зерин истифода мебаранд:

Барои истеҳсоли миқдорҳои ҷамъшуда ин формулаҳоро истифода намудан мумкин аст:

$$M = \frac{\quad}{n}$$

Ин формула барои аниқ кардани қимати миёнаи арифметикӣ истифода мешавад. М – ҷамъоваришуда, v – миқдори вариатсионӣ, n – адади объектҳоро ифода мекунад.

$$\sigma = \sqrt{\frac{c}{n-1}}$$

1) Ин формула дар ҳисоб кардани дараҷаи миёнаи квадратии радифи адад ё ки муайян намудани моилияти стандартӣ истифода мешавад.

$\sigma$ - моилияти квадратӣ, С-дисперсия, “n” - миқдор.

3. $C = \sum(v - M)^2$ формулаи муайян намудани парешонии миқдорҳои қатори ададҳо. Он баъзан “С” – дисперсия низ номгӯӣ мешавад.

Гурӯҳи чоруми методҳои тадқиқоти илмӣ гурӯҳи шарҳдиҳанда мебошанд, ки аз методҳои **генетикӣ** ва **сохтмуайянкунӣ** иборат аст. Бо методи генетикӣ маълумотҳои дар давоми тадқиқот ба даст омада ба таври яклухт, мувофиқи мақсад шарҳ дода мешавад. Мақсади асосии истифодаи ин метод – дар объекти таҷрибашаванда ривоҷёбии фазилаҳои нави шахс, ки ба вуҷуд меоянд ва дигаргуниҳои ҷараёни фаҳмишро ба натиҷаи таҷриба нигоҳ карда, таъриф додан аст. Инчунин, дар ин метод ба даври намоён шудани хусусиятҳои фазилат, зина, дақиқаҳои машаққатовар, лаҳзаҳои он шарҳҳои иловагӣ додан мумкин аст.

Дар асоси методи генетикӣ решаи вобастагии бевоситаи дигаргуниҳо ва зинаи ривоҷёбӣ аниқ карда мешавад. Бо методи сохтмуайянкунӣ тамоми дигаргуниҳо, ҷиҳатҳои ба худ хос, робита ва таъсири байниҳамдигарӣ, пайвастшавии умдагиҳои психикаи шахси объекти омӯзиш қароргирифта омӯхта мешавад.

**Зинаи чорум** – дар шахс ҳар як факт, аломат, нишондод ва нуқтаи назари психологӣ тавассути мантиқ таҳлил карда мешавад. Тамоми мулоҳизоти илмӣ-амалӣ исбот гардида, барои ягон шубҳа ва эътироз ҷой намемонад. Дар ҳамин зина тадқиқот ба анҷом мерасад, хулосаҳои зарурӣ

бароварда шуда, тавсияҳои амалӣ пешниҳод мегардад ва аҳамияти муаммоҳои омӯзишашон зарур фаҳмонида мешавад.

Акнун дар бораи методҳои эмперикӣ, ки дар раванди таҷриба аз ҳама бештар истифода мешаванд, маълумот медиҳем.

**Методи мушоҳида.** Дар тарихи равоншиносии синну солӣ ва омӯзгорӣ як қатор олимон аз ҳар ду навъи мушоҳида истифода бурда асарҳои пурқиммат таълиф намуданд. Масалан олими немис В.Штерн (1871-1938)бо ҳамсараш барои сабабҳои инкишофи рӯҳии бачаро муаян кардан се фарзанди худро то синни 6-солагӣ мушоҳида карда, натиҷаҳои мушоҳидаи пурраашро дар рӯзнома сабт намудааст. Забоншиноси рус А.Н.Гвоздев ба муддати 8сол нутқи писари худро мушоҳида карда, дар асоси он асари “Ташаккули сохти грамматики забони русӣ кӯдак” (1949)-ро навиштааст.

Дар психологияи синнусолӣ намудҳои объективӣ (беруна) ва субъективӣ (бевосита)-и ин метод мавҷуд аст. Барои мушоҳидаи дигаргуниҳои психикаи инсон ба зеринҳо эътибор дода мешавад:

1) Мақсад ва вазифаи мушоҳида муқаррар карда мешавад;
2) Объекти мушоҳида интихоб мегардад;
3) Синну сол ва ҷинси объект муайян карда мешавад;
4) Вақти гузаронидани тадқиқот ба нақша гирифта мешавад;
5) Муддати мушоҳида аниқ мегардад;
6) Муайян карда мешавад, ки мушоҳида дар чӣ гуна фаъолияти инсон (бозӣ, таҳсил, меҳнат, варзиш) гузаронида мешавад;
7) Шакли мушоҳида (якка, гурӯҳ, бо ҷамоа гузаронида мешавад);
8) Воситаҳое, ки рафти мушоҳида қайд мегардад (рӯзнома, дафтари сӯҳбат, варақаи мушоҳида, магнитофон, видеомагнитофон ва ғайра) омода карда мешавад.

Тавассути мушоҳида диққат, эҳсосот, ифодаҳои берунии системаи асаб, хусусиятҳои темпераментӣ, имову ишораҳо, ҳассосият, хулқу атвор, фаъолияти нутқи одамони синнашон гуногун омӯхта мешавад. Лекин барои тадқиқи эҳсосоти психикии дохилӣ, эҳсосоти бузург, тафаккур, хотираи мантиқӣ ва ақлу заковати инсон имкониятҳои ин метод кофӣ нест. Масалан, барои мушоҳидаи тифл ҳаракат, муносибати ӯ ба бозичаҳо, эҳсосот, майлу хоҳиши ӯ муайян карда мешавад. Барои мушоҳидаи ҳолати хонанда дар ҷараёни дарс дар бораи диққат, таъсири омилҳои беруна, темперамент, суръати ҳатту ҳаракат, дигаргуншавии эммотсионалии ӯ маълумотҳо ҷамъ намудан лозим аст. Тавассути мушоҳидаи фаъолияти варзишии навҷавон доир ба ирода, корчаллонӣ, хусусиятҳои дигаргуншавии эҳсосот, ҳаракат ба ғалаба, идораи ҳаракатҳои ӯ маълумот ҷамъоварӣ кардан имконпазир мебошад. Дар натиҷаи мушоҳидаи фаъолияти коргар дар назди дастгоҳ оиди

диққати ӯ ба кор, дастгирии худ дар лаҳзаҳои душвор маълумоти зиёд ҷамъ карда мешавад. Мушоҳидаи ҷараёни мулоқоти пиронсолон барои омӯхтани характер, фаъолияти нутқ, эҳсосот, завқу шавқ, руҳият, хусусиятҳои ба худ хос, экстравертивӣ ё ки интарвертивии онҳо имконият фароҳам меоварад.

Ҳангоми мушоҳидаи беруна гоҳо доир ба тафаккур: кайфияти худро ҳангоми кор ба объекти муайяни фикр равона кардан, гирифтори таъсири барангезандагони беруна нашудан, хурсандӣ ва ғами чеҳра, ғайритабии будани чашм, инчунин, кунҷковӣ, бардамӣ ва дигар ҳолатҳои объектро аз назар гузаронда, доир ба дигаргуниҳои тафаккури ӯ маълумот гирифтан мумкин аст. Ғайр аз ин, ларзидани даст, асабонӣ шудан, камбудӣ дар нутқ, беқароршавии эҳсосот ҳам доир ба дигаргуниҳои руҳияти инсон маълумот медиҳад.

Дар фанни психология аз худмушоҳидакунӣ (интроспектсия) низ истифода мебаранд. Бештар психолог ва омӯзгорони соҳибтаҷриба тавассути худмушоҳидакунӣ хулосаи илмӣ мебароранд. Масалан, тафаккури худро мушоҳида карда, оиди дигаргуниҳои эммотсионалии худ, инчунин, дар бораи механизмҳои дохилии тафаккур маълуот мегирад. Бо ин роҳ, сифат, мазмун ва моҳияти тафаккур, чӣ тавр, бо чӣ гуна суръат ва дар чӣ гуна шакл рух додани ҳолатро мушоҳида мекунад.

Дар психологияи хориҷа материалҳои илмӣ-амалие ҷамъовар шудаанд, ки саҳми худмушоҳидакуниро дар омӯзиши руҳияти инсон ифода мекунанд. Намояндагони барҷастаи равияи интроспексия худмушоҳидакунандагонро ва материалҳои мавҷударо таҳлил карда, барои таҳияи қонуниятҳои умумии психология ҳаракат кардаанд. Лекин инсон дар вазъиятҳои гуногун худро якранг идора карда наметавонад ва аз ин сабаб ин метод аҳамияти илмии бузургро соҳиб нест.

Ҳамин тавр, методи мушоҳида баробари ҷиҳатҳои мусоид ва самарадор, камбудиҳо низ дорад. Аз ин рӯ, психикаи мураккаби инсон бо истифодаи дигар методҳо тадқиқ карда мешавад.

**Методи сӯҳбат.** Дар ин метод барои омӯхтани психикаи инсон мақсад ва вазифаҳои сӯҳбат муайян карда мешавад, объект ва субъекти он интихоб мегардад, мавзӯъ ва вақти гузаронидан муқаррар карда шуда, бо шахсони танҳо, гурӯҳ ва ҷамоа гузаронидани он ба нақша гирифта мешавад, саволу ҷавобҳо, ки бо объекти омӯзиш робитаи узвӣ доранд, таҳия мегарданд. Мақсади асосии сӯҳбат, дар вазъияти муайян ё ки ҳал намудани ягон муаммо омӯхтани дигургуниҳои психикии инсон мебошад. Тавассути сӯҳбат дар бораи тафаккур, ақлу заковат, хулқу атвор, шавқу завқ, сатҳи дониш, эътиқод, ҷаҳонбинӣ, иродаи инсонҳои синну солашон гуногун маълумот ба даст меояд. Ҳангоми сӯҳбат саволҳо дода мешавад.

Тавре, ки дар боло зикр намудем, дар методи сӯҳбат низ баробари бартариятҳо як қатор камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Калимаҳои бемантиқ, ибораҳои “дилгиркунанда”, босуръатии нутқ, мавҳумии андеша, барои бемуваффақият анҷом ёфтани кор сабаб мешавад. Инчунин, дар шакли якранг набудани саволу ҷавоб, услуби ба худ хоси кори объекти таҷриба, нарасидани ошкорагӣ, шарм ва худдорӣ ҷараёни маълумотгириро душвор мекунад ва аз ин сабаб аксаран ба дигар методҳо муроҷиат мекунанд.

**Методи таҳлили маҳсули фаъолият**. Дар психологияи синнусолӣ бо мақсади муайян намудани хотираи инсон, тафаккур, қобилият ва хусусиятҳои хаёл аз ин метод пурсамар истифода мебаранд. Тавассути расмҳое, ки бачагон кашидаанд, бозичаҳое, ки сохтаанд, таҳлили шеърҳое, ки навиштаанд, лоир ба қобилияти бадеӣ ва адабӣ, тахайюли эҷодӣ материалҳо ҷамъ намудан мумкин аст. Дар истифодаи ин метод шахсе, ки маҳсулотро тайёр кардааст, бевосита иштирок намекунад. Барои барқарор намудани мулоқот байни объект ва субъект дар бораи психикаи шахс зимнан ҳукм ва хулосаи муайян баровардa мешавад. Ба маҳсули фаъолияти эҷодӣ схема, ихтироъ, диограмма, кашидадӯзии миллӣ, ҳунармандӣ, таҷҳизоти заргарӣ, реферат, корҳои курсӣ ва дипломӣ, маърӯзаи илмӣ, конспект, тақриз, тезис, мақола, асбоби аёнӣ, лоиҳа ва ғайра дохил мешавад. Ин ҳама аз тарафи одамони синну солашон гуногун ва соҳибони касбҳои ҳархела офарида шуда, аз лиҳози шакл, мазмун, сифат, оригиналӣ, калону хурдӣ ва характер аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Тавассути таҳлили маҳсули фаъолияти эҷодӣ дар бораи хусусиятҳои психикии бачагон, хонандагон, донишҷӯён, конструкторон, олимон, ҳунармандон, коргарон маълумотҳо ҷамъ овардан мумкин аст. Аммо барои ҷамъоварии материалҳое, ки дигаргуниҳои психикии инсон, камолот ва ҷараёни гузариши онро ифода мекунанд, ин метод кофӣ нест. Аз ин рӯ, дар омӯзиши психикаи инсон аз дигар методҳо низ истифода мебаранд.

**Методи тест.** Тест (**калима англисӣ буда, маънои санҷиш**) озмоишро дорад. Масъалаи стандартии кӯтоҳ, супориш, мисол, муаммоҳое, ки барои санҷиши ривоҷёбии ақлӣ, қобилият, сифатҳои ирода ва дигар хусусиятҳои психикии инсон кор бурда мешавад, тест мегӯянд. Методи тест асосан барои муайян намудани соҳиби чӣ гуна касб шудани одам, кордонӣ ва ноӯҳдабароии ӯ дар он соҳа, аниқ кардани боистеъдодҳо ва заифақлон, интихоби шахс истифода бурда мешавад. Қимати методи тест ба дараҷаи илмии таҷриба, маҳорат ва шавқи муфаттиш, объективии маълумотҳои ҷамъоваришуда ва таҳлили илмӣ карда тавонистани онҳо вобаста аст.

Аз соли 1905, баъди аз тарафи психологи француз А.Бинэ ва шогирди ӯ А.Симон тарғиби ғояи мавҷудияти имкони ҳисоб кардани ривоҷёбии ақлӣ ва

сатҳи истеъдоди инсон дар психология, методи тест маъмул гардид ва дар амал ҷорӣ шуд.

Психологҳои хориҷӣ тестҳоро воситаи муайянсозии сатҳи истеъдод медонанд. Аммо тест мезони психологии ҳодисаҳои санҷидашаванда ба ҳисоб намеравад. Маълум аст, ки ҷустуҷӯи роҳи ҳалли муаммо бо воситаҳои гуногуни психологӣ амалӣ мегардад. Тестологҳои хориҷӣ объектҳои тадқиқотиро дигар карда, барои ба таври омехта омӯхтани қобилият, тафаккур, дониш ва таҷриба кӯшиш мекунанд. Дар ҷараёни санҷиш ҳолати эмотсионалӣ ва рӯҳии объект, ки бо саломатияш вобаста аст, ба инобат гирифта намешавад. Тестҳое, ки аз тарафи равоншиносон К.М.Гуревия, В.А.Крутутский ва дигарон истифода мешаванд, дар асоси принсипҳои дигар тайёр карда шудаанд. Онҳо барои сатҳи тафаккурро намоён кардани тестҳо ҳаракат мекунанд ва ба дастовардҳои муайян ноил мегарданд. Инчунин, ба қоидаи хусусиятҳои сифатии ҷараёни тафаккурро надониста, моҳияти қобилиятро фаҳмидан ғайриимкон аст амал карда, аз методи тест истифода бурдаанд.

Ҳоло ба қатори тестҳои нодир намунаҳои эҷоди равоншиносон Роршах, Розентсвейг, Кеттел, Вартегг, Векслер, Мейли, Айзе, Анастазе, Равен ва дигаронро дохил кардан мумкин аст. Ба қатори тестҳои маъмултарин ва паҳншудатарин тестҳои ба муваффақият ноил шудан (онҳо аз дарсҳо дода шуда, барои баҳодиҳӣ ба сатҳи дониш ва таҷриба нигаронида шудааст), тестҳои интеллектӣ (барои муайян намудани сатҳи ривоҷёбии ақлӣ пешбинӣ шудааст), тестҳои шахс (аз методҳои диагностикӣ, ки ба баҳогузории иродаи инсон, эмотсия, таваҷҷӯҳ, мотиватсия ва хулқ нигаронида шудааст, иборат аст), тестҳои “лоиҳаи” шахс (ба саволҳо як ҷавоби аниқ додан талаб карда мешавад ва ҷавобҳо таҳлил гардида, “лоиҳа”-и хусусиятҳои шахс таҳия мегардад) ва монанди ин дохил мешаванд.

**Методи озмоиш (эксперимент).** Ин метод барои дақиқтар, амиқтар тадқиқ намудани психикаи одамони синну солашон гуногун (дар айёми тифлӣ, бачагӣ, наврасӣ, навҷавонӣ ва пиронсолон) истифода мешавад ва дар байни чунин методҳо муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Бо ёрии методи эксперимент ташаккули фаҳмишҳои сунъӣ, ривоҷи нутқ, бурун омадан аз вазъияти фавқулодда, ҳалли вазъияти проблемавӣ, ҷараён, эҳсосоти шахсон, характер ва хусусиятҳои типологӣ омӯхта мешавад. Тавассути ин метод пайвастагиҳои дохилӣ, муносибат, қонуният, қонун, хосса ва механизмҳои мураккаби психикаи инсон омӯхта мешавад. Барои ин равоншинос материалҳои экспериментро бодиққат интихоб карда, ба таври объективӣ бояд вазъиятҳои гуогунро ташкил намоянд ва дар ин бобат албатта, синну

сол, ақлу идрок, характер, хусусият, эҳсосот, шавқ ва салоҳият, таҷрибаи рӯзгор, малакаи онҳоро ба инобат бигирад, ки ин хеле муҳим аст.

**Методи таҷриба.** Ин метод дар навбати худ ба методҳои табиӣ ва лабораторӣ ҷудо мегардад. Методи табиӣ дар ҳалли масъалаҳои психологӣ-педагогӣ истифрда мешавад. Асосҳои илмии ин методро соли 1910 А.Ф.Лазурский таъриф додааст. Дар истифодаи методи табиӣ дигаргуниҳои психологӣ, муносибатҳои байниҳамдигарӣ, қобилияти корӣ, ҳалли муаммоҳо, аз ӯҳдаи кор баромадани аъзои ҷараёни истеҳсолот, кормандони муассисаҳои илмӣ, омӯзгорон, пиронсолон ба назар гирифта мешавад. Дар омӯзиши психикаи инсон дар шароити табиӣ объектҳо (бачагони муассисаи таълими то мактабӣ, хонандагони мактаб, коргарон, деҳқонҳо, кормандон ва ғайра) бояд аз ин раванд бехабар бошанд ва донишҳое, ки дар ҷараёни таълим дода мешаванд, бояд ба мақсади тадқиқот мувофиқ гардида, дар доираи меҳнати рӯзмарраи одамони пиронсол амалӣ гарданд ва дар заводу фабрикаҳо ба афзунсозии самарадории истеҳсоли маҳсулоти моддӣ равона карда шаванд.

**Методи лабораторӣ (клиникӣ) бештар ба таври якка-индивидуалӣ** (гоҳо дар шакли гурӯҳ ва ҷамоа) аз объектҳои таҷрибаомӯзӣ пинҳон накарда, бо истифодаи асбобҳои махсус, роҳу равишҳо, тавсияҳо, нишондод ва иловаҳои психологӣ гузаронида мешавад. Ҳоло асбобҳое, ки дигаргуниҳои психикаи инсонро муайян мекунанд, чун мошинаҳои мураккаби электронии ҳисобкунак (дисплейҳо), дастгоҳ ва таҷҳизот барои ҳисоб кардан ва қайд намудани сифтаҳои нави ҳолатҳо, функсияҳо истифода мешаванд. Бештар аз детекторҳо, ченкунандаҳои электронӣ ва радиоӣ, секундомер, рефлексометр, хронорефлексометр, люксметр, аномалоскон, тахистакоп, аудиометр, эстезиометр, элекроминограмма электроэнтсифилограмма барин асбобҳо истифода мебаранд. Бо ёрии методи лабораторӣ ҳолатҳои психикии мураккаб чун сифатҳои диққат, эҳсос, идрок, хотира ва хусусиятҳои тафаккур, хушунати эмотсионалӣ, иродавӣ ва ақлӣ санҷида мешавад. Бештар дар шароити лабораторӣ методҳои одамон (шофёр, оператор, электрончиҳо, парвозкунанда), вазъиятҳои фавқулодда (ҳалокат, аз роҳ баромадан, садама, ошӯб) ташкил карда мешавад. Аз рӯйи нишондоди асбобҳо маълумотҳо доир ба дигаргуниҳо, динамикаи ривоҷёбӣ, мондашавии ҷисмонӣ ва ақлӣ, зӯромади эмотсионалӣ-иродавӣ, асабӣ, ҷиддият ба даст оварда мешавад.

Таҷриба ба се қисм: муайянкунанда, тарбиякунанда (таркибёбанда) ва санҷиш тақсим мешавад. Дар қисми муайянкунандаи таҷриба хусусияти психикӣ, ҷараён ё ки ҳолат, бозӣ, меҳнат, хониш барин фаъолиятҳо тадқиқ карда мешавад. Ҳолат ва имконияти ҳамон вақтаи объекти тадқиқ муайян карда мешавад, аммо санҷишкунанда ба объекти таҷриба таъсир

намегузаронад. Дар ҳамин асно ба объекти омӯзиш бо саволҳои оддӣ ҳам муроҷиат накардан принсипи таҷриба ба ҳисоб меравад.

**Методи биография (тарҷумаи ҳол).** Барои тадқиқ намудани психикаи инсон маълумотҳои хаттӣ ва даҳонӣ дар бораи ҳаёт, фаъолият, эҷодиёти ӯ аҳамияти муҳим дорад. Дар ин самт тарҷумаи ҳол, рӯзнома, номаҳо, хотирот, баҳодиҳӣ ба эҷоди дигарон, танбеҳҳо, тақризҳои ӯ аҳамияти алоҳидаро соҳиб аст. Инчунин, материалҳое, ки аз тарафи дигарон дар бораи тарҷумаи ҳоли объекти омӯзиш ҷамъоварӣ шудаанд: хотирот, номаҳо, расмҳо, тавсифҳо, баҳо, сабтҳои магнитофонӣ, фотолавҳаҳо, филмҳои ҳуҷҷатӣ, ташхисҳо барои пурратар тасаввур кардани шахс хизмат мекунад.

Маълумотҳои тарҷумаи ҳол дар мушоҳидаи дигаргуниҳои психикаи инсон, муайян намудани ҷиҳатҳое, ки бо методҳои сӯҳбат ва таҷриба аниқ кардан ғайриимкон аст, ёрӣ мерасонад.

Дар психологияи синнусолӣ тадқиқотҳои илмӣ дар асоси методи тарҷумаи ҳол зиёданд. Масалан, мушоҳидаҳои Н.А.Менчинскийӣ, В.С. Мухна бо номи “Рӯзномаи модар” машҳур аст. Чунин тадқиқотҳо дар психологияи хориҷа низ васеъ паҳн шудааст.

Як гурӯҳ асарҳои адабиёти бадеӣ, масалан ёддоштҳои А.Н.Толстой, А.М.Горкий, С.Айнӣ, Ойбек, Абдулла Қаҳҳор ва дигарон дар шакли тарҷумаи ҳолӣ буда, аз ин асарҳо баробари шахсияти онҳо, дар бораи эҳсосот, темперамент, характер, қобилият, истеъдод, шавқу завқ, хоҳиш, лаёқат, ҷаҳонбинӣ, эътиқод, нафосат, одобу ахлоқи муаллифон маълумотҳо гирифтан мумкин аст.

**Методи анкета.** Дар психологияи синнусолӣ яке аз методҳои маъмул мебошад. Бо ёрии ин метод хусусиятҳои психологии одамон, муносибати онҳо ба ашё ва ҳодисаҳо омӯхта мешавад.

Анкета одатан се хел тартиб дода мешавад. Намуди якум аз саволҳое тартиб дода мешавад, ки барои дарки фаҳмишҳои объект нигаронида шудааст. Дар намуди дуввуми анкетаҳо ба ҳар як савол якчанд ҷавобҳои тайёр дода мешавад. Дар намуди сеюми анкета ҷавоби дурусти шахс тавассути холҳо баҳогузорӣ мешавад. Аз анкета барои муайян намудани шоистагии одамони синнашон гуногун, қобилият ва таваҷҷӯҳи онҳо ба соҳаҳо, муносибаташон ба худ, ҳамсолон, калону хурд истифода мебаранд.

Афзалияти анкета дар он аст, ки теъдоди зиёди талабагонро фаро мегирад ва коркарди статистикии маълумот нисбатан осон аст. Ҳангоми таҳияи анкета аниқ, фахмо ва равшан будани саволҳо зарур аст, то ки талабагон ба онҳо мустақилона дуруст ҷавоб дода тавонанд. Аз ин рӯ, тартиб додану ба шакл даровардани савол дар анкета мураккабу муҳим аст. Яке аз нишонаҳои нодуруст тартиб ёфтани савол он аст, ки ҳангоми ба он ҷавоб

навиштан аксарият онро дуруст намефаҳманд ва дар натиҷа ба муҳаққиқ муроҷиат мекунанд, ё нодуруст ҷавоб мегардонанд.

Вобаста ба шакли худ саволҳои анкета ба *кушодаю пӯшида, бевоситаю бавосита, асосию санҷишӣ* ҷудо мешаванд.

Агар ба савол якчанд ҷавоби тайёр дода шуда бошад, инро саволи *пӯшида* мегӯянд:

Шумо аз пешрафти худ қаноатмандед?

- Хеле қаноатмандам.
- Қаноатмандам.
- Қаноатманд нестам.

Ба саволҳои *кушода* ҷавоби ихтиёрӣ мегардонанд ва барои ҷавоб навиштан дар анкета баъди савол ҷой монда мешавад.

Мисол: Омӯзиши кадом фанро бештареписандед? Шумо ояндаи худро чӣ тавр тасаввур мекунед? Шакли «Чаро?» «Барои чӣ?» гузошта мешавад.

Масалан, вақте талабагон бештар омӯзиши фанни забони хориҷиро меписандем гуфта менависанд, дар анкета ҳатман ваҷҳиёти (сабаб, мақсад)-и чунин интихоб муайян карда мешавад: «Чаро? Бо кадом мақсад забони хориҷиро донистан мехоҳед?»

Ҳарчанд анкета маълумоти бисёр медиҳад, вале «маҳсули тайёр»-ро ошкор карда, рафту ҷараёни фаъолияти руҳӣ ва шахсияти бачагонро кушода дода наметавонад. Бар замми ин, мо муносибати ҳақиқии бачагонро ба ин ё он масъала ошкор карда наметавонем. Чунки дар анкета ҳар кас фикру андешаи худро менависад ва самимияти онро назорат кардан имконнопазир аст. Бинобар ин, маълумотҳои анкетӣ аз хисоби дигар методҳо мукаммал карда мешавад.

Анкетаҳое, ки миёни одамон тақсим карда шудааст, ҷамъ гардида, бо мошинаҳои электронии ҳисоббарор ҳисоб карда мешавад, таҳлили миқдорӣ мегардад, сипас, ба тадқиқот анҷом бахшида, хулосаҳои илмиву амалӣ қабул карда мешавад. Методи анкета барои ҷамъоварии материалҳои зиёд доир ба психикаи инсон имкон медиҳад. Аммо маълумотҳое, ки бо ин метод ба даст меоянд, доимо дорои хусусияти холисона нестанд. Барои ба ин камбудӣ роҳ надодан пухта тайёр кардани саволҳои санҷишии анкета мувофиқи мақсад аст. (22, 157-158).

**Методи сотсиометрикӣ.** Ин метод миёни гурӯҳҳои хурд барои омӯхтани муносибатҳои эмотсионалӣ ва сатҳи он истифода бурда мешавад. Ба ин метод сотсиологи амрикоӣ Ҷон Моренко асос гузоштааст. Бо ёрии ин метод барои муайян намудани муносибати байниҳамдигарии ҳар як аъзои гурӯҳи муайян, дар чӣ гуна фаъолият ва бо кӣ иштирок карданаш пурсида мешавад.

Маълумотҳои ҷамъшуда дар шакли матритса, график, схема, ҷадвал ифода карда мешавад. Нишондоди миқдори онҳо дар бораи муносибатҳои байни одамони гурӯҳ тасаввурот ҳосил менамояд. Ин маълумотҳо танҳо намуди берунаи муносибатҳои гурӯҳро ифода мекунад. Аз ин рӯ, аз тарафи Я.Л.Коломинскӣ ва И.П.Волков намудҳои ба психологияи синнусолӣ мувофиқгардонидаи сотсиометрия таҳия карда шудааст. Бахусус, намуди дигаршудаи сотсиометрия, ки аз тарафи Я.Л.Коломинскӣ таҳия шудааст, дар бораи муносибатиҳои байниҳамдигарии гурӯҳи бачагон маълумоти бештар медиҳад.

Аз равоншиносии умумӣ маълум аст, ки системаи муносибатҳои байниҳамдигарии талабагонро асосан ду навъи муносибат: расмӣ (корӣ) ва ғайрирасмӣ (шахсӣ) муайян мекунанд. Масалан, вақте ки талабагон ба иҷрои супориши синфӣ ё мактабӣ машғуланд (маслиҳати тарзи иҷрои он, муҳокимаи натиҷа ва ғайра), мо байни онҳо ҷой доштани муносибату муоширатҳои расмиро мебинем. Ин муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ки объективӣ ба шумор меравindependent, дар муносибатҳои субъективӣ (ҳусну таваҷҷӯҳ, дилгармӣ, дӯстию рафоқат, ё бетафовутию беаҳамиятӣ ба якдигар ва ё нафрату бадбинӣ) инъикос меёбанд, ки онҳоро муносибатҳои шахсӣ мегӯянд. Донистани ин муносибатҳо ба муаллим зарур аст, зеро мутавофиқии муносибатҳои расмӣ ва шахсӣ дар гурӯҳ яке аз шартҳои мавҷудияти коллективи синф мебошад.

Бинобар ин, дар сотсиометрия ду меъёр (расмӣ ва ғайрирасмӣ)ро ба асос мегиранд – як савол муносибати корӣ (Бо кӣ дар як парта нишастан мехоҳӣ?)ро дар бар гирад, саволи дигар барои муайян кардани муносибати шахсӣ, дар айни замон ба доираи истироҳату гузаронидани вақти холӣ (Киро ба рӯзи таваллудат даъват кардан мехоҳӣ?) равона карда мешавад. Тадқиқшавандагон ҳақ доранд вобаста ба ҳар савол аз 3 то 5 касро аз синф интихоб кунанд.

Натиҷаҳои сотсиометрия бо усулҳои статистикӣ кор карда шуда, бо графика, нақша, сотсиограмма, матритса ва индекс ифода меёбанд.

Ба сотсиометрия референтометрия моҳиятан наздик аст. Бо ёрии он доираи талабагонеро, ки фикру ақидаҳои онҳо барои ягон фард пурқимат аст муайян карда мешавад.

Референтометрия ба методи ҷамъбасти тавсифномаҳо монанд аст, вале фарқ ҳам дорад. Ба талабагони синф пешниҳод мекунанд, ки хаттӣ ба якдигар баҳо диханд. Баҳоҳои ҷамъшударо дар лифофаҳои пешакӣ тайёршуда мегузоранд. Ҳамин тавр дар бораи ҳар як талабаи синф баҳо ҷамъ мешавад. Таҷрибашаванда ҳақ дорад аз 20-25 баҳо ҳамагӣ 5-тои онро интихоб намояд.

Ҳамин тавр, нуқтаи назари дақиқ, гурӯҳбозӣ, моилият, зиддият, зӯромади эҳсосот, ҳамҷипсии гурӯҳ, мувофиқат, мотивҳои муносибат, созмон, мулоқоти байни ҷинсҳои шахсони гурӯҳ тавассути ҳамин калид кушода мешавад.

Умуман, аз методи сотсиометрӣ барои тадқиқи одамони синнашон гуногун, намояндагони ду ҷинс, гурӯҳҳое, ки салоҳияти илмии гуногун доранд, истифода намудан мумкин аст.

Донистани моҳияту мақсади методҳои тадқиқотӣ, тарзу усули гузаронидани онҳо на танҳо барои тадқиқотчӣ, балки барои муаллим ҳам ниҳоят муҳим буда, дар самаранок ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас ёрии амалӣ мерасонад. Устокорона истифода бурдани усулу методҳои мухталифи равоншиносии синну сол ва омӯзгорӣ имконият медиҳад, ки талабагонро ҳаматарафа омӯзем ва хусусиятҳои шахсияту равонии онҳоро ҳар чӣ беҳтар дониста гирем. Ин дар навбати худ гарави мува ффақиятнокии таълиму тарбияи насли наврас мебошад.

## МАВЗӮЪИ 18. ИНКИШОФИ РӮҲӢ ВА МАФҲУМИ СИННУ СОЛ ДАР ПСИХОЛОГИЯ

Омӯзиши қонунҳои муносибати байни инкишофи рӯҳӣ ва қувваҳое, ки ин дигаргуниҳоро ба вуҷуд меоранд, яке аз проблемаҳои муҳимтарин дар илми психологияи синнусолӣ ва психологияи педагогӣ мебошад.

Инкишофи руҳии шахс ва ташаккули он раванди мураккаби тадқиқотӣ мебошад. Дар ниҳоят, дониши мукаммали илмӣ оид ба хусусиятҳо ва қонуниятҳои он шарти зарурии таъсиррасонии педагогӣ ба шахсияти донишҷӯ мебошад.

Одам мавҷудияти биосотсиалист. Ягонагии он, аз як тараф, хусусиятҳои психоаналитикии ташаккулёфтаи шахс (масалан, хусусиятҳои дидан ё шунидан, инчунин системаи асабии болоӣ) ва аз тарафи дигар, рафтори ӯ ҳамчун субъекти огоҳкунандаи фаъолият ва иштирокчии фаъоли рушди иҷтимоӣ (масалан, одатҳои маънавӣ).

Дар Русия намунаҳои таҳқиқоти психологӣ дар як қатор асарҳои шифоҳӣ ва хаттӣ, амалӣ ва илмии марбут ба рӯҳияи инсон, ки ба фарҳангҳои Шарқ ва Ғарб таъсир расонидаанд, пайдо шуданд. Аввалин асарҳои педагогӣ ва психологӣ дар асрҳои XI-XIX дар заминаи динӣ ва ахлоқӣ навишта шудаанд. Аз асри XVIII дар соҳаи психологияи педиатрӣ интизом, самт ва услуби муайяне пайдо шуд. Дар китоби «Баҳс дар бораи афзалиятҳои илм ва маърифат»и таърихшиноси рус В.Т.Татчев (1686-1750) таснифи фанҳо бо назардошти зарурати дониш, табиати забон, аҳамияти навиштан ва табиати

асрҳо шарҳ дода шудааст. Н.Иовиков (1744-1818) пешниҳод менамояд, ки кӯдакон бояд ба ин ё он тарз тарбия карда шаванд, то онҳо донишҳои муфидро дар байни ҷавонон ва кӯдакон ба манфиати башар паҳн карда тавонанд. Дар асарҳои ӯ аҳамияти фикрронӣ, хотира, ахлоқ, ҳиссиёт ва тақлид барои такомули инсон таъкид карда мешавад. Китоби А.Радишев (1748-1802) "Сафар аз Петербург ба Маскав" инчунин кори омӯзгорӣ ва равонӣ мебошад. Дар эҳёи психология андешаҳои мунаққидони маъруфи рус А.Н.Гертен, Н.Г.Чернишевскиӣ, И.А.Добролюбов, В.Г.Белинскиӣ нақши муҳимро бозиданд. (18, 44-46)

Олимон ба монанди К.Д.Ушинский, Н.Ф.Каптерев, И.А.Сикорский, А.П. Нечаев, А.Ф.Лурсурский, П.Ф.Лесгафт дар рушди психологияи илмӣ дар Россия саҳм гузоштаанд. К.С.Шишинский «Мавзӯъҳои тарбияи инсонӣ», Н.Ф.Каптерев «Психологияи педагогӣ», Игор Сикорский «Рӯҳи кӯдакон», Психологияи таҷрибавии А.П.Нечаев ва муносибати он ба таълим дар мактаб А.Ф.Лурсурский «Хусусиятҳои хонандаи мактаб», П.Ф.Лесгафт «Тарбияи фарзанд дар оила» ва К.Элнитскиӣ «Тасвири духтарон» ба шиддат ёфтани таҳқиқоти психологӣ мусоидат карданд. (10, 12-13)

Дар Русия озмоишгоҳи психология ва неврологияи ба номи Г.И. Россолино фаъолият дорад. Маҷаллаҳои "Паёми таълимӣ", "Мактаби русӣ", "Таҳсилоти ройгон", "Рӯзномаҳо" ба нашр шурӯъ карданд. Маҳз дар ҳамин ҷо "Кодекси таҳсилоти оила" ба вуҷуд омад. Ҳамаи ин барои ҳамчун илм рушд кардани психологияи шахсият ва психологияи дифференсиалӣ имкони хуб фароҳам овард.

Дар асарҳои зикршуда, норасоии ҳамдардӣ ба андешаҳои мухталиф ва беэътиноӣ ба аҳамияти муҳити иҷтимоӣ вуҷуд дорад.

Гарчанде, ки онҳо мавҷудияти иҷтимоии инсонро эътироф мекунанд ва ба он аз нуқтаи назари илмӣ ва назарӣ наздиканд, ҷанбаҳои психологӣ, физиологӣ ва биологии инсон стратификатсия нашудаанд ва муҳити беруна ҳамчун омили асосӣ шарҳ дода мешавад.

Физиологи рус И.М.Сеченов табиати рефлексии рӯҳро кашф карда, механизми физиологии равандҳои маърифатӣ, эҳсосоти инсонӣ ва худогоҳиро шарҳ дод. Як қатор қонуният, хосият ва системаҳои дуввуми ҳушдор, ки И.Попов кашф кардааст, барои кори таҷрибавӣ заминаи худро гузошт.

Тадқиқоти арзишманд оид ба психологияи онтогенез дар асоси ғояҳои И.М.Сеченов, П.П.Паулов, П.Ефруси, Н.Е.Рибаков, К.Н.Корнилов, П. Блонский, Л.С.Виготский ва дигарон асос ёфтааст ва қонунҳои навро татбиқ карданд.

Дар охири асри XIX ва аввали асри XX давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар асоси таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи психологияи онтогенез ва психологияи педагогӣ як қатор асарҳо чоп карданд. Психологи амрикоӣ У.Ҷеймс дар китоби худ «Сӯҳбат бо психологҳо» (1902) оқибатҳои илмӣ ва амалии хусусиятҳои давраи ҷавонро таҳлил кардааст. Хонум К.Бюлер (1879-1963) нақши таҳқиқотро дар давраҳои гуногуни синну сол, рушди хаёлот, тафаккур, равандҳои нутқ, фаъолияти зеҳнӣ ва марҳилаҳои рушд (инстинкт, либос, зеҳн), омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккули шахсиятро омӯхта, аҳамияти онро фаҳмидааст.

Дар заминаи ин дар соҳа идея ва назарияҳое, ки аз ҳам куллан фарқ мекунанд, ба вуҷуд омаданд. Масалан, равоншиноси амрикоӣ С. Холл (1844-1924) қонуни эволютсионии Геккелро ба психология мустақиман тарҷума мекунад. Ба ақидаи ӯ "мерос" танҳо филогенияро дар онтогенез такрор менамояд. Психологи Швейтсария Э.Клапаред (1873-1940), баръакси С.Холл, ба шароити зерин барои омӯзиши рушди функсияи равонӣ дар онтогенез ва филогения тамаркуз мекунад:

а) қонеъ кардани ниёзҳои бадан;

б) ҳангоми монеа шудани амале, ки рафтори огоҳкунанда ба миён меорад;

в) дар сурати зарурат ба он намуди муайяни фаъолият роҳнамоӣ кунад. Дар китоби “Психология ва педагогикаи эксперименталӣ”-и Э.Клапаред таваҷҷӯҳ, ҳавасмандӣ, заминаи методологии эҳтиёҷот, хусусиятҳои тафаккур ва шаклҳои инкишофи кӯдакон, синхронизатсияи умумишавии бармаҳал, монандӣ ва тафовут дар шуури кӯдакон баррасӣ карда мешавад.

Психологи фаронсавӣ Э.Дюркхайм (1858-1917) гуфт, ки инкишофи ҳиссиёти инсон фикру эҳсосоти беруна ва фаъолияти равонии кӯдакро ифода мекунад ва дар натиҷа кӯдак таҷриба, анъана ва урфу одатҳо ва аҳамияти меросгириро дар биология ба даст меорад. Тақлид ба нақши якхела дар ҷомеа. Мувофиқи гуфтаҳои Э.Дюркгейм, кӯдак бо қобилияти тақлид кардан таваллуд мешавад.

Психологи фаронсавӣ П.Жейн (1857-1947) бо мушкилоти муносибатҳои биологӣ ва иҷтимоии инкишофи рӯҳӣ сарукор дошт.

Тибқи назарияи ӯ, психологияи инсон аз муносибатҳои иҷтимоӣ вобаста аст, зеро ташаккули системаҳои гуногуни иртиботи байни ҷомеа ва табиат афзоиши одамро муайян мекунад. Он ба муошират дахл дорад ва рафторро мефаҳмад. Ин, албатта, чизе ҷуз муносибати шахс ба муҳит нест. Ба ақидаи П.Жейн, ҷунбиши бештар арзишнок, муҳим ва муҳимтарин дар фаъолияти муштарак инъикос ёфтааст. Доктор Ҷейн дар таҳқиқоти худ чор сатҳи психозро муайян кардааст:

а) афзоиши реаксияи реаксия;

б) афзоиши ҷунбиши дарк;

в) афзоиши ҳаракати шахсии иҷтимоӣ (мутобиқсозии амалҳои худ ба одамони дигар);

г) мавҷудияти афзоиши рафтори оддии рӯҳӣ (инкишофи нутқ ва тафаккур).

Психологи Швейтсария Ҷ.Пиаже (1896-1980) омӯзиши рушди инсонро дар якчанд давра тавсия мекунад:

1. Кӯдак – Муҳити беруна – Коркарди маълумот.

2. Фикр:

а) пеш аз давраи иҷтимоӣ;

б) давраи иҷтимоӣ.

3. Интеллект; а) Сенсоромотор – то 2 сол; б) Мӯҳлати амалиётӣ – аз 2 то 7 (8) сол; в) давраи истифодабарӣ – то 7 (8)-11 (12) сол; г) давраи ҷарроҳии расмӣ (расмӣ): -11 (12) -15 сол.

Психологи ИМА Ҷ.Брунер мегӯяд, ки байни шахсият ва таълим дихотомия вуҷуд дорад ва таъкид мекунад, ки агар майлу хоҳиши инсон ба камолот самараи омӯзишро афзоиш диҳад, омӯзиш метавонад раванди ҷамъиятро суръат бахшад.

Ҳамин тавр, илми психологияи онтогенезӣ як қатор марҳилаҳои рушдро аз сар гузаронида, ба сатҳи ҳозира расидааст. Дар рушди он олимони Осиёи Марказӣ, психологҳои давлатҳои хориҷӣ саҳми калон гузоштаанд. Назарияҳои дар боло зикршуда, маълумоти амаливу илмӣ ва методологияе, ки муҳаққиқон эҷод кардаанд, аҳамияти худро доранд.

## НАЗАРИЯҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛИИ ДАВРАҲОИ ОНТОГЕНЕЗИЯ

Дар психология як қатор назарияҳои мустақил доир ба таснифи онтогенези вақт мавҷудвнд, ки ба омӯзиши шахсияти инсон муносибати ҳархела доранд ва табиати масъаларо ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Ба онҳо назарияҳои биогенетикӣ, сотсиогеногенетикӣ, психогенетикӣ, маърифатӣ, психоаналитикӣ ва биоевиористӣ дохил мешаванд.

Педагоги маъруф **И.Ф. Гербарт** (1776-1841) асосгузори равоншиносии эмпирикии немис ба шумор меравад. Ӯ дар соҳаи равоншиносӣ асарҳои «Китоби дарсии равоншиносӣ» (1816), «Дар бораи равоншиносӣ ҳамчун илме, ки ба таҷриба, метафизика ва математика асос ёфтааст» (1824-1825) ва «Мактубҳо оид ба татбиқи равоншиносӣ дар педагогика» (1831)-ро навиштааст. И.Ф.Гербарт дар сохаи равоншиносии омӯзгорӣ фикру тавсияҳои пурқимату муфид дорад. (20, 81)

Дар зер мо принсипҳои дифференсиатсияи синну солро, ки бо ин назарияҳо ва баъзе аз онҳо ифода ёфтаанд, баррасӣ мекунем.

Дар назарияи биогенетикӣ, гуногунии биологии инсон омили асосӣ дониста мешавад ва рушди равандҳои дигар ихтиёрӣ буда, бо ин омил алоқаманд аст. Тибқи ин назария, ҳадафи асосии рушд, эътибор ба муайянкунандаи биологӣ ва хусусиятҳои иҷтимоию психологӣ мебошад.

Худи раванди рушд дар ибтидо ҳамчун марҳилаи универсалии камолоти биологӣ тафсир карда мешавад.

Қонуни биогенетикӣ аз тарафи Ф.Мюллер ва З. Ҳеккел ихтироъ карда шудааст. Қонуни биогенетикӣ то андозае нақши таърихиро дар паҳн кардани назарияи ташаккули узвҳо ва мубориза бо антивирусҳо бозид. Аммо, дар шарҳи алоқаи байни шахс ва рушди таърихии узвҳо як хатои дағал вуҷуд дорад. Аз ҷумла, тибқи қонуни биогенетикӣ, рушди инфиродии психологияи шахсият (онтогенез) марҳилаҳои асосии рушди таърихии тамоми инсоният (филогения) -ро кӯтоҳ такрор мекунад.

Тибқи гуфтаҳои равоншиноси олмонӣ В.Штерн, кӯдак (кӯдаки навзод) ҳанӯз одам нест, балки танҳо ҳайвони ширхӯр аст. Дар синни шашсолагӣ, фарқи вай аз маймунҳо ақл аст, дар синни ду солагӣ муқаррарӣ мешавад, дар синни панҷсолагӣ ба тӯдаи ибтидоӣ табдил меёбад, давраи ибтидоиро аз мактабравӣ сар мекунад, зеҳни ӯ дар синни мактаб такмил ёфта, дар ниҳоят, камолоти худро аз сар мегузаронад. Танҳо дар 16-18 солагӣ ба фарҳанги одамони муосир мерасад. (28)

С.Холл "қонуни рекапитулятсия" (такрори мухтасари филогения) -ро қонуни асосии рушди равонӣ мешуморад. Ба ақидаи ӯ, онтогенез қадамҳои муҳими филогенетикиро такрор мекунад. Ба ақидаи олим, тифлӣ ин танҳо инкишофи ҳайвонот аст. Ва кӯдакӣ айнан ҳамон тавре аст, ки одамони қадимӣ бо шикор ва моҳидорӣ машғул буданд. Давраи афзоиши 8-12 солагӣ ба охири давраи ҳайвоноти ваҳшӣ ва ибтидои тамаддун мувофиқат мекунад.

Наврасӣ ошиқона буда, аз балоғат (12-13 сола) сар карда то калон шудан (22-25 сола) идома меёбад. Ба гуфтаи Холл, ин давраҳо "тӯфонҳо ва фишорҳо", муноқишаҳои дохилӣ ва беруниро дар бар мегиранд ва шахс "ҳисси фардӣ" дорад. Ин навъи ризоияти гурӯҳҳои синнусолӣ, дар навбати худ, ҳамчун манбаи иртиботи танқидӣ хизмат мекунад, зеро марҳилаҳои рушди инсон филогениярo такрор намекунанд.

Навъи дигари консепсияи биогенетикӣ аз ҷониби олимони Германия "Психологияи конститутсионӣ" (назарияе, ки ба сохтори бадани инсон асос ёфтааст) таҳия шудааст. Э.Кречмер як қатор омилҳои биологиро (масалан, навъи бадан ва ғайра) ба асоси типологияи шахсият (психология) муаррифӣ мекунад ва пешниҳод менамояд, ки байни хусусиятҳои рушди ҷисмонӣ ва

инсон робитаи мустақим вуҷуд дорад. Е.Кречмер одамонро ба ду категорияи калон тақсим мекунад: сиклоид (ҳаяҷонбахшии фавқулодда, эҳсоси шадид) ва шизоид (инсонӣ ва эҳсосӣ). Татбиқи ин фарзияро ба хусусиятҳои синну сол вобаста мекунанд. Хурдтаракон сиклоидҳо ва наврасон шизоид мебошанд. Аммо, сифатҳои аз ҷиҳати биологӣ вобаста на ҳамеша дар рушди инсон нақши роҳбарикунанда ва ҳалкунанда доранд, зеро хусусиятҳои инфиродӣ-типологии шахс мувофиқат намекунанд.

Намояндагони назарияи биогенетикӣ, психологҳои амрикоӣ А.Гезелл ва С.Холл ба модели биологии рушд такя намуда, ба хулоса омаданд, ки давраҳои мувозинат, ҳамгироӣ ва навсозӣ якдигарро иваз мекунанд.

Зуҳуроти равшани биология дар таърихи психология дар тафсири шахсии Зигмунд Фрейд инъикос ёфтааст. Тибқи таълимоти ӯ, ҳама рафтори одам аз майлҳои биологии бесамар ё инстинкт, пеш аз ҳама, тамоюлҳои шаҳвонӣ (ҷинсӣ) мебошад. Чунин омилҳои биологӣ ҳамчун маҳаки ягона ё ангезандаи беназири рафтори инсон хизмат намекунанд.

Фикрҳои муқобили назарияи биогенетикӣ назарияи сотсиогенетикӣ мебошанд. Дар ин назария, тағйиротҳои инфиродӣ бо сохтори ҷомеа, усулҳои иҷтимоиёт ва воситаҳои ҳамкорӣ бо одамони атрофи онҳо фаҳмонда мешаванд. Мувофиқи назарияи сотсиализатсия, шахс ҳамчун як намуди биологӣ таваллуд мешавад ва таҳти таъсири бевоситаи шароити иҷтимоӣ дар ҳаёт шахс мегардад.

Яке аз назарияҳои муҳимтарини Ғарб назарияи нақш аст. Тибқи ин назария, ҷомеа барои ҳар як аъзои он маҷмӯи услубҳои устувори рафтор, ки мақом (ҳуқуқ) номидааст, эҷод мекунад. Нақшҳои махсусе, ки шахс бояд дар муҳити иҷтимоӣ бозад, дар рафтор ва муносибат бо дигарон тамғаи назаррасро мегузорад.

Назарияи таҷрибаи инфиродӣ ва азхудкунии донишҳо маъмул аст. Мувофиқи ин назария, муносибати шахс ба ҳаёт ва воқеият, ба даст овардани малака ва дониш аз устувории патогенетикӣ вобаста аст.

Назарияи фазои кайҳон, ки К.Левин пешниҳод кардааст, дар замони ӯ аҳамияти бузург дошт. Мувофиқи назарияи Левин, рафтори фард бо ангеза, ният, ки ҳамчун як нерӯи равонӣ амал мекунад, танзим карда мешавад ва ин қувваҳо ба пойгоҳи фазо равона карда мешаванд.

Ҳар як назарияи зикршуда рафтори иҷтимоии шахсро дар асоси хусусиятҳои муҳити пӯшида ё махфии дигарон шарҳ медиҳад ва аз ин бармеояд, ки шахс бояд ба ин шароитҳо, новобаста аз он, ки онҳо мехоҳанд ё не, мутобиқ бошад.

Ба назари мо, дар ҳама назарияҳо шароити иҷтимоию таърихӣ ва объективии ҳаёти инсон ба назар гирифта намешавад.

Дар психология низ як равиши психогенетикӣ мавҷуд аст, ки арзиши омилҳои биогенетикӣ ва сотсиогеногениро паст намесозад, балки рушди равандҳои психологию иҷтимоиро ҳамчун авлавият мешуморад. Ин равишро бо роҳи тақсим кардани он ба се минтақаи мустақил, ки аз ҷиҳати моҳият, курс ва натиҷаҳои гуногун фарқ мекунанд, таҳлил кардан мумкин аст.




Марҳилаҳои давраи то таваллуд:

а) тақсимоти ҳуҷайра, ки чанд соат пас аз бордоршавӣ ба амал меояд

б) давраи ниҳоӣ;

в) ташаккули сутунмӯҳра дар ҷанини 21 рӯза;

г) формулатсияи сар, бадан ва дум дар ҷанини чорҳафтаина. Дар ин давра дил ва системаи асаб ба фаъолият оғоз мекунад;

д) ташаккули дастҳо ва пойҳо дар ҷанини панҷҳафтаина;

е) дар поёни ҳафтаи 9 ҷанин якҷоя шудани ноф ва пласента ба назар мерасад;

Гарчанде, ки ҳама узвҳои дарунӣ дар ҷанини j-ҳафта ташаккул ёфтаанд, аммо на ҳама кор мекунанд;

ё) аксарияти ҷанинҳо дар ҷанини 20-ҳафта кори худро оғоз мекунанд.

табақабандии синнусолӣ дар навбати худ вазифаи манбаи мулоҳизоти танқидиро иҷро мекунад. Чунки зинаҳои ривоҷёбии зоти инсон филогенезро айнан такрор намекунад ва такрор намуданаш ҳам ғайриимкон аст.

Намуди дигари консепсияи биогенетикӣ аз тарафи намояндагони “психологияи конститутсионӣ”-и немисҳо (назария дар бораи сохтори бадани инсон) таҳия гардидааст. Э.Кречмер ба асоси типологи (психология)-и шахс як қатор омилҳои биологиро (масалан, типпи сохтори бадан ва ғайра) дохил карда, тахмин мекунад, ки байни типи ҷисмонии инсон ва хусусияти ривоҷёбӣ вобастагии узвӣ ҳаст.

Э. Кречмер одамонро ба ду тоифаи калон: (сиклоид (ҳассос ва беқарор) ва шизион (одамовӣ, ба муносибат бо мушкилӣ медарояд, эҳсосоташ маҳдуд) ҷудо мекунад. Ин тахминро ба хусусиятҳои синнусолӣ низ татбиқ намуда, дорои хусусияти сиклоид будани наврасон ва ба хусусияти шизоид соҳиб будани навҷавоноро таъкид менамояд. Аммо дар камооти инсон сифатҳо ҳамеша нақши муҳим ва ҳалкунандаро иҷро намекунанд. Чунки хусусиятҳои индивидуалӣ-типологии шахс ба ҳамдигар айнан мувофиқ намеоянд.

Намояндаҳои назарияи биогенетикӣ – психологҳои амрикоӣ А.Гезел ва С.Холл ба модели биологии ривоҷёбӣ такя намуда, кор мебаранд ва ба хулосае меоянд, ки дар ин ҷараён мувозинат, интегратсия ва сиклҳои навшавӣ бо ҳамдигар иваз мешаванд.

Дар таърихи психология биологизм пеш аз ҳама дар талқини шахси Зигмунд Фрейд ифодаи комили худро ёфтааст. Мувофиқи таълимоти ӯ тамоми ҳатту ҳаракатҳои шахс (хулқ) аз моилиятҳои биологии бешуурона ё ки аз инстинктҳо ба миён меоянд ва дар навбати аввал бо майли ҷинсӣ (сексуалӣ) вобастаанд. Ин омилҳои биологизаторӣ вазифаи мезони ягонаи муайянкунандаи хулқи инсонро иҷро карда наметавонад.

Назарияе, ки зиддӣ назарияи биогенетикӣ аст, назарияи сотсиогенетикӣ ба шумор меравад. Дар ин назария дигаргуниҳое, ки дар шахсияти инсон ба назар мерасанд дар ҳамбастагӣ бо дигаргуниҳои структураи ҷамъият, усулҳои иҷтимоигардонӣ (сотсиализатсия), муносибат бо атрофиён таҳлил карда мешавад. Мувофиқи назарияи иҷтимоигардонӣ инсон ба сифати намуди биологӣ тавлид ёфта, дар зери таъсирҳои бевоситаи шарту шароитҳои ҳаёти иҷтимоӣ ба шахс табдил меёбад.

Яке аз назарияҳои муҳимтарини Ғарб – назарияи нақшҳо мебошад. Мувофиқи ин назария ҷамъият барои ҳар як аъзои худ маҷмӯаи усулҳои барқарори ҳаракатҳоро, ки статус (ҳаққу ҳуқуқ) ном дорад, созмон медиҳад. Нақшҳои махсусе, ки иҷрои онҳо дар муҳити иҷтимоӣ барои инсон ҳатмист, дар хулқу рафтор, муносибат бо дигарон намоён мешавад.

Дар ИМА назарияи таҷрибаи индивидуалӣ ва азхудкунии донишҳо васеъ паҳн гардидааст. Тибқи ин назария ҳаёти шахс ва муносибати ӯ ба воқеият, соҳиб шудани таҷрибаҳо ва азхудкунии донишҳо ба барқарории барангезандаҳо вобастаанд.

Назарияи "Майдони зарурати фазовӣ", ки К.Левин дар даври худ соҳиби аҳамияти муҳим буд. Мувофиқи назарияи К.Левин хулқу рафтор (ҳатту ҳаракат)-и инсон тавассути мақсад ва хоҳиш, ки вазифаи қувваи психологиро иҷро мекунанд, идора карда шуда, ин зарурати фазовии соҳибқудрат ба нуқтаи такягоҳи ва сатҳи майдон равона карда мешавад.

Ҳар як назарияе, ки дар боло зикр намудем, хулқи иҷтимоии шахсро аз рӯйи хусусиятҳои мавҳум ва муҳити махфӣ мефаҳмонад. Дар ин ба қоидае амал карда мешавад, ки новобаста аз хоҳиши инсон ба ин шароит мувофиқ гардонданаш зарур аст.

Дар психология майли психологӣ низ мавҷуд аст, ки он арзиши омилҳои биогенетикӣ ва сотсиогенетикиро кам накарда, ривоҷёбии ҷараёнҳои психикиро соҳиби аҳамияти муҳим ва аввалиндараҷа меҳисобад. Ин моилиятро ба се равияи мустақил ҷудо карда таҳлил кардан мумкин аст, ки ин равияҳо бо моҳият, гузариш ва маҳсули худ бо ҳам фарқ мекунанд.

## МАВЗӮЪИ 19. ХУСУИЯТҲОИ РУШДИ АҚЛИИ ИНСОН ДАР МАРҲИЛАҲОИ АВВАЛИ ОНТОГЕНЕЗ

*Воҷаҳои калидӣ: рефлекс-амалӣ ҷавоби организм.сигнали дуюм-системаи сигнали нутқ. Мимика-ҳаракатҳои ифоданоки рӯӣ.*

Омили асосие, ки зиндагии тифлро дар шароити нав таъмин мекунад, механизмҳои табиие мебошанд, ки ҳангоми таваллуд дар вай ба вуҷуд меоянд. Тифл бо системаи асабе таваллуд мешавад, ки барои бо шароит ва муҳити беруна мутобиқ гардидан имкон медиҳад. Рефлаксҳои мазкур пас аз таваллуд шудан гардиши хун, нафас гирифтан ва бароварданро таъмин мекунад. Аз рӯзи аввал нисбати барангезандагони пурзӯр механизмҳои чашмро пӯшидан, чашмак задан, калон ё хурд кардани чашм ба кор медарояд. Ин рефлексҳо – **рефлексҳои муҳофизатӣ** номгузор мешаванд.

ЭҲСОС ДАР КӮДАКОН:

экстероретсептор интероретсептор проприоретсептор



| | | |
|---|---|---|
| дидан | гушнагӣ | қувва |
| шунидан | дард | ҳисси статикӣ |
| эҳсоси бӯй | дилбеҳузуршавӣ | ҳаракат |
| донистани таъм | аритмия | вазн |
| пӯст партофтан | давр задани сар | кинетикӣ эҳсосоти |

Дар кӯдак ғайр аз рефлексҳои муҳофизатӣ , рефлексҳое низ ҳастанд, ки барои робита бо барангезандагон хизмат мекунанд. Инҳоро **рефлексҳои ориентирӣ** мегӯянд. Ҳангоми мушоҳидаи кӯдак фаҳмиданамон мумкин аст, ки тифли ду-серӯза вақти ба хона даромадани нури офтоб сари худро ба ҳамон тараф гардонда, равшаниро эҳсос мекунад.

Ғайр аз рефлексҳое, ки дар боло зикр намудем дар кӯдак якчанд рефлексҳои табиии модарзодӣ низ вомехӯранд. Масалан, агар ба даҳони кӯдак ягон чизро диҳем, вай онро мемакад, ки ин рефлекси макидан аст. Инчунин, агар ба дасти тифли навзод ягон ашё диҳем, онро медорад ва рефлакси дастгириро пайдо мекунад. Аз худ ашёро дур кардани кӯдак мавҷудияти рефлекси дурсозиро нишон медиҳад.

Мувофиқи андешаи психолог В.С.Мухина, дар тифл то вақти тавлид низ рефлексҳои ғайришартӣ мешаванд ва онҳо ҳангоми ҳомиладорӣ имкони макидани панҷаи худро медиҳад.

Вазни тифли навзод тез кам мешавад. Ин натиҷаи аз бадани вай баромада рафтани моеъгиҳо, сарфи қувва барои аз ҳолати бевазнӣ ва фишори атмосферӣ гузаштан, мутобиқгардӣ ба нури офтоб, таъсири моддаҳои гуногун, ҳарорати тағйирёбандаи ҳаво мебошад.

Дар гузариши ин давра низ хусусиятҳои индивидуалӣ ва ҳам тафовутҳои ҷисмонии кӯдак ба назар мерасад. Аз байн муддате нагузашта ҳолати кам шудани вазни кӯдак ба таври табиӣ бозмеистад ва мутобиқшавии ӯ ба муҳити нав оғоз мегардад. Афтодани нофи кӯдак вақти ба миён омадани дигаргуниҳои ҷиддӣ дар организм мебошад, ки аз ҳаёти мустақили органи хурдакак гувоҳӣ медиҳад. Давраи ба вазни пешина расидани тифл ба даҳрӯзаи аввали ҳаёти ӯ рост меояд.

Фарқи организми кӯдак аз рӯйи сохти анатомӣ-физиологӣ, морфологӣ аз одамони синну солашон дигар дар инкишофёбӣ, заиф будан ва камқувватии қобилияти кории вай мебошад. Системаи инкишофи устухони тифл, ривоҷёбии паю мушакҳо ва бофтаҳо аз калонсолон ҳам аз ҷиҳати суръат ва ҳам сифат фарқ мекунад. Такмил ёфтани мушакҳои тифл асоси ҳаракатро ба вуҷуд меорад ва якҷоя бо ин барои таъмини ҳаракати мустақил ва фаъолияти ҳар як органи биологӣ хизмат мекунад. Ривоҷ ёфтани мушакҳои гардани кӯдак барои гарданашро рост нигоҳ доштани кӯдак хизмат кунад, афзоиши мушакҳои бадан барои ғелиданро омӯхтани тифл ёрӣ мерасонад. Рушди

мушакҳои дасту пой барои ҳаракати ҷисмонӣ намудан, ба ашё даст дароз кардан шароит фароҳам меоварад.

Сохтори анатомӣ-физиологии тифлро таҳлил кунем, дар сохтори устухони ӯ норасоии моддаи оҳак ва намакҳои гуногун аён мегардад. Бинобар ин, функсияи устухонро бештар бофтаҳо иҷро мекунанд. Устухони сари кӯдакон дар думоҳагӣ ба ҳам мепайванданд. Дар байни пешона ва қисми болои устухони сар ҷойи кушодаи бо парда ва пӯст пӯшонидашудае, ки лиққонак мегӯянд, мавҷуд аст. Он баъди аз яксола гузаштани кӯдак бо устухон пӯшида мешавад, аммо он устухони ҳақиқӣ намешавад.

Қисми ривоҷёфтаи системаи асаби кӯдак, яъне нимшари калони мағзи сар бо намуди берунии худ чун аз они одамони калонсол аст, аммо аз он фарқ мекунад. Одамонро бо ҳам муқоиса кунем, манзараи аҷиберо мебинем: вазни мағзи сар аз ҳашт як ҳиссаи вазни кӯдакро ва дар одамони калонсол аз аз чил як ҳиссаи вазнашонро ташкил мекунад.

Дар кӯдакон сар нисбат ба бадан калонтар ба назар мерасад, чунки он ҳоло суст ва номукаммал аст. Организми онҳо давраи босуръати ривоҷёбиро аз сар мегузаронад. Дар ин давр вазни кӯдак 3-5 килограмм бошад ҳам, вазни мағзи сар ҳамагӣ 300-350 граммро ташкил мекунаду халос. Миқдори ҳуҷайраҳо, ба назар ноаёнии “ҷӯячаҳо” ва ҳуҷайраҳои асаби мағзи сари кӯдакон аз мияи одамони калонсол фарқ мекунад.

Мувофиқи андешаи психолог Е.А.Аркин, ки барои исботи фикрҳои болоӣ ҳаракат кардааст, ҳангоми ба таваллудшавӣ ҳаракат кардани тифл мағзи сари ӯро массаи якхела ташкил карда, дар торҳои асаби вай пардаи мислин намешавад.

Кӯдак нисбат ба одамони давраи синну соли дигар заиф, оҷиз ва нотавон ба назар расанд ҳам, бо баъзе ҷиҳатҳои худ аз онҳо бартарӣ доранд.

Назар ба фикри Е.А.Аркин ҷиҳати бартарии давраи тифлӣ бештар дар суръати афзоиши онҳо ифода меёбад. Вай дар ҳар як моҳ 2 сантиметр калон мешавад ва вазнаш низ ҳар рӯз 1,6-2 грамм меафзояд. Босуръат калон шудани тифл бештар бо системаи асаби вегетативии индивид, фаъолияти ғадудҳои секретсияи дохилӣ бевосита вобастаанд. Бояд гуфт, ки гармонҳои махсуси истеҳсолнамудаи ғадудҳои секретсияи дохилӣ, дар таркиби хун ҳал гардида, ривоҷёбии ҷисмонии организмро муқаррар мекунад. Босуръат инкишоф ёфтани тифл хусусияти ба худ хоси ин давра буда, барои калон шудани ӯ як қатор омилҳо чун хӯрок, ҳавои тоза, нури офтоб, нафасгирӣ, парвариш ва ғайра таъсир мерасонанд.

Одатан фаъолияти асабии кӯдак зери таъсири рефлексҳои шартӣ ва ғайришартӣ ба вуҷуд меояд. Рефлексҳои модарзодии ғайришартӣ дар арафаи таваллуди кӯдак ба дараҷаи лозима пурра мешаванд ва гардиши хун,

нафасгирӣ, ҳазми таом, пешоббарорӣ барин функсияҳои вегетативии муҳимтаринро иҷро менамоянд. Масалан, кӯдак гушна шавад, ба лаби ӯ ягон чизро расонед, дарҳол аз паи макидан мешавад ва аз даҳонаш об меравад. Ин рефлекси ғайришартии хӯрокхӯрӣ ба шумор меравад.

Баробари дар кӯдак пайдо шудани эҳтиёҷот ба таассурот бо рефлекси ориентир робита барқарор мекунад, мувофиқи сатҳи омодагии органҳои эҳсосӣ маълумотҳои мавҷударо қабул менамояд ва дар ин ҷараён худро низ ривоҷ медиҳад. Дастгоҳи шунавоӣ ва биноии кӯдак аз рӯзи аввал фаъол бошанд ҳам онҳо ҳоло комил ҳисобида намешаванд. Бинобар ин, ҳисси биноиро равшанӣ ва ҳисси шунавоиро овози баланд ба вуҷуд меорад. Кӯдак барои мушоҳидаи ҷисмҳои дар ҳаракатбуда кӯшиш кунад ҳам, аслан дар асбобҳое, ки наҷунбида меистанд, диққати худро ҷамъ мекунад. Дар дунёи рӯҳии тифл мутобиқшавии дастгоҳҳои шунавоӣ ва биноӣ дар объекти муайян ҷамъ гардидани диққат оҳиста-оҳиста шакл мегирад.

Органҳои эҳсосии кӯдак нисбат ба ҳаракати ӯ беҳтар ривоҷ меёбанд. Масалан, тифл талхро аз ширин, гармро аз сард, тарро аз хушк фарқ карда метавонад. Бо вуҷуди заиф будани органҳои шоммаи кӯдакон, яъне бӯйро эҳсос кардани онҳо, ба бинии ӯ ягон чизи бадбӯйро наздик кунед, безобита мегардад. Дар бачаҳо эҳсоси ҳарорат, дарки вазн, донистани таъм ба дараҷаи муайян ривоҷёфта мебошад.

Дар кӯдак имкони идроки яклухт ва дақиқи ҷисмҳо, одамон, муҳиту атроф шабеҳи калонсолон нест. Чунки идрок намудан бо ҷараёнҳои психикӣ (хотира, тафаккур, тасаввур), ҳолатҳои рӯҳӣ (эҳсосот, беқарорӣ) ва хусусиятҳои типологии ба худ хоси инсон дар алоқамандии узвӣ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар кӯдак ин имконият то ҳадде маҳдуд буда, органҳои эҳсосӣ дорои имконияти ифодаи одди онҳо мебошанд.

Дар кӯдаки навзод имкони ифодаи равшании пурзӯр мавҷуд аст ва ӯ зери равшанӣ дар сатҳ ва шакли гуногун таъсир гирифта, ҳатто чашмонашро мепӯшонад. Азбаски, механизмҳои биноии тифл хуб ривоҷ наёфтаанд, ҷисми ором ва дар ҳаракатнабударо идрок карда наметавонад. Гоҳо чунин ба назар мерасад, ки кӯдаки даҳрӯза ҷисми дар ҳаракатбударо мушоҳида мекунад, аммо дар асл ин аз якчанд сония намегузарад.

Дар тифл бо вуҷуди хуб ривоҷёфта набудани эҳсоси шунавоӣ ӯ барангезандагони пурзӯр (овоз, фарёд)-ро мефаҳмад, аммо объектеро, ки овоз меояд, аниқ ёфта наметавонад.

Ба объекти муайян равона гардидани узвҳои биноӣ ва шунавоӣ аз ҳаракати сар, гиряро қатъ кардани кӯдак намоён мешавад.

Назар ба таъкиди Н.Л.Фигурин ва М.П.Денисов то даври якмоҳагии кӯдак ҳолати бардамӣ, рефлексҳои ғайришартии биноӣ ва шунавоии ӯ фаъол

мешаванд. Ба овоз эътибор додани тифл аз 2-3 ҳафтагӣ сар мешавад. Аз ин рӯ, тифл ба овози карнай ё мусиқӣ гӯш андохта, аз ҳаракат ё гиря кардан бозмеистад. Пас аз якмоҳагӣ дар ӯ рефлекси ориентир намоён мешавад (И.П.Павлов). Бинобар ин, кӯдак ба одаме, ки гап мезанад диққат мекунад ва беихтиёр ҳаракатро бозмедорад.

Пас аз объектро дида ва овозро шунида тавонистан, дар кӯдак як қатор дигаргуниҳо мушоҳида мешаванд. Одатан, ҳаракати ӯ беихтиёр ва бетартибона амалӣ гардида, ба ҷисмҳо эътибор медиҳад ва бо сарро ҷунбонидан анҷом ёбад ҳам, ҳаракат вазифаи ҳодисаро иҷро мекунад. Дар худ намуди соддаи хулқро ифода карда, кӯдакро бо воқеияти олами беруна мепайвандад.

Мувофиқи фикри Д.Б.Элконин кӯдак дар ҳафтаи сеюми ҳаёти худ аввалин рефлекси шартии табиииро пайдо мекунад ва ин бо мувофиқгардӣ ба ҳолати макконидани модар мебошад. Минбаъд рефлексҳои шартии дигар низ пайдо мешаванд.

## АФЗОИШИ ЭҲСОСОТ

Ҳаёти тифл бо садои гиря оғоз мегардад ва ин бештар аз хусусияти рефлектори ғайришартӣ ба миён меояд. Нахустин садои фарёд ба сифати маҳсули бевоситаи тангшавӣ, дар натиҷа эҳтиёҷи табии организм ба вуҷуд меояд. Тангшавӣ аввал рефлекси нафасгириро низ идора мекунад. Ба ин нигоҳ накарда, назар ба фикри олимон фарёди аввал намоёншавии эҳсосоти нохуш аст. Аз ин рӯ, фарқ кардани реаксияи бофтаҳои кӯдак ва муносибатҳои эмотсионалӣ бениҳоят душвор аст. Фарёд ҳамчун ҳолати нохуш ва ба сифати ҷавоб ба эҳсосот ба миён омада, вазифаи мубо防изаро бар зидди гушнагӣ, гармӣ ва намӣ иҷро мекунад. Дар раванди тарбияи дурусти кӯдак фарёд ба гиря, ки як намудаи эмотсия аст, табдил меёбад. Гиря манбаи ифодаи табиии дарди ҷисмонӣ, ғами рӯҳӣ ва андӯҳ гардида, барои бо олами беруна робита барқарор кардан ба сифати воситаи зарууртарин дар фаъолияти ҳаётии кӯдак аҳамияти алоҳидаро касб мекунад. Он на танҳо эҳсосоти номатлубу нохушро, балки чун механизме барои қонеъ сохтани эҳтиёоҷти табиӣ низ хизмат мекунад.

Кӯдак пас аз якмоҳа шудан ба одаме, ки ӯро парвариш мекунад, унс мегирад ва аллакай мекӯшад, ки ба ӯ наздик шавад. Дар байни одамон кӯдак аллакай одами “худӣ”-ро ҷудо карда метавонад.

Ин ҳолатро равоншиносон Н.Л.Фигурин ва М.П.Денисов “ҷондоршавӣ, эҳё” номидаанд. Дар ин давра дар дунёи психикии кӯдак бардамӣ, дар эҳсосоти ӯ бошад таъсир аз муҳиту атроф ба чашм мерасад. Мувофиқи

андешаи онҳо, нисбат ба калонсолон муносибат баён кардани кӯдак вазифаеро иҷро мекунад, ки ояндаи ӯро муқаррар менамояд.

Психолог У.К.Каверина ҷавоби кӯдакро ба таъсирҳои беруна тадқиқ намуда, таъкид мекунад, ки дар онҳо муносибат нисбат ба ҷисмҳо ва одамон якранг сурат мегирад. Назар ба маълумоти ин равоншинос ба рангу рӯйи инсон нигоҳ карда, бедор шудани эҳсосоти мусбӣ минбаъд шакл мегирад. Таъсири омилҳои беруна ва мутаассир гаштан нишонаи аввалини робитаи байни кӯдакон ва калонсолон маҳсуб меёбад. Ин шакли робитаи байни шахсҳо аз анҷоми давраи тифлӣ ва оғози давраи барвақти кӯдакӣ гувоҳӣ медиҳад.

Мувофиқи назарияи равоншинос Д.Б.Элконин хусусиятҳои ба худ хоси аз давраи тифлӣ ба давраи барвақти кӯдакӣ гузаштан мавҷуданд:

1. Ба объекти муайян равона кардани диққат бо ёрии чашм ва гӯш, аз нав оғоз гардидани давраи ҳаракати кӯдак, ба хулқ табдил ёфтани баъзе ҳаракатҳои ба худ хос.
2. Зуҳури рефлексҳои шартӣ нисбат ба барангезандагони алоҳида, ки ба тамоми объектҳо (субъектҳо)-и зимнан идрокшаванда.
3. Нишондиҳандаи пайдо шудани эҳтиёҷоти нав ва реаксияҳои эмотсионалӣ(эҳсосот) нисбат ба одамони синнашон калон (ба модараш ва наздиконаш).
4. Эҳтиёҷи кӯдак(тифл) барои бо калонсолон дар мулоқот шудан, ташкили асоси психикии ояндаи ӯ ва ғайра.

## МАВЗӮЪИ 20. ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ДАВРАИ КӮДАКӢ

Доир ба омӯзиши хусусиятҳои психологии давраи то яксолагии кӯдак як қатор тадқиқотҳо мавҷуданд. Дар байни ин корҳо асарҳои Н.Л.Фигурин, М.П.Денисова, М.Ю.Кистяковская, А.Валлон, Д.Б.Элконин, Е.А.Аркин, С.Фаянс, Ш.Бюлер, Ф.И.Фрадкина аҳамияти ба худ хосро доранд.

Дар таҷрибаи С.Фаянс ба кӯдак аз масофаи 9 сантиметр бозичаи зебо ва ҷилодор нишон дода шавад, ӯ бо тамоми ҷидду ҷаҳд мекӯшад ва агар аз масофаи 60 сантиметр нишон дода шавад, ҳаракати кӯдак сусттар, гардида, ҳангоми аз масофаи 100 сантиметр нишон додани он дар бача ҳаракати ихтиёрӣ ба назар намерасад, бефарқ мешавад. Кӯдак баробари бозича ба одами калонсол низ чунин бефарқона рафтор мекунад. Масофа ҳар қадар наздиктар шавад, афзудани таваҷҷӯҳ ва эътибори кӯдакро мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар асоси маводҳои таҷрибавӣ чунин хулоса намудан мумкин: калонсолон фаъолиятеро, ки кӯдак иштирок мекунад, беҳтар месозанд.

Ҷисмҳое, ки кӯдакро иҳота кардаанд, то рафт нигоҳи ӯро ба худ бештар ҷалб карда, мафтун намуда, вазифаи барангезандаро иҷро менамоянд ва барои пурзӯршавии фаъолияти ҷустуҷӯ, ҳаракат, мӯлҷар гирифтани кӯдак хизмат мекунанд.

Тадқиқгар А.В.Ярмоленко дар кӯдакони якунимсола таснифи қиёсии байниҳамдигарии ашёи ҷозибадорро тадқиқ кардааст. Мувофиқи маълумотҳое, ки ӯ ба даст овардааст, кӯдак дар байни ҷисмҳои беҳисоб одамро (одамони калонсолро) то рафт амиқтар, равшантар ҷудо карда метавонад. Якқоя бо ин ҷамъ намудани диққат ба ашёи ноҷунбон аз 26 сония то 37 сония, нигоҳи кӯдак ба одами ноҷунбон аз 34 то 111 сония, ба ашёи дарҳаракатбуда аз 41 то 78 сония, эътибор ба инсони дар ҳаракатбуда аз 49 то 186 сония зиёд шудааст. Дар таҷриба муайян карда шуд, ки диққати кӯдак ба одами дар ҳаракатбуда ба чор баробар афзудааст.

Ба фикри мо, ба одам бештар эътибор додани кӯдак аз дигаргуншавии муносибати ӯ ба калонсолон не, балки натиҷаи ретсептори фаъол барои робита бо онҳо мебошад. Дар ғанигардии тасаввуроти фазовии кӯдак такмилёбии муайян намудани тафриқаи идроки ҷисмҳо воситаи муҳим ба ҳисоб меравад. Зиёд шудани таҷрибаи ҳаётӣ, дар натиҷаи муайян намудани тафовути аломат ва нишонаҳои ҷисм пайдо мешавад.

Равоншиноси франсуз Анри Валлон аз зумраи олимонест, ки дар кӯдак афзудани таъсирҳои иҷтимоиро ҳамаҷониба тадқиқ кардааст. Мувофиқи маълумоти ин олим дар кӯдаки якунимсола тафовутан аз одамон реаксияи ҷавобдиҳӣ ба зинаи баланд мебарояд. Дар шашмоҳагии кӯдак ҷавоб додан ба имову ишораҳои шахсони дигар (мутаассирӣ) 50 фоизро ташкил мекунад, дар ҳафт моҳагӣ ин реаксия ба 20 фоиз кам мешавад, аммо мулоқот бо имову ишора 41 фоиз зиёд мешавад; дар ҳафт-ҳаштмоҳагӣ ҷониби дигарон ҳаракат кардан ва табассум намудани кӯдак аз нимсолаи аввал қариб чор баробар зиёд мешавад.

Фикру мулоҳизоти тадқиқотҳои болоиро ҷамъбаст намоем, фикрҳои арзишдори умумпсихологиро дар тартиби муайян, ба таври муттасил ҷойгир карданамон мумкин аст:

Якум, дар ин давраи синну сол байни кӯдак ва калонсолоне, ки ӯро парвариш мекунанд, робитаи нисбатан наздик ва барқарор пойдор мегардад.

Дуввум, дар ҳар гуна ҳолати фавқулодда ва вазъияти мушкил, ки кӯдак иштирок мекунад, калонсолон ба симои марказӣ табдил меёбанд.

Сеюм, дар анҷоми давраи кӯдакӣ фаъолияти якҷояи бозӣ ба фаъолияти индивидуалии бозӣ табдил меёбад.

Ҳамин тавр, ҳангоми кӯдак будан барои робитаи фаъол бо калонсолон эҳтиёҷ пайдо мешавад ва ин робита то давраи пайдошавии нутқ ба сифати

шакли нав ва ба худ хоси мулоқот дар инкишофи бача аҳамияти муҳим касб мекунад. Дар давраи то яксолагии кӯдак то рафт афзудани эҳтиёҷот ва номутаносибии маҳдудияти мулоқот то давраи нутқ инқирози то яксолагиро ба миён меоварад. Зиддияте, ки ба миён меояд, ҳалли худро тавассути нутқ меёбад ва аз як зинаи инкишоф ба зинаи дигар гузаштани бачаро ифода мекунад. Баробари такмил ёфтани фаъолияти нутқи кӯдак мазмуни мулоқоти ӯ ғанӣ гардида, доирааш васеъ мешавад. Дар натиҷаи ин ба маънои асил муносибати байниинсонӣ ба вуҷуд меояд ва барои ба шахс табдил ёфтани кӯдак, мутобиқгардии иҷтимоии ӯ имкониятҳои васеъ пайдо мешавад. Дар ин давра барои инкишофи кӯдак тайёр кардани шароитҳои объективӣ ва субъективӣ – барои афзудани фаъолии кӯдак асоси психологӣ мегардад.

Яке аз олимоне, ки хусусият ва механизмҳои психологии ҳаракатро тадқиқ кардааст, Д.Б.Элконин бо боварӣ таъкид мекунад, ки дар кӯдаки 2-3 ҳафтаина конвергенсияи чашм ба вуҷуд биёяд ҳам, ба ашёи гуногун назар кардани ӯ душвор мегузарад. Ҳангоми 3-5 ҳафтаина шудан, диққати кӯдак ба фурсати кӯтоҳ ҳам бошад, дар объекти муайян ҷамъ мегардад. Дар кӯдакони 4-5 ҳафтаина таҷрибаи наззораи ҷисмҳое, ки дар масофаи 1-1,5 метр ҷойгиранд, пайдо мешавад. Тифли думоҳа наззораи ҷисмеро, ки дар масофаи 2-3 метр ҷойгир аст, меомӯзад ва дар семоҳагӣ ҷисмҳои дар масофаи 4-7 метр бударо низ эҳсос карда метавонад. Кӯдаки 6-10 ҳафтаина ҳатто ба имконияти идроки ҳаракати предмете, ки давр мезанад, қобил аст. Минбаъд робитаи функсионалии чашм бо органҳои эҳсосии дигар барқарор мегардад. Кӯдак дар чормоҳагӣ ба ҷисм диққат карда, онро тамошо карда метавонад.

Дар бачагони ин синну сол ҳаракати даст дорои хусусияти ғайриихтиёрӣ буда, аз ҳаракати мақсаднок бениҳоят дур аст. Кӯдак аз чормоҳагӣ ба ашё дасти худро дуруст равона мекунад ва оҳиста-оҳиста дар ӯ таҷрибаи бе ягон мушкилӣ даст гирифтани ҷисмҳо пайдо мешавад. Дар 5-6 моҳагӣ аллакай предметро даст гирифта, ба пеши худ мекашад (аз даст кашида мегирад). Дар шашмоҳагии кӯдак дар ӯ одатҳои нишастан, хестан, чорпоя ҳаракат кардан (эфак рафтан), роҳ рафтан, гап задан ташаккул меёбад.

Ба миён омадани ҳаракати даст гирифтани ашё яке аз зинаҳои муҳими давраи кӯдакӣ ба шумор меравад. Чунки, ҳаракат барои мустаҳкам даст гирифтан, якум ҳаракати биноиро мувофиқ гардонад, дуввум, ҳолати психологии мазкур ҳаракати равонакардашударо ифода мекунад ва сеюм, ҳаракат барои доштани ҷисмҳо шарти қулайтарини фаъолиятҳои гуногун бо предметҳо мебошад.

Мувофиқи назари тадқиқотчиён, барои кӯдак аломати “навигарӣ” аҳамияти муҳим дорад ва аз ҳамин сабаб дар ӯ рефлекси ориентир то рафт фаъол мешавад.

Аз ин рӯ, хусусияти барангезандаи аломати “навигарӣ” барои дарки моҳияти психологии механизмҳои ҳаракати тадриҷӣ ва такрорӣ, ки дар фаъолияти кӯдак ба назар мерасанд, бо ашёи идрок кардаи худ муносибати фаъолона намудан ва иҷрои ҳаракатҳои гуногуни ӯ бо предмет хизмат мекунад.

Р.Я.Абрамович – Лехтман дар давраи то яксолагӣ ҳаракати кӯдакро бо предметҳо омӯхта, аз шаш зинаи ривоҷёбӣ иборат будани онро таъкид мекунад. Инҳо:

а) ҳушёрии фаъол – аз 2 ҳафтагӣ то 4-5 ҳафтагӣ;

б) фаъолии сенсорӣ – аз 1,5 моҳагӣ то 2,5-3 моҳагӣ;

в) пеш аз ҳаракат – аз 2,5-3 моҳагӣ то 4-4,5 моҳагӣ;

г) ҳаракати соддаи “сермаҳсул” – аз 4 моҳагӣ то 7 моҳагӣ;

д) ҳаракати вобаста – аз 7 моҳагӣ то 10 моҳагӣ;

е) ҳаракати фунетсионалӣ – аз 10-11 моҳагӣ то 12-13 моҳагӣ давом мекунад.

Муаллиф хусусиятҳои ба худ хоси ҳар як зинаро ҳам ба таври схематикӣ ва ҳам ба тариқи текстуалӣ ифода намудааст.

Ҷадвали пайдо шудани ҷиҳатҳои муҳимтарини мутаассирӣ ва ривоҷёбии ҷараёни ташаккулёбии кӯдакони то яксола аз тарафи Н.Л.Фигурин ва М.П.Денисова тартиб дода шудааст. Барои ин онҳо 34 намуди таъсиргузарони интихоб карда: ба мавҷуд набудани таъсиррасонӣ, намоёншавӣ ва ташаккули таъсиррасонии қатъиро тавсифи психологӣ додаанд.

Дигаргуниҳои ҳаракати кӯдакро аз рӯйи хусусиятҳои предмет М.Ю.Кистяковская, Д.Б.Элконин, Е.А.Аркин, В.С.Мухина, Н.А.Менчинская ва дигарон, механизмҳои фаъолияти рептсепториро И.П.Павлов ва шогирдони ӯ Ф.Р.Дунаевскиӣ ва дигарон омӯхтаанд. Назар ба талқини онҳо, чорпоя ҳаракат кардани кӯдак нишони нахустини ҳаракати кӯдак мебошад. Роҳ рафтани мутсақил – намуди нави ҷойивазкунии кӯдак монанди инсонҳо, ҳаракате, ки барои аз ҷой ҷунбидан дар сатҳи муайян тайёргариро тақозо мекунад.

Ҳамин тавр, бо ҷисмҳо ба робитаи амалии бевосита даромадани кӯдак ва бо ёрии онҳо ҳаракат карда, омӯхтани хосса ва хусусиятҳои нави онҳо, барои васеъ намудани муносибат бо предметҳо имкон медиҳад.

## ТАШАККУЛ ЁФТАНИ НУТҚ ДАР ДАР СИННУСОЛИ КӮДАКӢ

Вобастагии узвии кӯдак бо калонсолон, онҳоро барои ба мулоқоти иҷборӣ даромадан водор месозад. Зарурати пойдорсозии робитаи байниинсонҳо барои дар кӯдак пайдо шудани новербал, шакли махсуси

мулоқоти бенутқ хизмат мекунад. Бояд гуфт, ки ҷавоб ба барангезандагони дохилӣ ва берунии организм “ҷондоршавӣ”-ро пайдо мекунад. Нишонаҳои оддитарини мулоқот минбаъд барои пайдо шудани нишонаҳои мураккабтар замина мегузорад.

Ба овози калонсолон тақлид карда, аз тарафи кӯдак дарк гардидани нутқи атрофиён барои пайдо шудани фаъолияти нутқ чун омили муҳим хизмат мекунад. Намудҳои охирини мулоқот дар дуюнимсолагии кӯдак мушоҳида мешавад. Эҳсоси мутаассирӣ аз одамони калонсол дар ҳаёт ва фаъолияти кӯдак дар якчанд самт қарор меёбад. Яке аз онҳо дар эҳсоси шодӣ ва табассум: ба калонсолон бо тамоми ҳастӣ моил шудан, диққат кардан, наззораи ҳаракатҳо, даст дароз намудан, сари худро ба тарафе, ки барангезандаро дид, гардондан, овозҳои ба худ хос баровардани ӯ аён мегардад. Эҳсоси мутаассирӣ на танҳо бо “маҷмӯи ҷондоршавӣ”, балки зери таъсири қисмҳои таркибии алоҳидаи он низ (овоз, чеҳра ва ғайра) ба вуҷуд меояд. Минбаъд эҳсоси мутаассирӣ хусусияти шунавандагиро пайдо карда, танҳо ба баъзе шахсон (наздикон, пайвандон) пайдо мешавад.

Фаъолияти бозии кӯдак дар ҳамкорӣ низ (бо иштироки падару модар, тарбиятгар, бародару хоҳар) ба эҳсосот додан шудани ӯ бо нутқ ва фаъолияти нутқ бевосита алоқаманданд.

Олима Г.Л.Розенгарт-Пупко ҷараёни фаҳмиши нутқи кӯдакро (идроккунӣ) омӯхта, ба чунин хулоса меояд, ки идрок ва ба предметҳо назар кардан, барои ривоҷёбии фаҳмиши номҳои онҳо ёрӣ мерасонад. Аз тадқиқотчиён З.И.Барабанова идроки нутқи кӯдакро санҷида, ба нақши анализатори гуногун дар он баҳо медиҳад. Мувофиқи маълумотҳои ӯ, ҳангоми 10 маротиба намоён шудани барангезанда равияи анализатори биноӣ 86 фоиз дар кӯдак ҳифз мегардад, 60 фоизи анализатори шунавоӣ дар объектҳои таҷрибаомӯзӣ аз байн мераванд. Дар натиҷаи 20 маротиба таъсир расондани барангезанда ориентировкаи таъсири анализатории биноӣ 18 фоиз ва анализатори шунавоӣ дар ҳамин маврид батамом аз байн меравад.

Мувофиқи хулосаи Д.Б.Элконин шартҳои асосии ба вуҷуд омадани дарки нутқ аз инҳо иборат аст:

а) фарқ карда тавонистани предмет дар ҳолати умумӣ;

б) ҷамъ кардани диққату эътибори предмет;

в) ба ҳолати фавқулодда нигоҳ карда, мавҷудияти эҳсосоти даркшаванда ва ғайра.

Фаҳмиши нутқи дигарон дар замири идроки биноӣ ба вуҷуд меояд. Дар омӯхтани кӯдак ба фаҳмиши нутқи дигарон одамони калонсол аз роҳҳои гуногун, масалан бозичаҳо истифода мебаранд.

Зинаи охирини дарк ва фаҳмиши идроки нутқ аз 9-10 моҳагии кӯдак оғоз гардида, он намуд ва шакли аввалини фаҳмиши нутқи дигарон номгузор мегардад.

Тадқиқгар Ф.И.Фрадкина дар натиҷаи мушоҳидаи нутқи ба кӯдак нигаронидашудаи калонсолон чунин ҳолатҳои таъсиррасониро аниқ кардааст:

1) ба предмете, ки номаш гуфта шуд, сар гардонда нигоҳ кардан (7-8 моҳагӣ);

2) ба иҷрои ҳаракатҳое, ки дар таҷрибаи рӯзгор омӯхтааст, баробари ёдовар намудани калонсолон, кӯшиш намудан (7-8 моҳагӣ);

3) аз рӯйи нишондоди нутқи калонсолон иҷро намудани супоришҳои оддӣ (9-10 моҳагӣ);

4) аз рӯйи нишондоди нутқ предмети заруриро интихоб намудан (10-11 моҳагӣ);

5) дар зери таъсири сухани таъқиқкунандаи “Накун” ҳаракатро боздоштан (12 моҳагӣ) ва ғайра.

Дар кӯдак идроки нутқи дигарон ва ҳаракат барои ҷавоб додан ба он, бахусус, дар ҷавоби барангезанда ин ё он ҳаракатро иҷро намудан то рафт мураккаб мешавад. Ин амалҳо бо салоҳияти ақлии ӯ бевосита алоқаманд буда, бача дар зери таъсири онҳо ба предмет нигоҳ мекунад, барои доштани он даст дароз менамояд, ба назди предмет чорпоя ҳаракат мекунад. Дар ҷараёни ба вуҷуд омадани фаҳмиш ба ҳолати фавқулодда нигоҳ карда, таъсиррасонӣ низ мураккаб мешавад. Нахуст, мутаассирӣ нисбат ба ягон ҷисм пайдо мешавад, баъд интихоб намудани ягон ҷисм ҳангоми дар паҳлӯи объектҳои дигар истоданаш, камтар мушкил мегузарад. Зинаҳои ривоҷёбии фаҳмиш ба сифати муносибати ба худ хоси байни идроки биноӣ ва нутқ намоён мешавад. Аз ин рӯ, фаҳмиш, яъне дарки нутқ дар асоси фаъолияти ориентирии кӯдак ба вуҷуд омада, дар шакли ориентири биноӣ ифода мегардад. Фаҳмиш худ дар рушди ориентири биноӣ зинаи нав ба ҳисоб рафта, зинаи гузариши бо сухан идораи ҳаракатро мефаҳмонад.

Мувофиқи фикри Д.Б.Элконин хусусиятҳои ба худ хоси ривоҷёбии психикаи кӯдаки то яксола аз инҳо иборат аст:

1) дарки нутқи калонсолон, талаффузи мустақили калимаҳои нахустин;

2) бо предметҳо ҳаракатҳои гуногунро иҷро намуда, кор-ҳаракатро ба анҷом расондан;

3) рух додани ҳаракат ба роҳгардӣ;

4) бо сухан идора кардани ҳаракат;

5) бо сухан идора намудани фаъолияти идроки кӯдак ва ғайра.

Ҳамин тавр, хусусияти арзишноктарине, ки кӯдаки то яксола соҳиб мешавад, пайдоиши эҳтиёҷи иҷтимоӣ дар кӯдак ва тавассути ҳамин эҳтиёҷ бо одамони калонсол бевосита мулоқот намудан ифодаи худро меёбад. Аз ин рӯ, бо ҷисмҳо ҳаракатҳоеро иҷро мекунад, ки мувофиқи мақсад аст. Дар замири шакл ва ҷараёнҳои фаҳмиш ба мулоқот эҳтиёҷ пайдо мешавад. Инкишофи кӯдак дар натиҷаи бо калонсолон ба мулоқот даромадани ӯ рух медиҳад.

## РИВОҶЁБИИ ПСИХИКИИ ДАВРАИ АВВАЛИНИ КӮДАКӢ

Дар онтогенези инсон давраи инкишофи аз 1 то 3 солагӣ аҳамияти ба худ хосро соҳиб аст. Чунки дар ин давра сифатҳои муҳимтарини хосаи инсон чун характер, муносибат ба муҳиту атроф, хулқу атвор, тафаккур ва шуур барин нишонаҳои психикӣ ташаккул меёбанд. Ҳамаи инҳо дар асоси муборизаи зиддиятҳо таркиб меёбанд. Кӯшиши кӯдак ба роҳ гаштан, васеъ гардидани имкониятҳои ӯ барои ором шудан ва машғул гардидан бо таҷҳизоти гуногун, ҳамбастагии бевоситаи ӯ ба калонсолон, барои нисбатан кам гардидани вобастагии ӯ бо дигар чизҳо оварда мерасонад. Бинобар ин, барои ҳаракати мустақили вай шарту шароитҳои зарурӣ муҳайё карда мешавад.

Тавре, ки дар тадқиқотҳои Р.Я.Абрамович-Лехтман баён мегардад, дар кӯдакони яксола ва яксолаву думоҳа намуди оддии ҳаракат бо таҷҳизоти гуногун босуръат ривоҷ меёбад. Ба таври дигар, дар ӯ усулҳои нисбатан барқарори амалӣ намудани ҳаракатҳои муайян бо ҷисмҳо ташаккул меёбад. Чунин ҳаракатҳо то рафт зиёд гардида, мураккабтар мешаванд ва моҳияти онҳо бо гузашти вақт дақиқтар мегарданд.

Назар ба андешаи Д.Б.Элконин афзун гардидани эҳтиёҷоти кӯдакон ба шинохтани предметҳои зиёд, идрок ва омӯхтани хусусиятҳои онҳо, аз пурзӯршавии эҳсос ва хоҳиши кӯдакон барои мулоқот бо калонсолон гувоҳӣ медиҳад. Гарчанд чунин аст, ин муаммо дар ташкил намудани фаъолияти шахсии бозӣ аз ниёзмандии кӯдак ба кӯмак ва ёрии калонсолон гувоҳӣ медиҳад.

Ноком анҷом ёфтани ҳар як ҳаракати кӯдаки яксола ва аз он камтар калон дар рафти бозӣ, ҳолатҳои нохуши рафти иҷрои корҳои пешбининамудаи ӯ дар дунёи рӯҳии вай аввалин эҳсоси ҷаҳл (аффактив)-ро ба вуҷуд меорад. Инчунин, шакли нави ифодаи муносибатҳои шахсии кӯдак ба воқеаҳои нохуш – мутаассири(ба реаксия даромадан)-ро пайдо мекунад.

Хусусиятҳои оташин шудан, ҷаҳл кардан, қаҳру ғазаб аз тарафи Т.Е.Коникова тадқиқ карда шудааст. Мувофиқи маълумоти ин олим дар бачаҳои яксола бештар безобита гардидан, дигаргуниҳо дар ҳаракат,

бадқаҳрӣ ба вуҷуд меояд. Назар ба андешаи олима ҳосилаи хулқ, ки дар психикаи ӯ пайдо мешавад, як намуди намоёншавии чолокӣ буда, он бо тезтар ба даст овардани ашёи дӯстдошта вобастагии узвӣ дорад.

Одатан, гирифторӣ ба ҳолати аффектив ё ки мутассирии аффективӣ дар натиҷаи қонеъ нагардидани кӯдак аз мулоқот бо калонсолон пайдо мешавад. Мувофиқи маълумотҳои психологӣ аффектив, ки дорои хусусиятҳои “таркишӣ”, “ҷило додан” мебошад, бо сабабҳои зерин ба миён меояд:

1) нафаҳмидани хоҳишу дархостҳои кӯдак, беэътибории калонсолон ба имову ишора ва ҳаракати чашму рӯй, пантомимика (омехташавии ҳаракати бадан ва рӯй)-и онҳо;

2) муқобилият нишон додан ба ҳаракати беихтиёри кӯдак, инчунин, иҷро накардани талаботи ӯ;

3) бехабар будан аз донишҳо оиди дигаргуниҳои кӯдак, пешакӣ нафаҳмидани ин дигаргуниҳо ва ғайра.

Хусусият ва сатҳи оташин шудани кӯдак дар шароити зист ва муносибати калонсолон бо ӯ ифодаи худро меёбад ва бо ёрии мезонҳои маҳаллӣ муайян карда мешавад. Н. А. Менчинская дар рӯзномаи қайдҳои худ якравии писарчаи якунимсолаи худро чунин таъриф медиҳад: “ба сухани “накун” ҷавобан Саша якравӣ карда, барои боз давом додани шӯхии худ ҳаракат мекард; дархости якравонаи ӯро танҳо бо роҳи ҷалб кардани диққати вай ба объектҳои дигар бартараф кардан мумкин буд; бештар пас аз манъкуниҳо гиря карда, эркагӣ менамуд; ҳатто худро рӯйи замин партофта, дасту пой мезад, аммо ин “ғазабнокӣ” дар хулқи ӯ кам мушоҳида гардида, ӯро аз ин шӯхиҳо тез ва осон дур кардан мумкин буд...”

Аз корҳои тадқиқотие, ки равоншиносон В.С.Виготский, П.П.Блонский ва шогирдони онҳо гузарондаанд, аён мегардад, ки пайдо шудани нахустин калима-ибора дар кӯдак ҷиҳат ва шарти муҳимтарини аз давраи тифлӣ ба давраи аввалини кӯдакӣ гузаштани онҳо ба ҳисоб меравад. Вобасташавии ҳаракат ва сухан барои озодӣ ва амали намудани фаъолияти озоди кӯдак шароити заруриро муҳайё месозад.

Дар тадқиқотҳои психологҳои шинохта В.Штерн, К.Бюлер ва дигарон зикр мегардад, ки калимаҳои нахустин дорои ду хусусият мебошанд: хусусияти якум, аз ҷиҳати фонетикӣ аз калимаҳои нутқи калонсолон батамом фарқ кардани онҳо; дуввум, бо доираи худ дорои маънои зиёд мебошанд. Ба таври дигар, ин калимаву ибораҳо на як предмети муайянро, балки номи як қатор ашё, ҳатто гурӯҳҳоро мефаҳмонад.

Ба сифати исботи ин мулоҳизаҳо аз таҷрибаи Т.Е.Конникова намуна меорем. Назар ба нуқати назари олима тафовути калимаҳое, ки дар нутқи

калонсолон ва хурдсолон истифода мешаванд, ба манбаъ ва асосҳои гуногун вобастаанд:

а) дар нутқи кӯдакон чунин калимаҳо истифода мешаванд, ки онҳо ҳеҷ гоҳ ба одамони калонсол чунин маъноро ифода намекунад (адига-равғани моҳӣ, ика-шарф, гили-гилига-қалам);

б) аксаран калимаҳои нутқи кӯдакон қисми муайяни гуфтори калонсолонро не, балки танҳо решаи онро ташкил мекунад (“ис”-гарм”, “ди”-омад);

в) кӯдакон талаффузи калимаҳоеро, ки калонсолон истифода менамоянд, вайрон намекунанд, лекин тимсоли предметро чун асос қабул карда, ҷиҳатҳои фонетикӣ ва ритмии умумии онҳоро нигоҳ медоранд (“ти-ти” – соат, “па-па” – машина, “линг-линг” – радио, телевизор, “пақ-пақ” – автоматча);

г) калимаҳои тақлидӣ (“вов-вов” – саг, “му-му” – гав, “ба-ба” – гӯсфанд ва ғайра).

Дар таҷрибаи Д.Б.Элконин истилоҳи “ака” барои Галяи яксолаю семоҳа (гарчанд сунъӣ аст) меваҳои тар, конфет, қанд, зардолу барин маҳсулотҳоро ифода мекунад. Дар таҷрибаи Т.Е.Коникова барои Нонна, ки дар ҳамин синну сол аст, истилоҳи “кх-кх” гурба, мӯйро ифода кардааст. Ин мисолҳоро аз рӯйи нуқтаи назари психологӣ таҳлил намоем, дар замири қонуниятҳои умумипсихологии онҳо имконияти васеи азхудкунии фаъоли сохтори граматикии забони модарӣ мехобад. Умуман, нутқи диалогӣ қисми таркибии ҷудонашавандаи фаъолияти кӯдак дар ҳамкории калонсолон ба ҳисоб меравад.

А.Н.Гвоздев дар давраи аввалини кӯдакӣ созмони грамматикии забони русиро омӯхта, онро ба ду зина ҷудо мекунад:

1. Зинаи якум аз 1 солаву 3 моҳагӣ то 1 солаву 10 моҳагӣ. Ин зина низ давраҳои муайянро фаро мегирад:

а) зинаи аз як калима таркиб ёфтани ҷумлаҳо (1,3-1,8);

б) аз ду ва калимаҳои зиёдтар сохтани калимаҳо.

2. Зинаи дуввум аз 1 солагиву 10 моҳагӣ то 3 солагӣ. Ин зинаи низ ба якчанд давраҳо тақсим мешавад:

а) ташаккули ҷумлаҳои содда ва мураккаб (1,10-2);

б) истифода аз ҷумлаҳое, ки робитаҳои синтаксисиро ифода мекунанд (2,1-2,3);

в) зинаи азхудкунии калимаҳои ёвар.

Дар адабиёти психологӣ як қатор муаммоҳо доир ба омилҳои азхудкунии босуръати ташаккули грамматикаи забон дар давраи аввалини кӯдакӣ баён гардидааст. Масалан, К. Бюллер ба муаммоҳои табиати флектив

(намудӣ, шаклӣ)-ии забони кӯдак эътибори алоҳида додааст. Назар ба фикри ин олим, кӯдак ин ҳолатро ба таври интуитивӣ кашф мекунад ва ин дар робитаҳои грамматикӣ, дигаргуниҳои морфологӣ намоён мешавад.

Доир ба омӯзиши созмони грамматикии забони кӯдак тадқиқотҳои зиёд анҷом ёфтаанд. Муаллифони онҳо Ф.А.Сохин, Л.С.Славина, Д.Б.Элконин, К.И.Чуковский, М.И.Попова, Г.Л.Розенгарт-Пупко, А.Р.Лурия, Ф.Я.Юдувич, П.Я.Галперин ва дигаронанд.

Мувофиқи фикри Д.Б.Элконин азхудкунии грамматикаи забони модарӣ (забони русӣ) чунин амалӣ мегардад:

а) вазъияти дақиқ идрокшаванда бо воситаи лексикии забон ифода гардида, муносибати объективиро инъикос мекунад;

б) шакли грамматикии вазъияти предметдор ҷудо карда мешавад;

в) умумигардонӣ ва мавҳумсозии ифодакунандагони шакли муносибатҳои грамматикӣ ба вуҷуд меояд.

Тибқи мулоҳизоти тадқиқотчи Н.Х.Швачикин дар кӯдак нахуст таҷрибаи фарқ кардани ҳарфҳои садонок ва баъдан ҳарфҳои ҳамсадо пайдо мешавад. Кӯдак дар давраи тифлӣ нигоҳ кардан, шунидан (гӯш кардан) ва идораи ҳаракати дастонашро меомӯзад. Ӯ барои мулоқот кардан бо калонсолон мекӯшад, ки ин дастоварди бузург аст. Аз чорпоя ҳаракат карданро оғоз намудани тифл, яъне аз 1 солагӣ то 3 солагӣ давраи аввалини кӯдакӣ оғоз меёбад. Дастоварди беҳтарин дар ин давраи синнусолӣ рост ҳаракат кардан ва суханҳоро фаҳмида, ривоҷ ёфтани нутқ мебошад. Ҳангоми роҳгардӣ рост гаштан онҳоро қонеъ намесозад. Аз ҷойҳои пасту баланд ҳаракат карда, ба худ мушкилиҳоро ба миён меоранд ва барои барҳам додани он кӯшиш мекунанд. Вақти хоб то рафт кам мешавад. Аз 1.5 солагӣ 13.5 соат шабона ва ду маҳал рӯзона хоб мераванд. Пас аз 3 сола шудан 12 соат шабона ва 1 маҳал рӯзона мехобанд. Инкишофи ҷисмонии онҳо аз рӯйи нишондодҳои зерин сурат мегирад:

1 солагӣ – қад 75 см (солона 25 см) вазн 9 кг (солона 6)

2 солагӣ – қад 85 см (солона 10 см) вазни 12,5 кг (солона 3,5)

3 солагӣ – қад 92 см (солона 7 см) вазни 14 кг (солона 1,5)

Ҷараёни мустаҳкамшавӣ ва инкишофи устухонҳо давом мекунад. Пас аз 3 сола шудан, дандонҳои ширӣ пурра мебароянд. Сутунмӯҳра ривоҷ ёфта, кӯдак танаи худро бардошта метавонад.

Узвҳои дохилӣ низ ривоҷ меёбанд. Аз ҳисоби фаъолиии ҳаракатҳои шуш ва дил вазн зиёд гардида, фаъолтар мешавад. Азбаски лейкотсит кам аст, ба бемориҳои сироятӣ зуд гирифтор мешаванд.

Системаи асаб низ босуръат ривоҷ меёбад. Дар ин давра дар кӯдакон ҷунбиш дар тормозшавӣ устуворӣ менамояд. Дар фаъолияти рефлектории

ғайришартии кӯдак, зери пӯсти мағзи сар ҳаракатҳои гуногун рух медиҳанд. Масалан, чойники гарм. Ин фаъолияти системаи сигналии якум буда, дар системаи сигналии дуввум, яъне тавассути нутқ идора кардани ҳаракатҳо роли калон мебозад. Дар ин давра аъзоҳои эҳсосӣ хуб инкишоф меёбанд. Шунидан, ҳиссиёт, эҳсоси дард барои тараққиёти психикӣ замина мегузорад.

**Инкишофи идрок ва тасаввур.** Дар асоси рефлекси орентеровкаи ғайришартии кӯдак, шавқу завқ ба ҳар як ашё ва таваҷҷӯҳ баҳри дарки дунё дар онҳо аз ҳисоби идрок ва тасаввур мешавад. Аз сабаби такмилёбии ин анализатор (аъзоҳои эҳсосӣ) тасаввуроти парешони кӯдак дар бораи муҳиту атроф чун образҳои комил ба идрок табдил меёбанд. Баробари афзудани ҳаракат имконияти фаҳмиш васеътар мешавад. Танҳо чорпоя ҳаракат накарда, аз зинаҳо мефарояд, монеаҳоро давр зада мегузарад, ба стул мебарояд, бозичаҳоро мустақилона бозӣ мекунад ва ғайра. Ҷевон ва ҷузвдонҳоро кофта, санҷида навигариҳоро мефаҳмад. Ин аз ривоҷёбии идроки кӯдак гувоҳӣ медиҳад.

**Дифферентсияшавӣ** (калону хурдии ранг) дар идрок нусхабардорӣ ташаккул меёбад. (дар расм каллаи саг). Сояи онро мушоҳида мекунад. Кӯдак дар идрок намудани калону хурдии ашё мушкилӣ мекашад. Вазаро пайпас намуда, идрок мекунад. Барои идроки вақт бисёр ҳаракат мекунад. Дар истифодаи истилоҳоти пагоҳ, имрӯз, дирӯз ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад. Дар синни мактабӣ низ мушкилӣ мекашад (баъзан). Нутқ барои идрок дорои маводҳои зиёд буда, бо ёрии он тасаввур низ ташаккул меёбад.

**Диққат.** Ба кӯдакони ин синну сол беихтиёр диққат хос аст. Ба ашёи рангоранг бештар эътибор медиҳад. Асоси физиологии диққати беқарор (аз як бозича ба бозичаи дигар гузашта рафтан) дар майна нисбат ба ҷумбишҳо ҳолати бозистӣ (тормозшавӣ) пурзӯртар аст. Аз ин рӯ, дар майна ба мувозинат омадан душвор мегардад. Дар охирҳои давраи аввалини кӯдакӣ барқарорӣ 2 баробар меафзояд. Дар ин давра диққати ихтиёрӣ вуҷуд надорад.

**Хотира.** Кӯдак материалҳоро ба таври шуурнок дар хотир нигоҳ дошта наметавонад. Аммо ҷараёнҳои ошно барои дар ёд нигоҳ доштан сабаб мешавад. Дар дусолагӣ хонаҳоро ва асбоби анҷоми худро мешиносад. Аз рӯйи расм номи онҳоро гуфта метавонад. Хотираҳои нахустин пайдо мешавад. Чизе, ки дар хотираи кӯдак бо ягон ҷиҳати ба худ хос нақш бастааст, дер боз дар хотирааш боқӣ мемонад. Кӯдак ашёеро, ки идрок мекунад, дар шакли образи конкрет дар хотир нигоҳ медорад.

**Тақлид намудан.** Бо роҳи аз калонсолон "нусхабардорӣ" намудан, имову ишораҳои онҳоро омӯхта, барои такрор кардани ин ҳаракатҳо кӯшиш мекунад (дар телефон, ба тифл нигоҳ кардан, ҷомашӯӣ намудан, рӯфтан, сигор кашидан). Дар онҳо хотираи механикӣ хуб инкишоф меёбад. Дар

хотираи кӯдакони синнашон ба 3 наздик мазмуни ҳикояҳо ва шеърҳое, ки аз чор мисраъ иборатанд, аз байн як моҳ гузаранд ҳам, пурсед, хуб ба хотир меоранд. Савол дода, барои фаҳмидани маънои онҳо низ кӯшиш мекунад.

**Нутқ ва тафаккур.** Оҳиста-оҳиста калимаҳоро мефаҳмад.

Давраи якум. Дар 1-1.5 солагӣ 20-30 калимаро медонад. Калимаи "оча"-ро бо имову ишораҳо мегӯяд. Ин "нутқи ситуативӣ – вазъиятӣ" гуфта мешавад. Одаме, ки ҳамроҳ зиндагӣ мекунад, мефаҳмад. Дар кӯдак луғат ба таври пассив ривоҷ меёбад. Яъне танҳо яктарафа мефаҳмад.

Давраи дуввум. Луғатдонӣ хуб ривоҷ меёбад. Сифати ҷараёни азхудкунии нутқ дигар мешавад. Калимаҳои навро бо осонӣ меомӯзад.

Дар 1 солагӣ 3 калимаро меомӯзад.

Дар 1,3 солагӣ 19-20 калимаро меомӯзад.

Дар 1,6 солагӣ 25-30 калимаро меомӯзад.

Дар 1,9 солагӣ 120 калимаро меомӯзад.

Дар 2 солагӣ 280 калимаро меомӯзад.

Дар 2,6 солагӣ 450 калимаро меомӯзад.

Дар 3 солагӣ 800-900 калимаро меомӯзад.

Ин нишондод ба таври гуногун низ мешавад. Бештар дар мулоқот шудан низ аҳамияти муҳим дорад. Фаъолиятро мепурсад. Нахуст танҳо дар нутқ эҳтиёҷоти кӯдак ифодаи худро ёфта бошад, акнун функсияи нутқ низ меафзояд. Маъно медарояд. Ин чист? Чӣ кор мекунад? Ривоҷёбии нутқ барои дарки муҳиту атроф чун восита хизмат мекунад. Бо имову ишора.

Тафаккури кӯдак бо идрок ва ҳаракатҳои кории ӯ бевосита ҳамбастагӣ доранд. Фикрҳои худро тавассути калимаҳо фаҳмонида наметавонанд. Тафаккури дақиқу конкрет мешавад. Ҳангоми ба синни сесола назди шудан бо нутқ тафаккур низ ташаккул меёбад. Ҷараёнҳои фикрронии асосӣ дар намуди оддӣ намоён мешаванд. Анализ, муқоисакунӣ, синтез, умумигардонӣ рух медиҳад.

Ба маънои умумӣ баробари ривоҷ ёфтани грамматика фикрҳоро аниқ гуфта метавонад. Камбудиҳои нутқи калонсолонро дарк намуда, барои тезтар такрор кардан мекӯшад. Ривоҷёбии тафаккури кӯдак дар ӯ хусусиятҳои кунҷкобӣ ва шавқмандиро пайдо мекунад. Кофтуков ин чист? Саволҳо додан, ба кори калонсолон ҳамроҳ шудан ва ғайра. Кӯдак воқеаҳоеро, ки дар атроф рух медиҳанд бо фаҳмонда додани калонсолон хубтар мефаҳмад. Дар майнаи кӯдакон анализ синтез бештар ба вуқӯъ мепайвандад. Дар кӯдак "тафаккури даст" дар ду солагӣ мешавад. Масалан, аз даруни кӯза ягон ашёро гирифтан. Акнун саволҳо аз шакли "Ин чист?" ба "инро чӣ кор мекунанд?" дигар мешавад. Барои донистани функсияи предмет таваҷҷӯҳи онҳо зиёд мешавад.

Ривоҷёбии нутқ барои ривоҷёбии тафаккур замина аст. Рушди тафаккур дар навбати худ барои зиёдшавии захираи калимаҳо хизмат мекунад.

Ҳамин тавр, аз ин мулоҳизаҳо ба чунин хулосаи умумӣ омадан мувофиқи мақсад аст. Маълум аст, ки аз ҷиҳати фонетикӣ идрок намудани тамоми овозҳои кӯдаки дусола имконияти дарки нутқ бештар мешавад.

Дар давраи аввалини кӯдакӣ ташаккули ҳаракатҳо бо дигаргуншавии хусусияти фаъолияти ориентировка вобастагии узвӣ дорад. Кӯдак барои амалӣ намудани ин ё он ҳаракат нахуст бо предмет шинос мешавад: ба он чашм медавонад, ба даст мегирад ва ғайра. Барои ба кӯдак омӯхтани шакл, ранг ва вазни предмет калонсолон моҳияти ҳаракатро мефаҳмонанд ва чӣ тавр иҷро карданро мегӯянд: ба кӯдак моҳияти супоришҳои "гирифта биёр", "дар ҷояш гузор", "расм каш", "даст гирифта ист" шинос мекунад ва баъд роҳҳои иҷрои ҳаракатро ("қаламаро ин тавр даст гир", "аввал ба дастат гир", "нахуст бо дасти ростат даст гир", "қошуқро ин тавр дар даст дор" гуфта) нишон медиҳад. Аз ин рӯ, дар кӯдак инкишоф додани ҳаракати предметнок ҷараёни мураккаб аст.

Нахустин ҳаракати амалии кӯдак, давраи ба вуҷуд омадани тафаккур мебошад, ки ҷараёни пайпас кардан бо таҷҳизот ва асбобҳо иваз мегардад. Дар натиҷаи аз худ кардани усулҳои истифодаи таҷҳизоти иҷтимоӣ дар кӯдак таҷрибаи ҳаракати предметнок ташаккул меёбад. Дар омӯхтани ҳаракатҳои гуногун бо ҷисмҳо таҷрибаи ҷудо кардани аломатҳои муҳим ва дигаргунннашанвандаи онҳо ҳосил мегардад ва дар натиҷаи ҷараёни умумигардонӣ ва фаҳмишҳои умумӣ рух медиҳанд. Дар шароити нав истифода намудан аз ҳаракати предметнок ба ривоҷи ақлии кӯдак таъсири мусбӣ мерасонад. Муқоиса кардани ҳаракатҳояш бо ҳаракатҳои калонсолон, муайян намудани ҷиҳатҳои монанди онҳо дар ривоҷи ақлонии кӯдак соҳибаҳамият мебошад. Барои дуруст равона кардани ривоҷёбии ақлӣ бо кӯдак дар асоси нақшаи махсус машғулот гузаронидан лозим аст.

Дар ин давра дар кӯдак консепсияи "Ман худам" ба вуҷуд омада, барои ташаккули фазилатҳои шахсӣ хизмат мекунад ва маҳз дар ҳамин маврид кӯдак ба сифати шахс ташаккул меёбад. Дар кӯдак пайдо шудани ҳаракатҳои шахсӣ аз оғози давраи нави инкишоф далолат медиҳад.

## МАВЗӮЪИ 21. РУШДИ ҶАРАЁНҲОИ ПСИХИКӢ ДАР БАЧАГОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Дар давраи инқироз муқобилияти кӯдак ба калонсолон дар шаклҳои гуногун зуҳур намуда, онҳо ба ҳолат ва ҳодисаи психологии муваққатӣ шабоҳат доранд. Лекин дар ҷараёни бартараф кардани мушкилиҳои оила ва кӯдакистон, ба шахси кӯдак бо дарназардошти хусусиятҳои ба худ хоси ӯ,

муносибати дуруст ва оқилона ва аз инқироз руҳан солим баровардан аҳамияти муҳим дорад. Ҳоло дар бораи баъзе чунин муқобилиятҳо маълумоти мухтасар медиҳем.

Аз тадқиқотҳои равоншиносони зиёд ва мулоҳизаҳо аён аст, ки бачагон дар ин давраи бӯҳрон як чанд намуди синни якравиро аз сар мегузаронанд.

Яке аз ин нишонаҳо ба даврае, ки мо дар назар дорем, яъне сесолагии бача рост меояд. Айнан дар 3 солагӣ дар кӯдак ба иродаи худ эҳсосӣ боварӣ пайдо мешавад. Ӯ худшиносиро оғоз мекунад. Ҷараёни худшиносӣ бо бартараф кардани зиддият ва муқобилиятҳо сурат мегирад.

Кӯдаке, ки дар ин синну сол аст, гоҳо моҳияти суханҳои ба ӯ гуфташударо намефаҳмад, дарк намекунад, баъзан ба бозӣ аз ҳад зиёд дода шуда, овози калонсолонро намефаҳмад. Дар чунин маврид дар бача норасоии қобилият барои эътибор ба таъсири беруна ё ки барангезанда мушоҳида мешавад, ки ин дар натиҷаи кайфияти болида ё ки ғамгинии ӯ рух медиҳад. Гоҳо кӯдак фирефтаи хаёл ва тасаввуроти худ гардида, ба таъсири беруна андак дертар ҷавоб доданаш мумкин аст.

Дар чунин ҳолат ба қонуниятҳои психологӣ риоя накарда, дағалона муносибат намудан, бачаҳои боодобро ҳам ҷаҳлдор карда, гапнодаро менамояд ва ба шахси табиаташ нозук табдил медиҳад. Дағалии калонсолон дар мулоқот барои дар бачагон пайдо шудани якравӣ сабаб мегардад. Ӯ ҳар гуна супориш, таклиф ва ҳатто илтимосро инкор мекунад. Ба саволҳое, ки ба ӯ дода мешаванд бо як маром “не”, “даркор не”, “намедиҳам”, “намедонам” гуфта ҷавоб мегардонад. Дар натиҷаи вайрон гардидани муносибати байни калонсолон ва бачагон дар ҳатту ҳаракатҳои ӯ якравӣ пайдо мешавад. Сабаби асосии ин дар бача пайдо шудани хоҳиши иҷрои озодонаи ҳаракатҳо, ба вуҷуд омадани нуқтаи назари нави бо “ман”-и худ вобаста мебошад.

Ин давраро марҳилаи мураккабтарини ташаккули шахсияти инсон гӯем хато нахоҳад шуд. Аз ин рӯ, дар ин давра калонсолон, падару модарон, тарбиядиҳандагони муассисаҳои таълими томактабӣ бо бача дигаргуниҳо, моҳияти тассуротҳои дохилии мураккаб ва бӯҳрони психологии онҳоро ба инобат гирифта, муносибат намоянд, нуран аъло нур мегардид. Тавре, ки дар боло зикр намудем, дар ин давра иродаи кӯдак, сифати иродавии ӯ такмил меёбад, фазилатҳои мураккаби шахс, характеру хислатҳои ӯ ташаккул меёбад. Нишонаҳои беруна ва дохилии худшиносии кӯдак хуб намоён мешаванд. Эҳсоси “худам”, ки кӯшише ба озодист, ба вуҷуд омада, дар зери таъсири онҳо барои фаҳмидани таърифу тавсиф аз калонсолон барои хулқу атвор ва роҳу рафтор хоҳиш пайдо мешавад. Баҳодиҳии хулқи шахс баъдтар ба дараҷаи худбаҳодиҳӣ мерасад.

Бозии образдор – фаъолияти асосии бачагони синни томактабӣ ба шумор меравад. Бозии образдор фаъолияти муҳимтарини бачагони ин синну сол буда, онҳо дар чунин бозиҳо гӯё вазифа ва корҳои одамони калонсолро бевосита дар амал “иҷро мекунанд”. Аз ин рӯ, барои фаъолияти бозӣ дар шароитҳои махсус барои инъикос кардани воқеаҳои муҳити иҷтимоӣ, ҳодисаҳои оилавӣ, муносибатҳои байнишахсӣ ҳаракат мекунанд.

Бачагон хусусиятҳои тарзи зист, эҳсосот, муомила ва мулоқоти байниҳамдигарии калонсолон, инчунин, барои ба таври воқеӣ иҷро намудани муносибати атрофиён, муҳиту атрофро аз бозичаҳои гуногун ё ки асбобҳое, ки ҷойи онҳоро гирифта метавонанд, истифода мебаранд. Аммо бозиҳои образноке, ки тамоми ҷабҳаҳои иҷтимоӣ ва маиширо фаро мегиранд, на ба якборагӣ, балки дар натиҷаи афзуншавии таҷрибаи рӯзгор, васеъшавии доираи тасаввур ба вуҷуд меоянд ва аз ҷиҳати мазмуну моҳият аз оддӣ ба мураккаб табдил меёбанд.

Мувофиқи андешаи равоншиносони шинохта А.Валлон, Ж.Пиаже, Л.С.Виготский, С.Л.Рубинштейн, А.Н.Леонтев, Б.Г.Ананев, Д.Б.Элконин ва дигарон дар давраи кӯдакӣ дар асоси фаъолияти предметноки бача барои бозии образдор оҳиста-оҳиста шароитҳои заруртарин ба вуҷуд меояд. Дар асоси маълумотҳое, ки ин олимон ва шогирдони онҳо ҷамъ овардаанд, ба қатори омилҳои муҳимтарине, ки барои ба вуҷуд омадани бозии образдор сабаб мешаванд, инҳоро дохил карданамон мумкин аст:

1) вобастагии байни предмети давраи кӯдакӣ ва ҳаракатнамоии он аҳамияти худро гум карда, дар натиҷа имконияти ба таври алоҳида амал кардани предмет ва ҳаракат пайдо мешавад ва кӯдак онҳоро ба таври алоҳидаи умумикардашуда инъикос мекунад;
2) бача ба ҷойи бозичаҳои ҳақиқӣ аз нусхаҳои сохта ва монанднабудаи онҳо, ки моҳияти аслиашонро ифода намекунанд, бештар истифода мебарад (ба ҷойи лӯхтак ё мошинчае, ки дар фабрика истеҳсол шудааст, бозичаҳоеро, ки дар шароити хона монанди онҳо сохта шудаанд, истифода мекунад);
3) ҳангоми ҳаракат барои аз корҳои калонсолон фарқ карда истодан кӯшиш намудани бача, дар ӯ пайдо шудани таҷрибаи ба худ хоси шахсӣ;
4) муқоиса намудани ҳаракатҳои хуб бо амалҳои калонсолон, мувофиқгардонии моҳияти ҳаракатҳо ва пайдо шудани хоҳиш баҳри ҳамоҳангсозии онҳо аз ҷиҳати сохтор;
5) бачагон барои дар фаъолияти худ инъикос намудани ҳаёт ва фаъолияти калонсолон, хусусиятҳои маънавӣ ва маишии рӯзгори онҳо (иҷрои образи онҳо) ҳаракат мекунанд.

Назар ба фикри Н.М.Аксарина, ки шароитҳои такмилдиҳии фаъолияти бозиро тадқиқ кардааст, бозӣ худ аз худ ба вуҷуд намеояд. Барои ин бояд на кам аз ин се шароити муҳимтарин муҳайё бошад:

а) дар шуури бача оиди муҳите, ки ӯро иҳота кардааст, пайдо гардидани таассуротҳои гуногун;

б) мавҷудияти бозичаҳои гуногуншакл ва воситаҳои мутаассири тарбиявӣ;

в) бо калонсолон зуд-зуд ба муомила ва мулоқот даромадани бачагон. Дар ин услуб таъсири бевоситаи калонсолон ба бача роли ҳалкунандаро мебозад.

Ҳамин тавр, ба таҳлили адабиётҳои психологӣ такя намуда, ба қатори хусусиятҳои ба худ хоси бачагони синни томактабӣ инҳоро ворид намудан мумкин аст:

1) бача ба фаъолияти одамон, муносибат бо предметҳо ва муомилаи байниҳамдигарии онҳо шавқ пайдо мекунад;

2) бачагон дар бозиҳои образдор ҷиҳатҳои ба худ хос ва мутаассири воқеаҳои атрофро ифода мекунанд;

3) дар бозиҳои образдор бача бо калонсолон дар шароити якхела, дар як замин зиндагонӣ кардани худро эҳсос намуда, хоҳиши худро дар амал иҷро менамояд;

4) таъсиргузории ҳаёт ва фаъолияти калонсолон дар тасаввури бача рух диҳад ҳам, дар ҳаёти шахсии ӯ нақши фаромӯшнашаванда мебозад.

## ТАКМИЛЁБИИ БОЗӢ ДАР ДАВРАИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Тавре, ки дар психология зикр гардидааст, фаъолияти бозии образдор аз сюжет ва мазмун таркиб меёбад. Одатан сюжет гуфта, доираи воқеияте фаҳмида мешавад, ки бача дар фаъолияти бозии худ инъикос кардааст. Сюжети бозӣ дар вобастагӣ бо давраҳои гуногун, хусусияти синфӣ, тарзи зист, шароити ҷуғрофӣ ва истеҳсолӣ созмон меёбад. Воқеияте, ки бача дар он ба муносибат медарояд, ҳар қадар маҳдуд ва танг бошад, сюжети бозӣ ҳам ҳамон қадар хира ва якранг мегардад.

Ба гуногунрангии сюжетҳо нигоҳ накарда, онҳоро ба гурӯҳҳои махсус вобаста кардан имконпазир аст. Масалан, психологи шинохта Е.А.Аркин таснифи зерини бозиҳоро тавсия медиҳад:

1) бозиҳо доир ба истеҳсолот (техника); саноат, хоҷагии қишлоқ, сохтмон, касбу ҳунар;

2) бозиҳо оиди ҳаёти маишӣ ва иҷимоӣ, сиёсат, рӯзгор: ба боғча, мактаб, зиндагонии рӯзмарра;

3) бозиҳои ҳарбӣ: бозиҳои ҷанговарона;

4) бозиҳои драммакунонидашуда: кино, спектакл ва ғайра.

Мо ба мулоҳизаҳои танқидии равоншиносон Л.С.Виготскӣ, А.Н.Леонтев, Д.Б.Элконин дар бораи ин тасниф пурра ҳамроҳ мешавем. Чунки бозиҳои ҳарбӣ ва драмакунонидашударо низ ба гурӯҳи бозиҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ҳамроҳ кардан мумкин аст. Бинобар ин, таснифи Д.Б.Элконин хубтар аст. Ӯ тавсия медиҳад, ки бозиҳои образдори бачагони синни томактабиро аз рӯйи сюжеташон ба се гурӯҳ тақсим кардан мувофиқи мақсад аст:

1) бозиҳо доир ба мавзӯи маишӣ;

2) бозиҳо дар сюжети истеҳсолӣ;

3) бозиҳои дорои сюжети иҷтимоӣ-сиёсӣ.

Муаллиф таъкид мекунад, ки баъзе намудҳои бозӣ ба тамоми бачагони синни томактабӣ мувофиқ аст ва сюжетҳо аз маишӣ ба истеҳсолӣ ва аз он ба воқеияти иҷтимоӣ-сиёсӣ метавонад тағйир ёбад. Назар ба фикри ӯ, ин ҳамбастагии сюжети бозӣ бо сатҳи дониши бача, васеъ будани таҷрибаи рӯзгор, амиқтар дарк намудани тарзи зисти калонсолон вобаста аст. Дар ҳақиқат, васеъшавии сюжети бозӣ баробари ифода намудани ҷиҳатҳои гуногуни рӯзгор, бо мазмунҳои дигар гирифтани он низ амалӣ мегардад.

Дар бачагони синнашон калон фаъолияти бозӣ ба таври дигар сурат мегирад. Чунончи як ҳаракат бо ҳаракати дигар ба таври узвӣ пайваст шуда, баъзе ҳаракатҳо тавассути сухан ихтисор мегарданд (“биёед, хуш омадед” на бо ҳаракат балки бо сухан ифода карда мешаванд) ва умумӣ карда мешаванд. Бозиҳои образдор чун маҳсули фаъолияти ҳамкории бачагон ба вуҷуд меоянд. Дар ин синну сол дар интихоби образ низоъ ва кашмакашиҳои байни иштирокчиён кам шуда, ба образ худро муносиб донистан аз рӯйи асбобҳое, ки дорад, барнамеояд (масалан, қалам барои гирифтани образи омӯзгор, ё қайчӣ барои офаридани образи дӯзанда, асос шуда наметавонад), балки аз рӯйи мазмуни бозӣ, нуқтаи назари фаъолияти ҳамкори бармеояд. Дар натиҷа онҳо чун бачагони синни хурди томактабӣ образҳоро иваз намуда, бобати аз як образ ба образи дигар гузаштан беқаророна ҳаракат намекунанд.

Д.Б.Элконин аз рӯйи мазмуни қоидаҳои бозӣ ва вобастагии байниҳамдигарӣ онҳоро ба панҷ гурӯҳ ҷудо мекунад:

1) тақлид ба ҳаракат;

2) бозиҳои драмакунонидашудаи дорои сюжети муайян;

3) бозиҳои дорои сюжети оддӣ;

4) бозиҳои бесюжет аз рӯйи қоида;

5) бозиҳои варзишии ба мақсади амиқ нигаронидашуда.

Омиле, ки бачаро ба бозӣ ҳушдор намекунад, тасаввури ӯ дар бораи ҳастӣ ва муносибати байнишахсӣ аст ва хоҳиши онҳо барои таҷриба

намудани он дар ҳаёти худ, инчунин, мулоқоти бевосита бо ҳамсолон, ки ба таври ҷамоа бозӣ мекунанд, мебошад. Дар асоси таҳлили маълумотҳои фанни психологияи бачагон доир ба ин давраи синну сол ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1) дар фаъолияти бозӣ бача барои пурра намоиш додани ҳаракатҳои гуногун, нишон додани услуби иҷрои онҳо шавқи зиёд дорад;

2) баъдтар барои ба таври умумӣ ифода кардани тамоми ҳатту ҳаракатҳо кӯшиш менамояд.

Баробари калон шудани бача дигарсозии номи ашё ва бозичаҳо, бо номи нав номгузорсозии онҳо осон мегардад. Инчунин, дар вазъиятҳои нав бо тағйирдиҳии номи ҷисмҳо кифоят накарда, имкони бо номи нав истифода намудани онҳо ба вуҷуд меояд. Бо номи нав номгузорӣ кардани ашёе, ки дар фаъолияти бозӣ истифода мебаранд, вазъиятҳои проблемавиро ба миён меорад. Дигаргунсозии номи ашё дар фаъолияти бозӣ бо моҳияти психологии худ ҳолати мураккаб ба шумор меравад. Бахусус, дар муносибати байни калима ва предмет дар онҳо ҳаракати вобастаи узвӣ аҳамияти алоҳида касб мекунад.

Дар асоси мулоҳизаҳои болоӣ гуфтан мумкин аст, ки ашёи ифодакунандаи ҳаёт ва фаъолияти калонсолон, такягоҳи моддии ифодакунандаи умумигардонидашудаи ҳаракати онҳо мебошад. Азбаски чунин аст, ривоҷёбии ҳаракати бача дар фаъолияти бозӣ бештар бо мазмуни бозӣ вобаста мебошад. Чунки ҳаракатҳои бача ҳар қадар ихчаму умумӣ бошад, он аз инъикос намудани мазмуни фаъолияти калонсолон дур мешавад. Бинобар ин, вай барои дар амал иҷро кардани муносибати байниҳамдигарии одамон мекӯшад ва барои ин бо ашё ҳаракат карда, барои дуруст ифода намудани муносибатҳои иҷтимоии калонсолон ҳаракат мекунад.

Дар ҳар як бозӣ дар маркази ҳаракатҳои бача фаъолият ва муносибати байниҳамдигарии калонсолон, ифодаи ба худ хоси муомилаи онҳо, такрор намудани он қарор мегирад. Аз рӯйи ҳамин бози аҳамияти иҷтимоӣ касб намуда, барои аз худ кардани донишҳо, таҷрибаҳои амалӣ, одатҳои гуногун, ки дар тӯли асрҳо аз тарафи инсоният офарида шудаанд, ба бача имконият фароҳам меоварад ва дар натиҷа ӯро ба мулоқоти байнишахсҳо ворид мекунад.

## ОМОДАГИИ ПСИХОЛОГИИ БАЧА БА МАКТАБ

Мактаб рафтан дар ҳаёти ҳар як бача воқеаи муҳим аст. Ҳаёти мактаб ба бачагон дари дунёи навро боз мекунад, дар ин давра фаъолияти асосии

бачагон дигар мешавад. Акнун фаъолият ва вазифаи асосии бачагон, ӯҳдадории иҷтимоии онҳо хондан мешавад.

Таҳсил, ки барои бачагони 6-7 сола фаъолияти нав аст, аз онҳо соҳиби сифат ва хусусиятҳои нав шуданро талаб мекунад. Барои фаъолияти хониш дар бача диққати барқарор, зеҳни тез, озодӣ, кордонӣ ва тартиб бояд бошад. Дар натиҷаи аз кӯдакистон ба мактаб гузаштан дар муносибат бо калонсолон низ як қатор дигаргуниҳо ба миён меоянд. Ба мактаб рафтани бачагон аз зинаи ба кӯдакистон рафтани онҳо нисбатан мураккабтар аст. Бояд ҳаминро мавриди назар қарор дод, ки бача баробари ба мактаб рафтан дар ҳолати иҷтимоии ӯ низ дигаргуниҳо мушоҳида мешаванд. Чунки бачагони синнашон ба синни мактабӣ наздик дар боғча "калон" ба ҳисоб мерафтанд. Баъди ба мактаб рафтан, онҳо боз ба қатори "хурдтаракон" дохил мешаванд.

Чунин дигаргуниҳои ҷиддиро, ки баробари мактабравии бачаҳо ба миён меоянд, ба инобат гирифта, онҳоро ба мактаб ҳамаҷониба тайёр кардан лозим аст.

Яке аз вазифаҳои асосии кӯдакистон ба бачаҳо тарбияи ҳамаҷониба дода, сатҳи дониши онҳоро ба зинаи мактабӣ мувофиқ кардан аст. Ин дар навбати худ алоқамандии мустаҳкам ва пайвастаро байни корҳои таълимиву тарбиявии мактаб ва муассисаи таълими томактаӣ тақозо мекунад.

Ба инкишофи ҷисмонии бачагони кӯдаксafton то чӣ андоза эътибор дода шавад, ба рушди ақлӣ ва ахлоқии онҳо низ ҳамон қадар бояд эътибор дод. Ба мактаб рафтани онҳоро ба назар гирифта, дар машғулотҳои гуногуни дидактикӣ ба ривоҷ додани идрок, тасаввур, хотира, хаёл, тафаккур ва иродаи онҳо аҳамияти бештар медиҳанд.

Дар омодасозии бачагон ба таҳсили мактабӣ инкишоф додани нутқи онҳо аз шартҳои зарурӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар омодасозии гурӯҳи бачагони синнашон калони боғча ба масъалаи мукаммал омӯхтани забони модарӣ, ғанигардонии нутқи онҳо, талаффузи дуруст ва тартибдиҳии ҷумлаҳои хубу пурра аҳамият додан лозим аст. Васеъгардонӣ ва ғанигардонии тасаввуроти бачагон дар бораи олами беруна дар асоси инкишоф додани нутқи онҳо бояд амалӣ гардад.

Дар ин синну сол дар бачагон доир ба истилоҳоти макон (дур, наздик, рост, чап, калон, хурд), дар бораи доира ва давра, тасаввур дар бораи вақт ва ахлоқ (нағз, бад, рост, дурӯғ, шарм) тафаккур пайдо мешавад. Ғайр аз ин, бача аз ҷиҳати ҷисмонӣ низ инкишоф меёбад. Системаи асаб, майна, мушакҳо, дастҳои ӯ боз ҳам ривоҷ меёбанд ва шакл мегиранд. Дар ин давра характер ва хусусиятҳои ба худ хоси индивидуалии бача ба чашм мерасанд.

Боиси таваҷҷӯҳ аст, ки ҳамаи тарбиятгирандагони муассисаҳои таълими томактабӣ, ки ба синни мактабӣ расидаанд, баробар тайёр намешаванд. Баъзе

бачагон пас аз мактаб омадан, зуд ба шароит мувофиқ намегарданд. Дар онҳо барои таҳсил гирифтан як хусусияте норасоӣ мекунад гӯё. Дар ҳамин маврид саволе ба миён меояд: бачагонро каӣ аз ҷиҳати психологӣ барои таҳсил дар мактаб омода гуфта метавонем? Мувофиқи андешаи баъзе равоншиносон, бача барои дар мактаб таҳсил гирифтан дорои тасаввуроти боӣ дар бораи ашёву ҳодисаҳо ва аз ҷиаҳти ақлӣ дар сатҳи муайян инкишофёфта бояд бошад. Аммо дар ҳаёт шоҳиди чунин воқеаҳое мегардем, ки гоҳо бачагони дорои тасаввуроти ғанӣ ва ҳатто навиштану хонданро медонистагӣ ба таҳсил дар мактаб тайёр намешаванд. Онҳо талаботи мактаб ва омӯзгоронро иҷро карда наметавонанд. Баръакс, баъзе бачагоне, ки дорои тасаввуроти лозима нестанд, дар мактаб фаъол мешаванд. Лекин барои таҳсил дар мактаб аз ҷиҳати ақлӣ дар сатҳи муайян ривоҷ ёфтан яке аз шартҳои муҳимтарин ба шумор меравад. Аммо ин далели ҳалкунандае нест, ки ба таҳсил омодагии бачаро муайян созад. Чунки дар ин ҷо масъалаи синну сол низ мавҷуд. Гурӯҳи дигари олимон таъкид мекунанд, ки асоситарин омили муайянкунандаи омодагии бача ба таҳсил дар мактаб, ин сифатҳои иродавии ӯ мебошад. Ин андеша танҳо яктарафа аст.

Давраи ба синни ҳафт расидан ба анҷоми давраи кӯдакӣ рост меояд. Аз ҳамин давра дар бачагон эҳсоси худшиносӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, ҳангоми ба синни ҳафт расидани бачагон ба хониши системавӣ гузаштан мувофиқи мақсад аст. Назар ба андешаи К.Д.Ушинский, омодагии бача барои таҳсил дар мактаб на бо сатҳи тараққиёти протсессҳои психикӣ, балки бо дараҷаи тараққиёти умумии шахсияти бача муайян карда мешавад.

Дар бачагон аз синни 5-6 солагӣ оғоз намуда, шуури шахсӣ таркиб меёбад. Ин дар чунин ҳолатҳо намоён мешавад, ки бачагон барои муқаррар намудани ҷойи худ дар муҳити иҷтимоӣ, боз ҳам мустаҳкамтар ва наздиктар намудани муносибат бо калонсолон ҳаракат мекунанд. Бачагони синни калони боғчаҳо пеш аз ба мактаб рафтан дар бораи мактабхонӣ орзу мекунанд. Чӣ гуна будани мактабро аз калонсолон зуд-зуд мепурсанд. Барои аниқ донистани вақти мактабравии худ ҳаракат менамоянд. Агар ягон нафар дӯсташон мактаб равад, ба он аз таҳти дил ҳавас карда, барои дар кӯдакистон мондани худ афсӯс мехӯранд. Дар бачагони синни калони боғчаҳо пурзӯр шудани хоҳиши мактабравӣ ифодаи конкрети ҳаракати онҳо барои азхудкунии муносибатҳои нави иҷтимоӣ мебошад.

Ҳамин тавр, омодагии бача ба таҳсил дар мактаб яке аз зинаҳои камолоти иҷтимоии шахс ба ҳисоб меравад. Аммо ба ин зинаи тараққиёти иҷтимоӣ бача худ аз худ намебарояд. Ӯро ба ин зина муҳити таълиму тарбияи боғча ва оила мебарорад.

Бача ба синни ҳафт расида, аз ҷиҳати ҷисмонӣ хуб инкишоф меёбад, барои идора намудани худ, аз ҳаракатҳои нодуруст худдорӣ кардан, азхудкуии қоидаҳои хулқу рафтор ҳаракат мекунад. Ӯ худро идора карда метавонад. Мувофиқи қувваи худ меҳнат мекунад. Масалан, вазифаи навбатдориро дар боғча бе ягон мушкилӣ иҷро менамояд. Дар ҷамоа зистанро меомӯзад. Таҷрибаи рӯзгори бача то рафт зиёд гардида, номи ашёи зиёд ва тарзи истифодаи онҳоро меомӯзад. Хотира ва тасаввуроташ мустаҳкам гардида, шеър ва ҳикояҳои зиёдро аз хотир медонад. Нутқи бача ба дараҷаи муайян ривоҷ ёфта, ӯ бо дӯст ва наздикони худ бемушкилӣ сӯҳбат карда метавонад.

Эҳсосоти бачагони ҳафтсола хеле пурзӯр мешавад. Хайрхоҳӣ, раҳмдилӣ, дӯстӣ барин эҳсосот мустаҳкамтар мегардад.

Дар ин давра дар бача ҳаракатҳои гуногун ташаккул ёфта, ӯ дар истифодаи қайчӣ, сӯзан ва қалам таҷриба пайдо мекунад. Аммо дар ин давра низ дар бача фаъолии бахтиёрӣ хеле устувор аст. Аз ин сабаб, ашёе, ки барои бача шавқовар аст ва ба ӯ таъсири амиқ мерасонад, диққати вайро бештар ҷалб менамояд. Дар ин синну сол низ бозӣ аҳамияти калонро соҳиб аст. Дар ҷараёни бозӣ бача барои идора намудани худ, мувофиқсозии ҳаракатҳояш ба қоидаҳои бозӣ, ҷавобгарӣ, боло гузоштани манфиати ҷамоа одат мекунад. Ин хислатҳо барои ба меҳнати таҳсил гузаштан аз хислатҳои зарурӣ ба шумор мераванд. Дар ҷараёни бозӣ ақлу идрок, зеҳн ва хусусиятҳои дигари психикии бача ривоҷ меёбад. Инҳо дар навбати худ барои таҳсили бача дар мактаб заминаи психологӣ мегарданд. Дар омодасозӣ ва мустаҳкамсозии ин замина корҳои таълиму тарбиявие, ки дар муҳити оила ва кӯдакистонҳо амалӣ мегарданд, аҳамияти ҳалкунандаро доранд.

Инкишофи минбаъдаи бачагон аз ҷиҳати психологӣ, ки синни ҳафтро пур карда, ба мактаб рафтаанд, бо корҳои таълимӣ-тарбиявии мактаб ва оила вобаста аст.

Омодагии психологӣ ба таълим, ин муносибии бача ба талаботҳои объективӣ ва субъективии мактаб мебошад. Ӯ ба таълими мактабӣ нахуст аз ҷиҳати психологӣ тайёр мешавад. Бинобар ин, психикаи ӯ барои илм гирифтан дар сатҳи муайян инкишоф меёбад. Бачаҳои ин синну сол бо суръатнокӣ, равшанӣ, шаффофият ва дақиқии идрок, шавқмандӣ, дилкашӣ, хайрхоҳӣ, зудбоварӣ, хубии тафаккур аз бачагони дигар синну сол фарқ мекунанд. Дар бачае, ки ба таълими мактабӣ омода аст, диққат нисбатан дарозмуддат ва шартӣ барқарор мегардад. Хусусиятҳои диққати бача дар бозиҳои образдор ва сюжетдор, машғулотҳои расмкашӣ ва сохтани бозичаҳо аз гилу пластилин, идрок ва фаҳмидани нутқи дигарон, ҳалли амалҳои

математикӣ, шунидан ва гуфтани ҳикояҳо намоён мешавад. Бача барои дар атрофи объекти муайян ҷамъ кардани диққати худ ҳаракат мекунад.

Хотираи ӯ хусусияти дар хотир гирифтан, нигоҳ доштан ва ба хотир овардани маълумот ва ҳодисаҳоеро, ки барои кас тааҷҷубовар, шавқовар, аҷибу ғароиб аст, соҳиб мебошад.

То ин давра бо роҳбарии бевоситаи калонсолон ин ва ё он маълумотро дар хотир нигоҳ дошта бошад, акнун бо хоҳишу иродаи худ барои ҷамъ овардани маълумотҳои зарурӣ, дар назди худ гузоштани мақсад ва вазифаҳои аниқ ҳаракат мекунад.

Ҳамин фаъолии бача аз он гувоҳӣ медиҳад, ки хотираи ӯ ба дараҷаи муайян ривоҷ ёфтааст. Барои дар хотир нигоҳ доштани шеър, ҳикоя ва афсонаҳо бисёр такрор карда, истифодаи бача аз методҳои самаровар ва қулайи азхудкунӣ дар ҷараёни таълим ба ӯ ёрии калон мерасонад. Хонандаи синфи якум бештар ба хотираи образдор такя намуда, фаъолияташро ташкил кунад ҳам, ин кор намудҳои дигари хотираро инкор наменамояд. Баръакс, таълим хотираи мантиқиро тақозо мекунад. Калима – мавҷудияти хотираи мантиқиро фаҳмонда, барои афзунсозии самарадории ҷараёни дар хотир нигоҳ доштан имконияти васеъ фароҳам менамояд. Аз таҷрибаҳо аён аст, ки бача аз калимаҳои бемаъно дида, истилоҳоти маънодорро як дараҷа тез ва мустаҳкамтар дар хотир нигоҳ медорад. Нутқи ӯ дар зинаи омодагӣ ба таълими мактабӣ барои бо калонсолон мулоқот оростан, дарки фикрҳои атрофиён ва дуруст идрок намудани он, ба қоидаҳои грамматикӣ мувофиқат кардани ҷумлаҳои онҳо, аз ҷиҳати мантиқӣ бардавом, ифоданок ва аз лиҳози миқдору доирот кофӣ мешавад. Бача дар бораи дидаҳояш ва шунидаҳояш маълумотҳоро дуруст мефаҳмад. Ахбореро, ки дар худ дорад, аз рӯйи тартиби муайян баён карда метавонад. Аз амалиёти фаъолияти ақлӣ дар мавриди худ истифода мебарад (муқоиса мекунад, дақиқ менамояд, умумӣ мегардонад ва барои ҳукму хулосабарорӣ ҳаракат мекунад).

Вақте, ки дар бораи омодагии психикии бачаи шашсола сухан меравад, ғайр аз инкишофи психикӣ, ки барои таълими ибтидоии дар асоси нақшаи муайян, ботартиб, ба мақсадҳои зиёд равонакардашуда, бо ҳамдигар мантиқан вобаста ва бардавом, вазифаи заминаро иҷро мекунад, ба ҳисоб гирифтани омилҳое чун тарзи зисти бача ва фарқиятҳои фаъолият, шароитҳо, омодагии бача аз ҷиҳати услубӣ, азхудкунии таҷрибаҳои оддӣ, мувофиқи мақсад аст.

Фикрҳое, ки дар боло зикр намудем, тарафи объективии омодагии психологии бачаро ба таълими мактабӣ ифода мекунад. Тарафи субъективии омодагии психологии бача ба таълими мактабӣ низ вуҷуд дорад.

Хоҳиш ва ҳаракати ӯ барои таҳсил дар мактаб ва мулоқот бо калонсолон бо ин омодагӣ вобастагии узвӣ дорад.

## МАВЗӮЪИ 22. ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ АҚЛ ДАР СИННИ МАКТАББАЧАИ ХУРДСОЛ

Давраи хурди мактабӣ аз 6-7 сол то 9-10 сол давом мекунад. Дар ин давра кӯдак бо талаботҳои мухталифи мактаббачагон шинос мешавад, аз ҷиҳати биологӣ ва равонӣ барои омӯхтани асосҳои илм омода мешавад. Рӯҳияи ӯ то ҷое рушд мекунад, ки дониш ба даст меорад.

Кӯдаки ин синну сол аз кӯдакони синну соли дигар бо буррой, возеҳӣ, тозагӣ, саҳеҳии дарк, кунҷковӣ, эътимод, равшани тахайюл, қувваи хотира, танҳоии тафаккур фарқ мекунад. Дар кӯдаке, ки ба мактаб омодагӣ мебинад, таваҷҷӯҳ нисбатан дарозмуддат ва шартӣ устувор аст. Фаъолияти асосии кӯдакони синфҳои ибтидоӣ хондан аст. Вақте ки кӯдак бори аввал ба мактаб медароянд, вай бо атрофиён муносибати нави психологӣ мегузорад.

Вай эҳсос мекунад, ки ҳаёти ӯ ба куллӣ тағир ёфтааст, ӯ масъулиятҳои нав дорад, на танҳо ҳар рӯз ба мактаб рафтан, балки ба талаботи фаъолияти таълимӣ низ итоат кардан. Далели он, ки аъзои оила ба фаъолияти омӯзишии кӯдак, дастовардҳо, инчунин назорат аз болои ӯ, муносибат ва муносибати нав ба ӯ, эҳсоси тағир ёфтани мақоми иҷтимоии ӯ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд.

## РУШДИ РӮҲИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Дар арафаи мактаб луғати кӯдак то дараҷае меафзояд, ки ӯ тавоноии худро баён кунад.

Агар кӯдаки муқаррарии инкишофёбанда дар ин синну сол дар нутқи худ 500-600 калима истифода кунад, кӯдаки шашсола 3000-7000 калимаро истифода мебарад.

Нутқи кӯдакони синфҳои ибтидоӣ асосан аз исмҳо, феълҳо, сифатҳо, рақамҳо ва аз пайвандакҳо иборат аст. Кӯдакони ин синну сол метавонанд бигӯянд, ки кадом калимаҳоро дар нутқи худ истифода кардан мехоҳанд ва кадомашро наметавонанд. Кӯдаки 6-7 сола метавонад дар системаи мураккаби грамматикӣ ҳукмҳо тартиб диҳад.

Дар тӯли кӯдакӣ, қобилияти суханронии кӯдак ба фаъолият табдил меёбад.

Тараққиёт ва тарбияи иродаи мактаббачаи хурдсол:

Ташаккули қобилияти амалҳои иродави ҳанӯз аз давраи ибтидои кӯдаки сар мешавад. Ташаккули ирода аз лаҳзаи ҳаракатҳои ихтиёриро аз худ намудани бача (ҳангоми бо бозичаҳо ва бо предметҳои дастрас амал кардан) сар мешавад. Рафтори иродавии худи бача аз ҳамон вақт ба шакл гирифтан

сар мекунад, ки агар бача ҳаракатҳои ихтиёриро умуман не, балки ҳаракатҳои ихтиёри ва амалҳои оддитаринеро иҷро кунад, ки онҳо бо бартараф намудани душвориҳо алоқаманд баланд, яъне амалҳоеро, ки барои ӯ бевосита шавқманд набуда, балки бо талаби ҳаёт иҷро карда мешаванд.

Иродаи бачаи синни томактаби ҳангоми иҷрои супоришҳои оддии меҳнати ҳангоми дар рафти барои худ ва барои дигарон тайёр кардани чизе бартараф намудани мушкилиҳои муайян тараққи мекунад. Иродаи бачаи синни томактаби дар бозиҳои коллективона дар рафти ба коллектив ва ба қоидаҳои бози итоат кардан, майлҳои бевоситаро боздоштан низ тараққи мекунад. Ба тартиби бози рафторашро тобеъ гардонидани бача мактаби муҳимми ташаккул додани амалҳои иродавӣ мебошад.

Ирода танҳо дар сурати бартараф намудани душвориҳо тарбия карда мешавад, бинобар ин он кӯшишҳои баъзе падару модарон, ки барои нест кардани ҳамаи душвориҳои роҳи ҳаётии кӯдак нигаронида шудаанд, барои зуҳуроти кӯшишиҳои иродави ва бартараф намудани душворию монеаҳо саъю кӯшиш намудани онҳо мусоидат намекунанд. Тарбия намудани ҳиссиёти масъулиятноки ва вазифашиноси шарти муҳими тарбияи ирода мебошад.

Барои тарбияи иродаи мактаббачаи хурдсол ибрати шахсони калонсол ва дар навбати аввал ибрати муаллим ва падару модар аҳамияти ниҳоят калон дорад. Иродаи мактаббачаи хурдсол бо роҳи ба кор ва рафтори одамони боирода тақлид намудан низ тарбия карда мешвад. Бинобар ин намунаи мусбате, ки бача ба он пайрави мекунад (масалан, рафтори иродавии муаллимон, падару модарон, қаҳрамонони китобҳою кинофилмҳо), аҳамияти калони тарбияви дорад.

Фарзанди инсон ҳамчун мавҷудоти биологӣ ба дунё меояд, дорои тафаккур нест ва худ ҳоло фикр намекунад.Барои он ки кӯдак фикр кунад ва ягон масъалаи содатарро ҳал намояд, зарур аст, ки дар ӯ мураббия ва калонсолони оила таҷрибаи ҳиссӣ ва  амалиашро рушду нумӯъ диҳанд. Таҷрибаи ҳиссӣ ва фаъолияти амалӣ , ки кӯдак дар рафти таҷрибаи ҳаётӣ пайдо менамояд, он ба кори хотир алоқаманд аст. Дар охири яксолагӣ дар кӯдак аввалин аломатҳои тафаккури содаро мушоҳида кардан мумкин аст. Шарти асосии рушди тафаккури кӯдакон ба таълиму тарбияи мақсаднок вобаста аст. Дар рафти тарбия кӯдак тарзи амал намуданро бо предметҳо ,идроки амал бо предметҳо ва истифодаи нутқ ёд мегирад. Ҳамчунин мустақилона ҳал намудани супориш ва машқҳои содатар ва баъдтар ҳалли масъалаҳои мураккабтарро меомӯзад.

Дар рафти фаъолият кӯдак дар асоси супориш, пешниҳоди талаботи калонсолон ва мувофиқи амру хоҳиши онҳо амал намуданро ёд мегирад.

Рушди тафаккур дар асоси пайдарпай васеъ шудани донишу тасаввурот вобаста аст. Таҳти роҳбарии калонсолон кӯдакон бо тарзу воситаҳо ва шаклҳои фикр кардан одат мекунанд. Дар баробари ин дар кӯдакон талабот ва шавқу ҳавас ба иҷро намудани супоришҳо ва ҳалли масъалаҳои характери маърифатӣ дошта инкишоф меёбад. Тафаккур аз рӯзи ба дунё омадани кӯдак то дар қайди ҳаёт будан инкишоф меёбад ва тағйироти миқдорию сифатиро аз сар мегузаронад. Воситаи асосӣ ва муҳими рушди тафаккур фаъолият маҳсуб меёбад. Дар ҳар як зинаи тараққиёти синнусолӣ ва психологӣ тафаккур хусусиятҳои фарққунанда дошта, ба таври гуногун рушд меёбад.

Дар зинаи барвақти бачагӣ тафаккур дар шакли идроки амал бо предметҳо, ашёҳо, асбобҳои рӯзгор зоҳир шуда, ба ҳалли масъалаҳои конкретӣ ( мушаххас) равона мегардад.

Хаёли бачагони сини томактаби характери ғайриихтиёрӣ дорад. Предмету ашёҳое,ки ба шууру ҳисёти бача чуқур асар кардааст ва дар ин замина ӯ ҳикояву афсонаҳоро бафта мебарорад. Бо вуҷуди ин мазмун ва мундариҷаи хаёли бачагон ба диққати ихтиёрӣ ва хотираи ихтиёрӣ алоқаи қавӣ дорад. Он чунон,ки дар боло ишора кардем ба тараққиёти хаёли кӯдакон бозӣ ва фаъолияти пурмаҳсул таъсири мусбат дорад.

Пеш аз ҳама дар рафти бозӣ протсессҳои психикӣ: эҳсос, идрок, диққат, хотира, тафаккур, тахайюл ва ҳиссиёту ирода зоҳир мешавад. Хаёл барои рушду ташаккули сифатҳои шахсияти бачагон аҳамияти боғо ят калон дорад. Ғайр аз ин, барои инкишофи хаёли эҷодӣ ва азнавсозии бачагон машғулиятҳои расмкашӣ, кулолӣ (лепка), мусиқӣ, ҳисоб, муҷассамасозӣ, сайру саёҳат ва бозиҳои гуногун нақши муҳим мебозад.

а) Хусусиятҳои рушди хаёл дар кӯдакони синну соли барвақти-бачагӣ.

Дар синни 2-солагӣ аввалин нишонаҳои хаёл дар рафти фаъолияти сермаҳсули кӯдак он мушоҳида карда мешавад.

Инчунин зуҳуроти аввалин образҳои хаёлӣ дар фаъолияти бачагони 3-сола нақши муҳим мебозад.Барои рушди хаёл таъсири муҳити иҳотакард агон, ҳамсолон ва калонсолон хеле ҳам калон аст, зеро маҳз онҳо мунтазам донишу таҷрибаи бачагонро бой мегардонанд ва барои инкишофи хаёл заминаи воқеӣ мегузоранд. Дар нигоҳи аввал ба назар чунин менамояд, ки гуё хаёли кӯдакони синни томактабӣ нисбат ба бачагони синнашон калонтар беҳтар тараққӣ кардааст.

Ҳанӯз К.Д. Ушинский гуфта буд, ки барои кӯдакон чизи ғайриимкон аз он сабаб вуҷуд надорад,

ки онҳо ҳоло имконпазирӣ ва ё вуҷуд надоштани чизҳоро намедонанд. Маҳз аз ҳамин сабаб бачагони синни хурди томактабӣ дар бисёр маври дҳо образи хаёлиро аз чизи воқеӣ фарқ карда наметавонанд. Ҳатто онҳо дар рафти бозӣ образҳои фантастикиро аз ҳақиқат фарқ намекунанд. Дар ин давраи тараққиёти синнусолӣ хаёли кӯдакон дар зери таъсири м уносибатҳои оилавӣ ва дар рафти бозиҳои гуногуни шавқовар аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ инкишоф меёбанд.

Масалан, бачагон аз коғаз ҳар гуна бозичаҳо тайёр мекунанд ва расмҳои асп, фил, уштур, бӯз, гӯсфанд кабк ва дигар ҳайвоноту ашёҳо ва чизҳои дигаре,ки моро фаро гирифтаанд дар рӯи коғаз онҳоро тасвир менамоянд ва ғайраҳо.

**Маром (мотив)** – баҳона, манбаъ, сабаби ботинии барангезанда ва водоркунандаи рафтор ё кирдори одам мебошад. Маром ва мақсад. Мақсад маҳсули эҷоди тасаввурӣ ва ҳунар аст. Мақсад мувофиқи қонуният барои хонандагон низ фаҳмост. Ҳангоми дарс мақсад дар шакли аниқ бояд гузошта шавад. Маромҳо бошад ба хонандагон, ҳатто ба омӯзгорон низ на ҳамеша фаҳмо мешаванд.

Аз рӯйи ба кадом самт равона гардидани маром дар бача фикрҳои гуногун пайдо мешаванд. Бача мисол ҳал мекунад ва мақсади ӯ ҳалли масъаларо ёфтан аст. Маромҳо бошанд ҳар хел мешаванд. Омӯхтани роҳи ҳалли масъала мароме барои овора накардани омӯзгор ё ки бо баҳои аъло хурсанд намудани падару модар шуданаш мумкин аст. Дақиқтараш мақсад дар ҳар гуна ҳолат танҳо боқӣ мемонад. Маром мувофиқи характери ҷараёни таҳсил дигар мешавад, яъне муносибати бача ба таҳсил низ ба ин вобаста аст. Агар бача барои ҷазо ё баҳои ғайриқаноатбахш нагирифтан хонад, он хониши маҷбурӣ мешавад ва хурсандиву худбоварии бачаро маҳдуд месозад.

А.Н.Леонтев маромро ба ду гурӯҳ: дорои таъсири фаҳмо ва реал ҷудо мекунад. Хонанда зарурати хонданро мефаҳмад, аммо ин хонанда бо илмомӯзӣ машғул намешавад. Маромҳои фаҳмо дар якчанд ҳолат дорои таъсири реалӣ мегарданд. А.Н.Леонтев як мисолро аз назар мегузаронад. Хонандае, ки ба синфи якум меравад, барои иҷрои вазифаҳои хонагӣ ҳаракат мекунад. Ӯ зарурати дарс карданро надонад ҳам, ранҷондани волидонашро ва баҳои ғайриқаноатбахш гирифтанро намехоҳад ва илм омӯхтан вазифаи ӯ буданашро медонад. Аммо барои дарс кардани ӯ ин ҳама камӣ мекунад. Тахмин мекунем, ки ба бача чунин гуфтанд: То дарсатро аз худ накунӣ, ба кӯча намебароӣ!

Аз ин ҳаракат бача мутаассир гардида, дарсашро иҷро менамояд. Барои шуури бача маромҳои дигар низ мавҷуданд (баҳои хуб гирифтан, иҷрои ӯҳдадории худ), лекин ин маромҳо фаҳмоянд. Инҳо барои хонанда

таъсиргузории психологӣ надоранд, фаҳмиши ҳақиқӣ мароми дигар аст. Ба даст оврадани имкони бозӣ карда омадан. Бача ин маромро на танҳо қонеъ мекунад, балки дарсро низ ба таври аъло иҷро карда, баҳои хуб мегирад ва муддате гузашта аллакай бача бо хоҳиши худ дарс иҷро менамояд. Мароми нави амалӣ ҳосил мешавад. Барои баҳои аъло гирифтан дарс мекунад – ана ҳамин мақсади асосии дарстайёркунӣ ба ҳисоб меравад. Дар анҷом А.Н.Леонтев чунин мегӯяд: "Дар тарбияи бача пайдо кардани маромҳои фаҳмо ва реал, магар қуллаи охирини тарбия нест. Тавассути ин ҳама ба миён овардани дигар маромҳои дар ҳаёт зарурӣ, асоси ташаккул додани истеъдоди онҳо мебошад".

Қабул кардан ва накардани маромҳо мумкин аст. Назар ба андешаи А.Н.Леонтев хоҳиши хоҳаму нохоҳам дар бачагон маҳсули мароми нағз ё бад шуда метавонад. Ҷараёни таҳсил дар бача бо як маром намегузарад. Аз як чанд сохторе иборат аст, ки ҳамдигарро пурра месозанд. Дар ҷараёни таҳсил ҳаммаи маромҳо на чун як маром нишон дода мешаванд. Яке асосӣ ва дигаре дуввум дараҷа мешавад. Ҳаммаи маромҳо ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: гурӯҳи аввал дар рафти хониш намоён шуда, бо қабул ва фаҳмиши дарс вобастаанд. Гурӯҳи дуввум берун аз ҷараёни дарс буда, танҳо ба натиҷаҳои хониш вобастаанд. Ин гуна маромҳо иҷтимоӣ шуда метавонанд (бо баҳои аъло хатм кардани мактаб, дохил шудан ба муассисаҳои таълими олӣ, дар оянда хуб кор кардан) ва маромҳои кӯтоҳ муддат низ мешаванд: мароми муваффақ будан.

Корҳои тадқиқотӣ ҳаминро нишон медиҳанд, ки дар ҷараёни таҳсил маромҳои таҳсилгирӣ ягон аҳамият надоранд. Мувофиқи натиҷаи санҷишҳои мо дар ҷойи якум маромҳои васеи иҷтимоӣ, дар ҷойи дуввум маромҳои кӯтоҳмуддат ва дар ҷойи сеюм маромҳои хонишӣ қарор мегиранд.

**Маромҳои васеи иҷтимоӣ:** дар сохтори маром, мегӯяд Л.И.Бохович – дар синни хурди мактабӣ барои бедор кардани шавқи таҳсил маромҳои иҷтимоӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд, нигоҳи мусбии бачагонро ба ҷараёни таҳсил муқаррар намуданаш мумкин аст.

Бача дар таҳсил мавқеи худро дар ҷамъият мефаҳмад ва ин омодагии бачаро барои таҳсил дар мактаб нишон медиҳад. Ин маромҳо натиҷаи таъсири иҷтимоӣ мебошанд. Падару модар, боғчаи бачагон барои дар кӯдак пайдо шудани барқарории иҷтимоӣ саҳми арзанда доранд. Бача мефаҳмад, ки барои дар оянда инсони нек шудан, соҳибхирад ва бомаданият шудан, хондан лозим аст.

Бачаи хурдсоли мактабхон бо имрӯзи худ зиндагӣ мекунад. Ҳаминро ба назар гирифта, ҷараёни дарсро бояд чунин ташкил кард, ки натиҷаҳои худро бубинад. Бача бояд ҳар рӯз натиҷаи дар дарс омӯхтаҳои худро мушоҳида

кунад, афзудани донишашро дарк намояд. Бача корҳоеро, ки иҷро мекунад, маълумотҳоеро, ки медонад ё бехабар аст, кадомро мутолиа карду кадомеро хонданаш лозим аст, бояд барои худ муқаррар кунад ва ба худ ҳисобот диҳад. Бачагон мароми ӯҳдадорӣ ва ҷавобгариро аз рӯзи аввал намефаҳманд. Эҳсоси ҷавобгариро дарк намудани хонандагони синни хурди мактабӣ тавассути тадқиқотҳо муайян карда мешавад. Танҳо 25 фоиз бачагон таъкид мекунанд, ки "ҷавобгарӣ – иҷро намудани тамоми талаботи омӯзгор аст". Онҳо ҷавобгар набуданро беҳтар мефаҳманд (33 фоиз бачагон ҷавобгар набуданро иҷро накардани вазифаҳо медонанд).

Дар аксар маврид бачагон камбудиҳои худро намебинанд. Хурдсолон роҳиислоҳи онҳоро намеёбанд. Аксаран бачагон сабаби хатоҳои худро аз дигарон медонанд. Аз ин рӯ, барои дарки эҳсоси мусбии бачагон ба таҳсил ва афзунсозии ҷавобгарии онҳо, аз илмҳои махсус истифода намудан лозим аст.

Дарки зарурияти хондан, дониш андӯхтан корӣ шахсӣ набуда, бачагон мавриди таваҷҷӯҳи кишвар будани онро бояд хуб фаҳманд (бачагони синни хурди мактабӣ ба ин камтар эътибор медиҳанд). Дарки эҳсоси ҷавобгарӣ барои идораву идрок ва баҳо додан ба худ имкон медиҳад. Аз ин рӯ, таҳсилро фаҳмо ташкил намудан, ба нақша гирифтан, аз дарс парешон нашуда, иҷрои онро назорат кардан лозим аст. Дар ақлу хирад намоён кардани дарки эҳсоси ҷавобгарӣ, амал намудан ба навбати маромҳо мебошад.

**Роли мақсад дар таҳсили маромдорӣ:** бачагони синни хурди мактабӣ худро андак идора намуда, бо чӣ мақсад омадани худро мефаҳманд. Агар материали пешкашгардида душвор ва барои бача шавқовар набошад, батамом аз байн рафтани завқовариро мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар ҳамин маврид бояд гуфт, ки маром дар ҷойи худ ба вуҷуд омада, дар бачагон майлро барои иҷрои алоҳидаи амалҳо ифода мекунад. Лекин вай худ аз худ пайдо намешавад. Барои пайдо гардидани он, бояд мақсади омӯзгор ба маромҳо асосноконида ва мароми хонанда ба қабули онҳо равона карда шавад. Дар таҷрибае, ки дар синфи якум ба таври махсус гузаронида шудааст, 30 фоиз мақсадро ба назар гирифта, ҳадафи аз тарафи экспертҳо гузошташударо иҷро карда тавонистанд. Барои амалӣ намудани мақсад ва ба марра расидан, бача на танҳо иштирок намуданаш, балки таҳлил ва муҳокима карда тавонистанаш низ аҳамияти муҳим дорад. Экспериментаторҳо ба бача дар тӯли 7 дақиқа аз 8 машқ иҷрои 3-тои онро таклиф карданд. Аз 31 нафар хонанда танҳо 14 нафар кори пешниҳодгардидаро хуб иҷро намуданд. Натиҷаҳои бадастомада аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳамаи бачагон ҳам мақсади аз тарафи экспериментатор гузошташударо такрор карда наметавонанд (инро 12 нафар бача иҷро кард, 7 нафар доир ба тарзи иҷрои машқ савол доданд), 15 нафар шавқоварии мисол ва душвории онро гуфта

қабул намуданд, ки сазовори диққат мебошад. Ин гурӯҳҳое буданд, ки мисолро ҳал карда натавониста, ба мақсаде, ки дар наздашон гузошта шуд, амал накарданд. Ин ҳолат дар хонандагони синни хурди мактабӣ бештар ба назар расида, дар натиҷаи муайян накардани мақсад ба миён меояд. Аз ин ҳисоб дар ҷараёни таҳсил мақсад аниқ, фаҳмо ва ба маромҳо асосоноконидашуда бояд бошад.

Таҷрибаи гузаронидаи Л.С.Славина ба ҳамин мақсад равона карда шудааст. Ӯ ба бачагони синни хурди мактабӣ як равияро таклиф мекунад (масалан, дар дохили доира гузоштани нуқта дар ҳолате, ки доираҳо дар дохили квадрат гузошта шудаанд).

Дар ҳар як квадрат қариб 100-то доира, дар як варақ 15 квадрат ё ки 1500 доира мешавад. Дар қисми аввал ба бачагон 2,5-то роҳхати назоратӣ дода шуд. Нахуст ба бачагон зарурияти дар дохили доира гузоштани нуқтаҳои зиёд супориш дода шуд. Ҳамзамон, ба бача фаҳмонида шуд, ки ҳар қадаре мехоҳад нуқта гузорад ва дар вақти дилхоҳ ин амалро боздорад.

Дар қисми дуввум мақсад ба таври аниқ равона карда шуд. Дар дохили доираи чандин квадрат гузоштани нуқта супориш дода мешавад. Дар ин ҳол бача ё аз кор сар мекашад, ё ки ба кор дигаргунӣ дохил карданро мепурсад. Оҳиста-оҳиста кам шудани ҳаҷми кор мушоҳида мешавад. Дар қисми дуввум ин натиҷаҳо дигар шуда, ҳаҷми кори бача меафзояд ва нисбати қисми якум бештар корро иҷро мекунад.

Аз ин бармеояд, ки ҳаҷми кор бо вақте ки гузошта шудааст вобаста мебошад. Агар мақсад бе зарурате бошад, он ба кор ҳеҷ гоҳ ёрӣ намерасонад ё ки пеш рафтани он мушкил мегардад. Баъд аз ин бача аз иҷрои кор саркашӣ мекунад. Агар машқ аниқ бошад ва дар муддати кӯтоҳ иҷро шавад, бача барои иҷро намудани кори бештар ҳаракат менамояд. Бешубҳа ин омил, аниқ равона карда шудани мақсад ва идораи анъанаи маромдорӣ, ба ҷараёни аниқ равона кардани он мусоидат менамояд. Барои ба даст овардани натиҷаи аз ин ҳам хубтар, мақсад ва самарадории он аз аввали кор бояд пеш гузошта шавад. Бача ин гуна амалро бе ягон дилтангӣ иҷро карданаш мумкин аст.

Равона шудани мақсад ба ҳаҷми кор вобаста буда, қувваи бедоркунандаро ҳосил менамояд. Агар ҳаҷми кор аз ҳад зиёд калон бошад, мақсад шакли ноаёнӣ мегирад. Барои бачагони синни хурди мактабӣ коре, ки шавқовар нест, чун кори бемақсад ба назар мерасад.

Дар хонандагони синни хурди мактабӣ баҳоҳои маромдорӣ аҳамияти калон доранд. Ҷустуҷӯйҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки хонандагони синфи якум ва дуввум роли баҳоро хуб мефаҳманд. Вобастагии байни дониш ва баҳоро теъдоди ками онҳо хуб намефаҳманд. Баҳои аксари бачагон падару модар, хонанда ё ки омӯзгоронро хурсанд ё худ хафа намуданаш мумкин аст.

Гарчанд ҳаммаи бачагон қадри баҳоро намедонанд, аксар барои он кор мекунанд. Агар ба бачагон савол диҳед, ки барои баҳо ва ё шавқ мисол иҷро мекунанд ва ба онҳо имкони интихоб диҳед, аксар баҳоро интихоб мекунанд. Баҳо обрӯи бачаро дар назди ҷомеа метавонад боло бардорад. Аз ин рӯ, онҳо на барои хоҳиш, балки барои нигоҳ доштани мавқеашон дар ҷомеа низ ҳаракат мекунанд. Бачаи синни хурди мактабӣ барои баҳои аъло гирифтан ҳаракат карда, барои баҳогузории натиҷаи худ ноил мешавад. Назар ба фикри Ш.А.Амонашвили қариб 78 фоизи бачагон аз баҳои гирифтаи худ норозӣ ба хона бармегарданд. Онҳо фикр мекунанд, ки ҷавоби онҳо хуб буд, аммо ба ӯ баҳои қаноатбахш гузоштанд. Гурӯҳи дигар ба бетолеъ будани худ одат карда, бовариро гум мекунанд ва ба баҳои гирифтаашон бефарқ мешаванд. Аз ин рӯ, бачаи синни хурди мактабӣ бояд фаҳмад, ки ин баҳо сатҳи дониш ва нишондоди азхудкунии ӯро ифода мекунад. Мароме, ки нишон дода мешавад, барои муаллим сазовори диққат бошад, дар бача ҳолатҳои эгоистӣ ба миён меояд ва ба тарафи бад майл карданаш мумкин аст. Дар аксари мактабҳои Грузия таҷрибаи баҳогузорӣ накардани хонандагони синни хурди мактабӣ ба роҳ монда шудааст, ки шавқовар мебошад. Аз соли 1964 ин ҷониб хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таҳсил баҳогузорӣ намешаванд. Мувофиқи фикри равоншиносони Грузия дар баҳогузорӣ хусусияти муҳими маромдории бача таҷассум меёбад. Бача мекӯшад, ки аз баҳои гузошташуда баҳои баландтарро гирад ва худ аз худ шавқаш коста мегардад. Чунин ҳол ба бача таъсири бад мерасонад. Бе баҳо илм омӯзонидан бошад, ҳассосияти бачаро нест карда, мароми таҳсил ва фаҳишро пурзӯр мекунад.

## ЭҲТИЁҶИ ФАҲМИШ ВА МАРОМИ ХОНИШ

Муносибати хонандагони синни хурди мактабӣ ба таҳсил ба мароми гурӯҳҳои дигар низ такя мекунад ва бо рафт ва қабули таҳсил вобаста аст. Ин ба шавқ барои донистан, бартараф кардани монеаҳои ин роҳ, дар ин корҳо фаъол шудан, дарки инкишофи маромҳои ин гурӯҳ ва сатҳи эҳтиёҷот вобаста аст. Бо ин эҳсосот бача ба мактаб меояд. Аз тарафи дигар тарзи ташкил ва рафти ҷараёни дарс роли муҳим мебозад. Дар маромдорӣ рафти ташкили таҳсил таваҷҷӯҳро ба донишомӯзӣ зиёд мекунад.

Маромҳое, ки бо мазмуни таҳсил вобастаанд, дар рафти таълим фаҳмидани масъалаҳои муҳиме мебошад, ки таваҷҷӯҳи хонандагони сини хурди мактабиро ба худ ҷалб мекунад.

Объекте, ки қабул карда мешавад, аз лиҳози назарӣ бояд фаҳмо бошад. Ҷараёни дарк ҳолати хонандаро бояд нишон диҳад. Ҷараёни таҳсили махсус натиҷаи қабул кардан мебошад. Онҳо дар таркиби худ бояд ҳолатҳои таҳсил,

масъалаҳои хонишро баҳогузорӣ ва мушоҳида карда тавонанд. Мувофиқи фикри В.Давидов риоя ба ин шартҳо маромдории дохилиро намоён мекунад. Натиҷаҳои шавқ доштан ба дониши ҳақиқӣ, дар дарёб кардани роҳи умумии дониш ба назар мерасад. Афзунсозии шавқмандии ӯ хоҳишашро ба таҳсил низ зиёд мекунад. Маромҳои давраи таҳсил барои муайян намудани завқи бачагони сини хурди мактабӣ ба ягон намуди эҷод, машғул гардидан бо ягон навъи кор хизмат карда, тафовути байни онҳоро муайян мекунад. Бача ба синфи якум бо шавқи зиёд рафта, бо хоҳиши худ дарс мекунад. Ҳангоми дарс кори худро бознамедорад. Ӯ расмкаширо, навиштанро дӯст медорад, аз он завқ мебарад. Ин корҳоро бо хоҳиши худ анҷом медиҳад. Дар чунин ҳолатҳо ҳеҷ гуна эммотсияҳо (ҳассосият) намешавад. Аз ин бармеояд, ки дар ин ҷо кӯшишро барои гирифтани дониши ҳақиқӣ мушоҳида кардан ғайриимкон аст. Лекин дар ҳамин маврид кори худро дӯст дошта иҷро намуданаш, ҳатто ба ҳаяҷон дода шуданаш мумкин аст.

“Агар хонандагони сини хурди мактабӣ, – менависад В.В.Давидов, – ба дараҷаи кофӣ ривоҷ наёфта, ба камол нарасида бошанд, дар натиҷаи ноҳаққии навбатӣ шодмонии психологиро аз даст медиҳанд. Дар синфҳои якум ва дуввум дар бачагон нисбати таҳсил хоҳиш мешавад. Ба синфи сеюм омада, вай тағйир меёбад. Таваҷҷӯҳ ба таҳсил кам мешавад. Ин андешаро Л.И.Божович, Е.И.Киричук ва дигарон иброз намудаанд. Натиҷаи баланди синфи дуввумӣ дар синфи сеюм поён меравад. Дар синфҳои боистеъдод низ ин чиз мушоҳида мешавад. Ин ҳолат аз он далолат медиҳад, ки ташкили ҷараёни дарс аҳамияти муҳимро соҳиб аст.

Л.И. Божович сабаби поён рафтани шавқи хонандагонро ба таҳсил бо азхудкунии маводҳои душвор, комилан тайёр набудани бачагон вобаста мекунад. Бачагон ҳангоми гузоштани қадами аввалини худ ба мактаб, ҳар як сухани муаллимро бечунучаро иҷро мекунанд. Дар рафти иҷрои онҳо муносибати байни муаллим ва хонанда ба миён меояд. Дар ҷараёни таълим бачагон масъулияти худро дуруст дарк намуда, дар давоми дарс фикрҳои худро аниқ баён карда метавонанд. Бачае, ки бо ин метод санҷида мешавад, кори худро бо кори дӯсташ муқоиса карда, дар корҳои минбаъда ҷустуҷӯйҳояш пурзӯртар мешавад. Ҳангоми ҷамоа шуда кор кардан фикри ҷомеаро ба рӯй мебароранд. Бача барои ба дигарон ёрӣ расонидан мешитобад. Ҷавобгариро дар назди на танҳо худ, балки дар пеши дигарон низ дарк мекунад. Агар ҷамоа ривоҷ ёфта бошад, дар онҳо нисбат ба таҳсил шавқмандӣ зиёд мешавад.

# МАВЗӮЪИ 23. ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ДАВРАИ НАВРАСӢ

Аввалин давраи наврасӣ ба синни 15 ва 18 (хонандагони литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбӣ) мувофиқ меояд. Дар ин давра, хонанда аз лиҳози физикӣ қавӣ гардида, қобилияти мустақилона кор карданро пайдо мекунад ва ин имконият медиҳад, ки ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна кӯшиш кунад ва рӯҳан баркамол гардад. Шахси аввалине, ки дар синни 16-18-солагӣ шаҳрванд мегардад, ҳуқуқ дорад, ки интихоб кунад ва интихоб карда шавад. Ҳамаи инҳо тамоми шароитҳоро барои як ҷабҳа ба вуҷуд овардаанд, то ки шаҳрвандии ҳаёти ҷомеа, ҷустуҷӯи ҷои зист, қарор додани худ ва ба таври рӯҳонӣ инкишоф додани шахси рӯҳан баркамол гардад.

Аввалин шахсе, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар литсейи академӣ, коллеҷҳои касбӣ, дар муносибат бо ҳамсолон, бо таҳаввулоти нави таҳқиқотӣ ва муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад.

Самти дигари ин давраи муҳим аҳамияти интихоби меҳнат ва таҳсилот мебошад. Тибқи таъсири ҳолатҳои ҷорӣ, тағйироти аввалиндараҷаи рушди рӯҳӣ ва ахлоқии аввалин дар хусуси хусусиятҳои нав пайдо мешаванд. Донишҷӯёни литсейи академӣ, коллеҷҳои касбӣ дар ҳалли мушкилоти фаврӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ фаъолона иштирок мекунанд. Иштироки фаъол дар ҳаёти ҷамъиятӣ, тағйир додани хусусияти тарбиявӣ боиси пайдоиши тафаккури илмӣ дар мардон ва занон, ташаккули эътиқоди мӯътадил, пайдоиши эҳсосоти баланди инсонӣ, муносибати эҷодӣ ба омӯзиш мегардад.

Барои пайдо кардани мавқеъ дар ҳаёт, интихоби касб, аниқ сохтани нақшаи оянда, муносибати ҷиддӣ барои андешидани корҳои минбаъда зинаи муҳим мебошад. Бо вуҷуди ин, ин давра вақти он аст, ки кӯшиш, ихтилоф, қаҳрамонӣ, муносибатҳои романтикӣ, робита бо ҷомеа ва табиат мушоҳида мешавад, ки дар дигар давраҳои синну сол кам ба назар мерасад.

Махсусан, шароити нави ҳаёт ва таҳсил дар синфхона, ҷои якум дар системаи таҳсилоти махсус, таҷрибаи кори ҷамъиятӣ, талабот ва вазифаҳои баланд ба шумор меравад. Дар давоми ин муддат, наврасон ба ташкили маъмурӣ, менеҷмент, тарбиявӣ ва пропаганда дар муҳити омӯзишӣ шурӯъ мекунанд.

Дар солҳои 60-уми асри XIX таҳияи принсипҳои пурраи психологияи давраи наврасӣ ба таври илмӣ ба роҳ монда шуд. Барои тарбияи инсони комил дар ин давра асосҳои илмии омӯхтани бачаи наврас ташаккул ёфт.

Ба ривоҷдиҳии пурраи бача эътибори калон дода шуд. Барои бошуурона иҷро намудани ин на танҳо педагогика ва психология, балки аҳамияти дигар фанҳо низ омӯхта шуд.

***Ривоҷёбии давраи наврасӣ ба се фан такя мекунад:***

1. Психология
2. Физиология
3. Логика

Ин фанҳо дар вобастагӣ бо тиббиёт ва дидактика омӯхта мешавад.

Ҳамбастагии педагогика ва психология барои пайдо шудани фикрҳои гуногун дар давраи наврасӣ асос мешавад. Фанҳои педагогика ва психология маҳз дар ин асос ба миён омадаанд. Ба сифати фан барои баррасии муаммо ва маҷмӯаҳои зиёд сабаб гардид.

Ҳамбастагии педагогика ва физиология низ аз ҷиҳати психологӣ одамро барои тарбияи нав гирифтан ҳидоят мекунад. Ба тарбияи ақлонӣ ёрии калон мерасонад. Якҷоя бо ин, нормаҳои гигиении шахс таҳия карда мешавад. Барои ривоҷёбӣ аз ҷиҳати психологӣ ва физиологӣ ёрӣ мерасонад. Ин барои дар сохтори таълими мактаб ба роҳ мондани фанни алоҳидаи гигиена сабаб мешавад.

Дар натиҷаи робитаи байни педагогика ва логика ва ривоҷёбии мантиқии психология, роҳҳои дидактики ҳалли масъалаҳо ва омӯхтани роҳҳои мантиқии давраи наврасӣ ба миён меояд. Ҳамин тавр, роҳҳои дуруст ва оптималии омӯзиши ҳамаҷонибаи бача ва қонуниятҳои ривоҷёбии онҳо созмон меёбанд.

Ҳангоми омӯзиши бача, чизе, ки барои афзудани шавқоварӣ сабаб меградад, баҳри ривоҷёбии психологияи умумӣ роҳ мекушояд.

## РЕШАҲОИ ИЛМӢ

Тадқиқи илмии ривоҷёбии бачагон барои ба миён омадани методҳои зиёди ҷустуҷӯӣ, мушоҳидаҳо, дониши психологӣ ва таҷрибаомӯзиҳои зиёд сабаб шудааст. Нахустин эксперимент аз тарафи психологи рус Сикорскӣ дар соли 1879 пешниҳод шудааст.

Анъанаҳои демкоратии инсонпарваронаи ин солҳо олимони зиёдро барои машғул гардидан бо ин кор ҳидоят мекунад. Лекин онҳо танҳо ба ривоҷёбӣ эътибор надода, ба ташаккули ривоҷёбии инсони комил саҳми арзанда мегузоранд.

Ба солҳои 60-уми асри XIX омада, даври дигаргуниҳои тоза оғоз шуд. Давраи нав барои ба миён омадани равияҳои нав дар фанни педагогика ва психология, инчунин, самтҳои нави омӯзиш ва бачагон сабаб гардид.

Ба ҳаёти сиёсӣ ва реаксионии солҳои 70-80-ум нигоҳ накарда, дар Россия ҳаёти илмиву фарҳангӣ ташаккул меёфт. Дар ҳамин солҳо Шӯрои илмӣ баромадҳои олимонро дар маҷаллаҳо нашр мекард.

Вакилони Шӯрои илмӣ барои ба дигарон расонидани донишҳои илмии худ дар байни мардум маърӯзаҳо мекарданд. Бо мақсади васеъ намудани фаъолияти Шӯрои илмӣ бо олимони дохилӣ ва берунии кишвар робитаҳоро мустаҳкамтар менамуданд. Масалан, соли 1887 Шӯрои табиатомӯзони Москва баробари ивазсозии корҳои илмии худ бо 97 Шӯроҳои илмӣ, 512 даргоҳҳои илмӣ ва 17 мамлакати Аврупо робитаҳоро барқарор намуда буданд. Соли 1885 бо сарварии Троицкий Маркази психологии Москва ташкил карда шуд. Таҳти ташаббуси ин марказ соли 1889 нахустин маҷаллаи русии психологӣ нашр карда шуд. Он «Саволҳои фалсафӣ ва психологӣ» ном дошт.

Соли 1885 дар кафедраи психиатрияи Донишгоҳи Қозон аз тарафи В.М.Бехтерев аввалин лабораторияи психология ташкил гардид.

Солҳои 70-80 гузаронидани ҷамъомадҳои доимии мутахассисон барои ривоҷёбии фанҳои гуногун роҳандозӣ шуд. Олимон доир ба фанҳои табиӣ корҳои илмии зиёд анҷом доданд. Аввалин ҷамъомади фанҳои табиӣ соли 1867 дар Петербург гузаронида шуд. Дар он 465 нафар иштирок карданд. Дар ҷамъомаде, ки соли 70-ум гузаронида шуд, адади иштироккунандагон ба 1400 нафар зиёд шуд. Дар ҷамъомади соли 1889 бошад 2200 нафар олимон иштирок карданд. Аммо дар ин солҳо ҷамъомадҳои педагогиву психологӣ вуҷуд надоштанд. Психолог ва педагогҳо дар съездҳои соҳаҳои дигар иштирок мекарданд ва доир ба муаммоҳои психологӣ баромадҳо менамуданд.

Дар ҷамъомадҳои омӯзгорон низ масъалаҳои гуногунро пеш мегузоштанд ва онҳо кори Иттиҳодияи Фреблеро ба миён гузоштанд. Олимоне, ки дар таркиби ин иттиҳодия буданд, аз солҳои 70-ум сар карда, бештар дар шӯроҳои илмии ҷаҳон иштирок менамуданд. Ба ин давра омада, аксари олимони хориҷӣ бо забон ва адабиёти рус ошно гардиданд. Дар маҷаллаҳои Аврупо асарҳои муаллифони русзабон пайдо шуданд ва нашри асарҳои олимони рус ба роҳ монда шуд.

Солҳои 80-ум Ковалевскийро (муаррих, ҳуқуқшинос, сотсиолог, этнограф) барои маърӯзахонӣ ба Маркази илмии Аврупо даъват карданд. Ин барои ҳамон давр амали бузург ва шоён буд. Дар аксар вилоятҳо мактабҳои русӣ ташкил карда шуд. Корҳои илмии тарҷумашудаи олимони рус чун Менделеев, К.А.Тимирязов, П.Р.Лебедев, И.М.Сеченов ва И.П.Павлов ба қисми ҷудонашавандаи фанни ҷаҳон табдил ёфтанд. Иштироки олимони соҳаҳои гуногуни рус дар анҷуман ва ҷамъомадҳои байналхалқӣ бениҳоят зиёд гардид. Олимони рус дар ҷамъомади байналхалқии ботаникҳо (Фрагсия), ҷамъомади ориантал (Лондон), ҷамъомади антропологҳо (Стокголм), ҷамъомади статистики географҳо (соли 1875, Париж) иштирок

карданд. Соли 1889 дар Париж аввалин Конгерсси байналхақии психологҳо гузаронида шуд. Ҳайати намояндагони рус дар ин тадбир нисбат ба вакилони дигар кишварҳо зиёд буданд. Дар ин конгресс масъалаҳои муҳимтарини психологияи физиологӣ омӯхта шуд ва Сеченов ба сифати президент интихоб гардид.

Дар солҳои 80-ум дастовардҳои фан ва адабиёт рус, маданияти ин мардум ба Аврупо низ таъсири худро расонд.

Дар солҳои 90-ум саноат ривоҷ ёфта, ҳаракати коргарон авҷ гирифт. Ин дар навбати худ як қатор талаботҳоро чун босавод кардани халқ, ривоҷдиҳии фанҳо, рушди демкоратии мамлакат, босифат гардидани сохтори таълимро ба миён гузошт. Аз ин рӯ, дар мактабҳои деҳот муассисаҳои хонишӣ барои калонсолон ва беруназмактабӣ ташкил карда шуд.

